ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2021. №1

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2021. №1

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2021. No.1

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2021

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Мубораксоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карокатулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*

Гулназарова Ҷило — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Сирочиддини Эмомалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстзода Ҳамрохон Ҷума — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2021. – №1. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №182/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2021

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт — *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Юсуфзода Носирджон Салими — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан*

Рахматуллозода Сахидод — *Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент Академии наук Республики Таджикистан*

Назарзода Сайфиддин — *Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*

Гулназарова Джило — *Доктор филологических наук, профессор Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*

Абдуллозода Масрур Ахмад — *Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*

Сироджиддини Эмомали — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Кучарзода Аламхон — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондентАкадемии наук Республики Таджикистан*

Саидов Халимджон Азизович — *Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*

Муродов Мурод — *Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*

Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна — *Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*

Ходжаев Давлатбек — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*

Дустзода Хамрохон Джума — *Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2021. – №1. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №182//ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2021

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 6 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht	*Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo	*Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Imomzoda Muhammadusuf Saidali	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Yusufzoda Nosirjon Salimi	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Khorkashev Sakhidod	*Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Nazarzoda Saifiddin	*Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Gulnazarova Jilo	*Doctor of Philology, Professor of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*
Abdullozoda Masrur Akhmad	*Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*
Sirojiddini Imomali	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Kucharzoda Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Saidov Khalimdzhon Azizovich	*Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*
Mamadnazarov Abdusalom	*Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Khodzhaev Davlatbek	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*
Dustzoda Khamrokhon Dzhuma	*Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2021. – №1. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.© TNU, 2021

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ - Я З Ы К О З Н А Н И Е

УДК: 491.550

ХУСУСИЯТҲОИ ХОССИ ПАЙКАРАИ МИЛЛИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Искандарова Д. М.
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон

Дар замони муосир аксари мамлакатҳои аз ҷиҳати технологӣ мутараққии ҷаҳон дорои Пайкараи миллии забон (ё ҳатто якчанд пайкара) мебошанд, ки он маҷмӯаи матнҳои дорои аҳамияти фарҳангии ба забони ҳамин миллат офаридашударо дар бар мегирад.

Аввалин пайкараҳо дар солҳои 60-уми асри XX пайдо шуданд. Соли 1963 дар Донишгоҳи Браун (ИМА) як пайкараи бузурги рақамикардашудаи иборат аз 1 миллион вожа (Brown Corpus) сохта шуд, ки луғати басомади забони англисии Амрикоро ба вуҷуд овард. Ҳангоми арзёбии басомади калимаи муайян дар забон, мушкилоти "мувозинат" -и намуна ба миён меояд. Дар забон басомади бисёр калимаҳо аз рӯи мавзӯи матнҳо муайян карда мешавад. Барои таъмини дурустии маълумот дар бораи басомади истифодаи калима, эҷодгарони пайкара (В. Франсис ва Г. Кучера) тартиби қатъии интихоби матнҳоро таҳия карданд: ба пайкара 500 порчаи матнҳои насрӣ, ки ба 15 машҳуртарин муаллиф тааллуқ доштанд, дохил карда шуданд ва он соли 1961 ба табъ расид [10] .

Дар солҳои 90-уми асри XX забоншиносии пайкаравӣ дар мамлакатҳои Ғарб вусъат ёфт [10;19], ки дар натиҷа Пайкараҳои миллии баъзе забонҳо пайдо шуданд. Пайкараи миллии Британиё (BNC) [17], алалхусус, яке аз беҳтарин аст ва бисёр пайкараҳои дигари муосир аз рӯйи намунаи он сохта шудаанд. Дар байни пайкараҳои забонҳои славянӣ, Пайкараи миллии Чехия [18], ки дар Донишгоҳи Чарлз дар Прага сохта шудааст, яке аз беҳтарин ба ҳисоб меравад.

Пайкараи миллии забони русӣ низ ҳоло бузургҳаҷм аст ва зиёда аз ним миллиард вожаро дар бар мегирад [12].

Масъалаҳои сохтани пайкараи миллии забони тоҷикиро мутахассисон аз солҳои 1990 сар карда муҳокима мекарданд. Аммо то соли 2019 ба сохтани пайкараи миллие, ки системаи автоматии ҷустуҷӯ ва таҳлили морфологиро дорост, муваффақ нашуда буданд. Яъне пайкараҳои мавҷудбуда (ниг. ба сомонаи www.termcom.tj) ҷустуҷӯйи автоматӣ надоранд ва бештар ба маҷмӯаи матнҳо ё китобхонаи электронӣ шабоҳат доранд.

Бояд қайд кард, ки аз кишварҳои Осиёи Марказӣ, ба ҷуз Тоҷикистон, Пайкараи забон танҳо дар Қазоқистон таъсис ёфтааст [3;11]. Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Туркманистон чунин пайкараҳо надоранд. Дар кишвари ҳамсоя президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев фармонро дар бораи рушди минбаъдаи забони узбекӣ ва такмил додани сиёсати забон дар кишвар моҳи октябри соли 2020 ба имзо расонид. Дар ин санад Консепсияи рушди забони ӯзбекӣ ва такмили сиёсати забон дар солҳои 2020-2030 тасдиқ карда шуд. Ва дар доираи Самтҳои асосии рушд ва такмили сиёсати забон дар солҳои 2020-2030, таъсиси пайкараи миллии забони ӯзбекӣ ба нақша гирифта шудааст[13].

Мо масъалаҳои мубрами забоншиносии пайкаравиро дар донишгоҳамон аз соли 2008 сар карда муҳокима мекардем ва проблемаҳои зарурати пайкараи забони тоҷикиро дар мақолаҳои худ чандин бор ба миён гузошта будем [4-9]. Соли 2017 мо – як гурӯҳ олимони кафедраи забоншиносии назариявӣ ва амалии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон тасмим гирифтем, ки ба амалӣ сохтани пайкараи миллии забони тоҷикӣ шурӯъ намоем ва лоиҳае бо номи «Сохтани Пайкараи миллии забони тоҷикӣ» пешниҳод намудем, ки он аз соли 2019 то 2021 аз буҷаи давлатии ҶТ маблағгузорӣ мешавад. Қайд бояд кард, ки дар ин кор ба мо олимони рус - академики Академияи илмҳои Россия д.и.ф., профессор Плунгян В.А., ки яке аз муаллифони Пайкараи миллии забони русӣ [12] аст ва н.и.ф. Видрин, муаллифи пайкараи забони осетинӣ [14] кӯмаки худро дареғ надоштанд.

Пайкараи миллӣ – системаи маълумотӣ-иттилоотиест, ки он дар асоси китобхонаи электронии ба тарзи махсус коркард («разметка») кардашуда таҳия гардидааст ва маҷмӯаи матнҳои электронии ба ҳамин забон офаридашударо дар бар мегирад [15].

Ҳадафи асосии лоиҳаи мо - сохтани пайкараи бузургҳаҷми забони тоҷикӣ, ки дорои «системаи коркарди автоматии таҳлил» ё худ қайди нишонаҳои забонӣ, тарҷумаи вожа ба вожа, системаи ҷустуҷӯӣ аз рӯйи калима, сарвожа, тарҷума, нишонаҳои грамматикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, аз рӯйи жанр ва ғ. мебошад. Ғайр аз он бояд имконияти ҷустуҷӯйии ҳаматарафа пешниҳод мегардид, ки ҳампайвандии воҳидҳои забонӣ ва масофаи байни воҳидҳоро ба назар гирад ва ба ҳамин тариқ ҷамъоварии маводи забониро ба ҳадди имкон осон гардонад.

То охири соли 2019 матнҳоро ба ҳаҷми 9 млн.калима таҳрир ва барои ворид кардан ба пайкара тайёр намудем. Ғайр аз он «парсер», яъне барномаи таҳлили грамматикии автоматӣ санҷида шуд. Аввалан парсер сохти калимасозӣ ва грамматикии калимаҳои тоҷикиро ба 75%, дертар ба 84% муайян карда метавонистагӣ шуд. Баъдан (моҳи июли 2020) ин нишондиҳанда ба 94% расид. Вале ворид кардани матнҳои сомонаҳои ахборӣ ба миқдори 10 млн.калима боз ин боз ин нишондиҳандаро ба 90,1% фуровард.

Пайкараи миллии забони тоҷикӣ ҳоло дар сомонаи https://tajik-corpus.org/ ҷойгир шудааст, ҳаҷми он 27,8 миллион вожаро дар бар мегирад. Ҳиссаи коркарди автоматӣ 90,1%-ро ташкил медиҳад.

Ҳар як шакли калимаи таҳлилшаванда бо маълумоти грамматикӣ ва тарҷума ба забони русӣ ва англисӣ таъмин гардидааст. Ба Пайкараи миллии забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, матнҳои тоҷикии гуногунжанри муосир (асрҳои XX-XXI) дароварда шудааст. Бо васеъшавии ҳаҷми Пайкара ба он матнҳои бо хати кириллӣ нашршудаи адабиёти классикии форсу тоҷик (асрҳои X-XIX) ворид карда мешаванд.

Хусусиятҳои пайкара. Дар раванди таҳияи пайкара усули коркарди автоматӣ тавассути барномаи таҳлилгари морфологӣ (морфоанализатор) истифода бурда шудааст.

Таҳлилгарро Т.А. Архангелский ҳамчун воситаи барномавии универсалӣ барои таҳияи пайкараҳои забонӣ омода кардааст ва он аз миёнаҳои солҳои 2000 дар сохтани як қатор пайкараҳо бомуваффақият амалӣ гардидааст.

Ин пайкара дар мавқеи дастрасии озод қарор дорад. Системаи коркарди автоматии таҳлил аз раванди лемматизация (аслгардонӣ)-и калима ва қайди нишонаҳои морфологӣ иборат мебошад. Дар лемматизатсия ба ҳар як шакли калима сарвожа, яъне шакли луғавии он, мувофиқ карда мешавад.

Дар пайкараи забони тоҷикӣ барои ҳар як шакли калима, ғайр аз шакли луғавии он, маъноҳои асосии вожа ба забони русӣ ва англисӣ низ нишон дода шудааст.

Лемматизатсия коркарди мустақими луғати тоҷикӣ-русиро дар назар дорад. Қайди нишонаҳои морфологӣ маънои таъмин кардани ҳар як калима бо маълумоти грамматикӣ ва синтаксисӣ (ҳиссаи нутқ, сиға, замон, шахс, шумора ва ғайра)-ро дорад.

Қоидаҳо ва мутобиққунии қайди нишонаҳои морфологӣ мустақиман бидуни истифодаи системаҳои автоматии компютерӣ таҳия шудаанд.

Ҷустуҷӯ аз рӯи вожаҳо, шакли калимаҳо, зернишонаи луғавии тарҷума ва инчунин аз рӯи хусусиятҳои грамматикӣ имконпазир мебошад.

Барои ҷустуҷӯи дақиқтар имконияти омезиши дархостҳо аз рӯи параметрҳои гуногун вуҷуд дорад.

Системаи ҷустуҷӯ имкон медиҳад, ки якчанд элементҳои забониро бо масофаи муайяни байни онҳо, инчунин дар зерпайкара, яъне дар матнҳои интихобкарда (масалан, танҳо дар матнҳои як жанр ё давраи муайян, дар матнҳои муаллиф ё муаллифони муайян) ҷустуҷӯ намоед.

Имконияти мутобиққунии маводи матлуб низ пешбинӣ шудааст.

Бо мақсади пешгирии вайронкунии ҳуқуқи муаллиф матнҳои пурра дастраси истифодабаранда намешавад. Дастрасӣ ба матн бо 7 ҷумла маҳдуд мебошад.

Вориди аломатҳои махсус. Баъзан дар компютерҳои гуногун ҳарфҳои тоҷикӣ аз ҳам фарқ мекунанд, яъне онҳо ба ҳарфҳои Юникод мутобиқат надоранд, ва ё истифодабарандаи пайкара берун аз Тоҷикистон аст ва ҳарфҳои тоҷикиро дар клавиатураи худ надорад. Дар ин мавридҳо барои ворид кардани ҳарфҳои тоҷикие, ки дар клавиатураи русӣ нестанд, аз комбинатсияи аломатҳои зерин истифода бурдан мумкин аст: й = и1; ҳ = х1; қ = к1; ҷ = ч1; ӯ = у1; ғ =г1.

Масалан, дар вақти ҷустуҷӯ дар калимаи *ғариб* ба ҷойи ғ г1, ё дар калимаи *ҳозир* х1озир, ё ак1к1алан навиштем:

Расми 1.



Ва дар натиҷаи ҷустуҷӯ 46 ҷумла бо калимаи *аққалан* аз сарчашмаҳои гуногун пайдо кардем:

Расми 2.



Ҷустуҷӯйи ҷумла ва калимаҳо. Дар пайкара ду намуди гуногуни ҷустуҷӯ мавҷуд аст: ҷустуҷӯи ҷумлаҳо ва ҷустуҷӯи шаклҳои алоҳидаи калима (инчунин леммаҳо). Дар ҳолати аввал, пайкара ҳамаи ҷумлаҳоеро нишон медиҳад, ки платформаи ҷустуҷӯ ҳадди аққал як калима ё таркиби калимаҳои дархосткардаи корбарро ёфтааст (ниг. ба расми боло). Бо зер кардани аломати тирчаи сабз дар канори ҷумла, шумо метавонед ба контексти он, яъне ҷумлаҳои ба он ҳамсоя дар матн нигаред. Аломати қайд дар тарафи чапи ҷумла воқеъбуда ҷумларо “хомӯш” мекунад, яъне аз қатори ҷумлаҳои дархост берун месозад. Барои зеркашии ҳамаи натиҷаҳои дидаатон, шумо метавонед аз истинодҳои “зеркашӣ ба тарзи

CSV” ва ё “зеркашӣ ба тарзи XLSX” истифода баред. Ҷумлаҳои "хомӯш" кардашуда ба ин рӯйхат дохил карда намешаванд.

Тугмаи "Ҷустуҷӯйи калимаҳо" рӯйхати шаклҳои калимаҳои барои дархост мувофиқро бидуни такрор, инчунин маълумот дар бораи басомади онҳо дар тамоми пайкара ё зерпайкара (агар шумо дархостро маҳдуд карда бошед), намоиш медиҳад. Масалан, натиҷаи дархост аз рӯйи калимаи *аққалан* нишон медиҳад, ки ин калима дар пайкара 46 бор дар 46 ҷумла, дар 35 ҳуҷҷат мавҷуд аст:

Расми 3.



Ва агар ба мо таҳлили омории ин калима зарур бошад, метавонем миқдори истифодашавии онро жанр ба жанр ҳам бинем:

Расми 4.



Ин ҷустуҷӯ метавонад ба саволҳое монанди "Феълҳои маъмултарини дар замони гузашта истифодабаранда кадомҳоянд?" посух диҳанд. Ҳар як калимаи пайдошударо фавран дар пайкара бо зеркунии тугмаи сатри мувофиқи ҷадвал ҷустуҷӯ кардан мумкин аст. Тугма тақсимоти ин калимаро дар намудҳои гуногуни матнҳо нишон медиҳад. Ҷустуҷӯйи леммаҳо (сарвожа) ба тарзи монанд кор мекунад, аммо ба ҷои шаклҳои калима, рӯйхати леммаҳоро нишон медиҳад. Лемма (сарвожа), чуноне дар боло қайд кардем, шакли луғавӣ (ибтидоии) калима мебошад, масалан, лемма барои калимаи "*рафт*" "*рафтан*" аст. Агар шумо дар майдон ягон лемма ворид кунед, ҳамаи шаклҳои калимаро пайдо мекунед. Табиист, ки чунин ҷустуҷӯ танҳо дар сурате амалӣ мешавад, ки пайкара лематизатсия (аслгардонӣ) дошта бошад. Қоидаҳои кор бо майдони *Лемма* бо соҳаи *Вожа* якхела мебошанд.

Масалан, ҷустуҷӯ леммаи *кор*:

Расми 5.



Барчасп (тэг)-ҳои грамматикӣ. Дар пайкарае, ки қайди нишонаҳои морфологӣ дорад, ба ҳар як шакли калима якчанд барчаспҳо нисбат дода мешаванд, ки он ихтисороте, ки дар ин шакли калима кадом маъноҳои грамматикӣ (ё дигар) ифодашударо нишон медиҳанд. Масалан, дар пайкараи русизабон ба калимаи шакли "*идёт*" метавонад барчаспҳои V (феъл), prs (замони ҳозира), 3 (шахси сеюм) ва sg (шумораи танҳо) нисбат дода мешавад. Мувофиқати барчаспҳо ба ин ё он категорияҳо аз тарафи таҳиягарони пайкара муайян карда мешавад. Истифодабарандагоне, ки бо маҷмӯи барчаспҳои дар пайкараи мушаххас истифодашуда шиносанд, метавонанд ин барчаспҳоро дастӣ ба майдони Грамматика дохил кунанд, дар ҳолати зарурӣ онҳоро бо функсияҳои мантиқӣ: & ё, (вергул) барои пайвасткунӣ (И/ВА), | барои ҷудокунӣ (ИЛИ/Ё) ва ~ барои радкунӣ. Қисмҳои пурсишро бо ёрии қавс гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст. Рӯйхати аломатҳо ва ё барчаспҳои грамматикӣ (майдони Грамматика/Grammar дар ҷустуҷӯ) дар Пайкараи миллии забони тоҷикӣ:

abs – пасвандҳои -ӣ / -вӣ / -гӣ, пасванди исми абстрактсоз
ADJ – сифат (ҳиссаи нутқ)
adj1 – пасванди сифатсоз -ӣ / -вӣ / -гӣ,
adj2 – пасванди сифатсоз –нок
ADV – зарф
ag – пасванди исми фоилсоз
ag1 – пасванди -чӣ, пасванди исми фоилсоз
ag2 – пасванди -гар, пасванди исми фоилсоз
and – пайвандакҳои у / ю / ва
anim – ҷондор
bi – пешванди феълии би- дар императив ва ё сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ
bodypart – узви бадан
CAUS – феъли сабаб (каузативи морфологӣ)
card – шумораи тартибӣ
cnject – сиғаи эҳтимолӣ ва ғ. [1].

Ҷустуҷӯ аз рӯйи аз рӯи хусусиятҳои грамматикӣ. Истифодабарандагоне, ки бо маҷмӯи барчаспҳо ошно нестанд ва ё интихоби интерфейси графикиро афзал медонанд, метавонанд равзанаи интихоби барчаспҳоро аз рӯйхат бо зер кардани тугмаи хурди охири майдони матн боз кунанд. Дар ин равзана барчаспҳо аз рӯи категория гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Агар шумо аз як категория якчанд барчаспҳоро интихоб кунед, пайкара инро ҳамчун ҷудокунӣ тафсир мекунад (ИЛИ/Ё); барчаспҳои категорияҳои гуногун бо истифода аз пайвандкунӣ (И/ВА) якҷоя карда мешаванд. Дархости мувофиқ дар матн дар майдони кабуди боло нишон дода мешавад.

Масалан, калимаҳое, ки пасванди –истон доранд, меҷӯем, онро аз

рӯйхати аломатҳои грамматикӣ меёбем. Дар рӯйхати аломатҳои грамматикӣ: - place пасванди ифодагари макон, place 1– пасванди ифодагари макон -(и)стон, place 2 – пасванди -зор, place 3 – пасванди -сор ва ғ.

Аз равзанаи пайдошуда place 1 –ро интихоб мекунем ва мисолҳо пайдо

мешаванд (шабистон, гӯристон, қабристон ва ғ.):

Расми 6.



Ваё мисоли дигар, мехоҳем истифодаи префикси ме- дар замони гузашта ва шакли мутлақ (ҳабитуалитӣ)-ро дар контексти гуногун бинем ва аз он мисол орем:

Расми 7.

Search result: 2703 different words in approximately 278 documents found, total frequency: 148300.0.

word	lemma	grammar	freq	freq. rank / quantile	# sentences	# documents	search	statistics
медаравиду	даравидан	pst, 3, and, sg, V, hab	3	> 50%	3	3		
меҷунбониданд	ҷунбонидан	pst, 3, pl, V, hab, CAUS	10	> 15%	10	9		
мемурданду	мурдан	pst, 3, and, pl, V, hab	3	> 50%	3	3		
менавистеду	навиштан	pst, 2, hon, and, pl, V, hab	1		1	1		
меафзудӣ	афзудан	pst, 2, sg, V, hab	1		1	1		
металабидам	талабидан	pst, 1, sg, V, hab	2	> 50%	2	2		
мепарастиду	парастидан	pst, 3, and, sg, V, hab	1		1	1		
намебароварду	баровардан	pst, 3, and, neg, sg, V, hab	2	> 50%	2	2		
мебурдай	бурдан	prf, 2, sg, V, hab	1		1	1		
намефорид	форидан	pst, 3, neg, sg, V, hab	25	> 10%	25	15		
намегузоштам	гузоштан	pst, 1, mod, neg, sg, V, hab	19	> 10%	19	14		
медаровардам	даровардан	pst, 1, sg, V, hab	1		1	1		
мекуштаанд	куштан	prf, 3, pl, V, hab	10	> 15%	10	8		
намедодам	додан	pst, 1, neg, sg, V, hab	39	> 10%	39	26		
мешинохтаед	шинохтан	prf, 2, hon, pl, V, hab	1		1	1		
мепазонд	пазонидан	part.pst, V, hab, CAUS | pst, 3, sg, V, hab, CAUS	5	> 20%	5	5		

Барои ҷустуҷӯйи дақиқтар имконияти омезиши дархостҳо аз рӯи параметрҳои гуногун вуҷуд дорад. Масалан, якчанд калимаро (*одоб, ахлоқ*...) ба дархост ворид кардан мумкин аст:

Расми 8.



Истифодаи пайкара барои забоншиносон ва олимони соҳаҳои гуногун имкониятҳои зиёдеро медиҳад. Ғайр аз сарфа намудани вақт ҳангоми ҷамъоварии маводҳои боэътимод Пайкара барои таҳқиқ намудани забон имкониятҳои навро пешкаш месозад (масалан, тадқиқоти оморӣ, таҳқиқи таърихии инкишофи ин ё он ҳодисаи забонӣ, тадқиқи ҳодисаи забонӣ тибқи жанри алоҳида ва ғ.).

Пайкара инчунин имконият медиҳад, ки маводҳои ҳангоми гузаронидани корҳои майдонӣ ба даст омада санҷида шаванд. Хусусиятҳои хоси Пайкара барои аз он истифода бурдани муҳаққиқоне, ки забони тоҷикиро балад нестанд, имкон медиҳад.

Барои муҳаққиқоне, ки бо хати кириллӣ шинос нестанд, баргардонии автоматии ҳамаи матнҳо аз хати кириллӣ ба хати лотинӣ пешбинӣ мегардад.

Пайкараи мусовии дузабона, ки таҳияи он дар асоси Пайкараи миллӣ пешбинӣ шудааст, матнҳои як забон ва тарҷумаи онро ба забони дигар дар бар мегирад, ки ин на танҳо барои дар алоҳидагӣ таҳқиқ кардани ҳар забон, балки омӯхтани гунаҳои тарҷума низ имконият фароҳам меорад.

Ин гуна Пайкараҳо дар гузаронидани тадқиқоти муқоисавӣ, ҳангоми таҳия кардани луғатҳои дузабона ва омӯзондани забонҳои модариву хориҷӣ аҳамияти хосса пайдо мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Первый корпуса таджикского языкаАввалин пайкараҳои забони тоҷикӣ. - http://www.termcom.tj/?menu=bases&page=index3&lang=toj (20.11.2020)
2. Национальный корпус таджикского языка - http://tajik-corpus.org (23.11.2020)
3. Алматинский корпус казахского языка (АККЯ). - http://web-corpora.net/KazakhCorpus/search/?interface_language=ru (23.11.2020)
4. Британский национальный корпус. - http://www.natcorp.ox.ac.uk/ (1.12.2020)
5. Искандарова Д.М. Корпус Рудаки и его лингвистическая обработка. - Материалы международной конференции, посвященной юбилею Рудаки. - Душанбе: РТСУ, 2008. - сс.
6. Искандарова Д.М. Актуальные проблемы языкознания в РТ: состояние, задачи, перспективы // Материалы круглого стола «Перспективы развития фундаментальных и прикладных лингвистических исследований в РТ - Душанбе, 2011. – с.6-10
7. Искандарова Д.М. Программы автоматической обработки текста как ресурс межкультурного диалога // Материалы VIII Международном форуме «Диалог языков и культур СНГ и ШОС в XXI веке». -Минск, 2012 (электр.)
8. Искандарова Д.М. Создание национального корпуса таджикского языка: проблемы и пути решения// Забон – рукни тоат. - Душанбе, 2013. – с.39-48.

9. Искандарова Д.М. Лингвистические базы данных и их использование в учебном процессе // (Перспективы развития фундаментальных и прикладных лингвистических исследований в Республике Таджикистан. - №_2(18). – Персис-илм, 2019. – С. 20-29.
10. Искандарова Д.М Проблемы создания Национального корпуса таджикского языка // (Перспективы развития фундаментальных и прикладных лингвистических исследований в Республике Таджикистан. - №_1(19). – Персис-илм, 2020. – С. 26-37.
11. Корпусная лингвистика - http://www.lomonosov-fund.ru/enc/ru/encyclopedia:01210:article (4.12.2020)
12. МакЭнери Т. и Уилсон А. Корпусная лингвистика. (2-е изд.) 2001. Эдинбург: Издательство Эдинбургского университета.
13. Национальный корпус казахского языка. - http://qazcorpus.kz/ (7.12.2020)
14. Национальный корпус русского языка. - https://ruscorpora.ru/new/ (7.12.2020)
15. Национальный корпус таджикского языка. - http://tajik-corpus.org (23.11.2020)
16. О мерах по дальнейшему развитию узбекского языка и совершенствованию языковой политики в стране. - https://uza.uz/ru/posts/o-merakh-po-dalneyshemu-razvitiyu-uzbekskogo-yazyka-i-soversh-20-10-2020 (23.11.2020)
17. Осетинский национальный корпус. - http://corpus.ossetic-studies.org/search/index.php?interface_language=ru (8.12.2020)
18. Плунгян В.Я. Зачем мы делаем Национальный корпус русского языка? // Отечественные записки. 2005. № 2.
19. Первые корпуса на таджикском языке. - http://www.termcom.tj/?menu=bases&page=index3&lang=toj (20.11.2020)
20. Чешский национальный корпус. - www.korpus.cz (17.12.2020)
21. Что такое Корпус? - https://ruscorpora.ru/new/corpora-intro.html (17.12.2020)
22. British National Corpus. - http://www.natcorp.ox.ac.uk/ (1.12.2020)
23. Český národní korpus. - www.korpus.cz (17.12.2020)
24. McEnery, T. and Wilson, A. Corpus Linguistics. (2nd Ed.) 2001. Edinburgh: Edinburgh University Press.

ХУСУСИЯТҲОИ ХОССИ ПАЙКАРАИ МИЛЛИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар забоншиносии ҷаҳонӣ зарурати сохтани пайкараҳои забонҳои гуногунро ба миён оварда. Пайкараҳои электронии матнҳо дар забоншиносӣ ва информатика аз солҳои 1990 васеъ истифода бурда мешаванд ва яке аз воситаҳои пуриқтидори ҳалли масъалаҳои мубрами назариявӣ ва амалии тадқиқи забон ва коркарди автоматии матнҳо (аз ҷумла ҷустуҷӯйи автоматӣ ва ғ.) ба ҳисоб мераванд. Забони тоҷикӣ таърихи бойи хаттӣ ва адабӣ дорад, бинобар ин сохтани Пайкараи миллии забони тоҷикӣ яке аз масъалаҳои таъхирнопазири забоншиносии тоҷик аст. Мавҷудияти чунин пайкара нишондиҳандаи сатҳи баланди илмии мамлакат, дараҷаи тараққиёти технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Масъалаҳои сохтани Пайкараи миллии забони тоҷикиро мутахассисон аз солҳои 1990 сар карда муҳокима мекарданд. Аммо то соли 2019 ба сохтани пайкараи миллие, ки системаи автоматии ҷустуҷӯ ва таҳлили морфологиро дорост, муваффақ нашуда буданд. Дар мақола масъалаҳои сохтан ва таҳрири Пайкараи миллии забони тоҷикӣ, ки дар натиҷаи ҳамкории олимони тоҷик аз Донишгоҳи Славянии Русия ва Тоҷикистон ва олимони Россия ба амал омадааст, мавриди бозрасӣ қарор гирифтааст ва тарзи истифодаи маводҳои пайкара нишон дода шудааст.

Калидвожаҳо: пайкара, матн, коркарди автоматӣ, ҷустуҷӯ ва таҳлили морфологӣ, нишонаҳои грамматикӣ.

СПЕЦИФИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ НАЦИОНАЛЬНОГО КОРПУСА ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Использование компьютерных технологий в современном мировом языкознании привело к необходимости создания корпусов различных языков. Электронные корпуса текстов широко используются в лингвистике и информатике с 1990-х годов и являются одним из самых мощных инструментов решения актуальных теоретических и практических проблем изучения языка и автоматической обработки текстов (включая автоматизированные поисковые системы и т. д.). Таджикский язык имеет богатую литературную традицию и литературный язык, поэтому создание национального корпуса таджикского языка является одной из актуальных и неотложных проблем таджикского языка. Наличие такого корпуса является показателем высокого научно-технического уровня страны, степени развития информационных технологий. Вопросы построения национального корпуса таджикского языка рассматривались специалистами, начиная с 1990-х годов. Но до 2019 года им так и не удалось создать языковой корпус, имеющий автоматизированную систему поиска и морфоанализатор. В статье рассмотрены вопросы создания и совершенствования Национального корпуса таджикского языка, явившегося результатом сотрудничества таджикских ученых из Российско-Таджикского (Славянского) университета с российскими учеными, и показаны особенности поиска в корпусе.

Ключевые слова: корпус, текст, автоматическая обработка, система поиска и морфологического анализа, грамматические показатели.

SPECIFIC FEATURES OF THE NATIONAL CORPUS OF THE TAJIK LANGUAGE

The use of computer technologies in modern world linguistics has led to the need to create corpora of various languages. Electronic text corpora have been widely used in linguistics and computer science since the 1990s and are one of the most powerful tools for solving current theoretical and practical problems of language learning and automatic text processing (including automated search engines, etc.). The Tajik language has a rich literary tradition and literary language,

so the creation of a national corpus of the Tajik language is one of the urgent and urgent problems of the Tajik language. The presence of such a building is an indicator of the high scientific and technical level of the country, the degree of development of information technologies. The issues of building the national corpus of the Tajik language have been considered by specialists since the 1990s. But until 2019, they did not manage to create a language corpus that has an automated search system and a morpho analyzer. The article deals with the issues of creating and editing the National Corpus of the Tajik Language, which was the result of cooperation of Tajik scientists from the Russian-Tajik (Slavic) University with Russian scientists, and shows the features of searching in the corpus.

Keywords: corpus, text, automatic processing, search and morphological analysis system, grammatical indicators.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Искандарова Дилоро Мукаддасовна*** - Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забоншиносии назариявӣ ва амалӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 30.
E-mail:**diloroiskandarova@gmail.com.** Телефон: **(+992) 985-70-08-00**

Сведения об авторе: ***Искандарова Дилоро Мукаддасовна*** – Российско-Таджикский Славянский университет, доктор филологических наук, профессор, заведующая кафедрой теоретической и прикладной лингвистики. **Адресс:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мирзо Турсунзода 30. E-mail:**diloroiskandarova@gmail.com.** Телефон: **(+992) 985-70-08-00**

Information about the author: ***Iskandarova Diloro Mukaddasovna*** - Russian-Tajik Slavic University, Doctor of Philology, Professor, Head of the Department of Theoretical and Applied Linguistics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mirzo Tursunzoda street 30. E-mail:**diloroiskandarova@gmail.com. Tel: (+992) 985-70-08-00**

УДК: 801.312

ЭТИМОЛОГИЯИ НОМИ БАЪЗЕ АЗ ҲАЙВОНОТ ВА ГУРӮҲҲОИ ОНҲО

Тухтасунов О.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Ҳайвонот, мавҷудоти зинда ва паҳншудаи рӯйи замин аст, ки дар ҳаёти инсон аҳаммияти хосса дорад. Инсон аз давраи ҳаёти ваҳш доштан, онҳоро шикор намуда, ба мақсади ғизо истифода кардааст. Ҳоло ҳам маводи аз ҳайвонот дастрасшаванда, гӯшт, шир, тухм ҷузъи муҳимтарини ғизо маҳсуб меёбанд ва дар қатори онҳо аз қадимулайём пашм, пӯст, пар ва дигар узвҳои онҳо низ истифода мегарданд. Инсон барвақт баъзе аз онҳоро дастомӯз – маданӣ намудааст. Номи ҳайвонот дар забонҳо гуногун аст, роҷеъ ба пайдоиш ва маънои онҳо забоншиносон корҳои пажӯҳишии зиёде ба анҷом расонидаанд, вале номи бархе аз онҳо то ҳол таҳқиқ нашудаанд, аз ҷумла маънои номи тоҷикӣ-форсии баъзе аз ҳайвонот низ пажӯҳиш мехоҳад.

Маълум аст, ки гузаштагон ҳайвонҳоро вобаста ба ҷой ва тарзи зисташон ба парандаҳо, чарандаҳо, хазандаҳо, дарандаҳо ва ҳайвоноти обӣ гурӯҳбандӣ намудаанд. Парандаҳо қобили дар фазо парвоз карданро доранд, бадани онҳо бо пату пар пӯшида шудааст, ки дар парвоз нақши муҳим дорад. Решаи калимаи ‘паранда’-ро вожаи ‘пар’, ки асоси феъли ‘паридан’ аст ва ҳам маънои ‘бол’-ро дорад, ташкил медиҳад. Вожаи ‘пар’ хосси забони тоҷикӣ-форсӣ, мероси форсии бостон мебошад. Дар авастоӣ он гунаи ‘parəna’-ро дорад, ки дар он ҷузъи ‘par’ реша буда, ҷузъи ‘-əna’ шакли қадимаи суффикси сифатсози ‘-ина, -ин’-и тоҷикӣ мебошад. Маълум аст, ки дар шарқ аз қадимулайём пари парандаҳоро чун васоити хатнависӣ истифода менамуданд. Ин вожаи форсӣ ба забонҳои славянӣ, аз ҷумла ба русӣ, бо гунаи ‘перо, перья’ иқтибос шуда, ки ҳам маводи хатнависӣ ва ҳам пари парандаро ифода мекунад. Дар забони лотинӣ бошад, дар натиҷаи гузариши таърихии фонемаҳо - r- //- n шакли ‘penna’- ро пазируфтааст, ки танҳо ‘*пари паранда*’-ро ифода дорад. Ин ҷо мебояд илова намуд, ки вожаи англисии ‘a pen’- *ручкаи хатнависӣ* аз лотинӣ шакл гирифта, нахустгунаи онҳо вожаи форсии ‘пар’ мебошад, зеро дар забони лотинӣ парандаро ‘avis’, дар славянӣ, аз ҷумла дар русӣ ‘птица’ мегӯянд.

Ба он ҳайвонҳои алафхӯр, ки дар саҳро ва таллу теппаҳо мечаранд, чарандаҳо ном додаанд, ки ба онҳо асосан гов, гӯсфанд, буз, асп, хар, уштур, оҳу ва ғ. мансубанд. Ҷойи чаридани чарандаҳоро чарогоҳ мегӯянд. Решаи асосии як зумра вожаҳои тоҷикӣ: ‘чаранда’, ‘чарогоҳ’, чорво/чорпо, ‘чарм’, ‘чарб’-ро ҷузъи ‘чар’ ташкил медиҳад, ки он низ

хосси забонҳои гурӯҳи форсӣ буда, мондагор аз даврони форсии бостон аст. Далели ин гуфтаҳо калимаи ‘abičariš’-и сангнавиштаҳо бо расмулхати мехии кӯҳи Бесутун мебошад, ки муҳаққиқони забонҳои қадим ба маънои ‘*чарогоҳ*’ тавзеҳ додаанд [10, с.157].

Дар асоси таҳлилу муқобала ва такя ба қавоиди таърихии шаклдигаркунии вожаҳо, роҷеъ ба номҳои баъзе аз ҳайвонот андешаҳо вуҷуд дорарнд. Дар ташаккули забонҳои мухталифи хонаводаи ҳиндуаврупоӣ забони форсӣ нақши муҳим бозидааст ва ин забон барои маънибардорӣ аз вожаҳои меросмондаи даврони қадим роҳнамо аст.

Асп - ҳайвони савораест, ки инсон онро аз қадимулаём чун воситаи нақлиёт истифода мебарад. Дар асари энсиклопедии асри XII, ‘Аҷоибнома’-и Аҳмади Тӯсӣ оиди хислати асп оварда шудааст, ки ‘... хосси асп тезбинӣ аст, дар шаб чизҳо бинад. Бо модару хоҳар ҷимоъ накунад. Табъи асп латиф аст, вале арақи ӯ заҳри қотил бувад, аз ҳайвонот раъноӣ асп кунаду одамию хурӯсу товус. Умри асп чиҳилу панҷ сол бувад. Дандони ҳама ҷонварон дар пирӣ сияҳ шавад, аз они асп сапедтар гардад’ [7, с.523]. Вожаи ‘асп’ ва гунаи дигари он ‘асб’ хосси забонҳои тоҷикӣ-форсӣ буда, онро мондагор аз забони модҳо медонанд. Аспро дар форсии қадим ‘asa’, дар авастоӣ ‘aspa’, дар порфиянию скифӣ ‘asp, afc’ овардаанд ва калимаи ‘asa-bāra’-ро бо маънои ‘*савора*’ ва ‘*соҳиби асп*’ тавзеҳ додаанд [6, с.73]. Бояд гуфт, ки вожаи ‘afc’-и забони скифӣ шакли метатезашудаи вожаи ‘asf’-и аз гунаи ‘asp’ шаклгирифта мебошад.

Дар байни ҳайвонҳои савора, нисбати уштур ва хар, асп тезҳаракат аст ва бо суръат инсонро аз як мавзеъ ба мавзеи дигар мерасонад. Дар луғатномаҳои забони авастоӣ вожаи ‘aspa’ ба маънои ‘*асп*’ ва ибораҳои ‘āśu aspa’ ‘*аспи даванд, тезгард’*, ‘āsu kairya’- *тезкор* ва худи вожаи ‘āsu’- ‘*тез, чобук, шитоб*, *буранда’* оварда шудааст [20]. Муҳаққиқони забонҳои қадим вожаи авастоии ‘āsišta’-ро зодаи вожаҳои забони даврони ориё - ‘aćišta’ - ‘*тез, ниҳоят тез’* ва ҳиндуи қадим ‘aśiştha’ - ‘*тез, босуръат*’ дониста, онро низ бо ин маъниҳо тавзеҳ доданд ва дар ин вожаҳо ҷузъи ‘-išta’-ро суффикси қиёсии сифат зикр кардаанд [9, т.1, с.316]. Такя бар ин далелҳо, бо боварии қатъӣ метавон гуфт, ки дар вожаҳои овардашуда бахши ‘as-, asa-’ ва гунаҳои дигари он ‘ās-, ać-, aś-’ ифодагари маънои ‘*тез*’, ‘бо суръат’ мебошад, ки дар забони авастоӣ шакли ‘āsu’-ро дорад. Ҷузъи ‘acu’-и ибораи ‘acu pedius’-и бо маънои ‘тезпо’ шарҳёфтаи забони лотинии қадим низ бо вожаи авастоии ‘āsu’ ҳамзот аст. Аз ин рӯ, вожаи ‘aspa’-и авастоӣ ва модӣ гунаҳои муқаддам мебошад, ки аз ҷузъҳои ‘as’ бо маънои ‘*тез, чобук*’, ‘*шитоб*’ ва ‘ра’- шакли қадимаи ‘по’ – ‘*пой*’ бунёд ёфтааст ва маънои луғавии ‘*тезпо*’, ‘*тезҳаракат*’-ро дорад. (Дар форсии миёна тахфифи овози ‘а’ аз дунболи калимаҳо, ҳодисаи маъмули таърихии аксар вожаҳост, ки боиси гунаи ‘асп’-ро пазируфтани ‘aspa’ низ гаштааст).

Сутур – дар аксар адабиёт ба маънои ‘*чорвои савора*’ тавзеҳ ёфтааст, дар луғати тавзеҳии ашъори баъзе аз шуарои форсинавис низ бо ин маънӣ оварда шудааст [2, с. 47]. Дар ‘Бурҳони қотеъ’ зикр ёфтааст, ки ‘сутур’ ҳар ҷонвари чорпоеро гӯянд, умуман ва асп ва астар ва харро хусусан’ [3, қ. 2, с. 139]. Дар ‘Ғиёс-ул-луғот’ вожаи ‘сутур’-ро чунин қайд кардаанд: ‘истеъмоли ин лафз бар гову уштуру асп ояд’ [5, қ. 1, с.413]. Ин вожаи форсиасл дар баъзе аз забонҳои Ғарб низ дучор меояд, масалан аспро дар забони муосири исландӣ *‘hestur’* мегӯянд. Дар асл, аз рӯйи қавоиди вожасозии забонҳои қадим номи умумии чорвоҳои савора бояд гунаи ‘астур, устур’ ва ҳамагуна чорвои хонагӣ ‘сатур’-ро дошта бошанд, зеро дар ‘сатур’ ҷузъи ‘са’ ишора ба инсон ва ‘тур’- чорво аст. Бархе таъкид доранд, ки говҳои муосир авлодони ҳайвоноте мебошанд, ки онҳоро турҳо мегуфтанд ва тур номи умумии барзаговҳои ёбоӣ аст. Дар луғатномаҳои авастоӣ вожаи ‘Staora’, дар паҳлавӣ ‘Stōr’ ва дар форсӣ ‘sutūre’ ба маънои чорвои калони шохдор, асосан гову барзагов тавзеҳ ёфтаанд. Дар забони англисии қадим дар шакли ‘stēor’ ва дар олмонии қадим ‘stior’ овардаанд ва ҳоло дар забони осетинӣ гову барзаговро ‘stur, stor’ мегӯянд. Вожаи ‘тур’ бо маъноҳои овардашуда дар забонҳои семитӣ дар шакли ‘tawr’, юнонӣ ‘ταυρος’, лотинӣ ‘taurus’, дар славянии қадим ‘turū’ ва дар русӣ ‘туръ, тур’ низ дучор мешавад. (Ин ҷо дар равобит ба вожаҳои мавриди таҳлил қароргирифта мебояд, қайд намуд, ки номи тоҷикӣ-форсии (‘чар’-и вожаи ‘чаранда’) ‘чаранда’аз решаи рақами ‘чор’, ки ин ҳайвонҳо дорои чор пой мебошанд, пайдо шудааст: чор/чаҳор<д.н. чор/чаор/чаҳор<д.м..а чаҳор<д.қ; ҳинди қадим часвара (Р.Ҷӯраев. Этимологияи сад калима. –

Душанбе: Маориф, 1985. – С.13-14). Рақами чор дар забонҳои туркӣ ‘тур’ ном дорад, ки ин ном низ баргирифта аз синоними дигари чорво ‘тур’ ва вожаи русии ‘четыре’ - *чор* аз калимаи ‘сатур’ бо ивази -с-//-ч- ва -у-//-ы-, ки дар доираи қонунияти фонетикии ҳамбадалшавии фонемаҳо мебошад, пайдо шудаанд).

Хар ҳайвони тоқсум аст, ки инсон онро аз қадим чун воситаи нақлиёт истифода мебурд ва мебарад. Оиди хар овардаанд, ки ‘...ҷонварест пурманфиат, ҳамеша ҳаммолӣ кунад ва касеро наранҷонад. Мардуми мутавозеъ бар вай нишинанд, то аз руунат дур бошад. Ва аз ин сабаб, Исо ибни Марям алайҳи-с-салом ба хар нишастӣ. Ва тарсоён ҳанӯз сунби хари Исо гиромӣ доранд [7, с. 532]. Аз ин рӯ, такя бар ривоятҳо аҳли форс низ харро ҳайвони муқаддас ва дар хоб дидани онро ба мақсад расидан медонанд. Оиди шиносоии ‘скифу сарматҳо’ ба ин ҳайвон Абаев ҳикояти Геродотро ёдрас мегардад, ‘...чун онҳо барои зарба задан ба маскани форсҳо, ба бошишгоҳи Доро наздик мешуданд, аспҳояшон аз ҳангоси баланди харҳо ба ҳарос меомаданд’. Номи ин ҳайвон дар як қатор забонҳои Шарқ ҳамгун аст, дар ҳиндуи қадим ‘khara’, дар авастоӣ ва форсии қадим ‘xara’, суғдӣ ‘xar (γr)’, паҳлавӣ ‘xar’, яғнобӣ ‘xar, xarak’, балучӣ ‘khar, xar’, дар аксари забонҳои гурӯҳи иронӣ шакли ‘хар’, дар курдӣ ‘ker’, парочӣ ‘khor’, арманӣ ‘xar, xrə’, дар гурӯҳи забонҳои помирӣ гунаҳои ‘narxar, markab, xara, xoro’ ва монанди инҳоро дорад. Харро дар осетинӣ ‘xaræg’, скифию сарматҳо ‘hara’ оварда, онҳоро ба иронии ‘xaraka’ ва форсии ‘xar’, ‘xarak’-*курра* мепайванданд. Забоншиноси варзида В.И. Абаев, асос ба луғати ҳиндуи қадим ‘khara’, ки дар ин забон ҷуз хар, инчунин ранги хокистариро низ ифода доштааст, аз гунаи осетинӣ *хокиранг, хокистарранг* маънибардорӣ намудааст ва боз барои тақвият, далели дигар, вожаи забони ҳинду ‘хәр’, ки маънои ‘*хокиранг*’-ро доштааст, меоварад [1, т . 4, с.176-177]. Оиди паҳлуҳои маъноии ин вожа метавон илова намуд, ки дорои майдони васеи маъноӣ буда, маъноҳои ‘калон, бузург’ ва ‘муқаддас’-ро низ ҳифз дорад. Масалан, дар забони ҳинду, ниёиш бо Худо - Рама ва Кришна бо гуфтори ‘Харе Рама, Харе Рама, Харе Кришна’ сурат мегирад, ки маънои ‘Рама ва Кришна бузург ва муқаддас’-ро дорад. Ё ки дар забони тоҷикӣ як қатор вожаҳо: харсанг, харчанг, харной (хирной) ва ғ. дар гардишанд, ки дар онҳо ҷузъи ‘хар’ маънои ‘калон, бузург, азим’-ро дорад. Дар китоби ‘Бурҳони қотеъ’ низ чанд вожаҳои бахши ‘хар’ дошта, ба маънои боло тавзеъ ёфтаанд: ‘Харгоҳ - ҷо ва маҳалли васеъро гӯянд; ва хаймаи бузурги мудавварро хусусан. Харкамон - камони бузургро гӯянд; Харной - нойи бузургро гӯянд, ки карраной бошад; хармуш - навъе аз муш бошад бағоят бузург, ки бо гурба ҷанг кунад ва ғолиб ояд. Харамруд - навъе аз амруди бузурги ноҳамвори зишт ва бемаза бошад’ [3, қ. 1, с. 385-386] ва ғ.

Дар урфият харро ҳайвони суст тарбияшаванда ва шахсони нодон, кӯтоҳақл кундзеҳнро ба он шабеҳ медонанд. Шояд, дар равобит ба ин хусусияти хар, гунаи арабии ‘ḥmr’, ки бо ин вожа ҳам хар ва ҳам май, шаробро ифода доранд, арзи вуҷуд намудааст. Вожаи ‘ḥmr’ бо хумор ва дар забони русӣ бо *хмель* ва ҳамрешаҳои он – пахмель, опохмеляться низ иртибот дорад. Таҳлили сохтори ин вожа дар асоси қавоиди таърихии шаклдигаркунии вожаҳо нишон медиҳад, ки он иқтибос аз забони модӣ ва ё форсии бостон мебошад. Он аз ҷузъҳои ‘ḥm (ҳум, ҳума)’, ки ин вожа дар авастоӣ маънои ‘*ақл’*-ро дорад ва ‘mr’ ба маънои ‘*мурда*, *кушанда’* пайдо шудааст, яъне вожаи ‘ḥmr’-и ифодагари хар, маънои луғавии ‘*ақли мурда, беақл*’-ро дошта, ‘ḥmr’-и ифодагари май, маънои ‘*кушанда, дуркунандаи ақл*’-ро дорад. Синоними дигари вожаи ‘хар’ - ‘маркаб’ аз ‘мар’-‘*мурда’*, ‘каб’- ‘*каф*, *сум’* бунёд гирифта, шояд маънои ‘*каф, суми беҳис*’-ро дошта бошад, зеро аз наъл задан, бо сабаби табиати шохӣ доштани сум, дард ҳис намегардад.

Дар гурӯҳи забонҳои славянӣ барои ифодаи хар вожаи тамоман сохтори дигардоштаро истифода мекунанд. Дар славянии қадим ‘осьлъ’, русӣ ‘осёл’, украинӣ ‘осел’, булғорӣ ‘осел’, словенӣ ‘osəl’, чехӣ ‘osel’, лаҳистонӣ ‘osioł’-ро дорад, муҳаққиқон онҳоро шаклгирифта аз лотинии ‘asinus’ ва готии ‘asilus’ медонанд [15, т.3, с. 157]. Ташхиси вожаҳои забонҳои славянӣ дар қиёс бо лотинию готии ифодагари хар ба андешае меоварад, ки онҳо бунёди худро аз ҷузъҳои ‘os’, ‘as, asa’ - *асп* ва ‘l’, ки аз тахфифи фонемаи ‘a’-и суффикси сифатсози ‘la’ боқӣ мондааст, гирифтаанд, зеро гунаҳои ‘осла’, ‘asina’ сифат буда, маънои луғавии ‘*аспина, аспгуна, шабеҳи асп*’-ро доранд.

Гов – ҳайвони калони шохдор буда, онро асосан барои гӯшт ва шираш парвариш мекунанд, ки нисбати дигар ҳайвонот гӯшту шири зиёд медиҳад, аз пӯсти он низ васеъ истифода мебаранд. Вожаҳои ифодагари гов дар забонҳо собиқадор аст, ки он дар аксар забонҳои мухталифи ҳиндуаврупоӣ шаклҳои якхела ва шабеҳ дорад. Говро дар ҳиндуи қадим ‘gáv, ‘gau, go’ авастоӣ ‘gav’ ва шакли ориёии онро ‘gau, gäu, gu’ овардаанд, ки ҳамагуна чорвои калони шохдорро ифода доштааст. Муҳаққиқон шакли умумии ҳиндуаврупоиро ‘k’ºou-, k’ºu-’ барои ифодаи ҳам гов ва ҳам наринаҳои он интихоб кардаанд [4, т.2, с. 565], бархе гунаи ‘gwou’-ро низ меоваранд. Говро дар забонҳои тохарӣ ‘ко, kau’, юнонӣ ‘βούς’, лотинӣ ‘bös, bovis’, ирландии қадим ‘bo’, немисӣ ‘Kuh’, англисӣ ‘cow’, славянӣ ‘govçdo’, паҳлавӣ ‘gāw, go’ мегӯянд. Бояд гуфт, ки русии ‘говядина’, ки гӯшти говро мегӯянд, аз ҷузъҳои ‘гов’ ва ‘яда’- гунаи дигари ‘еда’, ки дар авастои ‘ad’- ‘*гизо, хурданӣ*’ мебошад ва ‘на’- *мавод* бунёд ёфтааст. Дар забону гӯйишҳои гурӯҳи эронӣ гунаҳои ‘gau, gaw, gov, gäv, gow, gou, go, gu, qüg, yog, γau’ ва монанди инҳо дида мешавад [9, т.3, с.205-207]. Дар забонҳои форсии қадим вожаи gau ҷуз маънои аслии худ, инчунин ба маъноҳои маҷозӣ ‘*калон, бузургҷусса, қавӣ*’ низ истифода гаштааст ва то ҳоло калимаи ‘гов’ дар гӯйишҳо баъзан бо ин маъноҳо корбаст меёбад. (Ба антропонимҳои форсии бостон Gaubaruva, Gaumäta назар кунед). Дар забонҳои қадим, масалан, дар бунёди калимаҳои ҳиндуи қадим ‘gopa’ - *чӯпон*, *даҳмарда,* (аслан иқтибосшудаи форсист, ки дар он ҷузъи ‘go’- ‘*гов’*, ‘pa’- ‘*по’* асоси феъли поидан мебошад), ‘gavya’- ‘*соҳиби чорвои калон*’, ‘gaupati’, ки бо маънои ‘сарвари чорводорон’ шарҳ додаанд [11], ҷузъи аввалро вожаи ‘гов’ бо маънои аслиаш ташкил медиҳад. Майдони маъногии вожаи ‘go, gāv’ фарох буда, дар забонҳои қадим ба маъноҳои ‘*замин, хок, минтақа, сарзамин*’ низ корбаст ёфтаанд. Вожаи авастоии ‘gāv(a)’- ‘*кишвар, сарзамин’,* албатта, бо вожаҳои ҳиндуи қадими ‘go’- ‘*замин, сарзамин*, *нутқ, сухан’*, лотинии ‘geo’- ‘*замин’*, бобулии ‘ки, киа’- ‘*замин, Худои замин*’ ва ҳиндуи қадими ‘хи, ху’- ‘*замин, хок, Худои замин*’ дар иртибот аст. Вожаи ҳиндии ‘gānu’- ‘*қароргоҳ, мавзеи зист*’ низ мансуби ин майдони маъноӣ мебошад.

Дар забонҳои гурӯҳи форсӣ барои ифодаи гов калимаи дигари сохта низ истифода мегардад, чун ‘говмеш’, ки наргов, буққаро гӯянд. Калимаи ‘говмеш’ дар форсии миёна бо гунаи ‘gawmes’, форсии иронӣ ‘gävmes, gàvmis’, толишӣ ‘gomiis’ [9, т.3, с.208] дучор мегардад, ки бунёдёфта аз ҷузъҳои ‘gäu’ ва ‘maiša’ мебошад. Ҷузъи ‘maiša’, шояд нахуст маънои ‘*гӯштӣ, хӯрданӣ*’-ро дошта ба гунаи дар забонҳо ҳифз намондаи ‘маоша’- *маводи хӯрданӣ* ва ‘мясо’-и русӣ аз як сарчашма бошад. Чунки говмеш, нарговҳо, асосан барои гӯшташон парвариш меёфтанд.

Барра - ҳоло дар тоҷикӣ гӯсфанди нарина, бачаи гӯсфандро гӯянд. Дар форсӣ вожаи ‘bar’, дар осетинӣ ‘wær, wærikk’ ифодакунандаи барра мебошад. Дар гурӯҳи забонҳои славянӣ бо гунаи ‘баран’, дар албанӣ ‘berr’ ва дар юнонӣ ‘βαρίον’ дучор мегардад [15, т.1, с.123]. Решаи асосии ин калимаҳо албатта ҷузъи ‘бар’ мебошад. Дар ‘Фарҳанги забони тоҷикӣ’ вожаи ‘бар’ бо маъноҳои гуногун, аз ҷумла *васеӣ, паҳноӣ*, *бор, самар* ва ғ. оварда шудааст [13, с.141]. Дар суғдӣ вожаи ‘ß'r’, лотинӣ ‘bara’ маънои *вазнин*, вазнинӣ, дар форсии қадим, модӣ ‘bära’ - *бор, вазнинӣ*, калимаи мураккаби форсии қадими ‘bärabara’ - ки онро аз сарчашмаҳои эламӣ медонанд ва суғдии ‘ß'rk’ маънои ‘*боркашон’, ‘борбар’* - ро доштааст. Дар форсии муосир вожаи ‘bar, bâr’, дарии ‘bar’, тоҷикии ‘bor’, бахтиёрии ‘bar’, тотӣ - яҳудии ‘bor’, ларарии ‘bar’, балуҷии ‘bar’, курдию курманӣ ‘bar’, сурхаӣ, ласгунии ‘bar’, яғнобии ‘vor’ маънои бор, вазн, вазнинӣ, самар, ҳосилро доранд [9, т.2. с. 97]. Вожаи авастоии ‘varu’ маънои паҳн, сербарро дорад. (Ба ҳам бадалгардии овои ‘в’ ва ‘б’ дар ҳама забонҳо дучор мегардад). Вожаи ‘бар’ дар юнонӣ низ ифодагари ‘вазнин, бор’ мебошад. Такя бар овардаҳо метавон эҳтимол кард, ки маънои вожаи ‘барра’ – ‘*калон, вазнин, фарбеҳ, фарбеҳшаванда’ мебошад*, шояд дар аввал он барои ҳама гуна чорвои алоҳида парваришкунанда корбаст мешуд. (Дар авастоӣ хукро ‘varāza’, дар форсӣ ‘gurāz’ мегӯянд, ки гунаи форсӣ аз бадалгардии овои ‘в’ ба ‘г’ ва афтиши як овои ‘р’ зуҳур кардааст ва он низ маънои ‘фарбеҳ’-ро бояд дошта бошад.

Гӯсфанд. Умуман барои ифодаи чорвои хурд дар забонҳои форсӣ вожаи гӯсфанд, низ истифода мегардад. Дар Фарҳанг нисбати гӯсфанд оварда шудааст, ки ‘...ҳайвони алафхӯри хонагии мансуби ҷуфтсумҳо, ки барои гӯшт, равған, пӯст, пашм ва шир

парвариш мекунанд’ [14, с. 357]. Вожаи гӯсфанд хосси забонҳои форсӣ буда, дар забони авастоӣ дар шакли ‘gaospanta’ дучор мешавад ва дар аксар забону гӯйишҳои муосири форсӣ, барои ифодаи чорвои хурди шохдор, ҳам бузу гӯсфандҳо, бо гунаҳои ‘göspand, gwspnd, gösfand; gusfand, guspänd, gùsfand, gûspand, gusband’ дар гардиш аст [9, т.3, с.208]. Муҳаққиқон гунаи авастоиро аз ҷузъҳои ‘gao’- гов ва ‘spanta’ - муқаддас маънобардорӣ намудаанд ва бархе таъкид доранд, ки решаи ‘-spanta’ ба маънои ‘*муқаддас, поксиришт*’ ба ҷуз калимаи гӯсфанд, боз дар як қатор номҳои мураккаби дар гузашта мустаъмал, маҳфуз мондааст. Инчунин илова кардаанд, ки дар забони паҳлавӣ ифодаи gāvan ud gōspandan ба маънои ‘*чорвои калон ва хурд*’ дар истифода будааст [8, т.2, с.55]. Синоними дигари гӯсфанд, ки ҳоло асосан барои гӯсфандони наслдеҳ корбаст менамоянд вожаи ‘меш’ аст, ки он дар гурӯҳи забону гӯйишҳои форсӣ-эронӣ бо гунаҳои ‘mēš, miš, mīš’ дучор мегардад. Вожаи мавриди таҳлилро мондагор аз ориёии ‘maiša, maišā’, ки дар ҳиндуи қадим шакли ‘meṣá’-ро доштааст ва дар парфянӣ ‘mēš’, авастоӣ ‘maēša’, дар сарчашмаҳои эламӣ ‘maišina’ будааст, медонанд. Шояд, ин вожаҳо дар аввал барои гӯсфандони гӯштӣ мустаъмал буда, баъдтар бо ивази маъно, барои гӯсфандони наслдеҳ истифода гаштаанд.

Буз ҳайвони ҷуфтсуми алафхӯри хонагӣ буда, дорои шох, риши дароз ва думи кӯтоҳ аст ва онро барои гӯшт, пашм ва шираш парвариш мекунанд. Он низ ҳайвони барвақт ромшуда маҳсуб меёбад. Буз дар орёӣ ‘bhüja’ мебошад, ки аз ҳиндуаврупоии ‘bhügo-s, bhügä’ медонанд. Буз дар забонҳои германӣ, англо-саксонӣ ‘bukka, bucca’, немисии қадим ‘boc’, немисии муосир ‘Воск’, дар форсии қадим ва авастоӣ ‘buza, būza’, форсии миёна ‘buz, bwc’ мебошад. Буз дар гурӯҳи забонҳои форсӣ шаклҳои ‘buz, boz, biz, büzä, vuz, wuz, vaz, waz, ßz, buč’ ва мононди инҳоро дорад [18, т. 2, с.191-193]. Дар забони осетинӣ бошад бо гунаи ‘boʒ, boʒo, boʒol’ вомехӯрад, дар арманӣ бошад вожаи ‘buc’ - баррача аст [1, т.1, с.264]. Дар баъзе лаҳҷаҳои форсӣ ‘boča, bucak, bucâg, bucög, bucâkik’ – бузбачча, бузичаро мегӯянд. Аз рӯйи сохти вожаи буз ва шаклҳои дигари он андешае бармеояд, ки он шояд аз ҷузъҳои ‘бу’, ки гунаҳои ‘бӯ, во, ву’ ва ҳатто ‘фо, фу’-ро пазируфта метавонад, бо маънои ‘бӯй’ ва ‘за, зо’- ‘тавлидкунанда, зоянда’, бо маънои луғавии ‘*бӯйнок, бӯйдиҳанда*’ бошад, зеро, хусусан нарбузҳо (такаҳо) сербӯй мебошанд. (Галаи барраҳо ва дигар чорвоҳои хурдро дар тоҷикӣ-форсӣ ‘рама’ мегӯянд, ки дар забони англисӣ бо гунаи ‘ram’ ном мебаранд, шояд ин ду вожа низ этимологияи ягона дошта бошанд).

Саг низ ҳайвони барвақт ромшуда буда, инсон онро аз қадимулайём асосан барои ҳифзи макону мулки худ истифода намудааст. Он чун сомеа ва шоммаи хуб дорад, инсонро аз хавфу хатари пешоянд, тез огоҳ менамояд. Ҷое нисбати он чунин овардаанд: ‘...бидон, ки саг ҷонварест меҳрубон. Аз одамӣ нашикебад, ба тан заиф, ба дил далер, ҳатто ба шер биситезад. Як луқма бихӯрад, сад сол вафодорӣ кунад’ [7, с.540]. Аз ин ҷо дар адабиёти асримиёнагии тоҷику форс калимаи ‘сак’-ро маҷозан, бо маънии *вафодор* низ истифода бурдаанд. Саг дар лотинӣ canis, юнонӣ χύων, дар ҳиндуи қадим ва авастоӣ ‘švan, svan’, дар забони модҳо ‘σπάκα’, порфянӣ ‘spg’ мебошад [4, с.590]. Дар забони модҳо ва юнонӣ вожаи ‘spaka’ сагро ифода дошта, ин вожа дар авастоӣ сифат, маънои ‘*сагӣ, сагона*’-ро дорад [6, с.73]. Дар як луғати этимологии забони русӣ овардаанд, ки этимологияи калимаи ‘сабака’ номаълум аст, асос ба гунаи модии ‘spaka’ эҳтимоли аз забонҳои гурӯҳи эронӣ иқтибос шуданро дорад [19, с.369]. Дар луғатномаи дигар, андешаи бархе аз муҳаққиқонро роҷеъ ба вожаи авастоии ‘spaka’, ки дар он ҷузъи ‘spā’ - ‘*саг’* нишон дода шудааст ва вожаи русии ‘собака’-ро иқтибосшудаи гунаи форсии миёнаи ‘sabāka-’ донистаанд, ёдрас мегардад [15, т.3, с. 702]. Аксар луғатҳои этимологии забони русӣ пайдоиши шарқӣ доштан ва аз эронии ‘spaka’ маншаъ гирифтани онро таъкид мекунанд. Дар забони форсии қадим сагро бо гунаи ‘saka’ овардаанд ва номи адабии тоҷикӣ-форсии ин ҳайвон мерос аз он мебошад. Дар забони яғнобӣ сагро ‘кут’, дар забонҳои помирӣ: шуғнӣ ‘kud’, язғуломӣ ‘k’od’, ишкошимӣ ‘kə□’, суғдӣ ‘kūti (’kwty)’, мегӯянд, ки онҳо бо руссии ‘кутия, кутенок’- *сагбача* ва ба гунаҳои дар гурӯҳи забонҳои финноугорӣ буда, венгерии ‘kutya’- *саг*, удмуртии ‘kut’a’, эстонии ‘kut’s’ - *сагбача*, латишии ‘kutsa’ - *модасаг*, албании ‘kutš’ – *саг, скифию сарматии* ‘ kuti’- *саг* [18, т. 4, с. 413; 15, т. 2, с. 433-434] дар иртибот мебошанд. Шаклҳои осетинии ‘kuʒ, kuj’, булғории ‘kùče’ - *саг* ва дар баъзе

гӯйишҳои тоҷикӣ ва гурӯҳи забонҳои туркӣ будаи -’kücük (кучук)’ - *саг*, ҳамреша буда, шояд ба гунаҳои дар боло оварда шуда ҳампайдоиш бошанд. Муҳаққиқи варзида Абаев гунаи осетиниро шаклгирифта аз суғдии ‘kūti’ бо табдили ‘- ti’ ба ‘ʒ’ медонад [1, т.1, с. 605].

Таҳлили сохтор ва муқоисаи вожаҳои ифодакунандаи саг дар забонҳои гуногун, ба баъзе хусусиятҳои саг тавъам будани номи онро нишон медиҳад. Гунаи ҳиндуи қадим ва авастоӣ ‘švan, svan’ шояд, ҳангоми ба ҳам пайваст, гаштани ҷузъи ‘ша, са’ - *инсон* ва ‘бон’- *бонӣ*, *ҳифзкунанда*, аз тахфифи овои ‘а’ шаклгирифта бошанд. Худи вожаи ‘саг’ шояд аз гунаи ‘саакан’, ки маънои ‘*макони инсон*’-ро дорад, аввал шакли ‘сака’ ва баъд гунаи ‘саг’-ро пазируфта маънои хонагиро дошта бошад. (Дар забони скифӣ бо вожаи ‘*saka’* гавазнро ифода доштаанд, ин шояд аз шуғли гавазнпарварии онҳо, чунин ном гирифта бошад). Гунаи яғнобӣ ва шаклҳои шабеҳи онро, ки мероси суғдии ‘kūti’ медонанд, низ дар иртибот бо вожаи ‘кат, ката’-и суғдӣ бо маънии *‘хонагӣ*’ зуҳур карда бошад. Дар ҷое вожаи англисии ‘a cat’ - ‘*гурба*’-ро, ки он низ ҳайвони хонагӣ мебошад, аз калимаҳои лотинии ‘cattus, catta’, ки танҳо барои ифодаи гурбаҳои хонагӣ корбаст меёфтааст, бо маънои *‘хонагӣ*’ овардаанд. Оиди гунаи юнонӣ, модӣ ва авастоии ‘spaka’, русии собака ва гунаҳои шабеҳи он, ҳаминро мебояд гуфт, ки онҳо эҳтимоли ду роҳи пайдоиш: аз ҷузъҳои ‘sa’ - инсон ва ‘ра’ – асоси феъли поидан, яъне *нигоҳбон* ва дигар аз калимаҳои форсии ‘шаб’ ва ‘ака’- аккос низ пайдо шуда метавонанд. Русии ‘сабака’, ки бо ин калима гургро низ ифода доштаанд, ин андешаро тақвият мебахшад, чунки сагҳо ва гургҳо асосан шабона аккос ва уллос мекашанд.

Мор ҳайвони хазанда, аксар намуди онҳо дорои ғадуди заҳрӣ мебошанд, ки роҳ ба дандонҳо дорад. Тавассути заҳри қотили худ, морҳо худро ҳифз мекунанд ва туъмаи худро кушта, баъд фурӯ мебаранд. Аз қадим, ки гузаштагон заҳри марговар доштани онро талқин намудаанд, ҳар намуди он ба инсон тарсовар аст. Морро дар гурӯҳи забонҳо ва гӯйишҳои эронӣ бо гунаи ‘mār’, mōr’ ово мекунанд, дар забони толишӣ низ ‘mōr’, дар ласгунӣ ‘mar’, семнонӣ ‘mara’ ва дар санглӣ ‘məhor’ мебошад [18, т.5, с. 218].

Калимаи тоҷикии ‘мор’ мондагор аз даврони қадим буда, оиди он, бо эҳтимоли қавӣ, ҳаминро мебояд, гуфт, ки бо вожаҳои ҳиндуи қадим ва авастоии ‘mr’, ‘mar’, ки ҷузъи калимаҳои ба марг иртиботдоштаро ташкил медиҳанд, дар алоқа аст. Дар луғатномаҳои забонҳои ҳиндуи қадим ва авастоӣ вожаҳои ‘mr’ ‘mar’ бо маъниҳои *‘марг’, ‘мурда’, ‘захмдор’, ‘кушанда*’ тавзеҳ ёфтаанд. Ин вожаҳо ба забонҳои гуногуни мутааллиқи гурӯҳи забонҳои ҳинду аврупоӣ ворид гашта, аз рӯйи қавоиди овоии онҳо шаклҳои ‘мур’, ‘мер’, ‘мор’ ва ‘мал’ - ро пазируфтаанд. Ҷузъҳои калимасози овардашуда, асоси калимаҳои русии ‘мёртвый’ - *мурда*, ‘умирать’- *мурдан*, ‘смерть’- *марг*, лотинии ‘mors’, ‘mortis’, ‘mortuus’ - *марг, мурда*, тоҷикӣ-форсии ‘мурда, мурдан, марг’, ‘марғазан, марзаған’-*қабристон*, тоҷикӣ-форсии аз арабӣ иқтибосшуда: ‘мерос’, ‘марқад’, ‘марсия’, ‘марҳум’, афғонии ‘марми хӯрдан’ - *тир хӯрдан, захмдор шудан* ва ғ. ташкил медиҳанд (дар асл ин вожаҳои арабӣ, иқтибосшуда аз забони модӣ мебошанд). Вожаи ‘мар’ бо маънои ‘*марг*, *мурда, ҷасад’* бетағйир дар забони рушонӣ ҳифз мондааст. Калимаҳои ҳиндуи қадими ‘marati’ , форсии қадими ‘mariya’, суғдии -’myr’ маънои ‘*мурдан*’-ро доранд. Шахси ба марг маҳкумшуда дар авастоӣ ‘marta’, ‘maretano’, дар ҳиндуи қадим ва форсии қадим ‘martya’, ‘mard’, дар суғдӣ ‘mrtyy’, хоразмӣ ‘mrc’ ва дар яғнобӣ ‘marti’ мебошад [12, с.286]. Дар забони русӣ ‘мор’ *саросар мурдан, эпидемия* ва феъли ‘морить’ - ‘*заҳролуд шудан’*-ро ифода дорад. Вожаҳои англисии ‘murder’- куштор, ‘murderer’ ва ‘mortal’- маънои кушанда, қотил, дар немисӣ Mord-куштор, Morder-кушанда, қотил мебошад. Марг, мурданро дар фарансавӣ ‘Mort’, дар литвонӣ ‘mirtis’, дар испониёӣ ‘Muerta’ ва дар итолиёӣ ‘Morte’ мегӯянд, дар франсавӣ мурдаро ‘mort’, дар русӣ морг мегӯянд. Аз ин рӯ, калимаи мор’-и тоҷикӣ дар алоқа ба хусусияти заҳрнокӣ ва хавфи марг доштани заҳри он ба маънои *заҳрнок, заҳрзананда, марговар* пайдо шудааст.

Сусмор – морест, ки дар ҷойҳои беоб, хушк зист дорад. Дар он ҷузъи ‘сус’ маънои *хушк, сахтро* дорад. Ба луғати забонҳои эронӣ ‘hauša-’, ҳиндуаврупоии ‘sauso-, saus, sus’, славянии қадими ‘suchъ’, литвонии ‘saũsas’, ки маънои ‘*хушк, хушкӣ, хушк кардан’*- ро доранд [17, с.32], дар равобит аст (Дар алоқа ба ҷузъи ‘сус’ бояд илова намуд, ки онро дар таркиби баъзе топонимҳо низ дучор омадан мумкин аст, масалан як теппаи камоб, бе долу

дарахте дар деҳаи Понғози ноҳияи Ашт номи ‘Сусор’-ро дорад, ки аз ‘суссар’ бо маънои *‘сарғаҳи хушк*’ пайдо шудааст).

Моҳӣ – ҳайвони обӣ буда, намудҳои зиёд дорад, асосан дар дарёю баҳрҳо маскун гаштааст. Инсон моҳиро аз замонҳои қадим шикор намуда истеъмол мекунад. Моҳиро дар эронии қадим бо гунаи ‘masia, māsī’, дар ориёӣ ‘matsia, matsī’, ҳиндуи қадим ‘matsya’, авастоӣ ‘masya’ дар форсии миёна ‘māhīk, māhīg’, (дар паҳлавӣ ‘māhīg’), парфиянӣ ‘māsyāg’ овардаанд. Он дар забонҳои муосири форсӣ: дар форсии классикӣ ‘māhī, måhi’, тоҷикӣ ‘mohi’, бахтиёрӣ ‘mohī’, бургонӣ ‘måhī’, ларӣ ‘ma(h)ī’, дар курдию, гурманӣ ‘māsī, ma’sī’, дар заза ‘māsa’ дар гардиш аст [18, т.5, с.264].

Моҳиро аз қадим дар эронзамин қадр менамуданд ва аз ин рӯ, номи солеро ба номи он тавъам кардаанд. Дар анъанаҳои ҳамосавии эрониён соли моҳӣ, соли сербориш, ҳосилнокӣ ва фаровонӣ мебошад. Дар авасто аз рӯйи овардаҳои Бундаҳишн даҳ навъи моҳӣ ёд шудааст [16, с.193].

Вожаи тоҷикӣ-форсии ‘моҳӣ’ ба калимаи ‘maye (майе)’ ва ‘māy’-и забони ивритӣ, ки обро мегӯянд, дар иртибот аст. Даврае ин вожа барои ифодаи об ба забони форсӣ низ роҳ ёфта будааст, ки тавзеҳоти дар ‘Ғиёс-ул-луғот’ зикргашта ‘Миёҳ - обҳо; ҷамъи моъ, ки дар асл моҳ буд ба маънии об’ [5, қ.2, с.329] гувоҳ аст. Дар ин китоб ҷое ‘моъӣ ба маънии об, яъне мансуб ба об’ [5, қ.2, с.223] оварда шудааст. Дар забони ивритӣ моҳиро ‘маоя, маим’, дар забони ассирӣ ‘ми`йя’ мегӯянд, яъне номи моҳӣ ба номи ҷойи зисти он – об, ки бе он зиста наметавонад, тавъам аст. Моҳиро дар баъзе гӯйишҳои забони тоҷикӣ ‘майӣ’ талаффуз мекунанд, ки ба калимаи ‘майа’- ‘*об’*-и забони ивритӣ мувофиқат дорад. Гунаҳои дигар, ‘masya, māsī, māsa’, аз ҷузъи ‘ma, mā’-*об* ва ҷузъи ‘sa, sī, sya’, ки вобаста ба ҷойи корбурд, маъноҳои ‘тан, ҷисм, махлуқ’-ро дорад, шакл гирифтаанд. Бояд гуфт, ки гунаи арабии моҳӣ - ‘самак, самаак’ низ чунин маъно дорад. Вожаи дигари арабиасли тоҷикӣ ‘моеъ’ дар пайванд бо хусусияти об пайдо шудааст. Ба ин калима феъли русии ‘моить’-*шустан* низ дар иртибот аст.

Муқарриз: *Аюбова Мамлакат*- номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Абаев В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка: Том 1. А-К / В.И. Абаев. – М.-Л.: Изд. акад. наук СССР, 1958. - 655 с.; - Том 4. U-Z. - Л.: Наука, 1989. - 325 с.
2. Ашъори ҳакимон ва орифон. Ҷ.13. / Таҳияи Х. Шарифов, А.Абдусатторов. - Душанбе: Адиб, 2010. – 480 с.
3. Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ. Ҷ.2. / Муҳаммадҳусайни Бурҳон. – Душанбе: Адиб, 2004. - 424 с.
4. Гамкрелидзе Т.В. Индоевропейский язык и индоевропейцы (реконст. и историко-типологический анализ праязыка и протокультуры) / Т.В. Гамкрелидзе, Вяч.Вс. Иванов; с предисловием Р.О. Якобсона. Кн. 2. – Тбилиси: изд. Тбилисского Университета, 1984. - 1328 с.
5. Ғиёсуддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. / Муҳаммад Ғиёсуддин. – Душанбе: Адиб, 1987. - Ҷ.1. - 480 с.; - 1988. - Ҷ.2. – 416 с.
6. Дьяконов И.М. История Мидии. (От древнейших времен до конца IV века до н.э.) 1 книга / И.М. Дьяконов. - Баку: Нагыл Еви, 2012. – 332 с.; Основы иранского языкознания: древние языки / редкол.: В.И. Абаев, М.Н. Боголюбов. - М.: Наука, 1979. – 387 с.
7. Муҳаммад ибни Маҳмуд ибни Аҳмади Тӯсӣ. Аҷоибнома (Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот) / Зери назари С.Назарзода. – Душанбе: Эр-граф, 2016. - 604 с.
8. Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки / редкол. д.ф.н. В.И.Абаев, чл.корр АН СССР, д.ф.н. М.Н. Боголюбов, (отв.ред.) В.С. Расторгуева. - М.: Наука, 1981. – 544 с.
9. Расторгуева В.С. Этимологический словарь иранских языков. Т.3. / В.С. Расторгуева, Д.И. Эдельман. - М.: Восточная литература, 2007. – 493 с.
10. Саймиддинов Д. Форси бостон / Д.Саймиддиннов. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 190 с.
11. Санскритско-русский учебный словарь / Составитель Лихушина Н.П. – 2018. - 215с. http: //galenel. info /Sanskrit/ Three-manual-vocabulary. Версия 9.0 от 20.12. 2017.
12. Соколов С.Н. Язык Авесты (учебное пособие) / С.Н. Соколов. – Ленинград: Изд. Ленинградского университета, 1964. – 287 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 1. А-О / Зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов ва диг. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 1. – Душанбе: Адиб, 2008. – 950 с.
15. Фасмер М. Этимологический словарь русского языка. В 4т. Т.1 (А-Д) / М. Фасмер; пер. с нем. и доп. О.Н. Трубачева: под ред. проф. Б.А. Ларина. -2-е изд. - М.: Прогресс, 1986. – 576 с.; - 1986. - Т.2. – 672 с.; - 1987. - Т.3. – 832 с.; - 1987. - Т.4. – 864 с.

16. Чунакова О.М. Пехлевийский словарь, зороастрийских терминов, мифических персонажей и мифологических символов / О.М. Чунакова; отв. ред. М.Н. Боголюбов. – М.: Восточная литература РАН, 2004. - 286 с.
17. Эдельман Д.И. Иранские и славянские языки: Исторические отношения / Д.И. Эдельман. - М.: Вост.лит., 2002. – 230 с.
18. Эдельман Д.И. Этимологический словарь иранских языков / Д.И. Эдельман; Ин-т языкознания РАН. – М.: Вост. лит., т. 4, 2011. -415с. Т. 5, 2015. - 566с.
19. Этимологический словарь русского языка / Составитель Крылов Г.А. - Санкт-Петербург, 2005. – 432 с.
20. Bahrami E. Dictionary of the Avesta / E.Bahrami, F.Joneydi. – Iran: Balkh, 2000.

ЭТИМОЛОГИЯИ НОМИ БАЪЗЕ АЗ ҲАЙВОНОТ ВА ГУРӮҲҲОИ ОНҲО

Дар мақолаи мазкур дар асоси маълумотҳо ва такя ба далелу бурҳонҳои дар луғатномаҳои этимологии забонҳои гуногун овардашуда, номи тоҷикӣ-форсии баъзе аз ҳайвоноти маъмул ва номи гурӯҳии онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Қиёси номҳои муосири тоҷикӣ-форсии ҳайвонот бо номҳои дар забонҳои гурӯҳи славянӣ ва забонҳои қадими матрук: форсии қадим, авастоӣ, ҳиндуи қадим, сомӣ ва юнонӣ буда, такя бар қонунияти таърихии шаклбадалкунии вожаҳо ба муаллиф имкон додааст, аз бархе номҳои дар дигар забонҳо будаи баъзе аз ҳайвонот ва синонимҳои онҳо низ маънибардорӣ кунад. Дар мақола асосан номҳои тоҷикии гурӯҳии ҳайвонот: “паранда”, “чаранда”, номҳои ҳайвонот: асп, гов, говмеш, хар, барра, гӯсфанд, буз, саг, мор, сусмор ва моҳӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Муаллиф гунаи авастоӣ ва модии ‘aspa’-ро, аз вожаҳои авастои ‘aŝu, asa’- *тез, зуд, фавран* ва ‘ро’ - *пой, роҳ гаштан* бунёдшуда донистааст ва онро нахустсарчашма дар шаклгирии вожаи тоҷикӣ-форсии ‘асп’ оварда, бо маънои ‘*тезпо, тездав, бо суръат ҳаракаткунанда’*, ‘говмеш’-ро – ‘гови гӯштӣ, ғизоӣ’ ва инчунин дигар ҳайвонот: ‘барра’ – ‘фарбеҳ, вазнгиранда, парвоӣ’, саг – ‘хонагӣ’, ‘мор’ - ‘заҳрнок, кушанда, марговар’, сусмор – ‘мори хушкӣ, дар ҷойҳои беоб зисткунанда’, ‘моҳӣ’ – ‘обӣ, махлуқи дар об зист кунанда’ тавзеҳ додааст.

Калидвожаҳо: этимология, этимологияи ҳайвонот, асп, сутур, гов, хар, барра, гӯсфанд, саг, мор, моҳӣ.

ЭТИМОЛОГИЯ НАЗВАНИЙ НЕКОТОРЫХ ЖИВОТНЫХ И ИХ ГРУППОВОЕ НАЗВАНИЕ

В данной статье на основе этимологического анализа и мнений учёных, приведённых в этимологических словарях о названиях животных, исследованы таджикские названия некоторых животных, таких как асп (конь, лошадь), хар (осёл), гов (корова, бык), барра (баран), буз (коза), саг (собака), мор (змея), моњї (рыба) и групповые названия: паранда (птицы), чаранда (скот). Сопоставляя таджикско-персидские названия животных с параллелями в славянских и ряде древних языков: таких как древнеперсидский, авестийский, древнеиндийский, семитский и греческий, и опираясь на принципы исторического формоизменения слов, автору удалось выявить значения названий некоторых животных и в других языках, например, русские слова «осёл» этимологизированы со значением «лошади подобный», «говядина»- «еда, получаемая от коровы», «собака» с двумя значениями «защитник человека» и «лающий ночью». Автор авестийскую и мидийскую форму ‘aspa’ признает исходной формой для таджикско-персидского “асп” и толкует со значением “быстроходный”. Также толкуется таджикское название следующих животных: “говмеш (бык)”- мясная корова, “барра (баран)” - “жирный, толстый, ухаживающий”, “мор (змея)”- “ядовитый, убивающий”, “моњї (рыба)» - «водяной, живущие в воде» и др.

Ключевые слова: этимология, этимология животных, асп – (конь, лошадь), сутур (выездные животные), гов (корова), хар (осёл), барра (баран), саг (собака), мор (змея), моњї (рыба).

THE ETYMOLOGY OF SOME ANIMALS’ NAMES AND THEIR CLASSES

The articles studies the Tajik and Persian names of some animals like asp (horse), gov (cow), govmesh (buffalo), khar (as, donkey), barra (lamb), gusfand (sheep), buz (goat), sag (dog), mor (snake), susmor (snake), mohi (fish), and animals class names like parandaho (birds), charandaho (grass eating animals) based on etymological data and ideas about names of animals given in etymological dictionaries of different languages. The comparison of modern Tajik and Persian names of animals with their equivalent in Slavic and ancient languages like old Persian, Avestan, old Indian, Somatic and Greek and the historical rules of form-changing of words let the author find their meanings from some of the names of some animals and their synonyms in other languages. For example, Russian words “osyol” means “aspgun, aspmonand – like a horse”, “govyadina” means “khurdani-eatable, food obtained from cow”, “sobaka” expresses two meaning “nigahbon-protector of a man” and “akkoszananda-barker at night” etc. The author considers the Avestan and Modian version of the word “aspa” the origin of the word “asp (a horse)” expressing the meaning “tezpo, tezdav (fast-runner)”. Thus the meanings of the following words are revealed: “govmesh-govi gushti (meat-bull)”, “barra –farbeh (fat), for meat”, “sag-khonagi (for keeping in house)”, “mor-zahrnok (poisonous), kushanda (killer), margovar (fatal)”, “susmor-mori khushki (snake living in waterless places)”, “mohi – obi (living in water)” etc.

Key words: etymology, etymology of animals, asp, suture, gov, khar, barra, sag, mor, mohi.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тухтасунов Обиддин*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров, дотсенти кафедраи химияи органикии амалӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, х. Мавлонбеков 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-764-33-32**

Сведения об авторе: ***Тухтасунов Обиддин*** – Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, доцент кафедры органической и прикладной химии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-764-33-32**

Information about the author: ***Tukhtasunov Obiddin*** - Khujand State University named after B. Gafurov, associate Professor of organic and applied chemistry. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlonbekova 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-764-33-32**

УДК:491.550

ВИЖАГИҲОИ ЗАБОНИ МАРДУМӢ ДАР «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»-И ҶАЛОЛУДДИНИ РУМӢ

Игболов О.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Лаҳҷаро нумуи дигари забони куҳан меноманд. Дар лаҳҷаҳо асолати забон ҳазорсолаҳо боқӣ мемонад. Муқоисаи лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар осори саромадони адабиёт аҳаммияти муҳим дорад. Ин навъи калимаҳо вобаста ба мавқеи корбасти худ дар ин ё он лаҳҷаҳои тоҷик, як қатор хусусиятҳои забониро доро мебошанд, ки бозгӯйи онҳо дар муайян намудани ташаккул ва вазъи кунунии забони зиндаи халқ замина фароҳам меорад.

“Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолуддини Румӣ таҷассумгари забони адабии гуфтугӯии асри XIII-и мардуми тоҷик мебошад. Ҷанбаи услубии “Маснавии маънавӣ”-ро бештар тарзи баёни вожа ва ифодаҳои забони гуфтугӯӣ ташкил медиҳад. Хислат ва хусусиятҳои хос, забони гуфтугӯии мардуми Мовароуннаҳр, яъне забони мардуми Балхи бостонӣ, ки баъзе аз унсурҳои алоҳидаи он то имрӯз дар забони гуфтугӯии мардуми ин манотиқ боқӣ мондааст, инъикос гардидааст.

Забони “Маснавии маънавӣ” аз забони кулли осори адабии форсӣ фарқ дорад. Румӣ дар ин китоб вожаҳои аҷибу ғариби омиёнаро дар баробари истилоҳоти фиққию фалсафӣ, каломию ирфонӣ ва калимоту ибораҳои қуръонӣ истифода бурдааст. Бисёре аз луғат ва таркибҳои омиёна шеваи форсигӯёни Осиёи Марказӣ мебошад, чунки ӯ дар ҳамин минтақа ба воя расидааст. Дар асар ба панҷ-ҳашт ва ҳатто даҳ маъно ва тарз истифода гаштани калимаҳо ба чашм мерасад. Масалан, масдари **<u>афтодан//афтидан</u>** 1. аз боло ба поин бо зарб омадан, ғалтидан; суқут кардан. 2. аз по даромадан, хобидан (*ба сабаби беморӣ, мондагӣ ва г.*). 3. *ҳамчун ҷузъи таркибии феълҳои таркибӣ омада, ба онҳо маъноҳои* **гирифтор шудан, мондан, ғалтидан** *ва гайраро медиҳад*… бадкор [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. 2008, 96] ва синоними он **ғалтидан** 1. аз боло ба поин афтидан, афтодан: **аз дарахт ғалтидан, аз асп ғалтидан, пушт ба замин ғалтидан; ғалтидани девор** фурӯ рафтани девор; **хона ғалтидан** хона афтидан; хона хароб шудан; вайрон шудани хона. 2. аз по мондан, дар бистари беморӣ хобидан, бистарӣ шудан. 3. мағлуб шудан (*дар мусобиқа, гӯштин*)... [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. 2008, 372] бо шаклҳои гуногун **<u>уфтодъм</u>**, **<u>уфтидъм</u>**, **<u>фитодъм,</u>** ки бештар дар лаҳҷа ва шеваҳои ноҳияҳои тобеи марказ ва кӯҳии манотиқи ҷумҳуриамон вомехӯрад, истифода шудааст:

Хоҷа чун дидаш **<u>фитода</u>** бар замин,
Барҷаҳиду зад кулаҳро бар замин [Маснавӣ, 59/1700].

Гуфт: “Бо ӯ машварат кун в-он чӣ гуфт,
Ту хилофи он куну дар роҳ **<u>уфт</u>**” [Маснавӣ, 174/2280].

Ихтилофи халқ аз ном **<u>уфтод</u>**,
Чун ба маънӣ рафт, ором **<u>уфтод</u>** [Маснавӣ, 209/2996].

Бори бозаргон чу дар об **<u>уфтод,</u>**
Даст андар колаи беҳтар занад [Маснавӣ, 55/1510].

Яке аз вижагии забони “Маснавии маънавӣ”, тавре ки пештар ишора шуд, ин аст, ки корбурди гӯйишӣ ба мушоҳида мерасад ва аксари онҳо дар шеваю лаҳҷаҳои тоҷикӣ айни

ҳол мавриди истифодаанд. Ба назар мерасад, ки баъзе аз ин гуна вожаву таркибҳо ҳанӯз пеш аз замони Румӣ ба забони тоҷикӣ роҳ ёфта, бо мурури замон густариш пайдо намудаанд. Аз ҷумла вожаи **дук** чӯби махсус тарошидашудаи дарозшакли нӯкборик, ки вайро ба чарх гузошта, бо он ресмон мересанд; **дуки чайра** хори дукмонанди бадани ҷайра [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. 2008, 474].

Бар умеди изи даҳрӯза худук,
Гардани худ кардаанд аз ғам чу **дук** [Маснавӣ, 146/1105].

Он ки бе он рӯзи ту торик шуд,
Ҳамчу **дуке** гарданат борик шуд [Маснавӣ, 160/1685].

Дар ин байтҳо калимаи **дук (дукча)** на ба маънои аслӣ, балки ба маънои маҷозии аз беморӣ, аз ғаму андуҳ, маъюсӣ, ноумедӣ ё азоби рӯҳӣ кашидан, яъне **хароб (лоғар) шудан**-ро ифода мекунад.

Ин вожа инчунин дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ низ зикр гардидааст:

Биёранд **дуку** пунба дар ӯй,
Ниҳода басе носазо рангу бӯй [Шоҳнома, ҷ.10. 127].

Ту ин найзаро **дуки** риштан гузин,
На марди саворониву дашти кин [Шоҳнома, ҷ.4. 196].

Бирав чун занон панбаву **дук** гир!
Паси парда бо духтарон сӯк гир! [Шоҳнома, ҷ. 4. 196].

Вожаи **Ғар** дар нутқи омиёна маъмул буда, аксар вақт ҳангоми қаҳру ғазаб, дар ҳақиқат, оид ба шахси бадахлоқ, ки боиси таҳқиру дашноми касе гаштааст, гуфта мешавад. **Ғар** 1. зани бадахлоқ, зани сабукпо. 2. марди фосиқ, занбоз. 3. *кит.* одами бад, бадкор [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. 2008, 375].

Зафт гардад, по кашад дар сояе,
Коҳиле, сере, **ғаре**, худрояе [Маснавӣ, 289/2905].

К-ӯ кӣ бошад? Ҳиндуи **модарғаре**,
Ки тамаъ дорад ба хоҷадухтаре [Маснавӣ, 566/280].

То ба-ин гурзи гарон кӯбам сараш,
Он сари бедониши **модарғараш** [Маснавӣ, 537/3495].

Нос маводи кӯфташудаи тамоку мебошад, ки барои кайфи муваққатии шахси носкаш истифода мешавад ва ин мавод дар байни мардумони Осиёи Миёна ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон хеле роиҷ аст.

Нос 1. тамокуи кӯфтаи бо оҳак, хокистар ва равғани зағир ва ғайра омехта ва соидашудаи кайфовар, ки ба зери забон гирифта боз мепартоянд; носвор: **нос кашидан** [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. 2008, 937].

Бори дигар сӯхт ҳам, вопас биҷаст,
Бозкардаш ҳирси дил **носиву** маст [Маснавӣ, 568/350].

Нос *2. кит.* одам, инсон; мардум, халқ; **дар афвоҳи нос** дар даҳони халқ, дар гуфтугӯи мардум [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. 2008, 937].

Азм карда, ки дило, он ҷо маист,
Гашта **нос** з-он, ки аҳли азм нест [Маснавӣ, 568/355].

Нос шуданд наснос он гаҳ ҳама
В-аз ҳама наснос бигаштанд **нос** [Ахтарони адаб, 2008, 27].

Вижагии барҷастатарини забони адабӣ дар он аст, ки дорои сохти ягона буда, барои мардуми ҳамаи маҳалҳо умумӣ мебошад ва доираи васеи истеъмол дорад. Гӯйиши маҳаллӣ, баръакс дар ҳудуди муайян ё воқеъгаштаи худ шаклҳои гуногунсохти умумиро дорад ва эҳтиёҷу муносибатҳои гуногуни мардуми маҳаллӣ муайян (деҳ, русто, ноҳия, вилоят)-ро ба иҷро мерасонад. Мусаллам аст, ки забони адабӣ дорои ду шакл – шакли хаттӣ ва шифоҳӣ мебошад ва ин ду шакл байни худ алоқаи қавӣ дошта, ба ҳамдигар

ҳамеша таъсири мутақобила барои такмили якдигар доранд. Гӯйиши маҳаллӣ фақат дорои як шакл, яъне шакли шифоҳӣ мебошад.

Дар ҳикояи "Васият кардани падар духтарро, ки худро нигаҳ дор, то ҳомила нашавӣ аз шавҳарат" вожаи **калопеса** ду маротиба такрор омадааст. **Калопеса** – бечо шудани (сафедии) чашм бо сабаби тарс ё ҳиссиёти дигар [Фарҳанги тафсирии забони тоҷик,. Ҷилди 1. 2008, 563].

Калопеса – ҳолати печидагии чашм, тағйири ҳолати чашм аз шиддати хашм ё аз касрати лаззат [Фарҳанги сабо, 840].

Гуфт: «Чашмаш чун **калопеса** шавад,
Фаҳм кун, к-он вақти интизолаш бувад».
Гуфт: «То чашмаш **калопеса** шудан,
Кӯр гаштаст ин ду чашми кӯри ман» [Маснавӣ, 543/3735].

Ин вожа айни замон дар шеваю лаҳҷаҳои мардумӣ ҳангоми шӯхӣ, қаҳру ғазаб ва муноқишаҳо бештар истифода мегардад. Вожаи мазкур дар гуйиши қисмати ҷанубӣ ва кӯҳистони Тоҷикистон ҳоло низ дар шакли густурда истифода мешавад.

Дар байти Румӣ феъли **биистодан** дар шакли мухаффафи **бест** (дар сиғаи амрӣ) истифода шудааст ва решаи асосии калима **истодан** мебошад. 1. ба по будан; *муқоб.* **нишастан**. 2. иқомат доштан, зистан, будан. 3. таваққуф кардан; ист кардан; қарор гирифтан, ором шудан; **як дам истодан // як нафас истодан** андак таваққуф кардан, каме сабр кардан [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. 2008, 920].

Узр оварданд, ки эй модар ту **бест**,
Ин гунаҳ аз мову аз тақсир нест [Маснавӣ, 396/220].

Ин бигуфтанду қазо мегуфт: "**Бист,**
Пеши **потон** доми нопайдо басест [Маснавӣ, 236/830].

Калимаи **милок** низ дар баъзе шеваҳои ҷануб истифода мешавад ва асбобест, ки мисли чангак аст ва ба он бештар зарфҳои ширгирӣ, халтаҳои чакка, дӯғ ва қурутро овезон мекунанд ва онро ҷойе меовезанд, муаллақ бошад ва ҳеҷ ҷонваре натавонад ба он расад. **Милок** *а. кит.* 1**.** қисми асосии чизе, мояи асосии чизе, асли чизе. 2**.** меъёр, маҳак [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. 2008, 802]. Шоир дар байти зер дар мисраи аввал вожаи мазкурро ба маънои асл овардааст ва дар мисраи дуюм масдари *муаллақ мондан*-ро истифода кардааст, ки шояд маънои маҷозии онро, яъне *овезон*ро ифода кунад.

Буд Норут аз **милоки** осмон,
Аз итобе шуд муаллақ ҳамчунон [Маснавӣ, 540/3620].

Ин калима дар лаҳҷаҳои қисмати ҷанубӣ, ва кӯҳистони Тоҷикистон ҳоло низ мавриди корбурд қарор дорад. Масалан: Модар ба Райҳон гуфт: *"Дъхтарҷон, саба**т**и қърута дар **милок**и шохи тут кашол кун".*

Вожаи **хомӯш** дар забони адабӣ, дар ашъори шоирону нависандагони классик ва муосир ба тарзи васеъ дар абёташон мавриди корбурд қарор дорад, аммо истифодаи вожаи синонимии он **хап** дар эҷодиёти онҳо хело кам вомехӯрад. Ин калима бештар дар забони мардум, истифода мешавад.

Хомӯш-сокит, бесадо, он ки овозе намебарорад, ором, хап [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. 2008, 424].

Хап-сокит, хомӯш, ором; **хап шудан (нишастан**) сокиту хомӯш шудан [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. 2008, 424].

Рӯ бигардонад ба сӯйи дасти чап,
Дар табору хеш, гӯяндаш, ки **хап** [Маснавӣ, 270/2170].

Нони тунукӣ (чапотӣ) дар қисмати ҷанубӣ ва кӯҳистони ватанамон дар тӯю маъракa, идҳо пухта мешавад, аммо дар кишварҳои Афғонистон, Эрон, Ҳиндустону Туркия ва Қафқоз низ **нони тунукӣ** пухта мешавад, лекин аз ҷиҳати тамъ, шакл ва андоза фарқ мекунанд.

Гови қурбониву **нонҳои тунук**,
Бар сагону соилон резад сабук [Маснавӣ, 301/3345].

Гови қурбониву нонҳои тунук,

Бар сагону соилон резад сабук [Маснавӣ, 301/3345].

Дар мисраи дуюми байт вожаи ***қурбон кардан*** омадааст, ки он хеле серистеъмол аст ва ин амалро шахсони саховатпеша барои кумаку дастгирии мардумони камбизоат иҷро мекунанд. **ҚУРБОН** قربان ***д.*** он чи ки дар роҳи Худо садақа мекунанд (*монанди гӯсфанд, гов, шутур*) ва бо он ба Худованд қаробат меҷӯянд. **ҚУРБОНӢ** قرباني ***а***. маросим ва амали куштани чорпоён дар иди қурбон [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. 2008, 697].

Истифодаи вожаи **тӣ-тӣ** дар байни мардуми маҳаллии тоҷик бисёр маъмул буда, он маънои либоси нав ё умуман маънои либосро ифода карда, ҳангоми суҳбат ё муомила ба кӯдакон зикр карда мешавад. Лекин дар ин ҷо шоир ба таври кӯдакона сухан карданро истифода намудааст.

Баҳри тифли нав падар **тӣ-тӣ,** кунад,
Гарчи ақлаш ҳандаса(й) гетӣ кунад [Маснавӣ, 200/3325].

Дар байни мардуми форсизабон (дар забони зиндаи гуфтугӯии форсии дарӣ) ҳодисаҳои гуногуни савтӣ, аз қабили ҷойивазкунӣ, афзоиш, коҳишёбӣ, табдилёбӣ, монандшавӣ ва ғайра мушоҳида мешавад. Масалан:

Зоҳири нуқра гар **испед** асту нӯ,
Дасту ҷома месиях гардад аз ӯ [Маснавӣ, 27/450].

Пир пири ақл бошад, эй писар,
На **сапеди(й)** мӯй андар ришу сар [Маснавӣ, 396/2160].

Дар мисраи охир низ ба ҷойи калимаи **сафед** Мавлоно калимаи **сапед**-ро истеъмол намудааст, ки дар он табдили ҳамсадоҳои **ф** ба **п** ва афзоиши овози /й/ дар охири калима рух додаст ва чунин ҳолат пас аз садонокҳои /и, о, ӯ/ аз қабили худо/й/, боло/й/, ӯ/й/ хос буда, аз рӯйи монандӣ бо калимаҳои **рӯ**-**рӯй**, **по**-**пой** сохта шудаанд. Шоирон барои сохтани калимаҳои заруру баробарвазн аз ин тамоюл васеъ истифода мебурданд, ки чунин равия ҳоло ҳам дар лаҳҷаҳои баъзе аз манотиқи кишварамон мавриди истифодаанд. Ҳанӯз ҳам дар баъзе аз рустоҳои ноҳияи Панҷакент мардуми таҳҷоӣ ҳангоми омехта кардани шир бо каме ҷурғот барои тайёр кардани ҷурғот ба ҷойи калимаи **сафед**-маъмулан вожаи **испед**(**ӣ**)-ро истифода мебаранд.

Дар байти дигар Мавлоно вожаи **зок**-ро истифода бурдааст: **ЗОК//ЗОГ** ҷисми маъданиест намакмонанд, ки аз туршии гӯгирд ҳосил мешавад ва дар суратгирӣ, чармгарӣ, рангрезӣ ва тиб ба кор мебаранд, **даҳанифаранг** дар миёни мардум ба маънои **ранги сиёҳ** ҳам акнун мустаъмал аст [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. 2008, 526].

Нақши моҳиро чи дарёву чи хок,
Ранги ҳиндуро чи собуну чи **зок** [Маснавӣ, 396/2160].

Як вижагии забони «Маснавии маънавӣ» дар корбурди гӯйишҳои мардумӣ мебошад (нигаред ба саҳ. 41, 61, 153, 165, 187, 205, 245, 280, 308, 320, 344, 376, 401, 417, 418…), ки аксари онҳо айни ҳол дар шеваю лаҳҷаҳои тоҷикӣ мавриди истифодаанд. Ба назар чунин мерасад, ки баъзе аз ин гуна вожаву таркибҳо ҳанӯз чанд аср пеш аз замони Румӣ аз гӯйишҳои қисматҳои мухталифи Хуросону Мовароуннаҳр ба забони тоҷикӣ роҳ ёфта тадриҷан густариш пайдо кардаанд. Бояд таъкид кард, ки чунин вожаҳо аз лиҳози қаламрави корбурдашон дар гӯйишҳои муосири тоҷикӣ як хел нестанд: баъзеашон дар кулли гӯйишҳои тоҷикӣ мавриди истифодаанд, **тонистан**:

Худ на**метонист** овозе фарошт,
Ғамзаи танҳои зан суде надошт [Маснавӣ, 674/4570].

Чун ба қавли ӯст маслуби чуҳуд,
Пас мар ӯро амн кай **тонад** намуд? [Маснавӣ, 153/1405].

Рав, магас мегир, то **тон,** ҳало!
Сӯйи дӯғе зан магасҳоро сало [Маснавӣ, 187/2800].

(ин калима дар қисмати ҷанубии Тоҷикистон ҳоло низ мавриди истифода аст) калимаҳои **батар** (с.49), **ҳолӣ** (с. 158). Далели дигар истифодаи феъли «**ҳаст**» - «**ҳай**»-ро метавон зикр кард, ки дар «Маснавӣ» се бор (с. 262, 281, 603) дида шуд (ин калима дар қисмати шимолии Тоҷикистон ҳоло низ мавриди истифода аст):

Ҷумла гар мурданд эшон, гар **ҳайанд,**
Ғоибу пинҳон зи чашми дил кайанд? [Маснавӣ, 262/1820].

Дар ҳикояи «Инкор кардани Мӯсо алайҳиссалом бар муноҷоти шубон» вожаи **чорук** ду дафъа зикр гардидааст. **Чорук** – пойафзоли бепошнаи дастдӯхт аз чарми хоми гов *(аз пӯсти гов*), ки бандҳояшро ба соқи по мепечанд [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. 2008. 564]. Ин пойафзолро солҳои пеш қариб тамоми қишри ҷомеа мепӯшиданд, аммо бо тараққиёти ҷамъият ва пайдо шудани фабрикаҳои пойафзолдӯзӣ ниёз ба ин намуди пойафзол қариб аз байн рафт. Ҳоло чорукро аҳён-аҳён дар пойи баъзе аз мардони калонсол, ки ба даҳмардагию чӯпонӣ машғуланд, дида метавонем.

Ту куҷоӣ, то шавам ман чокарат,
Чорукат дӯзам, кунам шона сарат [Маснавӣ, 160/ 1725].

Чоруку потоба лоиқ мар турост,
Офтоберо чунинҳо кай равост? [Маснавӣ, 160/1730].

Мавлоно дар байти дигар масдари **ДОҒ** داغ сахт тафсонидашуда, гудохта; сӯзон, хеле гарм: **доғ кардан (доғсӯзӣ кардан)**-ро, ки дар тибби мардумӣ ва чин, бо истифодаи равғани доғ дар муолиҷаи ҷойҳои дардманд маъмул аст, истифода мекунад ва дар мисраи дуюми шеър фаҳмою равшан ба қалам додааст:

Тавба кун в-аз хӯрда истифроғ кун,
В-ар ҷароҳат куҳна шуд, рав, **доғ кун** [Маснавӣ, 167/2010].

Инчунин дар ҷойҳои дигар менигорад:

КУ 1 **كو** . ***пурсишҷонишин*** дар куҷо?. 2. ***ҳиссачаи таъкидӣ*** охир, чӣ.

Ӯ маро ғаммоз карду ростгӯ,
То бигӯям зишт **куву** хуб ку? [Маснавӣ, 184/2700].

КОРИДАН كاريدن *наг*. **коштан**. **КИШТАН كشتن** тухм пошидан, коридан.

Ҷумла донанд ин, агар ту награвӣ,
Ҳарчӣ **мекориш,** рӯзе бидравӣ [Маснавӣ, 338/4785].

КОФТАН 1 **كافتن** . *кит*. шикофтан. 2. кандан, ковидан. 3. ҷустуҷӯ кардан, кофтуков кардан;

Ки бибандедам қав, в-аз сози гов,
Бар сари пуштам бизан в-инро **маков** [Маснавӣ, 154/1440].

Ба маънои **якпаҳлу, яктарафа:**

То дупар бош,, ки мурғи **якпара,**
Оҷиз ояд аз паридан, эй сара [Маснавӣ, 2157/1555].

Вожаи **ПО(Й) (پا ي)** узви бадани инсон ва ҳайвон, ки воситаи рафтан аст ва бадан дар болои онҳо қарор гирифтааст.

Ин бигуфтанду қазо мегуфт: “Бест,
Пеши **потон** доми нопайдо басест [Маснавӣ, 236/830].

Вохаридаш он гаҳ аз гардан задан,
Хоки наъли **пош** бояст, шудан [Маснавӣ, 417/2995].

ТАБЛАК - асбоби мусиқие, ки дигар халқҳо таблаш меноманд: табли хурд, нақорачаи сафолии думдароз, ки ба зери бағал гирифта менавозанд.

Кӯдаке, к-ӯ ҳориси киште буд,,
Таблаке дар дафъи мурғон мезад,.
То рамид, мурғ з-он **таблак** зи кашт,
Кашт аз мурғони бад бехавф гашт [Маснавӣ, 320/4090].

Хулоса, тағйири шакли калимаҳо маъмулан бо роҳи коҳишу зиёд шудани фонемаҳо, ҳиҷоҳо ё морфемаҳои шаклсозу калимасоз сурат мегирад. Тағйири шакли калимаҳо дар назм бо мақсади пайвастагӣ ва ҳусни сухан барои риояи вазн ва қофия рух медиҳад. Дар натиҷаи тағйири шакли калима сохти гуногунро ба худ мегирад. Истифодаи зиёди чунин вожаҳоро дар эҷодиёти Мавлоно муҳаққиқон дар он меҳисобанд, ки ёру дӯстон ва

муридонаш муносибатҳои наздик, яъне рафтуомад бо мардумони шаҳрҳои Балху Самарқанду Бухоро доштанд.

Муқарриз: *Қурбонов С.*– номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллозода Р. Зарбулмасал ва мақолҳо дар асарҳои С. Айнӣ / Р. Абдуллозода. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 102 с.
2. Ахтарони адаб. Ҷилдҳои 1-13. – Душанбе: Адиб, 2007-2008.
3. Замонов З. Лексикаи лаҳҷаи Даштиҷум / З.ЗАмонов. – Душанбе, 2009. – 165 с.
4. Кабиров Х.Ш. Султони мулки сухан / Х.Ш.Кабиров. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – 150 с.
5. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ: бар
6. асоси матни Р. Николсон ва муқобила бо нусхаҳои дигар. – Теҳрон:
7. Нашри замон, 2001. – 728 с.
8. Муродов Ф. Вариантнокии зарбулмасал ва мақолҳои халқии тоҷикӣ / Ф.Муродов. – Душанбе: Фурӯғи дониш, 2001. – 112 с.
9. Муҳаммад Биҳишт. Фарҳанги сабо / Биҳишт Муҳаммад. – Теҳрон, 1365 ҳиҷрӣ. – 1199 с.
10. Masnavii Ma'navi by Mavlana Jalale -'d- din Muhammadi Rumi: translated and abridge by E.H. Whinfield, M.A. The Octagon Press LTD. – London, 1965. – 368 с.
11. Офтоби маърифат. Маснавии маънавӣ ва ҷойгаҳи он дар забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2007. - 230 с.
12. Қурбонов С. Лаҳҷа нумӯи дигари забон аст / С.Қурбонов. – Душанбе, 2010. – 175 с.
13. The Mathnawi of Rumi, Jalaluddin: translation and commentary by Reynold A. Nicholson Volume 2. – London, 1968.
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷик. Ҷилди I. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷик. Ҷилди II. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 945 с.
16. Хисомов К. Взаимосвязь таджикских устных и писменных пословиц / К.Хисомов. – Душанбе: Академия Наук Тадж. ССР. Институт языка и литературы им. А. Рудаки, 1978. –162 с.
17. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1980. – 204 с.
18. Юсуфова М. Қайдҳо оид ба истеъмоли зарбулмасалу мақолҳо дар «Дохунда»-и С. Айнӣ / М.Юсуфова // Армуғон II. (Масъалаҳои филологияи тоҷик). – Душанбе: Дониш, 1971. – 260 с.

ВИЖАГИҲОИ ЗАБОНИ МАРДУМӢ ДАР «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»-И ҶАЛОЛУДДИНИ РУМӢ

Яке аз вижагии забони "Маснавии маънавӣ", тавре ки пештар ишора шуд, ин аст, ки корбурди гӯйишӣ ба мушоҳида мерасад ва аксари онҳо дар шеваю лаҳҷаҳои тоҷикӣ мавриди истифодаанд. Баъзе аз ин гуна вожаву таркибҳои омиёна ҳанӯз чанд аср пеш аз замони Румӣ аз гӯйишҳои қисматҳои мухталифи Хуросону Мовароуннаҳр ба забони тоҷикӣ роҳ ёфта тадриҷан густариш пайдо кардаанд. Дар ҳақиқат, Ҷалолуддини Румӣ бе муболиға барҷастатарин симои адабии асри XIII буд. Ӯ бо мероси пуарзишу гаронбаҳои худ дар адабиёти форсу-тоҷик мақоми шоистаеро касб намааст. Румӣ дар осори худ аз хазинаи бойи забони халқамон калимаю ибораҳои фаровонеро истифода кардааст. Дар эҷодиёти ӯ унсурҳои лексикие дучор мешаванд, ки имрӯз ҳам аз содатарин ва мафҳумтарин калима ва таъбирҳои халқианд: **ҳардушон, ногуфтатон, мегуванд, нос** ва ғайраҳо. Ӯ забони адабии хаттӣ (китоби)-ро бо забони умумихалқӣ, бо забони гуфтугӯӣ наздик гардонд. Ҳар кас осори ӯро мутолиа кунаду ба мазмуну мундариҷаи он ошно гардад, ба ҷаҳони аҷоиби забони осори ӯ ворид мешавад, дар пеши назари ӯ шоире қомат меафрозад, ки дар асри худ дар инкишофи забони адабии мо нақши муҳимме дорад. Фолклори тоҷик, ки тадқиқоти бисёрсолаи илмии хеле пурғановат ва пурмуҳтаво будани онро собит намуд, аз даврaҳои қадим сар карда, дар ташаккул ва инкишофи маданияти халқи тоҷик, махсусан адабиёти он, мавқеи муҳим ишғол намудааст. Ҷанбаи услубии "Маснавии маънавӣ"-ро бештар тарзи баёни вожа ва ифодаҳои забони гуфтугӯӣ ташкил медиҳад.

Калидвожаҳо: лаҳҷа, васеъ, вожа, чанд аср пеш, Хуросон, Мовароуннаҳр, ҷанбаи услуб.

ОСОБЕННОСТИ НАРОДНОГО ЯЗЫКА В «МАСНАВИИ МАСНАВИ» ДЖАЛОЛУДДИНА РУМИ

Некоторые из народных выражений языка «Маснавии ма'нави» и по сей день широко употребительны в различных диалектах таджикского языка. Создается впечатление, что подобная лексика и языковые форм, употреблялись на территориях Хорасана и Мавераннахра еще за несколько веков до Джалолиддина Руми, что впоследствии привело к их поэтапному распространению во всем таджикском языке. Своим ценным наследием он занял достойное место в персидско - таджикской литературе. В своих произведениях Руми использовал множество слов и фраз из богатой сокровищницы нашего народа. В его творчестве встречаются лексические элементы, которые сейчас являются одними из самых простых и понятных слов и выражений народа, такие как **ҳардушон, ногуфтатон, мегуванд, нос** и другие. Он ввел письменный литературный (книжный) язык в разговорный, язык тесного разговора. «Маснавии ма'нави» Руми - это воплощение разговорного литературного языка XIII века таджикского народа. Опираясь на живой язык народа, он умело включал многие элементы в язык поэзии и обогатил язык классической поэзии за счет этого великого сокровища. Каждый, кто читает его произведения и знакомился с его содержанием, попадал в чудесный мир своего языка, перед его глазами встает поэт, сыгравший важную роль в развитии нашего литературного языка в свое столетие. Таджикский фольклор, который согласно

современным исследованиям, был достаточно хорошо знаком с жанром пословиц и поговорок. Начиная с древних времён, этот жанр играл заметную роль в формировании и развитии культуры таджикского народа, что нашло свое отражение в национальной литературе. Стилистический аспект «Маснавии ма'нави» Руми - это в основном способ передачи слов и выражений разговорного языка.

Ключевые слова: диалект, широко, лексика, несколько веков до, Хорасан, Мавераннахр, стилистический аспект.

THE SPECIFIC POPULAR EXPRESSIONS OF "MASNAVII MA'NAWI" BY JALOLIDDIN RUMI

Some of the popular expressions of "Masnavii Ma'nawi" are still widely used in various dialects of the Tajik language. It seems that similar vocabulary and language forms were used in the territories of Khorasan and Maverannahr a few centuries before Jaloliddin Rumi, which subsequently led to their phased distribution throughout the Tajik language. With his valuable heritage, he took a worthy place in the Persian-Tajik literature. In his works, Rumi used many words and phrases from the rich treasuryof our people. In his work, there are lexical elements that are now among the simplest and most understandable words and expressions of the people: kahgil, hardushon, noguftaton, meguvand, nos and so on. He introduced written literary language into the spoken language, the language of close conversation. "Mathnawi ma'navi" of Rumi, the embodiment of the spoken literary language of the XIIIth centuryof the Tajik people. Relying on the living language of the people, he skillfully incorporated many elements into the language of poetry and enriched the language of classical poetry at the expense of this great treasure. Everyone who reads his works and gets acquainted with its content find himself in the wonderful world of his language, before his eyes a poet appears who played an important role in the development of our literary language in his country. Tajik folklore, which, according to modern research, was quite familiar with the genre of proverbs and sayings. Since ancient times, this genre has played a significant role in the formation and development of the culture of the Tajik people, which is reflected in the national literature. The stylistic aspect of "Mathnawi ma'navi" of Rumi is more a way of expressing words and phrases of the spoken language.

Key words: dialect, widely, lexic, few centuries before, Khorasan, Maverannahr, stylistic aspect.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Игболов Олимшоҳ Шукурович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел: **(+992) 985-55-27-76**

Сведения об авторе: ***Игболов Олимшох Шукурович*** **–** Таджикский национальный университет, к.ф.н. дотсент общеуниверситетский кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел: **(+992) 985-55-27-76**

Information about the author: ***Igbolov Olimshoh Shukurovich*** **-** Tajik National University, c.ph.s., associate professor of English Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17 Tel: **(+992) 985-55-27-76**

УДК:42

ОИД БА МАСОИЛИ ТАШАККУЛИ КАТЕГОРИЯИ СИҒАИ ФЕЪЛ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Ҷӯраева Ҷ.А.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Категорияи сиғаи хабарӣ як масъалаи баҳсталаб дар грамматикаи забони англисӣ мебошад. То ба имрӯз дар ин падидаи грамматикӣ шарҳи ягона вуҷуд надорад ва маҷмӯи шаклҳои он муқаррар карда нашудааст. Муаллифон категорияҳои феълро ба таври гуногун баррасӣ мекунанд. Таърифи мукаммали васеи сиға дар маҷмӯъ, ки моҳияти ин категорияро инъикос мекунад, дар асарҳои В.В. Виноградов қайд карда шудаанд. «Категорияи феъл» – таъкид мекунад ӯ – «нуқтаи назари гӯяндаро оид ба хусусияти робитаи амал бо шахси амалкунанда ва ё ашё инъикос мекунад. Он баҳои воқеияти робитаи амал ва мавзӯи онро аз нуқтаи назари шахси гӯянда ё иродаи гӯянда барои амалӣ кардан ё инкор кардани ин робита ифода мекунад. Ҳамин тариқ, категорияи феъл ин категорияи грамматикӣ дар системаи феълӣ буда, модалнокии амалро, яъне муносибати амалро бо воқеият, ки гӯянда муқаррар кардааст, ифода мекунад» [4, с.581].

Дар асарҳои И.Б. Хлебников, чунин таърифро мушоҳида кардан мумкин аст: «Сиға – ин категорияи грамматикиест, ки модалнокии амал дар шакли феъл ифода меёбад. Сиғаи хабарӣ ба модалнокӣ бетарафона муносибат мекунад, ҳол он ки дигар сиғаҳо маънои модалнокиро дар шакли махсус ифода мекунанд. Сиғаҳои амрӣ ва шартӣ-хоҳишмандӣ аъзоҳои муқобили сиға буда, ба ҳам муқобил нестанд ва ҳар яке ба таври инфиродӣ ба

муқобили сиғаи амрӣ мебароянд, ки модалнокӣ дар он нишон дода нашудааст» [9, с.10-11]. Сиғаи амрӣ модалнокии воқеиятро ифода мекунад. Модалнокии водоркунанда, ки дар сиғаи амрӣ амалӣ карда мешавад, як навъи модалнокии зарурат мебошад. Сиғаи шартӣ метавонад хусусиятҳои васеи модалиро дошта бошад, ба монанди тахминӣ будан, имконияти амалӣ нашудан, хоҳиш ва ҳамчун аломати сохтори муайяни синтаксисӣ хизмат кардан (масалан, дар забони олмонӣ конъюнктив ба ифодаи нутқи нақлӣ пайваст карда мешавад).

Масъалаи миқдори сиғаҳо ва таркиби шаклҳои онҳо хеле мушкил ба назар мерасад. Мавҷудияти сиғаи хабарӣ аз ҷониби забоншиносон инкор карда нашудааст, аммо ду сиғаи дигар ба тарзи гуногун тафсир карда мешаванд. Категорияи сиғаро забоншиносони шӯравӣ А.И. Смирнитский, Л. Бархударов, И.Б. Хлебникова, Б.А. Илиш, М. Я. Блох тафсир кардаанд. Г. Свит (1900–1903) бошад, сиғае, ки хақиқатро ифода намекунад, алоҳида ҷудо карда, онро *Thought-Mood* номидааст ва вобаста ба шаклҳои синтетикӣ ва аналитикӣ ба зергурӯҳҳо тақсим кардааст. Зергурӯҳе, ки бо шакли аналитикӣ бо ёрии феълҳои ёридиҳандаи *should* ва *would* ифода ёфтааст, ӯ шартӣ (Conditional Mood) ва бо ёрии *may* ва *might* – Permissive Mood [10] номидааст.

Кӯшиши Г.Свит барои фаҳмидани ҳамбастагии мураккаби шаклҳо ва маъноҳои сиғаи шартӣ боиси возеҳӣ нашудааст, гарчанде ки назар ба баъзе назарияҳои минбаъда онро муваффақтар меҳисобанд. Дар саволи душвори тафсири шаклҳои претерит ва перфекти замони гузашта ва гузаштаи мутлақ (*if he came, if he had come*…), Г.Свит мавқеи мобайниро ишғол намуда, ин шаклҳоро *Tensemoods* номидааст. Тибқи гуфтаи И. Б. Хлебникова, ин, дар маҷмӯъ, барои нигоҳ доштани робита бо шаклҳои сиғаи хабарӣ лозим аст. Ҳамин тариқ, Г.Свит роҳи баҳодиҳии шаклҳоро танҳо аз рӯйи маънои онҳо нагирифтааст [9].

Смирнитский дар забони англисӣ инҳоро ҷудо кардааст [8, с.346-352]: сиғаи хабарӣ (*Indicative Mood*), амрӣ (*Imperative*), сиғаи шартӣ-хоҳишмандии 2 (*Subjunctive 2*), яъне шаклҳои намуди *were, came* – барои замони ҳозира ва шакли *had been, had come* – барои замони гузашта; шартӣ (*Conditional Mood*) – шакли таҳлилӣ, яъне мувофиқати масдар бо *should/would*; сиғаи шартӣ-хоҳишмандии 1 (Subjunctive 1) – шакли архаистии тобеъ, ки бо масдар мувофиқат мекунад (*it be; he come*); сиғаи тахминӣ – таркибҳои феълӣ бо инфинитив.

Сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ амалеро ифода мекунад, ки гӯянда воқеъ гардидани онро раво, имконпазир ва ё вобаста ба шарте медонад. Яке аз шаклҳои асосӣ ва аломати сиғавии феълҳои шартӣ-хоҳишмандӣ аорист буда, вобаста ба он ва сохти ҷузъи асосии феълҳои таркибӣ тобишҳои замонӣ ва маъноӣ ифода меёбанд. Дар феълҳои таркибии сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ феъли ёридиҳандаи **будан** ҳамеша ба шакли аорист меояд [11].

Сиғаи амрии феъл хоҳишу супориш, фармону таъкидро ифода мекунад ва он асосан ба шахси дуюм, яъне ҳам ба шахси дуюми танҳо ва ҳам ба шахси дуюми ҷамъ нигаронида мешавад. Аввал назаре ба сиғаи амрии забони модариамон меафканем. Сиғаи амрӣ дар забони тоҷикӣ аз асоси замони ҳозираи феъл сохта мешавад [11]. Масалан:

Дарро кушо.

Дарро кушоед.

Дарро кушоетон.

Ҷумлаи якум ба шахси дуюми танҳо равона шудааст. Ҷумлаи дуюм ҳам ба шахси дуюми танҳо равона шудааст, лекин дар ин ҷумла дараҷаи эҳтиром риоя шудааст. Ҷумлаи сеюм бошад, ба шахси дуюми ҷамъ равона шудааст.

Акнун ҳолати мазкурро дар забони англисӣ дида мебароем. Сиғаи амрии феъл дар забони англисӣ “*Imperative*” ном дорад. Сиғаи амрии феълҳои забони англисӣ аз шакли асосии феълҳо сохта мешавад. Се ҷумлаи тоҷикии дар боло зикршуда дар забони англисӣ як хел садо медиҳанд. Муқоиса мекунем:

1. Дарро кушо. *Open the door.*

2. Дарро кушоед. *Open the door.*

3. Дарро кушоетон. *Open the door.*

Шакли инкории сиғаи амрии феъл дар забони англисӣ ба воситаи феъли ёридиҳандаи “*to do*” ва ҳиссачаи инкории “*not*” сохта мешавад. Дар ин маврид пеш аз

феъли асосӣ ибораи "*do not*" дар шакли мухтасар "*don't*" гузошта мешавад, ки шахси дуюмро ба иҷро накардани амале водор месозад.

Do not open the door! ва ё *Don't open the door!* (Дарро накушо, дарро накушоед).

Аз рӯйи шакл феъл дар сиғаи амрӣ бо масдар ва бо замони ҳозира, ғайр аз шахси сеюми танҳо мувофиқат мекунад: *Stop talking! Be quiet!* Аммо тафовути назаррас байни масдар – ин аввалан, набудани ҳиссачаи *to* ва дувум, фарқи байни шакли инкории масдар (*I told you not to talk!*) аз шакли инкории сиғаи амрӣ (*Don't talk!*) мебошад.

Ниҳоят, эроди А.И. Смирнитский дар бораи набудани шакли саволӣ дар сиғаи амрӣ хеле назаррас мебошад. Масъалаи омонимияи грамматикӣ хеле масъалаи душвор буда, он бояд бо назардошти на танҳо шакл, балки амали он низ ҳал карда шавад

Дар ҳолатҳои сиғаи амрӣ, фарқияти амал танҳо бо далелҳои дар боло тавсифшуда маҳдуд намешавад.

Дар ҳоле ки сиғаи хабарӣ ҳамеша дар якҷоягӣ бо мубтадо, исм, ё ҷонишин ё ба тариқи дигар амал мекунад, сиғаи амрӣ метавонад бо мубтадо ва ҷонишин танҳо дар ҳолати эмфаза амал кунад: *You stay here! (*Шумо дар ин ҷо мемонед!) Ифодаи майлу хоҳиши амал, ки ба ҳамсуҳбати мустақим равона карда нашудааст, бо сохти феълии *let*: *let us begin; let her try again* баён карда мешавад. Феъли *let* дар ин ҳолатҳо дар шакли безада қарор дорад.

Дар мавриди сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ, А.И. Смирнитский қоидаҳоро чунин шарҳ медиҳад: - сиғаи шартӣ-хоҳишмандии 1 (*if he be, I suggest that he go*) ҷумлаҳоеро дар бар мегирад, ки ба воқеият мухолифат намекунанд;

- сиғаи шартӣ-хоҳишмандии 2, ки баръакс, изҳороти ба воқеият мухолифро дар назар дорад (*if it were, if he had known*);

- тахминӣ, ки дар якҷоягӣ бо *should* ва масдар ба вуҷуд омадааст, (*should – should you meet him*);

- сиғаи шартӣ – шаклҳои таҳлилӣ бо воситаи *should* ва *would*, ки дар қисми асосии ҷумлаи шартӣ амал мекунанд (*What would you answer if you were asked…*).

Ин таснифот, ки шаклро ба назар мегирад, дар асос семантикӣ мебошад. И.Б. Хлебникова, ки якчанд асари худро ба омӯзиши сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ бахшидааст, консепсияи А.И. Смирнитскийро чунин баҳо медиҳад: «Омили мусбати ин мафҳум он буд, ки дар ҳар як шакл каму беш хусусиятҳои проблемавии амалро возеҳ ифода карда, ба он номи махсус дода мешуд» [9, с. 12-13].

И.Б. Хлебникова фарқи байни сиғаи шартӣ-хоҳишмандиро (Conditional – *should go, would go*), ки ба субъюнктив шаклҳои синтетикӣ дохил мекунад (*be, were, if I knew*) ва намунаҳои сиғаи шартӣ-хоҳишмандиро (*however it might be, for fear it should start trouble*) ҷудо мекунад. Ин таснифот ба назарияе асос ёфтааст, ки шаклҳои сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ як зергурӯҳи аз ҷиҳати маъноӣ ягонаро ташкил медиҳанд. Хлебникова инчунин қайд мекунад, ки дар илми забоншиносӣ чор намунаи сиғаи таҳқиқнамудаи Смирнитский заминаи назариявии худро дар робита бо инкишофи мафҳумҳои фундаменталӣ, ба монанди инвариант, мухолифатҳо ва ғ. гум кардааст. Маълум шуд, ки маънои инвариантии грамматикии ҳар чаҳор сиғаро тавсиф кардан ғайриимкон аст, ба ғайр аз он, дутои он – тахминӣ ва шартӣ-хоҳишмандии 1 бо ҳам ҳаммаъно ҳастанд ва охирин, дар навбати худ, маҳдуд аст услубӣ. Сиғаи шартӣ-хоҳишмандии 2 бебаҳс монданд [9].

Л.С. Бархударов мавҷудияти сиғаи шартӣ-хоҳишмандиро дар он асос инкор мекунад, ки шаклҳои *should* ва *could* таҳлилӣ набуда, компоненти дуюми ин шаклҳо – масдар дар таркиби озод имконпазир аст. Шаклҳои *If I knew, if I had known* – ро Л.С. Бархударов шакли замони гузашта ва гузаштаи мутлақ дар иҳотаи синтаксиси махсус меҳисобад [1].

Б.А. Илиш ду сиғаро бо номҳои «субъюнктив» ва «кондитсионалис» ҷудо мекунад (ба ақидаи Смирнитский инҳо, албатта, шартӣ ва хоҳишмандӣ мебошанд). Дар намунаи ӯ нақши «*should* + *масдар*» барои ҳамаи шахсҳо мувофиқ аст, танҳо қайд карда шудааст, ки пас аз кадом феълҳо ин амсила истифода бурда мешавад. Б.А. Илиш қайд мекунад, ки тафсир ва тартиби шаклҳо, ки ба сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ дахл доранд, хеле мушкилии зиёд ба бор меоранд. Сабаби асосии ин мушкилӣ аз ду омили асосӣ иборат аст: ҳамон як

шаклҳо маъниҳои гуногун медиҳанд, ҳамон як маъно бо воситаи шаклҳои гуногун дода мешавад [7].

Оиди масъалаи интихоби байни айнияти шакл ва фарқи маъно, Б.А. Илиш ба он такя мекунад, ки ҳангоми айнияти шакл омонимҳоро набояд ҷудо кард. Инро метавон ҳамчун истифодаи вариантии шакл мухтасар ифода кард:

1. *He lived here five years ago*;

2. *If he lived here he would come at once*.

Шаклҳои *lived* ва *lived* омоним набуда, ҳолатҳои махсуси истифодаи претерит мебошанд ва чунин ҳолат ба замони гузаштаи мутлақ ҳам тааллуқ дорад

1. *I knew he had lived here*;

2. *If he had lived there. He would have come to see me.*

Аз нуқтаи назари мантиқ, шаклҳои *should, would,* ки эҳтимолиятро ифода мекунанд, Б.А. Илиш ҳамчун истифодаи махсуси ояндаи тобеъ (Future-in the Past) баррасӣ намудааст [7]. Баъдан ӯ категорияи сиғаро дар ду тарз – маъно ва тарзи ифодаи он таҳлил менамояд ва чор мафҳуми асосии он: хоҳиш, имконият, амали хаёлӣ ва натиҷаи амали хаёлиро нишон додааст. Агар аз нуқтаи назари услуби баён нигарем, шаш намуди сиға ҳосил мешавад (аз ҷумла императив):

1) императив;

2), 3) шаклҳои претерит ва шаклҳои замони гузаштаи мутлақ;

4) шакли ивазнашавандаи намуди *come*; *be* ва *were*, яъне усулҳои баёни синтетикии амали хаёлӣ: *If I were you, I should not talk too much in public about your plans (Snow)*;

5) should барои ҳамаи шахс: *There is no reason that I know why he should hunt me* (M. Stewart);

6) should ва would барои шахси якум ва ба таври мувофиқ бо дигар шахсҳо: *If we changed it drastically at a single stroke, it would alter the place overnight (Snow)*.

Баъдан Б.А. Илиш амсилаҳои (patterns) истифодабариро баррасӣ намуда, ягон классификатсияро пешниҳод нанамудааст. Дар грамматикаи даҳсолаҳои охир дар шакли асл ва тағйирдодашуда танҳо асарҳои А.И. Смирнитский ва Б.А. Илиш бартарӣ доранд. Аксарияти грамматистон сиғаи шартие, ки шакли «амали аз эҳтимол дур» («*unlikely condition*») ва шакли амали хаёлиро дар бар мегирад, ҷудо кардаанд. И.П. Иванова, В.В. Бурлакова, Г.Г. Почептсов шакли амали хаёлиро дар чунин намуди ҷумлаҳо мебинанд: *If Ross (his doctor) were here, he would tell us it was dangerous (B. Snow); If we had given him the most concealed of hints, he would have rushed to Nightingale… (Snow),* аммо таъкид мекунанд, ки агар шаклҳои вобастаи индикативро партоем, он гоҳ танҳо *should* ва *would* бо масдари мутобиқ мемонанд. И.П. Иванова, В.В. Бурлакова, Г.Г. Почептсов чунин меҳисобанд, ки *should* дар тамоми шахсу шумораи ҷумлаҳои пайрави шартӣ ба монанди *Should you meet her, tell her to phone me* истифода бурда мешавад. Ғайр аз ин, *should* дар ҳамон ҳолат истифода бурда мешавад, ки сухан дар бораи амали ҳақиқӣ меравад: *Chrystal wondered why he should act as chairman when Brown himself was there (Snow). Small wonder, if the dark years that followed, that the short stretch of Maximus' victorious peace should appear to men like a lost age as golden as any poets sing (Stewart)* [6, с. 72].

Баъдан И.П. Иванова қайд кардааст, ки шакли *were* якҷоя бо шаклҳои претерит ва замони гузаштаи мутлақ дар қисми тобеи ҷумлаҳои шартӣ ва бо ҳамроҳии *should* барои тамоми шахсу шумора ва баёни амали хаёлӣ амал мекунад. Шаклҳои *should* ва *would,* ки аз рӯйи шахсу шумора иваз мешаванд, дар қисми асосии ҷумлаҳои шартӣ амал мекунанд. Ғайр аз ин, *should* ва *would* ҳамчунин метавонанд дар ҷумлаҳои оддӣ барои изҳори амали хаёлӣ истифода бурда шаванд: *I should be sorry to interrupt (Snow). Perhaps no group would ever let itself be guarded by Roy Calvert (Snow)* [6, с. 73].

Дар дигар ҳолатҳои ҷумлаҳои тобеи амали хаёлӣ ҳам *should* ва *were* истифода бурда мешаванд:…*She said defiantly, as though she were thinking of her mother (Holt). If you should see them tell them to come here* [6, с. 74].

Чи тавре ки мебинем, тамоми шаклҳои сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ аз рӯйи оҳанг бо шакли сиғаи хабарӣ ва ё хабари таркибӣ, ки феъли модалии *should* доранд, рост меоянд. И.П. Иванова масъалаи тафриқаи омонимия ва вариантнокии грамматикии шаклҳоро бардоштааст: «Агар нуқтаи назаре, ки шакли *If he lived, If I knew*-ро ҳамчун омоними

претерит баррасӣ мекунад, мо маҷбур мешавем, ки шакли *start-po* дар ҷумлаи *I start tomorrow* шакли замони оянда эътироф кунем. Пас ин онро мефаҳмонад, ки мо аз принсипи расмӣ даст кашида, семантикаро ба сифати принсипи асосӣ эътироф менамоем, ки ин тамоман номақбул аст» [6, с. 74].

Аз тарафи дигар, И.П. Иванова баррасии *should* ва *would*-ро дар сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ҳамчун омонимҳои феълҳои модалӣ дар он асос дуруст меҳисобад, ки бар хилофи феълҳои модалии *should* ва *would* муносибати комилан мутобиқи амали хаёлиро баён мекунанд ва дар як вақт феълҳои модалӣ муносибати номувофиқро мерасонанд: *I should value it if you would keep me in touch (Snow). I consider that the college would be grossly imprudent not to use the next few months to resolve (Snow).* Аммо: *There are a few things no one should dare to decide for another man (Snow). I asked him to be patient, but he would not listen* [6].

И.П. Иванова *should* ва *would*-ро дар сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ҳамчун феъли ёридиҳанда, на ҳамчун феъли модалӣ тавзеҳ медиҳад, зеро ҳардуи ин феълҳо метавонанд дар сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ тафарруҷ карда шаванд, азбаски онҳо, ҳамчун тамоми феълҳои ёридиҳанда дар ҳолати безада қарор доранд, дар ҳоле ки феълҳои модалӣ, ки семантикаи луғавиро доро мебошанд, тафарруҷ намешаванд, масалан: *I'd have acted differently if I'd known you were on the way. (Holt)* ва *You should have done it years ago (Holt)* [6, с. 74].

И.Б. Хлебникова сиғаи шартӣ (Conditional – *should go, would go*), субъюнктив, ки шаклҳои синтетикиро дар бар мегирад (*be, were, if I knew*) ва вариантҳои сиғаи шартӣ-хоҳишманди (*however it might be, for fear it should start trouble*)-ро ҷудо кардааст.

Дар асарҳои дертари М.Я. Блох мавқеи сиғаи шартӣ дар забони англисӣ асосноккунии каме дигар дорад. Дар китоби «Грамматикаи назариявии забони англисӣ» М.Я. Блох бо назардошти тафсирҳои машҳури пешинаи сиғаҳо тафсири аслии ин категорияи феълро пешниҳод намуда, дар як вақт таъкид намудааст, ки ин масъалаи баҳсталаб ва то охир таҳқиқношуда буда, сиғаи феълӣ соҳаи хеле ҷолиб барои таҳқиқотҳои оянда мебошад [3].

М.Я. Блох ба он ишорат мекунад, ки категорияи сиға дар мухолифати мафҳуми сиғаи бавосита ва мафҳуми сиғаи бевосита сохта шудааст [3]. Баъдтар Блох spective mood – сиғаи нисбӣ (ё ин ки «сиғаи муносибати гӯянда ба амал») сиғаи шартӣ – conditional mood-ро ҷудо мекунад [3].

Сиғаи нисбӣ (spective mood)-ро Блох «mood of attitudes» ном бурдааст ва ба он ишорат намудааст, ки аз нуқтаи назари семантика ин сиға намудҳои гуногуни муносибати гӯяндаро нисбати амал, ки аз тарафи феъл баён карда мешавад (хоҳиш, гумон, пешниҳод, тавсия, водор намудан ба ягон намуди амал) ифода мекунад [3, с.182].

Шаклҳои *be, give* барои тамоми шахсу шумора (*Be it as you wish. Be what may. Happen what may. God forgive us. My orders are that the guards draw up*), ҳамчунин императивро М.Я. Блох бо истилоҳи *«pure spective mood»*, ё *Subjunctive 1* якҷоя менамояд. Ҳамин тавр, М.Я. Блох сохти императивиро ҳамчун сиғаи алоҳида ҷудо накарда, онро ба сиғае, ки мухолифи сиғаи бевосита аст, марбут кардааст: *Be off! I demand you to be off,* или *Do as I ask you! I insist that you do as I ask you* [2, с.183].

Дар асоси он, ки ифодаи вақт категорӣ аст, М.Я. Блох ба он диққат медиҳад, ки чӣ гуна замони феъл дар сохторҳои императивӣ ифода ёфтааст, аз ҷумла:

1) асоси масдари феъл, ки барои сохтани сиғаи нисбӣ гирифта шудааст, асоси замони ҳозираи феъл мебошад;

2) дар ин сохторҳо феъл шакли замони ҳозираро дорад ва маънои он замони гузашта: *It was recommended that the elections start on Monday.*

Ҳамин тариқ, дар ҳоле, ки категорияи вақт дар нишондиҳанда мутлақ аст, дар сиғаи нисбӣ (*spective*) он нисбатан истифода мешавад.

Дар муқоиса бо «spective»-и "тоза" М.И.Блох сохти функсионалии эквивалентиро, ки муносибати гӯяндаро ифода мекунанд, фарқ карда, онҳоро *modal spective mood forms*, ё *Subjunctive 3* номидааст: 1) *may, might + Infinitive* – барои баёни хоҳиш (*May it be as you wish! May success attend you. Let's pray that everything might still turn to the good, after all*); 2) *should + инфинитив* – барои тамоми шахсу шумора барои баёни пешниҳод ва гумон дар ҷумлаҳои пайрав (*Whatever they should say of the project, it must be considered seriously*); 3) *let*

+ *объект* + *инфинитив* – барои ифодаи майлу хоҳиш дар ҳар шахсу шумора (*Let's agree to end this wait-and-see policy* [3, с.184].

Тасдиқи табиати категорияи *modal spective*-ро М.Я. Блох тарзи ифодаи замони феъл мешуморад. Вақт дар чунин сохторҳо нисбатан бо ёрии категорияи шакл ифода мешавад: Imperfect замони ҳозираи нисбӣ ва Perfect гузаштаи нисбиро нишон медиҳад.

Баъзан Perfect дар сохторҳои императивӣ барои таъкид кардани вақти маҳдуди иҷрои амал ё нишон додани таъхирнопазирии иҷрои амал истифода мешавад: *Try and have done, it's not so difficult as it seems. Let's have finished with the whole affair!* [3, с. 186].

Сохторҳои modal spective ифодаи вақтро бо ёрии категорияи намуд нишон медиҳанд: *I wish her plans might succeed*
I wished her plans might succeed; *I wish her plans might have succeeded*. – *I wished her plans might have succeeded* [3, с. 186].

Subjunctive 1 ва Subjunctive 4 дар робита бо якдигар имконоти функсионалӣ буда, ҳамдигарро дар сатҳҳои коннотативӣ ва сохторӣ пурра мекунанд. Масалан, набудани шаклҳои мутлақ дар сиғаи нисбӣ бо мавҷуд будани онҳо дар сиғаи модалии нисбӣ ҷуброн карда мешаванд: *Be it so or otherwise, I see no purpose in our argument* (дар як вақт рӯй додан дар замони ҳозира). – *Should it have been otherwise, there might have been some purpose in our argument (*пеш аз замони ҳозира иҷро шудан) [3, с. 187].

Муқарриз: *Исмоилзода Э.* – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Бархударов Л.С. Очерки по морфологии современного английского языка: Учеб. пособие / Л.С. Бархударов. – М.: Высш. шк., 1975.
2. Блох М.Я. Теоретические основы грамматики / М.Я. Блох. – М.: Высш. шк., 2004.
3. Блох М.Я. Теоретическая грамматика английского языка / М.Я. Блох. – М.: Высш. шк., 2000.
4. Виноградов В.В. Русский язык. Грамматическое учение о слове / В.В. Виноградов. – М.; Л.: Рус. яз., 1947.
5. Гуревич В.В. Теоретическая грамматика английского языка: Учеб. Пособие / В.В. Гуревич. – М.: МПГУ, 2001.
6. Иванова И.П. Теоретическая грамматика современного английского языка / И.П. Иванова, В.В. Бурлакова, Г.Г. Почепцов. – М.: Высш. шк., 1981.
7. Ильиш Б.А. Строй современного английского языка / Б.А. Ильиш. – Л.: Просвещение, 1974.
8. Смирницкий А.И. Морфология английского языка / А.И. Смирницкий. – М.: Высш. шк., 1957.
9. Хлебникова И.Б. Сослагательное наклонение в английском языке. Теория и практика: Учеб. пособие / И.Б. Хлебникова. – М.: Красный октябрь, 1994.
10. Sweet H. A New English Grammar. Logical and Historical / H.Sweet. – Oxford, 1900–1903.
11. Грамматика современного таджикского литературного языка. Часть 1: (Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1): Фонетика и морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 205 с.
12. Маджидов Х. Лексико-семантические особенности глагольных фразеологических единиц современного таджикского литературного языка: автореф. дис… канд. филол. наук / Х. Маджидов. – Душанбе, 1968. – 27 с.
13. Маджидов Х. О особенностях предикативных фразеологических единиц таджикского языка / Х. Маджидов // Всесоюзная научная конференция (проблемы иранской филологии), посвященной 60-летию Великой Октябрьской революции (материалы конференции). –Баку, 1979. –С. 30-31.
14. Маджидов Х. К вопросу об определении содержания фразеологической семантики в таджикском языке / Х. Маджидов // Вестник Таджикского гос. ун-та, 1990. – №1. – С. 48-58.
15. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х. Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 406 с.

ОИД БА МАСОИЛИ ТАШАККУЛИ КАТЕГОРИЯИ СИҒАИ ФЕЪЛ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф баъзе масоили ташаккули категорияи сиғаи феълро дар забони англисӣ баррасӣ намудааст. Тамоюлҳои асосии ташкили категорияи сиғаи феъл дар забони англисӣ, инчунин нуқтаи назари чунин забоншиносон, ба монанди А.И. Смирнитский, Л. Бархударов, И.Б. Хлебникова, Б.А. Илиш, И П. Иванова, М. Я.Блох оид ба сиғаи феъл баррасӣ шудаанд. Категорияи сиғаи хабарӣ як масъалаи баҳсталаб дар грамматикаи забони англисӣ мебошад. То ба имрӯз оид ба ин падидаи грамматикӣ шарҳи ягона вуҷуд надорад ва маҷмӯи шаклҳои он муқаррар карда нашудааст. Муаллифон категорияҳои феълро ба таври гуногун баррасӣ мекунанд. Муаллиф таъкид намудааст, ки феъл чи дар забони тоҷикию англисӣ ва чи дар забонҳои дигари дунё яке аз ҳиссаҳои асосии нутқ ба шумор меравад. Муҳимтарин ва мушкилтарин ҳиссаи нутқ низ дар забон феъл аст. То ин дам асосан аз исм, сифат, ҷонишин, пешоянд, зарф ва дигар ҳиссаҳои нутқ хеле сухан гуфтаанд. Сиғаҳои феъл хоҳишу супориш, фармону таъкидро ифода мекунанд ва онҳо асосан ба шахси дуюм, яъне ҳам ба шахси дуюми танҳо ва ҳам ба шахси дуюми ҷамъ нигаронида мешаванд. Дар мақола асосан сухан дар бораи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ меравад. Сиғаи шартӣ-

хоҳишмандӣ амалеро ифода мекунад, ки гӯянда воқеъ гардидани онро раво, имконпазир ва ё вобаста ба шарте медонад. Яке аз шаклҳои асосӣ ва аломати сиғавии феълҳои шартӣ-хоҳишмандӣ аорист буда, вобаста ба он ва сохти ҷузъи асосии феълҳои таркибӣ тобишҳои замонӣ ва маъноӣ ифода меёбанд.

Калидвожаҳо: сиғаи феъл, сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ, забони англисӣ, забони тоҷикӣ, падидаи грамматикӣ, ҳиссаҳои нутқ, феълҳои таркибӣ, тобеъ, пайваст, шахсу шумора.

О ФОРМИРОВАНИИ КАТЕГОРИИ НАКЛОНЕНИЯ ГЛАГОЛОВ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье автор рассматривает некоторые вопросы формирования категории глаголов в английском языке. Также были рассмотрены основные тенденции формирования категории глагольных наклонений в английском языке, а также взгляды таких лингвистов, как А. Смирницкий, Л. Бархударов, И.Б. Хлебникова, Б.А. Ильиш, И.П. Иванова, М.Я. Блох по наклонениям и категориям глаголов. Категория наклонений является очень спорным вопросом в грамматике английского языка. На сегодняшний день нет единого объяснения этому грамматическому явлению и не установлен набор его форм. Авторы по-разному рассматривают категории глаголов. Автор подчеркивает, что глагол является одной из основных частей речи, как в таджикском и английском, так и в других языках мира. Самая важная и сложная часть речи – это также глагол в предложениях. До сих пор много было сказано о существительных, прилагательных, местоимениях, предлогах и других частях речи, а проблема формирования наречий до сих пор остаётся полностью нерешенной. Наречия глагола выражают желание, поручение, подтверждение и напоминание, и они в основном обращены ко второму лицу, то есть только ко второму лицу единственного, и ко второму лицу множественного числа. Статья в основном рассматривает условное наклонение. Условное наклонение – это действие, которое говорящий считает допустимым, возможным или условным. Одной из основных форм и условных наклонений глаголов является аорист, и в зависимости от него и строения основного компонента составных глаголов выражаются временные и семантические значения.

Ключевые слова: наклонение, условное наклонение, английский язык, таджикский язык, грамматический феномен, части речи, составные глаголы, сослагательное наклонение, союз, числа и лица.

ON THE FORMATION OF THE VERB MOOD CATEGORY IN ENGLISH

In this article, the author considers some issues of forming the category of verbs in the English language. The main trends in the formation of the category of verbal moods in the English language were also considered, as well as the views of such linguists as A. Smirnitsky, L. Barkhudarov, I. B. Khlebnikov, B. A. Ilish, I. P. Ivanov, M. Ya. Bloch about moods and categories of verbs. The category of moods is a very controversial issue in English grammar. To date, there is no single explanation for this grammatical phenomenon and no set of its forms has been established. The authors treat the categories of verbs differently. The author emphasizes that the verb is one of the main parts of speech, both in Tajik and English, and in other languages of the world. The most important and complex part of speech is also the verb in sentences. So far, much has been said about nouns, adjectives, pronouns, prepositions, and other parts of speech, and the problem of forming adverbs is still completely unsolved. The adverbs of the verb Express desire, Commission, confirmation, and reminder, and they are mostly addressed to the second person, that is, only to the second person singular, and to the second person plural. The article mainly deals with the conditional mood. A conditional mood is an action that the speaker considers acceptable, possible, or conditional. One of the main forms and conditional moods of verbs is the aorist, and depending on it and the structure of the main component of compound verbs, temporary and semantic meanings are expressed.

Key words: mood, conditional mood, English language, Tajik language, grammatical phenomenon, parts of speech, compound verbs, subjunctive mood, conjunction, numbers and persons.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷӯраева Ҷамила Абдурашидовна*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, муаллими калони кафедраи филологияи англис. Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6. Тел.: **(+992) 988-94-06-96**

Сведения об авторе: ***Джураева Джамила Абдурашидовна*** **–** Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, старший преподаватель кафедры английской филологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Тел.: **(+992) 988-94-06-96**

Information about the author: ***Juraeva Jamila Abdurashidova*** – Tajik State Institute of languages named after S. Ulugzade, senior lecturer of the Department English Philology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhammadiev Str., 17/6. Tel.: **(+992) 988-94-06-96**

УДК:491.550.681

СЛЕНГИ КОМПЮТЕРӢ ВА РОҲҲОИ ИХТИСОРШАВИИ ОНҲО ДАР РАВАНДИ МУОШИРАТИ ИНТЕРНЕТӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Ғафуров З.С.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар ду даҳсолаи охир, тараққиёти босуръати соҳаҳои компютерӣ ва технологияи информатсионӣ сабаби пайдо гаштани миқдори зиёди неологизмҳо гардид. Қисми зиёди онҳо танҳо истилоҳҳои касбӣ буданд, вале баъдтар миёни истифодабарандагони компютерҳо паҳн гардида забонзада ва маъмул гаштанд. Истилоҳҳои касбӣ, ҳангоми ба забонҳои сленги компютерӣ мубаддал гаштанашон, соддатару кӯтоҳтар буданд, ки аз аввал ин усул, роҳи алоқа бо шахсони “лозима” (масалан, барномасозон, мутахассисони соҳавӣ, ҳаводорону шавқмандон) ба ҳисоб мерафт. Баробари зиёд гаштани миқдори шахсони бо компютер сарукордошта, забонҳои сленгӣ низ забонзада мегарданд [3, с.318].

Забонҳои сленги интернетӣ аз он истилоҳоте иборат ҳастанд, ки аз ҷониби истифодабарандагони Интернет пайдо шудаанд. Қисми зиёди он истилоҳот бо мақсади сабти тугмаҳои пахшкардашуда пайдо шудаанд.

Забонҳои сленги компютерӣ аз манбаъҳои зиёд – аз муҳити махсус, ки бо мақсади кӯтоҳсозии нутқ пайдо шудаанд, сарчашма гирифтаанд. Сленгҳои хосси компютер аввалан дар забони англисӣ пайдо шуда, пасон ба забонҳои дигар густариш ёфтанд ва аз ин хотир онҳо бештар маврид дар шаклҳои ба худ хос ба забонҳои дигар ворид гардида, камтар тағйири шакл кардаанд. Баъзе аз истилоҳот ба мисли FUBAR, аз калимаҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон реша гирифтаанд. Дигар истилоҳот бошанд дертар аз шаклҳои пештараи алоқа ба мисли TTY ва IRC пайдо шудаанд. Акронимҳои суҳбатҳо аз аввал тавассути системаи тахтаи эълонии пеш аз Интернет, мукамммал гаштаанд. Акронимҳои аз се ҳарф иборатбуда, дар соҳаҳои истилоҳоти ҳисобкунӣ, телекоммуникатсионӣ ва забони сленг, яке аз намудҳои сериствъмоли ихтисораҳо ба шумор мераванд [4, с.87]. дар марҳилаҳои аввал аз ҷониби истифодабарандагони паёмҳои матнии радио, системаҳои аналогӣ, ба истифода бароварда шудаанд.

Бо вусъатёбии хизматрасониҳои мубодилаи паёмӣ (*ICQ, AOL* ва *MSN* миёни дигар хизматрасониҳо) фонди луғавӣ низ якбора вусъат ёфт. Ғайр аз ин, дар барномаҳои паёмӣ боз як доираи дигари шабакавӣ: ҷаҳони бозиҳои интернетӣ, вуҷуд дорад. Яке аз шаклҳои машҳури бозиҳои видеоии забони сленгӣ бо номи *H4X0R* ва ё *13375P34K* (дар *leetspeak*) оммавӣ гаштааст.

Leetspeak ва ё шакли кӯтоҳи leet, намуди махсуси забони сленги компютерӣ мебошад, ки истифодабаранда барои сохти фонетикӣ намудани калимаҳо ҳарфҳои муқаррариро бо рамзҳои забонакдор иваз мекунад. Ин роҳ тавассути тобдиҳии иероглифҳо, ки эквиваленти рақамии *Pig Latin*-ро барқарор месозад, сурат мегирад. Равшан мегардад, ки қисми зиёди мутахассисон, хакерҳо ва барномасозони компютерии ҳақиқӣ, чунин мешуморанд, ки leetspeak рамзи маъюсӣ ва ё сохтакорист. Мутахассисон (гурӯҳҳо), хакерҳо ва барномасозони компютерӣ leetspeak- ро қариб, ки ҳамеша истеҳзоомезона истифода мебаранд. Онҳо истифодаи leetspeak- ро дар аз ҳад зиёд кӯтоҳсозӣ ва навишту грамматикаи нодуруст мебинанд ва одатан онро ҳамчун сенарияҳои кӯдакӣ ва ё навкорони компютерӣ меҳисобанд [7, с.106].

Истифодабарандагон баъзан ихтисораҳои интернетиро бевосита месозанд ва аз ин аст, ки миқдори зиёди онҳо печида, нофаҳмо, аҷиб ва ҳатто ба андозае бемаъно ба назар мерасанд. Чунин роҳи ихтисораи бевосита ба чунин ҳолат оварда мерасонад: ***OTP (on the phone/ дар телефон)*** ва ё роҳи камистеъмолтарини он ***OPTD (outside petting the dog/аз ҳудуди навозиши саг)***. Ин гуна ихтисораҳо дар забони муосири тоҷик дар солҳои охир барои доираи маҳдуди мутахассисон дар ҳамон шакҳои ихтисораи забони англисӣ мавриди истифода қарор гирифта истодааст. Дар ин росто яке аз хусусиятҳои дигари умумии алоқаи интернетӣ, ин кӯтоҳсозӣ ва морфинги калимаҳоеро дар бар мегирад, ки ҷиҳати ҳуруфчинӣ ба истифодабарандагон қулай бошад [8, с.26]. Ба ин сохтор намунаҳои мазкур мисол шуда метавонанд:

- *Addy – “Address” (шакли ҷамъаш: “addys”)*
- *Convo – “Conversation”*
- *Pic – “Picture” (барои шакли ҷамъ - “pic”, “pix” ё “piccies”)*
- *Proggy – “Computer program”*
- *Prolly – “Probably”.*
- *Sig – “Signature” (инчунин “siggy”)* [11].

Ихтисораи “teh” ба ин усули трансформатсия намунаи муносибе ба шумор меравад. Ин ихтисора ба артикли “the” монандӣ дошта ҳангоми ҳуруфчинии босуръат тадриҷан зуд-зуд ба ҷойи якдигар омаданашон мумкин аст. Бояд зикр намоем, ки сленгҳо яке аз воситаҳои осонсозии истифодаи забон чи дар навишт ва чи дар сабти иттилооти зарурӣ дониста мешавад. Ҳамчунин “Фарҳанги Оксфорди забони англисӣ” ҳанӯз аз солҳои 1962 аз ин усул кор мегирифт. Ин ихтисора то он дараҷа серистеъмол гардидааст, ки то ба сатҳи истифодабарии мақсаднок омада расидааст. Ҳамчун қоида, чунин ҳолат дар он лаҳзаҳое дида мешавад, ки нависанда аз ҷиҳати грамматика каму беш навкори интернетиро хиҷолатомезона бо ҷидду ҷаҳд тақлид мекунад: “Саҳнаи ҷанг бо ҳамаи Агентҳои Смиз ***олӣ*** буд”. Ин ихтисора бисёртар дар калимаҳои ***олӣ*** ё ***“олиҷаноб”*** дида мешавад. Бо ҳамин тарз, шабакаҳои интернетӣ калимаи ба мисли ***“like”*** ё ***“leik***”- ро ҳамчун навишти нодурусти истеҳзоомези калимаи “like” ба монанди ***“I LIEK PIE”***, истифода мебаранд. Чунин усул одатан натиҷаи таҳқири зеҳнӣ ва қобилияти ҳуруфчинии шахс мегардад. Ихтисораҳои интернетӣ доимо такмил ёфта иваз мегарданд. Бозиҳои интернетӣ барои мушоҳидаи тағйироти забонҳои барномасозӣ, маконҳои хуберо фароҳам месозанд. Ибораҳои умумии инкорӣ (ки баъзан “мулоҳизаҳои тавзеҳӣ” ном бурда мешаванд) низ ба гурӯҳи акронимҳо дохил мешаванд. Ҳамчун қоида онҳо дар лаҳзаҳои муайян, ки кушодани рамзҳоро саҳлтар мегардонанд, истифода мегарданд. Ин қисмати пурраи номгӯи он ихтисораҳост вале баъзе аз ин раддияҳо дар худ намунаҳои зеринро дар бар мегиранд:

- *TRDMF: tear rolling down my face (ашк аз чашмонам мерезанд).*
- *IMHO: in my humble/honest opinion (ба ақидаи дурусти ман).*
- *AFAIK: as far as I know (то он ҷое, ки ман медонам).*
- *IIRC: if I recall correctly (агар дурӯг нагӯям).*
- *OTOH: on the other hand (аз тарафи дигар).*
- *IANAL: I am not a lawyer (ман милиса не).*
- *YMMV: your mileage may very (ҳадафатон комилан дуруст аст) [13].*

Калимаи навкор барои ифодаи ҳама гуна истифодабарандагони форуми Интернетӣ ва ё нафаре, ки дар ҷодаи муайяне нав ба фаъолият пардохтааст, ниҳоят зиёд истифода мегардад. Албатта, он ба мисли истилоҳҳои таҳқирӣ амал намекунад, вале ҳангоми бо ихтисораи ***RTFM*** ва ғ. пайваст гаштанаш метавонад чунин амал намояд. ***“noob”*** назар ба ***“newbie”,*** зиёдтар нишонаи таҳқирӣ дорад [9, с.189].

Баъзе аз истифодабарандагони касбии Интернет истифодаи забонҳои сленги интернетиро он қадар қобили қабул намешуморанд ва дар мавридҳои ҷудогона ба ситеза таъкид менамоянд, ки ин тарзи баёни фикр ва усули мухобирот сабаби ихтисоршавии дурушти маъноҳои зарурӣ гардидааст. Гарчанде ки забонҳои сленги Интернет бо мухобироту муошират самарабахш аз қабили ***leetspeak*** робитаи зич доранд, танҳо бозингарони интернетӣ расман аз ***leet*** истифода мебаранд, дар ҳоле ки қисми зиёди гурӯҳҳои истифодабарандагони Интернет одатан аз забонҳои сленги Интернет истифода мебаранд.

Аломатҳои **<** ва **>** ё ***** ***** одатан қиёфа, амал ва ё дигар ҳиссиёти истифодабарандагонро, ки тавассути баъзеи дигар методҳои интернетӣ мушкил ба назар мерасад, дар бар мегиранд. Масалан: ***<smile>, *smile*, <jumping up and down>, *jumping up and down*, <very very sad right now> ё *very very sad right now**** ҳама намунаҳои қобили қабул ба шумор мераванд. Баъзан дар ҳарду тарафи чунин ибораҳо дутоӣ аломати баён мушоҳида мегардад ***(::excited::) [12]***.

Аломатҳои ***[ ]*** ва ***[/]*** ё ин ки ***/*** ҳамеша бо калима дар дохил ***[]*** ё баъд аз ***/*** истифода мегарданд, ки ҳиссиёти муаллифро ҳангоми навишти ин ё он ҷумлаю параграф зоҳир менамоянд. Масалан: ***[sarcasm] I just love how wonderfully the new nerf to our characters has gone. [/sarcasm], the developers have gone mad! /anger.*** Аз ин бармеояд, ки чунин ҳолат аз рамзи дар системаҳои тахтаи эълонӣ зиёд истифодашуда, ба амал меояд. Баъзе аз элементҳои серистеъмоли ин забонҳои сленг намунаҳои зеринро дар бар мегиранд:

- *Lol – laughing out loud (баланд хандидан).*
- *Bbl – be back later (дертар баргард).*
- *Brb – be right back (зуд баргард).*
- *Rofl – rolling on the floor laughing (аз ханда суст шудан).*
- *Ttyl – talk to you later (баъдтар ҳарф мезанем).*
- *Gg – good game, good going (бозии хуб).*
- *Omg – oh my god! (оҳ Худои ман!).*
- *Btw – by the way (ногуфта намонад).*
- *Afk – away from keyboard (аз тугмача/забонак дур).*
- *kthx – OK, thanks (Хуб, ташаккур) [14].*

Бо ҳамин тартиб маҳз ҳамин номгӯй қисми ками луғатномаи умумии забони сленги интернетиро ташкил медиҳад. Истилоҳҳои ***leet*** метавонанд бо садҳо роҳҳои ивазу бадалсозӣ ва мувофиқат ифода ёбанд, вале пас аз мушоҳида гардидани он, ки қариб ҳамаи аломатҳо ҳамчун овоз ва рамз тартиб дода шудаанд, тарҷумаи ***leetspeak*** осону қулай мегардад. Ғайр аз ин, азбаски ***leet*** диалекти расмӣ ва минтақавӣ ҳисобида намешавад, ҳама гуна калима метавонад бо роҳҳои гуногун маънидод карда шавад. Намунаҳои навбатӣ ба истилоҳҳои ***leet-*** муқаддимаи кӯтоҳ (бе ҳеҷ вақҳ, қатъӣ) дода, тавассути мисолҳо сурат мегирад.

- Рақамҳо одатан ҳамчун ҳарф истифода мегарданд. Истилоҳи ***“leet”*** метавонад бо навишти рақамии ***“1337”*** сурат гирад, ки дар ин ҷо ***“1”*** ба ҷойи ҳарфи ***L***, рақами ***“3”*** ба ҷойи ҳарфи ***E*** ва рақами ***“7”*** бошад, нишондиҳандаи ҳарфи ***T*** аст. Баъзеи дигарашон бошанд бо ҷойивазкунии рақами ***“8”*** бо ҳарфи ***B***, рақами ***“9”*** ҳамчун ҳарфи ***G***, рақами ***“0”*** ба ҷойи ҳарфи ***O*** ва амсоли инҳо сурат мегиранд.

Рамзҳои дигар аз ҷумлаи рақамҳо ва дигар аломатҳои ғайриҳуруфӣ ва ғайриалифбоӣ метавонанд дар ҷойивазкунии ҳарфҳое, ки ба онҳо монанд ҳастанд, истифода гарданд. Масалан, ***“5”*** ва ё ҳатто ***“$”*** метавонанд ба ҷойи ҳарфи ***“S”*** оянд. Бо истифодаи чунин услуб навишти калимаи “***leetspeak***” метавонад бо чунин тарз сурат гирад: ***“133t5p33k***” ё ҳатто бо чунин тарз ***“!337$p34k***”, ки дар ин ҷо рақами ***“4”*** ба ҷойи ҳарфи ***“A”*** истифода шудааст.

- Ҳарфҳо метавонанд ба ҷойи он ҳарфҳое оянд, ки талаффузи якхела доранд. Истифодаи ҳарфи ***“Z”*** ба ҷойи ҳарфи ***“S”*** ва ***“X***” барои он калимаҳое, ки бо ҳарфҳои ***C*** ё ***K*** анҷом меёбанд, умумӣ ба шумор меравад. Масалан, навишти калимаи “***skills”*** бо чунин тарз сурат мегирад: ***“5x1llz”.***
- Қоидаҳои грамматикӣ кам риоя мегарданд ва баъзе нафарон ба ғайр аз садонокҳо ҳамаи ҳарфҳоро калон менависанд ***(LiKe ThiS)*** ва бар хилофи ин услуб ва грамматикаи мақаррарии англисиро рад намуда, ҳатто дар калимаҳои талаффузнамудаашон афтиши садонокҳо мушоҳида мегардад (ба мисли табдилдиҳии калимаи ***very*** ба ***“vry”***).
- Ғалатҳо одатан ислоҳношуда мемонанд. Ҳуруфи умумии нодурусти имлоӣ ба мисли “teh” ба ҷойи “the” ислоҳношуда мемонанд ва ё баъзан барои иваз намудани талаффузи дуруст қобили қабул дониста мешаванд.
- Рамзҳои ғайриматнӣ, метавонанд барои сохтани ҳарфҳо хизмат намоянд. Масалан, бо истифодаи слэшҳо ба мисли “/\/\” метавон ҳарфи М- ро сохт, ва ду мили бо нимтире пайвастшуда ба мисли “|-|” одатан барои ифодаи ҳарфи Н истифода мегардад. Ҳамин тавр, навишти калимаи hum бо чунин тарз сурат мегирад: “|-|4/\/\.”
- Суффикси ***“0rz”*** ба калима одатан барои заданок кардан ё барои шакли ҷамъ кардани онҳо илова мегардад. Масалан, ***“h4xx0rz”, “sk1iiz0rz”, “pwnz0rz,”*** шакли ҷамъ ё задаи (ё ҳарду) калимаҳои ***hacks, skills*** ва ***owns*** мебошанд [7, с.108].

Мебояд дар хотир нигоҳ дошт, ки иттиҳоди ***leetspeak*** шаклҳои нави ихтисораҳоро пайдо намуда ба эҷодиёти шахсӣ, ки натиҷаи пайдоиши забони динамикию хаттӣ гашта, таносубияту мантазамиро бартараф месозад, мукофот медиҳад. Ғайр аз ин, якчанд истилоҳҳои стандартӣ низ вуҷуд доранд. Дар поён гурӯҳи калимаҳои калидие оварда шудаанд, ки аз лаҳзаи ихтирои ***leetspeak*** умуман тағйир наёфтаанд (гарчанде ки тағйирот дида мешавад):

- ***“warez” ё “w4r3z”:*** барномаи таъминоти нусхабардории ғайриқонунии барои сабтнамоӣ қулай.
- ***“h4x”:*** Ҳамчун ***“hacks,”*** хонда мешавад ё он амали зарарнокеро, ки хакерҳои компютерӣ иҷро мекунанд.
- ***“pr0n”:*** Таҳрифи истилоҳи ***“porn,”*** эҳтимол ба истифодаи порнография ишора шудааст.
- ***“sploitz”*** (шакли кӯтоҳкардашудаи ***exploits*** – қаҳрамонӣ). Нозукии барномаи таъминоти компютерии аз ҷониби хакерҳо истифодашуда.
- ***“pwn”*** варианти чопии own, истилоҳи сленгие мебошад, ки одатан барои ифодаи афзалият бар муқобили нафароне истифода мешаванд, ки вобаста ба ҳолату вазъият онҳоро зараркорона метавонанд истифода баранд. Он бо чунин роҳҳо низ навишта мешавад: ***“0WN3d”*** ё ***“pwn3d,”.*** Дуздони қулфшикан ё гриферҳои ***(griefer)*** бозиҳои видеоии интернетӣ аз ин истилоҳ зиёд истифода мебаранд.
- ***“m4d sk1llz” ё “mad skills”:*** Ба истеъдоди шахсӣ тааллуқ дорад. Худи ***“m4d”*** одатан барои заданокӣ истифода мегардад.
- ***“n00b,” “noob,” “newbie,” ё “newb”:*** Мувофиқати синонимҳо бо навкорон. Баъзе аз ***leetspeaker-ҳо “n00b”***-ро ҳамчун таҳқир ва ***“newbie”***-ро истилоҳи навозишӣ барои навкорон, истифода мебаранд.
- ***“ph”:*** одатан ба ҷойи ***“f,”*** ҳамчун ***“phear”*** ба ҷойи ***“fear”*** (ҳамчун ***“ph34r my l33t skillz”)*** ва ё баръакс, дар талаффузи ***“phonetic”*** ҳамчун ***“f0||371*** меояд. (“Бозиҳои забони сленгӣ қисми асосии ҷаҳони бозии интернетӣ ба шумор мераванд. Одамон дар ҷаҳони ***MMORPG (Massively Multiplayer Online Role-Playing Games)*** ва дар ***LAN*** – шабнишиниҳо (ки гурӯҳи одамон дар як ҳуҷра ҷамъ омада ба бозиҳои интернетӣ машғул мешаванд) бо шеваи аҷибе суҳбат мекунанд, ки дарки он истилоҳот ба бозингарони нав мушкилиро ба бор меорад [11].

Дар ҳақиқат, забони сленгӣ дар бозиҳои компютерӣ ниҳоят зарурӣ ба шумор меравад, чунки ҳаёт дар бозиҳо бо тамоми таҷрибаҳои нодир, ҳазлу шӯхиҳо ва жаргонҳои техникӣ, ки барои ифодаи ҳамаи ин истилоҳоти номбурда забонҳои нави барномасозиро талаб мекунад, тартиб ёфтааст. Ин забони кӯтоҳшудаест, ки кӯтоҳсозӣ, ихтисорсозӣ ва иқтисодиёти лингвистиро таъкид месозад. Ғайр аз ин, миқдори зиёди бозингарон услуби нутқии бозиҳоеро, ки дар онҳо шомиланд, қабул намуда, шаҳрвандони аслии ҷаҳони воқеӣ мегарданд. Бешубҳа, технология ба роҳҳои алоқа пешравиҳои назаррасро ба миён овардааст. Қисми зиёди мардум тарафдори онанд, ки ин як пешравии мусбатест. Лекин вақтҳои охир ҷиҳати расонидани таъсири манфии методҳои муосири алоқа ба забони англисӣ, мушаввашӣ ба вуҷуд омада истодааст. Суръати истифодаи почтаҳои электронӣ ва паёмакнависиҳо назар ба истифодаи грамматика афзуда истодааст. Мутахассисони соҳаҳои илм аз он огоҳ месозанд, ки чунин тағйирот метавонад ба дурустии имлоии матни паёмакҳо, аз нигоҳи самарнокӣ ва дурустии раванди мухобирот ва махсусан риояи меъёрҳои забон таъсири эҳтимолии худро ба таври манфӣ расонад. Онҳо ҳамчун истилоҳоти гурӯҳҳои махсус ба вуҷуд омада, ҳам маҳсули эҷодӣ ва ҳам воҳидҳои қолабӣ ҳисобида мешаванд. Воҳидҳои қолабӣ дар истифода ё таҷдиди гуногуни қолабҳои маъмули воқеӣ ва дар баъзе ифодаҳои тахминии сохти калимаҳо дида шаванд, воҳидҳои маҳсули эфодӣ бошад, сленгҳои ихтисоргардидаро дар шакл ва маънои нав нишон медиҳанд. Ихтисораҳо, акронимҳо, инитсиалҳо (сарҳарфҳои исмҳои хос), аломатҳо ва рамзҳо – навъҳои гуногуни таркибии неологизмҳои компютерӣ дар замони муосир ба шумор мераванд.

Муқарриз: *Исмоилзода Э.* – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Виноградов В.В. Лексикология и лексикография / В.В. Виноградов // Избранные труды. - М., 1977. – 310 с.
2. Володарская В.В. Языковая изменчивость: лингвистические и экстралингвистические аспекты. Инновационные процессы в современном английском языке / В.В. Володарская // Вопросы филологии, 2004. - №2 (17). - С.35-51.
3. Дорожкина В.П. Английский язык для математиков / В.П. Дорожкина. - М.: Изд-во МГУ, 2006. – 411 с.
4. Журнал «Весь компьютерный мир». – 1996. - № 2.
5. Журнал «Мир ПК». - № 7 за 1997 год.
6. Лихолитов П.В. Компьютерный жаргон / П.В. Лихолитов // Русская речь. - М., 1997. - №3. – С. 43-51.
7. Пеллих И.В. Молодёжный сленг как социальная разновидность речи / И.В. Пеллих // Вестник АГУ. Сер.: Филология и искусствоведение. Вып.1. - Майкоп, 2008. - С.106-108
8. Рустамова А.А. Современный молодёжный сленг и особенности его функционирования (на материале речи студентов Республики Адыгея): автореф. дис. на соис. канд. фил. наук / А.А. Рустамова. - Майкоп: Изд-во АГУ, 2006. - 26 с.
9. Смирнов Ф.О. Искусство общения в Интернете. Краткое руководство. Научно-популярное издание / Ф.О. Смирнов. - М., 2006. - 89 с.
10. UnderLight // Навигатор игрового мира – март 2009.
11. http://en.wikipedia. org/wiki/Internet -
12. http://en.wikipedia. org/wiki/Leet -
13. http://www.microsoft.com/athome/security/children/kidtalk.mspx
14. http://www.expage.com/cs4u
15. Idioms and phrases - The Free Dictionary [манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: www.idioms.thefreedictionary.com
16. Lingvo Live. Online dictionary from ABBYY. Translate from English [манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: www.lingvolive.com

СЛЕНГИ КОМПЮТЕРӢ ВА РОҲҲОИ ИХТИСОРШАВИИ ОНҲО ДАР РАВАНДИ МУОШИРАТИ ИНТЕРНЕТӢ

Мақолаи мазкур ба масъалаи дар ду даҳсолаи охир вусъатёбии миқдори зиёди неологизмҳо дар шабакаҳои интернетӣ, ки бо пешрафти шиддатноки технологияи компютерӣ ва информатсионӣ алоқаманд аст, бахшида шудааст. Диққати махсус дар таҳлили навъҳои гуногуни таркибии калимаҳои мураккабе, ки ҳангоми ихтисоршавӣ ба вуҷуд омадаанд, зоҳир мегардад. Инчунин, мақолаи мазкур доираи падидаи забони сленги компютериро фаро гирифтааст. Муайян гаштааст, ки калимаҳои забони сленгӣ калимаҳои сохташудаи ба фарҳанги луғоти забоне мутааллиқ, ҳисобида намешаванд. Дар мақола инчунин қайд мешавад, ки бозиҳои забони сленгӣ ниҳоят зарурӣ ба шумор мераванд, чунки ҳаёт дар бозиҳо бо тамоми тачрибаҳои нодир, ҳазлу шӯхиҳо ва жаргонҳои техникӣ, ки барои ифодаи ҳамаи ин истилоҳоти номбурда забонҳои нави барномасозиро талаб мекунад, тартиб ёфтаанд. Онҳо ҳамчун истилоҳоти гурӯҳҳои махсус ба вуҷуд омада, ҳам эҷодӣ ва ҳам қолабӣ ҳисобида мешаванд. Қолабҳо фаъолияти худро дар истифода ё тақдиди гуногуни воқеӣ ва тахминии сохти калимаҳо ва эҷодиёт бошад, дар шакл ва маънои нав нишон медиҳанд. Ихтисораҳо, акронимҳо, инитсиалҳо (сарҳарфҳои исмҳои хос), аломатҳо ва рамзҳо – навъҳои гуногуни таркибии неологизмҳои компютерӣ ба шумор мераванд.

Калидвожаҳо: сленг, истилоҳ, компютер, интернет, англисӣ, тоҷикӣ, жаргон, неологизм, ихтисоршавӣ, акронимҳо.

КОМПЬЮТЕРНЫЕ СЛЕНГИ И СПОСОБЫ ИХ СОКРАЩЕНИЯ В ПРОЦЕССЕ ИНТЕРНЕТ-КОММУНИКАЦИИ

Данная статья посвящена проблеме развития большого количества неологизмов в Интернете за последние два десятилетия, что связано с бурным развитием компьютерных и информационных технологий. Особое внимание уделяется анализу различных типов сложных слов, образующихся при сокращениях. В этой статье также рассматривается феномен специального компьютерного языка. Было обнаружено, что слова определенного языка не считаются принадлежащими к лексической культуре языка. В статье также отмечается, что специальные языковые игры необходимы, потому что жизнь в играх разработана с учетом всех уникальных характеристик, юмора и технического жаргона, которые требуют новых языков программирования для выражения всех этих терминов. Они возникли как термины для определенных групп и считаются одновременно творческими и стереотипными. Шаблоны демонстрируют свою активность в использовании или воспроизведении различных реальных и воображаемых конструкций слов и творчества в новой форме и значении. Аббревиатуры, акронимы, инициалы (заглавные буквы имен собственных), знаки и символы - это разные виды сложных неологизмов.

Ключевые слова: специальный, термин, компьютер, интернет, английский, таджикский, сленг, неологизм, аббревиатуры, акронимы.

COMPUTER SLANGS AND METHODS OF THEIR BLENDING IN THE PROCESS OF INTERNET COMMUNICATION

This article is devoted to the problem of the development of a large number of neologisms on the Internet over the past two decades, which is associated with the rapid development of computer and information technologies. Particular

attention is paid to the analysis of various types of complex words formed during contractions. This article also discusses the phenomenon of a special computer language. It was found that words of a particular language are not considered to belong to the lexical culture of the language. The article also notes that special language games are necessary because life in games is designed with all the unique experiences, humor and technical jargon that require new programming languages to express all these terms. They originated as terms for specific groups and are considered both creative and stereotypical. Patterns demonstrate their activity in using or reproducing various real and imaginary word constructs and creativity in new form and meaning. Abbreviations, acronyms, initials (capital letters of proper names), signs and symbols are different types of complex neologisms.

Key words: special, term, computer, Internet, English, Tajik, slang, neologism, abbreviations, acronyms.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Гафуров Зоир Саъдуллоевич*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, муаллими калони кафедраи филологияи англис. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиева, 17/6.
E-mail: **gafurovzoir112233@gmail.com.** Тел.: **(+992) 988-88-51-59**

Сведения об авторе: ***Гафуров Зоир Саъдуллоевич*** – Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, старший преподаватель кафедры английской филологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **gafurovzoir112233@gmail.com.** Тел.: **(+992) 988-88-51-59**

Information about the author*:* *Gafurov Zoir Sadulloevich* – Tajik State Institute of Languages named after S.Ulugzoda, senior lecturer of the Department of English Philology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. E-mail: **gafurovzoir112233@gmail.com.** Tel.: **(+992) 988-88-51-59**

УДК: 491.550+891.550

КОРБАСТ ВА ЧАНДОМАДИ АНТРОПОНИМҲОИ ЗАНОНА ДАР «ТАЪРИХИ СИСТОН»

Шаҳбози Рустамшо
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Осори хаттии давраи қадим ва таҳқиқу омӯзиши он барои илми забоншиносӣ аҳаммияти бағоят калон дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши паҳлуҳои гуногуни онҳо метавонад ҷиҳати ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ мусоидат намояд. Дар байни қисматҳои гуногуни ономастика, махсусан, истифодаи антропонимҳо хеле серистеъмол мебошанд. «Таърихи Систон» яке аз маъхазҳои дорои маводи пурқимати антропонимии асри XI ба шумор меравад. Дар баробари антропонимияи мардонаи асар номҳои занона низ ба назар мерасанд. Таърихи баромади номҳо гуногун буда, мансуби забонҳои арабӣ, юнонӣ, тоҷикӣ - эронӣ ва туркӣ - муғулӣ мебошанд. Дар асар 71 номи занона ба қайд гирифта шуд, ки 5% аз шумораи умумии номҳоро ташкил медиҳанд.

Истифодаи номҳои занона дар фасли «Пеши ибтидои кори ислом омадани мавлуди Мустафо (а) бозгӯем, ки ҳеҷ фахре Систонро бештар аз он нест» фаровон истифода шудааст. Дар ин бахш қисми зиёди номҳои занонаи асарро занони аҳли уламо, паёмбарон, шахсони наздики подшоҳон ва қисми ками онҳоро қаҳрамонҳои дигари таърихӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо дар дигар сарчашмаҳои таърихӣ низ истифода гардидаанд. Сохтори антропонимҳои занонаи асар сода, сохта, мураккаб ва ибора - антропонимҳо мебошанд.

Зимни баррасӣ ва таҳқиқи мавзӯъ дар «Таърихи Систон» маълум гардид, ки қисми зиёди номҳои занонаи асар тавассути сарчашмаҳои таърихии динӣ ва ривоятӣ истифода шудаанд. Муаллифони асар кӯшиданд, ки зимни истифодаи номҳои занонаи асар эҳтиёткорона ва батафсил анъанаҳои номгузории куҳанро риоя намоянд.

Бояд зикр намуд, ки чандомади номҳои занонаи «Таърихи Систон» нисбат ба антропонимҳои мардона кам аст. Қисме аз антропонимияи занонаи асар ва шакли номгузории онҳо то имрӯз боқӣ мондаанд ва истифода мешаванд. Ба монанди: *Асмо [Asmā] [с.90], Муҳайё [Muhayyā] [289], Ҳалима [Halima] [с.60], Ҳамида [Hamida] [с.54], Ҳоҷар [Hāĵar] [с.44], Ҳурайва [Hurayva] [с.48], Ошша [Āiša] [с.69], Омина [Āmina] [с.55], Райҳона [Rayhāna] [с.49], Сайидабону [Sayidabānu] [с.245], Сафия [Safiya] [с.54], Сумая [Sumaya] [с.83], Фотима [Fātima] [с.54], Хадиҷа [Xadiĵa] [с.51], Хотун [Xātun] [с.284]* ва ғайра.

Дар истифодаи номҳои занонаи асар ҷинсияти грамматикии забон бо роҳҳои гуногун ифода ёфтааст. Дар ҳар як забон номҳои занона аз вожаҳои апплеятивии хоссе пайдо мешаванд, ки аз номҳои мардона умумият ва фарқият доранд. Таҳлилҳо нишон дод, ки номҳои занонаи асар қисман номгузории даврони бостонро нишон дода, дар шаклҳои гуногун оварда шудаанд. Ҳамзамон, истифодаи номҳои занонаи «Таърихи Систон, ба монанди: *Ҳамида [Hamida], Фотима [Fātima], Сафия [Safiya], Хадиҷа [Xadiĵa], Оиша [Āiša], Омина [Āmina], Райҳона [Rayhāna], Сайидабону [Sayidabānu], Ҳалима [Hamida], Муҳайё [Muhayyā]* ва ғайра корбаст гардидаанд, ки ба қатори номҳои миллӣ - тоҷикии занона дохил мешаванд.

Бояд махсус зикр намуд, ки мувофиқи «Фарҳанги номҳои миллии тоҷикӣ», ҷилдӣ 1 (номҳои духтарона) аз шумораи умумии 71 номи духтаронаи «Таърихи Систон» 9 номи тоҷикӣ (номҳои арабиеро, ки дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ҳазм шудаанд, ҳамчун номҳои аслан тоҷикӣ медонанд - Ш.Р.) ворид шудаанд, ки тоҷикон *Муҳайё [с.95], Оиша [с.110], Омина [с.111], Райҳона [с.121], Сайидабону [с.130], Сафия [с.134], Соро [с.137], Фотима [с.153], Хадиҷа [с.155]* истифода шудааст, ки 12,6%-ро ташкил менамояд. Истифодаи номҳои миллии тоҷикӣ дар асри XI нисбат ба дигар сарчашмаҳои таърихии асрҳои миёна серистеъмол аст.

Бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ ва илмӣ маълум мегардад, ки дар забонҳои форсии бостон ва авастоӣ асосҳои сохташавии номҳои занона ба воситаи анҷомаи ***«-ā»,*** ки ба ҷинсияти занона мутааллиқ аст, васеъ истифода шудааст. Сохташавии номҳо ба анҷомаи ***«-а», «-ак»,*** ки номҳои занона месозанд, дар китобҳои “Авасто” ва «Шоҳнома» ба назар мерасанд ва дар ҳамин шакл сохтани номҳо низ дар «Таърихи Систон» истифода гардидааст.

Дар «Таърихи Систон» чунин қолаби антропонимҳои сохтаи занона мушоҳида гардид, ки ба воситаи анҷомаи ***«-ā»*** сохта шудаанд: *Гозира [Ǧāzira], Райҳона [Rayhāna], Саъда [Sa`da], Казма [Kazma], Каҳана [Kahana], Қуръа [Qur`a], Ҳола [Hāla], Ҳурайва [Hurayva], Омина [Āmina]* ва ғайра.

Анҷомаи «*-ак».* Бо анҷомаи «***-ак»*** сохтани номҳои занона дар номшиносӣ каммаҳсул мебошад. Дар забонҳои авастоӣ ва порсии миёна анҷомаи «**-ак//ak»** дар ҳолатҳое ҳамчун ифодагари ҷинсияти занона корбаст мегардид, ба монанди: *Аренавак [*Are*navak] ва Сангҳавак [Sanghavak]* (номи хоҳарони шоҳ Ҷамшед), *Фарзонак [*Farzā*nak], Равшанак [Ravšanak], Савсанак [Savsanak]* ва ғайра. Дар «Таърихи Систон» дар чунин қолаб сохтани номҳои занона танҳо як ном- *Равшанак [Ravšanak]* истифода шудаасту халос.

Мавриди зикр аст, ки илова намудани пасвандҳои номсози занона дар илми номшиносӣ хеле зиёд буда, қисме аз онҳо ба асоси ном ҳамроҳ шуда номҳои зебою дилнишин месозанд. Ба монанди: *-моҳ [māh], -гул [gul], -бика [bika], -намо [namā], -ноз [nāz], -бону [bānu], -ҷаҳон [ĵahān], -пари [pari], -ваш [vaš], -бахт [baxt], -меҳр [mehr]* ва ғайра. Дар «Таърихи Систон» танҳо як ном *Сайидабону [Sayidabānu]* бо анҷомаи *«-бону»* сохта шудааст, ки он идомаи ҳамон суннати номгузории гузаштагонамон ба шумор меравад ва дар арабӣ маънояш «бону, зани олинасаб» мебошад.

Бояд қайд намуд, ки яке аз воситаҳои дигари сохташавии антропонимҳои занонаи «Таърихи Систон» пасвандҳои номсози ғайримиллӣ аст. Бо пасвандҳои номсози занона: *-нисо [nisā], -нур [nur], -султон [sultān], -давлат [davlat], -бегим [begim], -хотун [xātun], -хоним [xānim]* ва ғайра номҳои занона сохта мешаванд, ки ин қолаби номсозӣ тӯли ҳазорсолаҳо дар забону фарҳанги мо истифода мешавад. Дар баъзе ҳолатҳо танҳо пасвандҳои мазкур ном месозанд, ба монанди: *Бону [Bānu], Нисо [Nisā], Бегим [Begim], Хоним [Xānim], Хотун [Xātun]* ва ғайра. Чунин қолаби номсозӣ дар асар мавҷуд нест ва танҳо дар шакли Хотун як маротиба антропонимияи занона *«Ва Амир Бонаср ба Хуросон шуд ва Хотунро ба занӣ кард ва якчанд бибуд, з-он ҷо бозгашт»* истифода шудааасту халос [4, с.284].

Асосан, номҳои занонаи туркии *Хотун* ва *Хоним* ба ҳокимони турк мутааллиқ аст. Хотун дар туркӣ ба маънои «бону, зани ҳоким» ва хоним занҳои ҳокимони турк буда, одатан, барои таъзим ва навозиш хоним, яъне «хонам, фармонфармоям»-ро истифода менамуданд. Ғайр аз ин, номи мазкур ҷузъи номҳои занона низ мебошад [2, с.146].

Зимни таҳқиқ маълум гашт, ки шумораи умумии антропонимҳои «Таърихи Систон» ба 1438 мерасад, ки аз рӯйи ҷинсият 1367 номи мардона ва 71 номи занонаро ташкил медиҳад.

Диаграммаи 1



Антропонимҳои сода: *Аднон [Adnān], Анӯш [Anōš], Аргуво [Arğuvā], Асмо [Asmā], Аҷарра [Aǰǰara], Ахнух [Ахпих], Ашруъ [Ašru`], Байзо [Bayzā], Баруҳо [Baruhā], Қинон [Qinān], Ламак [Lamak], Лувай [Luvay], Матушалх [Matušaxl], Маҳлоил [Mahlāil], Мийшохо [Miyšāxā], Муҳайё [Muhayyā], Музар [Muzar], Набат [Nabat], Назор [Nazār], Назр [Nazr], Ноҷуро [Nāǰurā], Сора [Sāra], Ҳавво [Havvā], Ҳамайсаъ [Hamaysa`], Ҳинд [Hind], Ҳоҷар [Hāǰar], Оиша [Āiša], Обир [Ābir], Озар [Āzar], Салмо [Salmā], Саммар [Sammar], Торах [Tārax], Удад [Udad], Фаҳр [Fahr], Фолих [Fālix], Хотун [Xātun], Шоних [Šānih].*

Антропонимҳои сохта: *Амаррия [Amarriy], Бирра [Birra], Гозира [Ğāzira], Казма [Kazma], Кинона [Kināna] Каҳана [Kahana], Қуръа [Qur`a], Маҳвоила [Mahvāila], Марғона [Marğāna], Мурра [Murra], Мухха [Михха], Ҳалима [Halima], Ҳамида [Hamida], Ҳола [Hāla], Ҳурайва [Hurayva], Омина [Āmina], Равшанак [Ravšanak], Райҳона [Rayhāna], Сафия [Safiya], Саъда [Sa`da], Сумайя [Sumaya], Фотима [Fātima].*

Антропонимҳои мураккаб. *Сайидабону [Sayidabānu].*

Ибора-антропонимҳо. *Омина бинти Абдулмуталлиб [Āmina binti Abdulmutallib], Отика бинти Абдулмуталлиб [Ātika binti Abdulmutallib], Оиша бинти Муҳаммад ибни Абилҳусайн ибни Алӣ ибни ал-Лайс [Āiša binti Muhammad ibni Abilhusayn ibni Ali ibni al-Lays], Оиша бинти Абиюсуф ибни Муҳаммад ибни Амр ибни ал-Лайс [Āiša binti Abiysuf ibni Muhammad ibni Amr ibni al-Lays], Хадиҷа бинти Хувайлид [Hatiǰa binti Huvaylid], Ҳалима бинти Абизувайб ас-саъдия [Halima binti Abizuvayb as-sa`diy], Ҳола бинт-ал-Ҳарс [Hāla bint-al-Hars], Фотима бинти Амр [Fātima binti Amr], Қайла бинти Амру ибни Оҷир [Qayla binti Amru ibni Āǰir], Суъдо бинти Ғиёс [Su`dā binti Ğiys], Қайнӯш бинти Баркоил ибни Маҳвоил [Qaynōš binti Barkāil ibni Mahvāil].*

Аз ҷиҳати сохтори калимасозии антропонимияи занонаи асар маълум гардид, ки антропонимҳои сода 37 адад, антрпонимияи сохта 22 адад, антропонимияи мураккаб 1 адад ва 11 адад ибора-антропонимҳо истифода шудаанд:

Диаграммаи 2



Саидабону [Saidabānu]. Дар арабӣ маънояш «бону, зани олинасаб» мешавад. Шаклҳои мураккаби он *Саиданисо, Саидахоним, Саидабону, Саидгул, Саидмоҳ* мебошад [2, с.117]. *Сайида//Сайидат* бону, хотун [13, с.195]. Бону وناب 1. соҳибхоназан, соҳибихтиёри хона. 2. хонум, бегим: дар хона ҳафт бону, хокаш то ба зону (зарб.) [12, с.229]. Ин ном дар асар як маротиба дар шакли Сайидабону истифода шудааст. *«Охир Сайидабону, модари амир Бӯҷаъфар гуфт: На туро шуғле бояд?»* [4, с.245].

Ин ном дар шакли танҳо *Саида [Saida]* истифода мешавад ва дар луғатномаҳо ба маънои хушбахт, некбахт, некахтар, босаодат, саодатманд, хуштолеъ; хуб, нек, муборак омадааст:

Ба даври ҳумоюну соли саид,
Ба таърихи фаррух миёни ду ид. Саъдӣ Шерозӣ [9, с.129].

Саидабону аз ҷузъи Саида+бону (1. барои эҳтиром гуфта мешавад; 2. малика; 3. ҳамчун пасванд барои сохтани номи нав хизмат мекунад); бонуи хуштолеъ ва саодатманд [9, с.130].

Антропоними *Саида//Саидабону* аз решаи калимаи Саид гирифта шудааст. Дар луғатномаҳо Саид//Сайид а. 1. он ки аз хонаводаи пайғамбар бошад, он ки шаҷарааш ба Муҳаммад (с) мерасад. 2. бузург, сардор, пешво [9, с.195]. Ғайр аз ин, антропоними Саида//Сайида бо илова намудани анҷомаи ***-моҳ*** номи занонаи Саидмоҳ, ки аз решаи **саид+моҳ** (қамар, мач. зебо, хушрӯй, зебочеҳра, духтар); духтари некбахт ва хуштолеъ таркиб ёфтааст, сохтааст.

Равшанак//Рухшона//Рахшона[Ravšanak//Ruhšāna//Rahšāna]. Дар авестоӣ *Raokhshna,* форсии қадим *Raochanak* (шакли юнониаш *Rokhana*), форсии миёна *Rawshanak//Rukhshonak//Rukhshona*, форсии нав *Rukhshona//Rakhshona//Rawshan* (аз raochna-равшан ва пасванди мансуби ***-ак***) -дурахшон, рахшон, дорои нур; номи духтари Доро, зани Искандар дар «Шоҳнома»; дар маъхазҳои таърихӣ духтари ашрофи Суғд-Уксорт, зани Искандар [1, с.7-9]. Дар асар дар шакли зайл оварда шудааст: *«Искандари Румӣ, чун Доро ибни Дороб кушта шуд ва Равшанак – духтари ӯро ба занӣ кард ва қасди Ҳинд кард, Систон рафт ва ба он қалъа шуд, ки Кайхусрав бино карда буд бар шимоли қалъаи Систон ва қалъаи дигар аст бар ҷануб, ки пас аз он Ардашери Бобакон бино карда»* [4, с.23].

Равшанак дар таърихи дунёи қадим номи як шоҳзодадухтари бохтарӣ, ки хеле машҳур гашта буд, оварда шудааст. Юнониёни қадим ин номро ба шакли Роксани сабт карда, эрониёни бостонӣ Рухшона мегуфтаанд. Дар китобҳои русӣ бошад ин номро Роксана мехонанд. Номи Роксани дар китобҳои таърихии форсу тоҷикӣ Равшанак талаффуз карда мешавад. Тавре ки мебинем, дар байни Роксани ва Равшанак тафовути зиёд аст. Аммо ҳам Роксани ва Равшанак аз як ном сар задаанд, ки он дар қадим шакли Раохшнаро дошт. Азбаски дар забони қадимии юнонӣ садои ***«хш»*** вуҷуд надошт, онро ба ҳамсадои ***«к»*** иваз карда буданд. Калимаи ***раохшна*** рафта-рафта дар забони тоҷикӣ ба равшан мубаддал гаштааст, чунки ҷойи садои қадимаи «**хш**»-ро дар аксарияти калимаҳо садои «***ш***» гирифтааст. Аммо осори садои ***хш*** ҳанӯз ҳам боқӣ мондааст. Калимаҳои ***рахш, рахшон, дурахшон*** аз як решаи луғавӣ бо раохшнаи қадимӣ сар задаанд.

Маънои номи Равшан, Равшанак «тобон, дурахшон» мебошад. Равшан дар замони мо бештар ҳамчун номи мардона истеъмол мешавад [2, с.110-111]. Дар луғати «Фарҳанги мухтасари Шоҳнома» номвожаи Рухшона чунин шарҳ дода шудааст: «Рӯшана//Равшанак номи духтари Доро, зани Искандари Македонӣ» [11, с.315].

Сора [Sāra]. Антропоними Сора дар асар 3 маротиба зикр шудааст. Чуноне ки аз сарчашмаҳо маълум аст, Сора номи зани ҳазрати Иброҳим (а) аст ва дар «Таърихи Систон» низ ҳамчун зани паёмбар Иброҳим, ки бисёр зебо ва бефарзанд буд, омадааст. Сора мехост, ки он нури паёмбар, яъне таваллуд шудани ҳазрати Исмоил аз ӯ биояд. Чун Исмоил аз Ҳоҷар ба дунё омад, Сора ғамнок шуд ва бигрист. Чунончи, *«…ман нури ӯ ба ту пайваста кунам ва аз ту ба Исмоил (а) ва караму хайру бузургвориро фармудам, то бо ӯ ҳамроҳ бошанд. Иброҳим Сораро хабар кард бад-он чи Эзад-таъоло ӯро намуд ва Сора тамаъ андар нури пайёмбар (с) кард ва ҳамеша онро мутаваққеъ буд, то Ҳоҷар биёфт. Чун Исмоил биёмад ва нур биёвард, Сора ғамнок гашт ва бигирист аз ғайрат ва гуфт: Ё Иброҳим, чӣ буд, ки аз ҳама занон ман бефарзанд мондам. Иброҳим (а) гуфт: Ғам мадор, ки Эзад-таъоло ваъдаи хеш тамом кунад. Ҳамчунон ғамгин буд, то Исҳоқро (а) биёвард ва бузург шуд»* [4, с.44].

Дар луғатномаҳо Сора ё Сорой ба маънои «духтари амми Иброҳим ва ба ривояте духтари вазири Намруд аст, ки бисёр хушманиш ва некурӯй буд. Сора чун ақим (нозой) буд, канизаки худ Ҳоҷарро ба Иброҳим бахшид, ки Исмоил аз ӯ дар вуҷуд омад. Ба ривояти Қуръон (Ҳуд:72) Худованд Сораро ба таваллуди Исҳоқ мужда дод ва ҳаммонанди Иброҳим соҳиби мавоъид шуд ва дар миёни шигифтӣ дар синни ҳафтодсолагӣ соҳиби фарзанд шуд» [3, с.505].

Ин ном дар дигар луғатномаҳо дар шакли *Соро [Sārā]* омада, маънои холис, соф, пок, покиза, тоза, беғаш, беолоиш, шафоф ва озодаро дорад. Ин ном бо илова шудани пасвандҳои *«-бону» Соробону* аз решаи соро+бону ва пасванди «*-гул» Сорогул* аз решаи *Соро+гул* таркиб ёфтааст [16, с.137].

Муҳайё [Muhay]. Маъноаш дар арабӣ «сурат», «чеҳра» мешавад, вале ба маънои «мавҷуд» ҳам омаданаш мумкин аст [2, с.84]. Дар асар *«Ва рӯзи шанбе, ҳафтуми рақаб бирафт ба сӯи Мукрон ва ба Мукрон вайро хутба карданд ва хоҳари Амир Муҳайёро ба занӣ ба вай доданд»* [4, с.289].

Муҳайё номи арабӣ буда, тайёр, омода, ҳозир: муҳайё будан, тайёр ва мавҷуд будан; муҳайё кардан, омода сохтан, тайёр кардан, ҳозир намудан; муҳайё шудан, омода гардидан, тайёр шудан [12, с.859].

Райҳона [Rayhāna]. Антропоними Райҳона арабӣ буда, дар луғатномаҳо ба маънои «дастаи райҳон, («ФНЭ», «Муин», «Амид», «Фарҳехта»); [10, с.304]. Дар асар *«Пас ба занӣ кард ва Кинона аз ӯ биёмад ва Кинона Райҳона, ки Умму-т-тайиб гуфтандӣ ба занӣ кард ва Назр аз ӯ биёмад»* [4, с.49].

Ин ном дар шаклҳои Райҳон ва Райҳона истеъмол шуда, маънои гиёҳи хушбӯйи сабзранг; испарғам, сипарғам, нозбӯ, хушбӯй; мақ. бонуи зебо, муаттар дорад [12, с.121].

Салмо [Salmā]. Салмо номи занона буда, дар асар як маротиба зикр шудааст: *«Ва ӯ ибо кард ва сабаби он нури бузургвор буд, зан накард, то Эзад-таъоло ӯро ба хоб андар бинамуд, ки Салморо – духтари Зиёд ибни Амру ибни Лабид, ибни Хардош, ибни Удай ибни ан-Наҷҷорро ба занӣ кун»* [4, с.50].

Антропоними Салмо вожаи арабӣ буда, аз ҷиҳати сохтор сода мебошад. Дар луғатномаҳо ба маънои «номи арабзани хеле зебо, ки дар шеъри арабӣ самбули маъшуқаи бемисол аст» омадааст [10, с.178].

Сафия [Safiya]. Номи занонаи Сафия аз ҷиҳати сохтору таркиб сохта буда, аз *Сафи+я* таркиб ёфтааст. Чунон ки болотар низ гуфтем, анҷомаи ***«-я»*** дар ташкилшавии номҳои занонаи асар мавқеи асосиро ташкил менамоянд. Ба монанди: *Сафия, Амаррия, Сумая.* Дар асар «*Боз Суъдо бинти Ғиёсро ба занӣ кард ва Аббос аз ӯ биёмад, он ки хулафову умаро аз вай омаданд ва Сафия аз ӯ биёмад»* [4, с.54].

Антропоними Сафия *(бону, гул, моҳ),* ба маънои «зани-пок, покдоман, бокира, боисмат; беайб, бенуқсон; - номи яке аз занҳои Муҳаммад (с)» [9, с.267].

Ҳавво [Havvā]. Антропоними Ҳавво ба маънои «з, а-муаннаси Аҳво-зани гандумгун, модари Қобил ва Ҳобил; дувумин башар ва модари одамиён аст; манбаи ҳаёт; номи ҳамсари Одам, аввалин зан (ба руси Ева)» [9, с.335]. Дар асар омадааст: *«Чун Одам (а) аз Сарандеб ба талаби Ҳавво бирафт, ба ҳеч ҷо иқомат накард, магар бад-он ҷойгоҳе, ки акнун Систон аст»* [4, с.22].

Ин ном аз яҳудии қадими Ева гирифта шуда, маънои «ҳаёт» дорад ва номи аввалин зан, ҳамсари Одам (а) [11, с.160].

Омина [Āmina]. Антропоними Омина исми занона буда, аз ҷиҳати сохт сохта мебошад ва аз ҷузъҳои Омин+а таркиб ёфтааст. Инчунин, Омина бо илова намудани анҷомаҳои *-бибӣ, -бону, -гул, -моҳ, -хон,* сохта мешавад. Ба маънои амну амон (бехатарӣ) буда; номи волидаи Муҳаммад (с.а.с) [9, с.216]. Омина 1. муаннаси омин; 2. номи модари Муҳаммад пайғамбар. Омин а.бебим, бетарс, бехавф, эмин [9, с.29].

Ин ном дар асар 12 маротиба дар шаклҳои Омина, Омина бинти Абдулмуталлиб истифода гардидааст. *«Ба занӣ кард ва сад уштури сурх ва сад ратл (ченаки вазн, баробари 144 дирҳам ё 449, 28 гр.) зари сурх дод ӯро ва Абӯтолибу Омина бинти Абдулмуталлиб аз ӯ биёмад ва ҳеҷ он нур аз ӯ нарафт, то рӯзе ба сайд шуд, ташнаву ранҷа бозгашт, сояе бузург дид*» [4, с.54].

Оиша [Āiša]. Яке аз номҳои қадимаи арабӣ буда, ба завҷаи Муҳаммад-пайғамбар тааллуқ дорад. Аз ҳамин сабаб ин ном дар байни мусулмонони ғайриараб низ хеле маъмул гашта буд. Дар арабӣ Оиша ба маънои «зинда, барҳаёт» меояд. Оиша шакли маъмул, вале таърифшудаи ҳамин ном аст. Дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон ба шакли мураккаби Биойша ва Ойшахон истеъмол шуда, Ойшамоҳ ба аҳолии ҷануби Тоҷикистон хос аст [2, с.100].

Дар «Таърихи Систон» номи Оиша дар шаклҳои Оиша, Оиша бинти Муҳаммад Ибни Абилҳусайн Ибни Алӣ ибни ал-Лайс, Оиша бинти Абиюсуф ибни Муҳаммад ибни Амр ибни ал-Лайс истифода шудааст. Оиша антропоними арабӣ буда, ба маънои 1. Зинда, барҳаёт; 2. Оиша духтари яке аз чор хулафои рошидин Абӯбакри Сиддиқ аст. Ӯ яке аз ҳамсарони Расули гиромӣ (с) буд. Паёмбар баъд аз вафоти Хадиҷа ӯро ба занӣ гирифтаанд.

Дар қисмати зиёди луғатномаҳо номи занонаи ***Оиша//Ойиша*** ба маънои «зинда, барҳаёт; ҷонсахт; маҷ. пойдор, устувор, истам; маҷ. Бобақо, безавол; номи яке аз занҳои Муҳаммад (с.а.в)» омадааст. Шакли дигари ин ном Ойиша мебошад, ки ҷузъи «Ой» ба маънои пешванде, ки дар номҳои занона омада, ба маънои зебо, нозанин, соҳибҷамол, париваш ва дар номҳои мардона-маънои бахт, бахтёр, лаҳзаи бахтоварро мебарад; ӯзб. -моҳ; маҷ. Равшан, хушбахтро дорад. Ҳамзамон, ҷузъи «Ой» бо анҷомаҳои антропонимсоз омада, номҳои *Ой+баҳор, Ой+бегим, Ой+бек, Ой+бибӣ, Ой+бика, Ой+дил, Ой+дин, Ой+замон, Ой+лиқо, Ой+нур, Ой+парӣ, Ой+подшоҳ, Ой+раҷаб, Ой+ризо, Ой+санам, Ой+соро, Ой+султон, Ой+хон, Ой+хумор, Ой+ҷамол, Ой+ҷаҳон* ва ғайра. Ин номҳо аз ҷузъи Ой ва анҷомаҳо таркиб ёфтаанд [9, с.214].

Антропоними Оиша исми занона буда, бо илова намудани анҷомаҳои антропонимсози *-бону, -гул, -моҳ* номҳои *Оишабону, Оишагул* ва *Оишамоҳ* месозад. Дар луғатнома бо маъноҳои зинда, барҳаёт; ҷонсахт; маҷ. пойдор, устувор, истам; маҷ. бобақо, безавол; номи яке аз занҳои Муҳаммад (с.а.в) [9, с.214].

Дар асар Оиша ин духтари Абӯбакри Сиддиқ ва зани ҳазрати Муҳаммад (с) истифода шудааст. *«Ва Суҳайб бар ӯ намоз кард ва ба сарои Оиша ба ҷониби Абӯбакр ӯро Усмон ибни Аффон ва Убайдуллоҳ писари ӯ дафн карданд»* [4, с.69].

Дар маҷмӯъ, ин ном дар сарчашмаҳои таърихӣ ва луғатномаҳо ба маънои «пойдор, мустаҳкам; доро, мулкдор, осудаҳол; шукуфон»; номи ҳамсари Муҳаммад (с) [16, с.110].

Аз ҷиҳати сохтор ва калимасозӣ антропонимҳои занонаи «Таърихи Систон» дар шаклҳои гуногун бо истифодаи анҷомаҳои антропонимсоз сохта шудаанд. Бештари номҳои занонаро аз рӯйи таркиби ном ва истифодаи анҷомаҳо маълум кардем, ки дар зер оварда мешавад.

Анҷомаи -а: *Бирр+а, Ғозир+а, Казм+а, Кинон+а, Каҳан+а, Қуръ+а, Маҳвоил+а, Марғон+а, Мурра+, Мухх+а, Ҳалим+а, Ҳамид+а, Ҳол+а, Ҳурайв+а, Омин+а, Райҳон+а, Саъд+а, Фотим+а* ва ғайра.

Анҷомаи –ак: *Равшан+ак.*

Анҷомаи –я: *Амарри+я, Сафи+я, Сумай+я.*

Бояд гуфт, ки муаллифи беном дар раванди тавсифи воқеаҳои асар аз номҳои занона истифода бурда, миқдори ин номҳо назар ба номҳои мардона хеле кам мебошанд, вале дар асар нақши калон доранд. Номҳои занонаро низ аз ҷиҳати мақому манзалат, ҷойгоҳи иҷтимоӣ ва нақши онҳоро дар ислом, тавлиди фарзандҳои солеҳа метавон чунин гурӯҳбандӣ намуд:

1. Номҳои ҳамсарони пайғамбарон;
2. Номҳои духтар, хоҳар ва дигар пайвандони чеҳраҳои динӣ;
3. Номҳои ҳамсар ва дигар пайвандони шоҳон.

Ҳамин тариқ, маълум шуд, ки истифодаи номҳои занона дар «Таърихи Систон» нисбат ба номҳои мардона камтар буда, корбасти онҳо аз ҷониби муаллиф (муаллифон)-и асар бамаврид истифода шудаанд. Истифодаи бисёр аз номҳои занонаи асар имрӯз низ ба таври фаровон дар байни тоҷикон истифода шуда, ба феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ ворид гардидаанд. Аз ҷиҳати сохторӣ - калимасозии номҳои занонаи асар маълум гардид, ки истифодаи анҷомаҳои антропонимсоз дар асар кам буда, қисме аз онҳо дар шакли сода, сохта ва ибора - антропоним корбаст гардидааст.

Муқарриз: *Ҳомидов Д.* – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Аюбова, М. Сухане чанд дар бораи этимологияи поэтонимияи қадими тоҷик / М.Аюбова // Маърифат, 1999. - № 7–8. -С.7-9.
2. Ғафуров, О. Маънои ҳазору як ном / О.Ғафуров. –Душанбе: Маориф, 1987. -176 с.
3. Ёҳаққӣ, М. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ / М.Ёҳаққӣ. - Душанбе: Бухоро, 2014. - 748 с.
4. Имомов, М. Таърихи Систон (муқаддима) / М.Имомов, А.Абдусаттор. –Душанбе: Бухоро, 2014. - 352 с.
5. Мансури, Растагори Фасоӣ. Фарҳанги номҳои «Шоҳнома». Ҷ.1 / Растагори Фасоӣ, Мансур. – Теҳрон: Муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, 1369. – 594 с. (ба забони форсӣ).
6. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот / Ғиёсуддин Муҳаммад; таҳияи матн бо пешгуфтор, тавзеҳот ва феҳристи А.Нуров. – Душанбе: Адиб, 1987. - Ҷ.1. - 480 с.; - 1988. - Ҷ.2. - 416 с.; - 1989. - Ҷ.3. - 304 с.
7. Ҳусайн, Шаҳиди Мозандаронӣ. Фарҳанги «Шоҳнома». Номи касон ва ҷойҳо / Шаҳиди Мозандаронӣ Ҳусайн. – Балх: Бунёди Нишобур, 1337. - 814 с. (ба забони форсӣ).
8. Самариддин, С. Номи диёр-таърихи диёр (Рисолаи илмию оммавӣ) / С. Самариддин. – Душанбе: Ирфон, 2000. - 91 с.
9. Самарқандӣ, Я.Ш. Фарҳанги номвожаҳои форсии тоҷикӣ / Я.Ш.Самарқандӣ. –Душанбе: ЭР-граф, 2010. - 392 с.
10. Фарзонаи С. Фарҳанги ном / С.Фарзона. –Душанбе: Адиб, 2014. - 336 с.
11. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». - Душанбе: Адиб, 1992. – 496 с.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - Душанбе, 2008. - 945 с.
13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.Ҷ.2. - Душанбе, 2008. - 950 с.
14. Шаҳбози Рустамшоҳ. Мавзеъномаи «Таърихи Систон» / Рустамшоҳ, Шаҳбоз. – Душанбе: Матбаа, 2018. – 120 с.
15. Шаҳбози Рустамшоҳ. Номшиносӣ ва баъзе ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он (дар асоси маводи «Таърихи Систон») / Рустамшоҳ, Шаҳбоз. – Душанбе: Матбаа, 2020. –92 с.
16. Шарофзода, Г. Фарҳанги номҳои миллии тоҷикӣ / Г.Шарофзода, С.Матробиён. -Душанбе: Истеъдод, 2017. - 184 с.

КОРБАСТ ВА ЧАНДОМАДИ АНТРОПОНИМҲОИ ЗАНОНА ДАР «ТАЪРИХИ СИСТОН»

Дар мақола муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки истифодаи номҳои занонаи яке аз ёдгориҳои хаттии асри XI-«Таърихи Систон»-ро аз мавқеи забоншиносӣ мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор диҳад. Ба андешаи муаллиф, таҳқиқ ва омӯзиши забоншиносии сарчашмаҳои таърихӣ ба тариқи мусбат арзёбӣ шуда, ҷиҳати рушди илми забоншиносӣ мусоидат менамоянд. Истифодаи номҳои занона дар «Таърихи Систон» мавқеи асосиро касб намуда, шумораи зиёде аз онҳо шахсони наздики аҳли ислом, аз ҷумла духтарон ва занони пайғамбарон, саҳобагон ва чанде дигар қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ - таърихӣ мебошанд. Чуноне ки муаллифи мақола қайд менамояд, истифода ва таҳқиқи номҳои занонаи асар солҳои зиёд аст, ки мавқеъ ва корбасти худро аз даст надода, то имрӯз истифода мешаванд ва ба феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ иддае аз онҳо дохил мешаванд. Таҳқиқи минбаъдаи онҳо арзишу аҳаммияти муайяне барои муаррихон, адабиётшиносон, шарқшиносон ва забоншиносон дошта метавонад. Муаллиф дар мақола сохтори

калимасозии антропонимҳои занонаи асарро нишон дода, инчунин бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ ва луғату фарҳангомаҳо шарҳу маънои луғавии онҳоро овардааст. Яке аз вижагиҳои хосси антропонимҳои занонаи асар ба воситаи анҷомаҳои махсуси антропонимсози ***«-а»*** сурат гирифтааст, ки дар номшиносӣ ин хеле маъмул ва машҳур аст. Ба ақидаи муаллиф таҳқиқ ва истифодаи минбаъдаи антропонимҳои «Таърихи Систон» боиси ғанӣ гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ гардида, дар тартиб додани фарҳанги номҳои миллии тоҷикӣ мусоидат менамоянд.

Калидвожаҳо: антропонимия, ном, занона, чандомад, корбаст, таърих, сарчашма, забоншиносӣ, шарқшиносон, адабиётшиносон, истифода, таркиби луғавӣ, калимасозӣ, анҷома, ёдгории хаттӣ, фарҳанг, ниёгон, номи шахсон, адабиёт, таҳлил, муътамад.

ПРИМЕНЕНИЕ И ЧАСТОТА ЖЕНСКИХ АНТРОПОНИМОВ В «ТАЪРИХИ СИСТОН»

В статье предпринята попытка изучить использование женских имен в одном из письменных памятников XI века «История Систан» в лингвистическом контексте. По мнению автора, исследование источников положительно оцениваются и способствуют развитию лингвистической науки. Использование женских имен в «Истории Систан» занимает важное место, и многие из них близки людям ислама, включая дочерей и жен пророков, сподвижников и других героев художественной литературы. Как отмечает автор статьи, исследование женских имен произведения до сих пор не проводилось, и некоторые из них включены в национальные имена таджиков. Дальнейшие исследования могут иметь определенную ценность для историков, литературоведов, востоковедов и лингвистов. Автор в статье, показав словообразовательную структуру женских антропонимов произведения, также с применением исторических источников и словарей приводит интерпретацию их лексической семантики. Одной из специфических особенностей женских антропонимов произведения является то, что они образованы посредством особого антропонимообразующего форманта «-а», что в лингвистике является очень популярным явлением. По мнению автора, дальнейшее исследование и использование антропонимии «Таърихи Систон» может содействовать обогащению словарного состава таджикского языка и составлению словарей национальных таджикских имен.

Ключевые слова: антропонимия, имя, женская, частотность, применение, история, источник, лингвистика, востоковеды, литературоведы, использование, словарный состав, словообразование, формант, письменный источник, культура, предки, личные имена, литература, анализ, обоснование.

APPLICATION AND FREQUENCY OF FEMALE ANTHROPONYMS IN «TARIKHI SISTON»

The article attempts to study the use of female names in one of the written monuments of the XI century «History of Sistan» in a linguistic context. According to the author, the study of sources is positively evaluated and contributes to the development of linguistic science. The use of female names in the “History of Sistan” occupies an important place, and many of them are close to the people of Islam, including the daughters and wives of the prophets, associates, and several other heroes of fiction. As the author of the article notes, a study of the female names of the work has not yet been conducted, and some of them are included in the national names of Tajiks. Further research may be of some value to historians, literary scholars, orientalists and linguists. The author in the article showing the derivational structure of the female anthroponyms of the work, also with the use of historical sources and dictionaries, gives an interpretation of their lexical semantics. One of the specific features of the female anthroponyms of the work is that they are formed by means of a special anthroponymic formant «-a», which is a very popular phenomenon in linguistics. According to the author, further research and use of the anthroponymy "Tarihi Siston" can contribute to the enrichment of the vocabulary of the Tajik language and the compilation of dictionaries of national Tajik names.

Key words: anthroponymy, name, feminine, frequency, application, history, source, linguistics, orientalists, literary scholars, use, vocabulary, word formation, formant, written source, culture, ancestors, personal names, literature, analysis, reasonable.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шаҳбози Рустамшо*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, докторанти PhD-и кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч.С.Сафаров, 16. E-mail: **rustamshoh-90@bk.ru.** Тел.: **(+992) 988-49-10-10**

Сведения об авторе: ***Шахбози Рустамшо*** - Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, докторант PhD кафедры таджикского языка. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.С.Сафарова, 16. E-mail: **rustamshoh-90@bk.ru.** Тел.: **(+992) 988-49-10-10**

Information about the author: ***Shahbozi Rustamsho*** – Kulob State University named after A.Rudaki, title seeker of the Tajik language department. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S.Safarov Str., 16. E-mail: **rustamshoh-90@bk.ru.** Тел.: **(+992) 988-49-10-10**

УДК: 891.550+491.550+44(575.3)

ТАҚСИМОТИ МАЪМУРИИ КИШВАРҲО ДАР ОСОРИ ҶУҒРОФИИ АРАБИЗАБОНИ АСРҲОИ IX-XIII

Ҳайбулоев Ш.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тақсимоти маъмурии кишварҳо аз нигоҳи ҷойгиршавӣ дар низоми сиёсӣ ва идорию маъмурии ҳар кишвар барои осонсозии идоракунии давлат, таъмини амният ва беҳбудии авзои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ равона гардидааст. Ин тақсимбандӣ гоҳо бар пояи таъриху фарҳанг, авзои ҷуғрофиву ҷамъиятӣ ва гоҳо тибқи мулоҳизоти сиёсӣ сурат мегирад. Аввалин муҳаққиқоне, ки ба тақсимоти гурӯҳҳои луғавии номҳои ҷуғрофӣ дар садаи XIX сару кор гирифтаанд, забоншиносон ва этнографҳо А.М. Шегрен, М.А. Кастрен, Д.П. Европеус, Ю.Ю. Трусман, М.П. Веске буда, анъанаи ин донишмандонро баъди онҳо академик Бартолд В.В., Лившитс В.А., Хромов А.Л., Додихудоев Р.Х. ва дигарон идома доданд. Дар забоншиносии тоҷик низ бобати тақсимбандии топонимҳои манотиқи алоҳидаи Тоҷикистон солҳои охир як қатор дастовардҳои хубро метавон мушоҳида кард. Дар ин ҷода таснифи номвожаҳои ҷуғрофии маҳалҳои ҷанубии Тоҷикистон аз ҷониби муҳаққиқони номшинос Додихудоев Р.Х., Офаридаев Н., Исмоилов Ш., Алимӣ Ҷ., Насриддиншоев А., қисматҳои марказӣ ва шимолӣ Хромов А.Л., Абдунабиев А., Ҳомидов Д. ва дигаронро зикр намудан ба маврид аст, ки эшон дар таълифоти худ ин корро анҷом додаанд. Аммо масъалаи тақсимоти маъмурии кишварҳо дар осори муътабари ҷуғрофии арабизабон яке аз масоили камтаҳқиқшуда ба шумор рафта, ҷуғрофияшиносони арабизабон ба ин масъала аҳаммияти хоссае зоҳир намудаанд. Бо назардошти ин қазия, яке аз сарчашмаҳои муҳимми ғанӣ гардондани фарҳанги номгузорӣ ручӯъ ба мероси ниёгон ва сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабони донишмандони форсу тоҷик аст.

Зоҳиран, андешаи тақсимбандии сарзаминҳо дар асрҳои миёна бо кишваркушоиҳои сарзаминҳои алоҳида аз ҷониби арабҳо вобаста мебошад. Албатта, пеш аз он низ тақсимбандиҳои куллӣ, аз ҷумла бар асоси иқлимҳо ва тӯлу арзи ҷуғрофии маҳалҳо вуҷуд дошт, ки намунаи барҷастаи он дар сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX-XIII ба назар мерасад. Аз ҷумла, яке аз аввалин ҷуғрофияшиносони арабизабон Ибни Хурдодбеҳ дар қарни IX қисмати обод ва маскуни заминро ба чор қисм тақсим кардааст: 1) Аруфо (Урупо), ки дар он Андалус, Сақолиб, Рум, Фаранҷа ва Танҷа то марзи Миср қарор доранд; 2) Лубийя, ки дар он Миср, Қулзум, Ҳабаша, Барбар ва Баҳри Ҷанубӣ мебошанд; 3) Итюфиё, ки шомили Тиҳома, Яман, Синд, Ҳинд ва Чин аст; 4) Искутиё, ки дар он Армения, Хуросон, Турк ва Хазар қарор доранд [14, с.155]. Мавсуф ҳамчунин, дар баёни сарзаминҳои исломӣ низ чаҳор қисмати асосиро ном бурдааст: 1) Машриқ; 2) Мағриб; 3) Ҷарбо (сарзаминҳои шимолӣ - Ҳ.Ш.); 4) Тайман (сарзаминҳои ҷанубӣ - Ҳ.Ш.); [14, с.18, 72, 118, 153]. Дар ин тақсимбандӣ Ибни Хурдодбеҳ кишварҳоро асосан, ба «**кура**», «**рустоқ**» ва «**туссуҷ**»-ҳо тақсим намудааст [14, с.5, 8].

Ҷуғрофияшиноси дигари машҳури арабизабон ал-Муқаддасӣ дар қарни X сарзаминҳои исломиро бар чаҳордаҳ иқлим тақсим кардааст: 1) шаш иқлими араб: Ҷазиратулараб, Ироқ, Ақур, Шом, Миср ва Мағриб; 2) ҳашт иқлими Аҷам: Машриқ, Руҳоб, Ҷибол, Хузистон, Форс, Кирмон ва Синд [15, ҷ.1, с.9, 10]. ал-Муқаддасӣ ҳар «**иқлим**»-ро ба чанд «**кура**» ва ҳар кураро ба як ё якчанд «**қасаба**» ва ҳар қасабаро ба чанд «**мадина**» (*шаҳр*) ва «**қаря**» (*деҳа*) тақсим менамояд [15, ҷ.1, с.47, 48].

Чунонки худи ал-Муқаддасӣ ишорат кардааст, пеш аз ӯ ба тақсимбандии кишварҳо ба кура ва муайян намудани ҳадду ҳудуди қасабаҳо касе напардохтааст ва бархе ҷойҳоеро, ки Ибни Хурдодбеҳ шаҳр гуфтааст, дар тақсимоти ал-Муқаддасӣ қасаба ба шумор рафтаанд [15, ҷ.1, с.222].

Бояд тазаккур дод, ки яке аз истилоҳоти муҳим дар тақсимоти ҷуғрофии сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабон истилоҳи «**иқлим**» ба шумор меравад. Дар аксари китобҳои ҷуғрофӣ ва таърихӣ бо мафҳуми «**ҳафт иқлим**» (муодили ҳафт кишвари форсӣ - Ҳ.Ш.) рӯбарӯ шудан мумкин аст. Ёқут ал-Ҳамавӣ дар муқаддимаи «Муъҷам-ал-булдон» дар мавриди истифодаи ин истилоҳ миёни мардум, ҷуғрофияшиносон ва аслу решаи он

маълумоти муфассале овардааст. Аз ҷумла, мегӯяд: «…Рубъи маскун (*маъмур, обод*)-и кураи Замин ба ҳафт иқлим тақсим мешавад ва ихтилоф дар чигунагии онро хоҳам гуфт. Дар бораи ин ки ин ҳафт иқлим дар шимолу ҷануб воқеъ ҳастанд ё танҳо дар ҷануб, ихтилоф мебошад» [18, ҷ.1, с.36]. Сипас Ёқут назарияи ба чаҳордаҳ иқлим тақсим шудани замин: ҳафт дар шимол ва ҳафт дар ҷанубро ба файласуфи юнонӣ Ҳермес нисбат дода, онро бе эътибор мешуморад, бо ин далел, ки бештари ободонӣ дар шимол аст, на дар ҷануб [18, ҷ.1, с.36]. Аз ҷуғрофияшиносони арабзабон Ибни Хурдодбеҳ ва ал-Муқаддасӣ низ дар пайравӣ аз Ҳермес ҷаҳонро ба чаҳордаҳ иқлим тақсим кардаанд, аммо ал-Муқаддасӣ танҳо қисмати шимолии Замин ё ба гуфтаи худи вай ҷаҳони исломро дар назар доштааст [15, ҷ.1, с.9,10; 14, с.16]. Ёқут дар бораи этимологияи истилоҳи «иқлим» чунин мегӯяд: «Ҳамза ал-Исфаҳонӣ гӯяд: …Ободонии замин ба ҳафт қисм тақсим мешавад, ки ҳар яки онро ба забони форсӣ «кушхар» (кишвар - Ҳ.Ш.) гӯянд. Араб ба ҷойи «кушхар» вожаи сурёнии «иқлим»-ро ба орият гирифтанд ва «иқлим» ҳамон «русто» бошад» [18, ҷ.1, с.36]. Сипас Ёқут чаҳор маънои истилоҳии «иқлим»-ро чунин баён мекунад: «Дар мавриди иқлим миёни миллатҳои гуногун бо чаҳор маъно бархӯрд мешавад:

а) истилоҳи умумӣ ва аксари мардум; ҳар қисмати заминро, ки якчанд шаҳр ва деҳа дошта бошад, иқлим меноманд, монанди Чин, Хуросон, Ироқ, Шом, Миср, Африқо ва ғайра. Аз ин нуқтаи назар иқлимҳо бисёр ва бешуморанд.

б) истилоҳи вижаи мардуми Андалус; онҳо ҳар як деҳаи калони пурҷамъиятро иқлим хонанд ва ин маъно монанд ба нақли Ҳамза ал-Исфаҳонӣ аст. Пас, ҳар гоҳ андалусие гӯяд, ки аз фалон иқлимам, шаҳр ё русторо дар назар дорад.

в) истилоҳи бостонии форсҳо (сарчашма аз Авесто гирифтааст - Ҳ.Ш.), ки имрӯз ҳам аксари дабирон ба он эътимод доранд. Абӯрайҳони Берунӣ овардааст, ки форсҳо мамлакатҳои гирдогирди Эроншаҳрро ба ҳафт кишвар тақсим карда, атрофи ҳар яке хат мекашанд ва онро «кишвар» ё «кушхар» мегӯянд. Решаи «кушхар» бинобар гуфтае аз «кушаста» мебошад, ки номи навъе аз хат аст…» [18, ҷ.1, с.36-44]. Дар давом Ёқут аз забони Берунӣ маълумоти муфассале дар мавриди тақсими ҷаҳон ба ҳафт кишварро аз нигоҳи Зардушт ва сипас форсҳо баён мекунад.

г) истилоҳи чорум, ки эътимоди ситорашиносон, риёзидонон ва файласуфон бар он аст (мутобиқ ба истилоҳи «климат»-и имрӯза - Ҳ.Ш.) ва он назди эшон аз машриқ ба сӯйи мағриб тӯл мекашад…» [18, ҷ.1, с.36-44].

Ҷойи тазаккур аст, ки дар осори ҷуғрофии арабизабон сухан аз «ҳафт иқлим» ба таври хулосавӣ чунин ба назар мерасад: ал-Ҷайҳонӣ дар китоби «ал-Масолик ва ал-мамолик» ҷаҳонро ба ҳафт иқлим тақсим карда, барои ҳар иқлим яке аз ситорагонро муқаррар карда, ба ҷанбаҳои риёзӣ ва ситорашиносии иқлимҳо пардохтааст [15, ҷ.1, с.58-62; 18, ҷ.1, с.43]. Ибн ал-Фақиҳ ҷуғрофиядони форсиасл дар «Китоб ал-Булдон» («Китоб андар кишварҳо» - Ҳ.Ш.) ҳудудҳои «ҳафт иқлим»-и птоломеиро муфассал баён кардааст [17, с.5-7]. Ибни Руста низ дар «ал-Аълоқ ан-нафиса» («Овезаҳои гаронбаҳо» - Ҳ.Ш.) дар бораи «ҳафт иқлим» ишоратҳое дорад [16, с.9]. Дар осори ҷуғрофии қарни IX, Абузайд ал-Балхӣ дар «Сувар ал-ақолим», ки яке аз аввалин осори ҷуғрофии арабзабон ба шумор меравад, ба «ҳафт иқлим» пойбандии қобили таваҷҷуҳе доштааст. Аммо ал-Истахрӣ дар «ал-Масолик ва ал-мамолик», худро аз тақсими ҳафт иқлим раҳонида, низоми дигаре аз иқлимҳоро ироа намуда, шумори онҳоро ба бист расонидааст [2, т.4 с.193-197]. Ибни Ҳавқал дар муқаддимаи китоби «Сурат ал-арз», комилан, адами таваҷҷуҳи худро ба «ҳафт иқлим» ёдовар шудааст [12, с.4]. Ал-Муқаддасӣ низ дар «Аҳсан ат-тақосим фи маърифат ал-ақолим», тавре ки дар боло ишора кардем, дар нигориши китоби худ шеваи нави тақсими иқлимҳоро пешкаш кардааст [15, ҷ.1, с.58].

Дар осори ҷуғрофии арабизабон мавзеъҳои бузурги маскуниро бо вожаи «**билод**» ва ё «**мамлакат**» ифода менамоянд. Ин истилоҳ ба маънои сарзамини бузург ва тақрибан, муодили «кишвар»-и имрӯза будааст, чунонки Ибни Ҳавқал дар васфи сарзаминҳои бузург, монанди Рум, Ҳинд, Чин ва Форс онҳоро «мамлакат» ва «билод» хондааст [12, с.9,14; 13, с.34]. Ҷуғрофияшиносони арабизабон ҳамчунин, воҳидҳои калони маъмурию ҳудудии кишварҳоро ба «**кура**», «**истон**», «**вилоят**» ва «**ноҳия**» ҷудо намудаанд, ки намунаи онҳо аз ин қарор аст:

Кура/хура [kūra/الكورة]. Вожаи «кура» аз «хура»-и паҳлавӣ гирифта шудааст. Дарвоқеъ, ин вожа дар форсии бостон ба сурати «farnah» буда, батадриҷ, ба суратҳои «far» ё «farah» ва сипас «xarah» даромадааст. Дар Авесто «xarah» ба сурати «xvarnah» ва дар паҳлавӣ ба шакли «xvarreh» истеъмол шуда, дар даврони исломӣ дар зери таъсири забони арабӣ ба сурати «кура» муарраб гаштааст [18, ҷ.1, с.47; 21, ҷ.2, с.742]. «Хвара» дар луғат ба маънои «нури фарогирест, ки аз ҷониби Худованд бар халоиқ фурӯ метобад ва нурҳои махсусе аз ин нур (фарраҳи эзидӣ - Ҳ.Ш.) ба подшоҳони одил ва бузурги олам тааллуқ мегирад» [21, ҷ.2, с.791]. Аз ин рӯст, ки вожаи «хура» ба тақсимоти ҷуғрофӣ-маъмурии давраи сосонӣ роҳ ёфта, ба номи маконҳои хос, монанди Ардашерхура, ба таркиби номҳои бархе подшоҳон, монанди Ардашер, Қубод ва Шопур, ки ин шаҳрҳоро сохта буданд ва дар онҳо зиндагӣ мекарданд, гузошта шуда буд. Аз миёни ховаршиносон Д. Сордел ин истилоҳро юнонӣ ва баргирифта аз вожаи юнонӣ «χώρα» (chora) шумурдааст [10, с.397]. Аммо бештари пажӯҳишгарон ва забоншиносони форсизабон асли ин вожаро паҳлавӣ медонанд.

Дарвоқеъ, ҳар мамлакат ба таври умумӣ ба чанд кура тақсим мешуд, ки воҳидҳои хурдтар, мисли рустоқ, туссуҷ, шаҳр ва қаря (*деҳа*) зери маҷмӯаи онҳо қарор мегирифтанд. Аз миёни ин зермаҷмӯаҳо, маъмулан, шаҳре ба унвони қасаба ва маркази кура низ интихоб мешуд. Ёқут ба ин чунин ишора мекунад: «Кура ҳар сарзаминест, ки чанд деҳаро дар бар мегирад. Ин деҳаҳо бояд як қасаба, шаҳр ё рӯде дошта бошанд, ки номи он қасаба бар ҳамаи кура ниҳода мешавад…» [18, ҷ.1, с.47; 11, с.97; 12, с.264].

Истон [istān/استان]. Истилоҳи дигари серистеъмол дар осори ҷуғрофии арабизабон «**истон**» мебошад. Аслан, вожаи «**истон**» аз ф.б. «**abi**» ва «**stāna**» ба маънои «**истодан**» гирифта шуда, дар ф.м. «**awesta**» ва дар ф.д. «**ustān**» гаштааст [**20, ҷ.1, с.90**]. Ёқут дар мавриди ин вожа чунин ибрози андеша намудааст: «...Маънои «**истон**» - «**ҷой**» ва «**маъво**» мебошад, чунонки мегӯянд «**استان كرفت** / истон гирифт», яъне «ба ҷойе манзил гирифт» [18, ҷ.1, с.48]. Ҷуғрофияшиносони форс бархе истилоҳро ба мисли «рустоқ», «шаҳр», «мадина» ва ғайра, ки реша дар тамаддуни бостонии онҳо доштанд, гоҳо ба дигар маъноҳо ба кор бурдаанд. Чунин ба назар мерасад, ки яке аз далелҳои ин кор тафовутҳои забонӣ ва қавмии ҷуғрофияшиносон бошад, чунки онҳо бе пайравӣ аз шеваи роиҷи ҷуғрофияшиносони арабзабон дар осорашон аз истилоҳоти бумии худ истифода мебурданд. Ҳамин амр сабаб шудааст, ки гоҳо дар сарчашмаҳои як аср барои як воҳиди ҷуғрофӣ чанд муодили истилоҳӣ ба назар расад. Барои мисол, дар садаҳои мухталиф дар сарчашмаҳои ҷуғрофиву таърихии форсӣ ба ҷойи «истон» истилоҳи «вилоят», ба ҷойи «мадина» истилоҳи «шаҳр» ва ба ҷойи «қаря» истилоҳҳои «деҳ» ва «русто» ба кор рафтааст.

Вилоят [wilāyah/ولاية]. Ин вожа арабиасл буда, ин ё он сарзамини муайянеро ифода менамояд, ки аз тарафи волӣ (*ар.:ҳоким, мир*)-е идора мешуд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вилоят минтақаи муайянест, ки аз якчанд шаҳру ноҳия иборат буда, яке аз воҳидҳои маъмурии марказӣ ба ҳисоб меравад. Дар сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабон ин вожа ба ҷойи «кура» ба кор рафтааст. Дар ин маврид ду нуқта қобили таваҷҷуҳ аст, яке он ки бештари ҷуғрофияшиносоне, ки ин истилоҳро дар маънои «кура» ба кор бурдаанд, форсизабон буданд, дувум он ки корбурди «вилоят» ба маънои «кура» бештар аз садаи V ҳ./XI м. ривоҷ ёфтааст. «Таърихи Нишопур» аз аввалин осорест, ки ба ҷойи «кура» истилоҳи «вилоят»-ро ба кор бурдааст. Муқоисаи корбурди ду истилоҳ «кура» ва «вилоят» дар китоби «ал-Масолик ва ал-мамолик»-и ал-Истахрӣ ва тарҷумаи «Ашкол ал-олам»-и Ҷайҳонӣ ба забони форсӣ шоҳиди дигаре мебошад [11, с.39; 13, с.63].

Ноҳия [nāḥiyah/ناحية]. Ин вожа низ арабиасл буда, маънои луғавии он «тараф, самт ва ҷониб» мебошад. Дарвоқеъ, «ноҳия» истилоҳи умумие буд, ки ҷуғрофияшиносони арабизабон гоҳо метавонистанд барои осонии кори худ онро дар ҳар макон ва воҳиде, мисли кура, рустоқ, шаҳр ва ғайра истифода баранд. Дар тақсимоти маъмурии имрӯзаи Тоҷикистон «ноҳия» ҳамчун воҳиди маъмурию марзӣ эътироф шуда, тобеи вилоятҳо мебошад. Дар осори ҷуғрофии арабизабон истилоҳи «ноҳия» ҳамчун муодили «вилоят» ва «кура» ба кор рафтааст. Муқоисаи корбурди ду истилоҳ «ноҳия» ва «кура» барои як макони хос ин гуфтаро ба хубӣ нишон медиҳад. Ибни Ҳавқал аз ҷумлаи касонест, ки гоҳе

макони муайянеро дар як ҷо кура, дар ҷойи дигар аз он ба унвони ноҳия ном мебарад. Барои мисол, ӯ дар як ҷо мегӯяд: «Қӯҳистон курае аз Хуросон аст» ва дар ҷойи дигар онро «ноҳияе аз Хуросон» зикр кардааст [12, с.455].

Михлоф [miẖlāf/مخلاف]. Дар осори ҷуғрофии арабизабон барои ифодаи манотиқи бузурги маскунӣ як истилоҳи дигаре низ ба кор бурда шудааст, ки он «**михлоф**» мебошад. Ибни Хурдодбеҳ аввалин ҷуғрофияшиносест, ки аз «михлоф»-ҳо ёдовар шудааст [14, с.138,148]. Ин вожаро бештар мардуми Яман мавриди истифода қарор додаанд, ки аз ҷиҳати маънои истилоҳӣ айнан, муродифи «ноҳия» ва «вилоят» мебошад. Дар Яман ҳар «михлоф» номи вижаи худро дорад ва он номи қабилаест, ки онро обод карда, дар он ҷо зиндагӣ мекунанд, аз қабили Михлофи Зубайд, Михлофи Синҷон, Михлофи Ҳамадон ва ғайра. Ёқут дар бораи ин истилоҳ маълумоти муфассале дар «Муъҷам ал-булдон» овардааст [18, ҷ.1, с.47-48].

Дар ин замина вожае дигаре низ дар осори ҷуғрофии арабизабон ба маънои «вилоят», «ноҳия» ё умуман, гӯшае аз ин ё он сарзамин истифода шудааст, истилоҳи «**صقع/суқъ**» мебошад. «Суқъ» вожаи арабӣ буда, маънои «ноҳия», «карона» ва «гӯшаи замин»-ро ифода менамояд.

Ҷунд [جُنْد/jund]. Истилоҳи дигари серистеъмол дар осори ҷуғрофии арабизабон «**جُنْد**» мебошад. Аслан, «جُنْد » муарраби вожаи форсии «**гунд/گند**» ба маънои «сипоҳ» ва «лашкар» аст, ки дар забони арабӣ ҳам айнан, ба ҳамин маъно истифода мешавад. Дар «Луғатномаи Деҳхудо» чунин омадааст: «Ҷунд муарраби «гунд»-и форсӣ бошад, ки дар Гундовар ва Ҷундишопур омадааст. Гунд дар форсӣ ба маънои «сипоҳ», «ҷайш» ва «лашкар» омадааст.» [19, ҷ.5, с.7872]. Дар низоми тақсимоти маъмурии кишварҳо «ҷунд»-ро метавон муодили «ноҳия» донист. Дар мавриди яке аз воҳидҳои маъмурии кишварҳо ба шумор рафтани «ҷунд» Ёқут чунин ибрози андеша намудааст: «Ҷунд дар номҳои Ҷунди Қиннасрин, Ҷунди Фаластин, Ҷунди Ҳимс, Ҷунди Димашқ ва Ҷунди Урдун омадааст, ки ҳамагӣ ҷундҳои Шом ба шумор мераванд. Ман нашунидаам, ки ин вожа дар ғайри сарзамини Шом ба кор равад… Балозурӣ гуфтааст, ки барои он «ҷунд» номидаанд, ки якчанд «кура»-ро дар бар мегирифт ва «تَجَنَّدَ» ба маънои «ҷамъ кардан» ва «дар бар гирифтан» бошад. Ҳамчунин, гуфтаанд, ки мусулмонон дар ҳар ноҳия (ҷунд) сипоҳиён доштанд, ки моҳиёнаи худро аз он ҷо мегирифтанд ва эшонро «ҷунд»-и фалон ҷо мегуфтанд. Бо мурури замон ин ном дар ҳамон сарзамин монд» [18, ҷ.1, с.48, 49].

Бояд қайд кард, ки дар сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабон барои ифодаи мафҳуми имрӯзаи шаҳр истилоҳҳои «ал-мадина», «миср», «ал-қасаба» ва «ал-балад» истифода шудааст, ки ал-Муқаддасӣ дар ин мавриди чунин ибрози ақида кардааст: «Бидон, ки ман «**миср**»-ро мисли шоҳон, «**қасаба**»-ҳоро ҳамчун ҳоҷибон (*дарвозабон*), «**мадина**»-ҳоро ҳамчун лашкар ва «**қаря**»-ҳоро ҳамчун пиёдарав нигоштам. Дар таърифи «**миср**» ихтилоф аст… вале ман «**миср**» маконеро гӯям, ки султони бузург дар он нишинад, девонҳо дар он ҷо бошад, волиён аз он ҷо фиристода шаванд ва шаҳрҳои як иқлим ба он вобаста бошанд. Чи басо «**миср**» ё «**қасаба**» чанд ноҳия ва ҳар ноҳия чанд шаҳр дошта бошад, монанди Тахористони Балх, Батоиҳи Восит ва Зоби Ифриқия» [15, ҷ.1, с.47]. Ӯ дар идома ин гуфтаи худро шарҳ дода, чунин мегӯяд: «Шарти шаҳр (ал-*мадина*) будан, доштани минбар аст ва гоҳе «**миср**» низ чанд ноҳия ва шаҳри тобеъ дорад. «**Миср**» шаҳре бошад, ки қароргоҳи султон дар он ҷо буда, волиёни дигар манотиқ аз он ҷо фиристода шаванд, монанди Димишқ ва Қайравон. Инчунин, «**миср**» шаҳри калонеро гӯянд, ки дар байни ду минтақа ҷойгир бошад. Ба назари авом «**миср**» шаҳри калону бошукӯҳ бошад, монанди Рай ва Мавсил. Бинобар ин, шаҳрҳои Самарқанд, Макка, Бағдод ва Димишқ ҷузъи «**миср**» ва шаҳрҳои Ҳимс, Ҳирот, Ҳалаб, Балх ва Фос ҷузъи «**қасаба**» ба шумор мераванд» [15, ҷ.1, с.47-48].

Номи деҳаҳо дар осори ҷуғрофии арабизабон бо вожаи арабии «ал-қаря; ҷ. қуро» [القرى ج . القرية،] зикр мегардад. Дар осори ҷуғрофии арабизабон ҳар як мавзеъ бо зикри шаҳр, қасаба, русто, ноҳия, роҳ, деҳа ва ғ. бисёр муфассал баён шудаанд, аз ҷумла деҳаҳо, ки шумораи хело бузурги ин осорро ташкил медиҳанд. Танҳо ал-Муқаддасӣ мегӯяд, ки Бухоро дорои 16000 деҳа мебошад [15, ҷ.2, с.268].

Номи хиёбон, кӯча, гузаргоҳ ва маҳаллаҳо низ мутобиқи тақсимоти сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабон ба «**сикка**», «**туссуг**», «**русто**» ва «**маҳалла**» ҷудо мешаванд.

Сикка[sikka/سِكَّة]. Дар осори ҷуғрофии арабизабон «сикка; ҷ.сикак» кӯча, роҳ (*тариқ*), маҳалла, бозор ва инчунин роҳи кӯбидашуда (*маскук*)-еро гӯянд, ки корвонҳо аз шаҳре ба шаҳри дигар онро мепаймоянд [18, ҷ.1, с.49]. Бинобар ин, агар дар осори ҷуғрофии арабизабон бубинем, ки «**аз ин шаҳр то он шаҳр чунину чунон «сикка» аст**» дарҷ шуда бошад, бояд бидонем, ки роҳҳои расидан ба он шаҳрро дар назар доранд. Ёқут низ дар таъйиди ин фикр чунин мегӯяд: «Вақте мегӯянд, ки аз Бағдод то Мавсил панҷ сикка аст, чунин маъно дорад, ки сафаркунанда аз Бағдод ба Мавсил имкон дорад, ки бо панҷ роҳ ба Мавсил бирасад» [18, ҷ.1, с.49].

Туссуҷ [ṭussūj/طسوج] – ҷузъе аз аҷзои «кура» буда, аз «русто» ва «истон» хурдтар аст. Ёқут дар ин маврид чунин мегӯяд: «…Истон ба рустоҳ, рустоҳо ба туссуҷҳо ва туссуҷҳо ба деҳаҳо тақсим мешаванд…» [18, ҷ.1, с.48]. Аҳолии Саводи Ироқ онро ба маънои ноҳияи хурдтар аз «кура», шомили чанд «русто» ва дигар сарзаминҳо дониста, ҳамчун муодили «ноҳия»-и шомили чанд деҳа ба кор мебурданд [18, ҷ.1, с.48; 14, с.7]. Ёқут решаи ин вожаро низ форсӣ дониста мегӯяд: «…Ин калима форсӣ буда, аз решаи «тасу» гирифта шудааст. Ин вожаро бештар мардуми Ироқ истифода мебаранд…» [18, ҷ.1, с.48].

Русто [rustāḳ/الرستاق]. Русто ба назари бештари ҷуғрофияшиносон хурдтар аз «кура» ва тобеи он буда, аз деҳа калонтар буд, ки маъмулан, шомили даҳҳо деҳа мешуд [18, ҷ.1, с.48]. Русто дар тақсимоти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муодили «деҳот» ё худ «ҷамоати деҳот» буда метавонад. Ёқут ин вожаро сирф форсӣ дониста, онро аз забони Ҳамза ибн ал-Ҳасан чунин баён мекунад: «Калимаи «рустоқ» бинобар гуфтаи Ҳамза баргирифта аз «руза фасто» аст, ки «руза» ба маънои «саф, раста, қатор» ва «фасто» ба маънои «ҳол, ҳолат» мебошад, пас, маъноаш «мураттаб ва муназзам» мешавад. Имрӯз (замони муаллиф - Ҳ.Ш.) форсҳо ба мавзеъе, ки якчанд деҳа ва киштзор дорад, «русто» мегӯянд…» [18, ҷ.1, с.48].

Маҳалла [maḥalla/محلة]. Қисмати дигари номгузории мавзеъҳоро дар осори ҷуғрофии арабизабон «маҳалла»-ҳо ташкил медиҳанд, ки дар умум миқдоран, хеле зиёд мебошанд, чун ҷуғрофияшиносони арабизабон дар камтар мавзеъест, ки маҳаллаву деҳаҳои онро зикр накунанд. «Маҳалла» вожаи арабӣ буда, муродифи вожаи «манзил»-и арабист, ки дар осори ҷуғрофии арабизабон маънои «ҷойи фуруд омадани мардум»-ро дорад. Ҷуғрофияшиносони араб «маҳалла» як қисме аз қисматҳои шаҳр, қасаба ё деҳаро медонанд, ки айнан, ба тақсимоти маъмурии имрӯзаи Тоҷикистон мутобиқат менамояд.

Ҳамин тариқ, ҷуғрофияшиносони арабизабон ҳангоми шарҳу тавсифи ҳар макон то андозае тамоми ҷузъиёти марбут ба макону атрофи ҷомеаро зикр намуда, хонандагонро аз ҷойгиршавӣ, масоҳат, роҳҳо, кӯчаву бозорҳо, дарвозаву масҷидҳо, таърих, фарҳанг, забон, маданият ва гоҳо сабабҳои номгузорӣ ошно месозанд. Бешак, метавон гуфт, ки осори ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX-XIII яке аз сарчашмаҳои муҳимми забонӣ ва фарҳангие мебошанд, ки дар он на танҳо номвожаҳои ҷуғрофӣ арзи вуҷуд кардаанд, балки дар онҳо истилоҳоти муҳимми ин соҳаи забоншиносӣ ба таври фаровон гирдоварӣ шудаанд, ки шарҳу баёни забоншиносии онҳо барои муайян кардани таърихи пайдоиш ва пешрафти забон кумак менамояд.

Муқарриз: *Ҳомидов Д.* – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Бартольд В.В. Сочинения / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1965. – 711 с.
2. Крачковский И.Ю. Избранные сочинения / И.Ю. Крачковский. - М., -Л., 1957. - 919 с.
3. Никонов В.А. Введение в топонимику / В.А. Никонов. - М., 1965. – 179 с.
4. Основы иранского языкознания. Новоиранские языки. Восточная подгруппа. - М., 1987. - 718 с.
5. Расторгуева В.С. Этимологический словарь иранских языков. Том 1. / В.С. Расторгуева, Д.И. Эделман. – М.: Восточная литература РАН, 2000. – 327 с.
6. Сулаймонов С. Ёқути Ҳамавӣ аввалин топонимисти асримиёнагии Шарқ / С. Сулаймонов // Восточная филол, Вып. IV. - Душанбе, 1976. - С. 64-74.
7. Хромов А.Л. Некоторые особенности формирования топонимии Средней Азии // Ономастика Востока / А.Л. Хромов. - М., 1980. - С.132-139.
8. Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешрӯд (таҳқиқи лингвистӣ-таърихӣ) / Д. Ҳомидов. - Душанбе, 2014. –164 с.

9. Шодиев Р. Масоили лингвистии номвожаҳои таърихии Хатлон / Р.Шодиев. – Душанбе, 2016. - 118 с.
10. Sourdel, D, “KURA” Encyclopaedia of Islam / D. Sourdel. - Leiden: E.J. Brille, 1986. - New Edition. - Vol 5. - P.397-398.
11. أبو اسحاق ابراهيم بن محمد الفارسي الاصطخري . المسالك و الممالك / الاصطخري الفارسي بن محمد ابراهيم أبواسحاق . – ليدن: مطبعة بريل، 1870 م. – 348 ص.
12. أبوالقاسم ابن حوقل. كتاب المسالك و الممالك / ابن حوقل أبوالقاسم. – ليدن: مطبعة بريل، 1872 م. – 406 ص.
13. أبوالقاسم بن أحمد الجيهاني. أشكال العالم / الجيهاني بن أحمد. – تهران، 1989. – 323 ص.
14. أبوالقاسم عبيدالله بن عبدالله بن خرداذبه. المسالك و الممالك / ابن خرداذبه بن عبدالله عبيدالله أبوالقاسم. – ليدن: مطبعة بريل، 1889 م. – 308 ص.
15. أبوعبدالله محمد المقدسي. أحسن التقاسيم في معرفة الأقاليم / محمد المقدسي أبوعبدالله. – ليدن: مطبعة بريل، 1906 م. – 496 ص.
16. أحمد بن عمر ابن رسته. الأعلاق النفيسة / أبن رسته احمد بن عمر. – ليدن، 1892. – 373 ص.
17. أحمد بن محمد ابن الفقيه. كتاب البلدان / ابن الفقيه محمد بن أحمد. – ليدن ، 1302. – 440 ص.
18. شهاب الدين ياقوت بن عبدالله الحموي . معجم البلدان ج 1-5 / الحموي عبد الله ياقوت شهاب االدين . قدم له و شرحه و وضع فهارسه الدكتور صلاح الدين الهواري. – بيروت: المكتبة العصرية، 2014 م. – 670 ص.
19. على اكبر دهخدا. لغتنامه دهخدا / دهخدا على اكبر. – مؤسسه انتشارات و چاپ دانشگاه تهران، 1377. - 1590 ص.
20. محمد حسن دوست. فرهنك ريشه شناختى زبان فارسى / حسن دوست محمد. عبارت از 5 جلد. – تهران: فرهنكستان زبان و ادب فارسى، 1393.
21. محمد حسين بن خلف برهان. برهان قاطع / برهان محمدحسين. با اهتمام محمد معين. ج.1-4. – تهران، 1342ه.

ТАҚСИМОТИ МАЪМУРИИ КИШВАРҲО ДАР ОСОРИ ҶУҒРОФИИ АРАБИЗАБОНИ АСРҲОИ IX-XIII

Дар ин мақола тақсимоти маъмурии кишварҳо дар осори ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX-XIII мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Қайд карда мешавад, ки тақсимоти маъмурии кишварҳо ва топонимҳо аз нигоҳи ҷойгиршавӣ дар низоми сиёсӣ ва идорию маъмурии ҳар кишвар барои осонсозии идоракунии давлат, таъмини амният ва беҳбудии авзои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ равона гардидааст. Муаллиф андешаи тақсимбандии сарзаминҳо дар асрҳои миёнаро бо кишваркушоиҳои сарзаминҳои алоҳида аз ҷониби арабҳо вобаста дониста, таъкид кардааст, ки пеш аз он низ тақсимбандиҳои куллӣ, аз ҷумла бар асоси иқлимҳо ва тӯлу арзи ҷуғрофии маҳалҳо вуҷуд дошт, ки намунаи барҷастаи онро метавон дар сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX-XIII мулоҳиза намуд. Ҳамчунин, муаллиф таъкид намудааст, ки дар осори ҷуғрофии арабизабон воҳидҳои калони маъмурию ҳудудии кишварҳо бо вожаи «билод» ва ё «мамлакат», «кура», «истон», «вилоят», «ноҳия», «михлоф» ва «ҷунд» ифода мегарданд ва барои ифодаи мафҳуми имрӯзаи шаҳр истилоҳҳои «ал-мадина», «миср», «ал-қасаба» ва «ал-балад» истифода шудааст. Номи хиёбон, кӯча, гузаргоҳ ва маҳаллаҳо низ мутобиқи тақсимоти сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабон ба «сикка», «туссуг», «русто» ва «маҳалла» ҷудо мешаванд. Дар мақола махсусан таъкид гардидааст, ки ҷуғрофияшиносони арабизабон ҳангоми шарҳу тавсифи ҳар макон то андозае тамоми ҷузъиёти марбут ба макону атрофи ҷомеаро зикр намуда, хонандагонро аз ҷойгиршавӣ, масоҳат, роҳҳову кӯчаву бозорҳо, дарвозаву масҷидҳо, таърих, фарҳанг, забон, маданият ва гоҳо сабабҳои номгузорӣ низ ошно месозанд.

Калидвожаҳо: тақсимоти маъмурӣ, сарчашмаҳои ҷуғрофии арабзабон, кура, истон, вилоят, ноҳия, михлоф, ҷунд, миср, туссуг, русто, сикка.

АДМИНИСТРАТИВНОЕ ДЕЛЕНИЕ СТРАН В АРАБСКИХ ГЕОГРАФИЧЕСКИХ ИСТОЧНИКАХ IX – XIII ВВ.

В этой работе делается попытка исследовать административное деление стран в арабских географических источниках IX – XIII вв. Отмечается, что административное деление стран и топонимы по расположению политической и административной системы каждой страны важны для упрощения государственного управления, обеспечения безопасности и улучшения социальной и экономической обстановки. Автор связывает идею разделения территорий в средневековом периоде с арабскими завоеваниями и подчеркивает, что безусловно, раньше этого существовали целые разделения, например, основанные на климатической и географической широте и долготе регионов, лучшех примеры из которых можно встретить в арабских географических произведениях IX – XIII вв. Автор также подчеркивает, что в арабских географических произведениях для обозначения больших административно- территориальных единиц стран использовались такие термины, как «билод», «мамлакат», «кура», «истон», «вилаят», «нохия», «михлоф» и «джунд», а нынешнее слово «город» было выражено терминами «аль- мадина», «миср», «аль- касаба» и «аль- балад». Названия проспектов, улиц, проходов и регионов также были отделены согласно делению арабских географических источников, как например, «сикка», «туссуг», «руста» и «махала». В статье особый акцент делается на том, что арабские географы при описании отдельных мест, по мере возможности, упоминали все детали касательно окрестности, общества, также знакомили читателей с расположением, площадями, дорогами, улицами, рынками, воротами и мечетями, историей, культурой, языка, цивилизацией и иногда с причиной подобного наречения.

Ключевые слова: административное деление, арабские географические источники, кура, истон, вилоят, нохия, михлоф, джунд, миср, тусуг, руста, сика.

ADMINISTRATIVE DIVISION OF COUNTRIES ON ARABIC GEOGRAPHIC SOURCES IX- XIII CENTURIES

This article examines the administrative division of countries on Arabic geographic sources IX - XIII centuries. Should be noted that administrative division of countries and toponyms by the position of politic and administrative system of each country are used for facilitation of state administration, security and improvement of social and economic situation.

The author connects the idea of territorial division in medieval times to Arabic conquests, indeed before this there were total completed divisions too, for example based on climatic and geographical longitude and latitude of regions, the best example of which we can find on Arabic geographic sources IX- XIII centuries. Also the author stresses that on Arabic geographic sources big administrative and territorial units of countries were called by terminologies such as “bilod”, “mamlakat”, “kura”, “istan”, “vilayat”, “nohiya”, “mikhlaf” and “jund” and for descripting the word city were used the terms such “al-madina”, “misr”, “al- kasaba” and “al- balad”. The names of avenues, streets, passages and regions also were separated related on Arabic geographic sources such as “sika”, “tusug”, “rusta” and “mahala”. The article particularly accented that Arabic geographers on describing each place mentioned all details regarding society locality and also acquainted the readers with positions, squares, roads, streets, markets, gates and mosques, history, culture, language, civilization and sometimes with appellation causes.

Key words: administrative division, Arabic geographic sources, “kura”, “istan”, “vilayat”, “nohiya”, “mikhlaf” , “jund”, “misr” , “tusug”, “rusta” , “sika”.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳайбулоев Шамсидин Аҳлидинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **shams-92@mail.ru.** Тел.: **(+992)** 919-46-22-44

Сведения об авторе: ***Хайбулоев Шамсидин Ахлидинович*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры арабской филологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. E-mail: **shams-92@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-50-90-98**

Information about the author: ***Haibuloev Shamsidin Ahlidinovich*** – Tajik National University, Assistant of the Department of Arabic Philology. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe Rudaki, Ave., 17. E-mail: **shams-92@mail.ru**. Te.: **(+992) 988-50-90-98**

УДК:616.43

ТАҲҚИҚИ ИСТИЛОҲОТИ ТИББӢ: МАСЪАЛАҲО, САМТҲО ВА МЕТОДҲО

Асоев Ҷ.Х.
Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон

Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ ҳанӯз дар даврaҳои инкишофи сохтори қабиливӣ ба одамони бемор кӯмаки соддатарини тиббӣ расонида мешуд. Бо пайдоиши хат, ташаккули низоми истилоҳоти тиббӣ оғоз мегардад ва то ба имрӯз давра ба давра пурраву ғанӣ гардида, дар шароити имрӯза истилоҳҳои марҳилаҳои гузашта ва истилоҳи замони муосирро фарогир аст. Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза даҳҳо ҳазор истилоҳоти тиббӣ ва бунёдиҳои истилоҳотӣ дар соҳаи тибб истифода карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, истилоҳоти тиббӣ макронизоми бузургеро бунёд намудааст, ки ба даври доимӣ дар ҳаракат қарор дорад, ки ҳамасола бо истилоҳои нав пурра ва ғани гардонида мешавад. Унсурҳои истилоҳоти тиббӣ микронизомҳо ба ҳисоб мераванд, ки равандҳоро дар соҳаҳои алоҳидаи илми тибб таҷассум менамоянд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки миқдори микронизомҳои истилоҳоти тиббӣ босуръат афзуда истодааст. Аз тарафи дигар ҳамгироии микронизомҳо мушоҳида карда мешавад, ки боиси пайдоиши воҳидҳои нави истилоҳотӣ мегарданд.

Масъалаҳои мухталифи ташаккул ва инкишофи низоми истилоҳотии тиббӣ, тавлиди ташбеҳӣ дар истилоҳоти тиббӣ, муносибати маърифатӣ дар омӯзиши низоми истилоҳии забони тиббӣ, таҳлили муқоисавии истилоҳоти тиббӣ дар асоси маводҳои якчанд забон, таҳлили сохториву маъноии истилоҳоти тиббӣ дар марҳилаҳои гуногун аз тарафи забоншиносон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таҳлили ин таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар омӯзиши истилоҳоти тиббӣ аз тарафи муаллифон методҳои мухталифи таҳқиқот истифода карда шудааст [12,27].

Яке аз масъалаҳои муҳим дар раванди омӯзиши истилоҳоти тиббӣ – масъалаи муайян намудани асоси илмии истилоҳи тиббӣ ба ҳисоб меравад. Дар асри XX дар натиҷаи тафриқаи илмҳои тиббиву биологӣ ва пайдоиши соҳаҳои нави донишҳо ва самтҳои таҳқиқот дар соҳаи тибб равандҳои пурихтилофи луғавии ихтисосҳои тиббӣ ба миён меояд. Аз ин хотир зарурати муқаррар намудани принсипҳои танзими истилоҳоти тиббӣ

ба миён меояд. Маҳз дар ҳамин давра маҷмӯаҳои алоҳидаи истилоҳоти тиббӣ пайдо гардиданд, ки дар онҳо номгӯи мафҳум ва истилоҳҳои тиббӣ пешниҳод гардид.

Зарурати таҳқиқотҳои назариявӣ аз шароити махсуси амалнамоӣ ва рушди истилоҳоти тиббӣ бармеомад. Аз оғози солҳои 80-ум таҳқиқотҳо дар соҳаи истилоҳшиносии тиббӣ фаъол гардид. Дар ин давра таҳқиқотҳои маҷмӯавии истилоҳоти соҳаҳои мухталифи тиббӣ гузаронида шуда, хусусиятҳои амалнамоии матни тиббӣ таҷассум карда мешавад, мақом ва нақши истилоҳот дар таркиби луғавии низоми забоҳои миллӣ муайян мегардад, масъалаи моделсозии бунёди калимаҳо дар асоси маводҳои истилоҳоти тиббӣ ба роҳ монда мешавад. Дар охири асри XX то ба имрӯз масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва проблемаҳои дидактикии истилоҳоти тиббӣ дар мадди назари забоншиносон қарор гирифта, ба таҳияи воситаҳои таълимии истилоҳоти тиббӣ ва луғатномаҳои махсуси таълимии тиббӣ равона карда шудааст.

Истилоҳоти муосири тиббӣ яке аз низомҳои мураккаби истилоҳотӣ ба ҳисоб меравад. Миқдори умумии истилоҳҳои тиббӣ номуаълум аст, нисбати ин масъала мутахассисон ақидаҳои мухталифро пешниҳод намудаанд.

Истилоҳоти тиббӣ бо се самти алоҳида ҷудо карда мешавад:

-истилоҳоти анатомӣ, ки қисми ҷудонопазири маълумоти тиббӣ ба ҳисоб меравад, зеро тамоми истилоҳи анатомӣ бо забони лотинӣ омӯхта мешавад. Аз нуқтаи назари анатомия истилоҳ барои алоқаи воқеӣ бо объект, бунёдиҳои анатомӣ, ки бо ин истилоҳ номгузорӣ шудаанд, меҳим мебошанд. Аз нуқтаи назари забони лотинӣ истилоҳ дар алоқамандӣ бо забон муҳим мебошад. Аз ин хотир метавон қайд намуд, ки анатомия ба коркарди мундариҷаи истилоҳ, забоншинос – ба шакли истилоҳ машғул мебошад;

- истилоҳоти клиникӣ, ки дар амалияи клиникӣ истифода карда мешавад. Аксарияти истилоҳоти клиникӣ калимаҳои мураккаб мебошанд, ки аз унсурҳои калимасоз бунёд карда шудаанд. Дар азхудкунии истилоҳоти клиникӣ нақши унсурҳои юнониву лотинӣ бузург аст. Донистани низоми унсурҳои истилоҳии юнониву лотинӣ ин роҳ ва воситаи дарки истилоҳоти заминавии тиббии клиникӣ ба ҳисоб меравад;

-истилоҳоти фармасевтӣ, ки асосан аз калимаҳои юнонӣ ва лотинӣ ё қисми алоҳидаи онҳо сохта мешаванд. Номҳои воситаҳои доруворио унсурҳои калимаҳои лотинӣ ва юнонӣ ташкил медиҳанд, ки ин имкон медиҳад танҳо аз номигузории он маълумот дар бораи принсипи амали он, таркиби химиявӣ, ҷузъҳои асосӣ ва ғайра ба даст оварда шавад.

Аксарияти истилоҳҳои анатомӣ, клиникӣ ва фармасевтӣ, ки имрӯз дар тибб васеъ истифода карда мешаванд, калимаҳои лотинӣ ё юнонӣ, ки ба забони лотинӣ гузаштаанд, ба ҳисоб мераванд. Яке аз талаботҳои асосии истилоҳ фаҳмо ва дуруст истифода шудани он мебошад, ки самаранокии муошират илмиро таъмин менамояд. Аз ин хотир зарур аст, ки истилоҳ дуруст тартиб дода шуда бошад, ва мувофиқи қоидаҳои амалкунандаи забон талаффуз карда шаванд. Маълумоти асосӣ оид ба сохтани калимаҳо ва таҳлили калимаҳо имконият медиҳад, ки ба истилоҳи тиббӣ диққати махсус равона карда шавад.

Дар истилоҳи тиббӣ метавон метавон падидаҳои гуногунро мушоҳида намуд: рушди низоми истилоҳоти анатомии, ки ба таври дақиқи ва саҳеҳ коркард гардидааст; рушди босуръати истилоҳоти клиникӣ дар тамоми самтҳои тиббӣ, ки бетартибии муайяни истилоҳотӣ хоси он ба ҳисоб меравад; инкишофи босуръати истилоҳоти фармасевтӣ, ки дар асоси унсурҳои юнониву лотинӣ бунёд гардида, дар ароити имрӯза як навъ бенизомӣ дар доираи он мушоҳида карда мешавад.

Сабаби асосии пайдо шудани чунин вазъият бо рушди босуръати донишҳои илмӣ ва зарурати дар вақти кӯтоҳ номгузорӣ ба таҷҳизот, беморӣ, ва нишонҳои он алоқаманд мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки то ба имрӯз танзим ва ба низом даровардани истилоҳоти клиникӣ ва фармасевтӣ яке аз масъалаҳои асосии забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки дар асоси рушди илми-техникӣ истилоҳҳои нав пайдо мешаванд, ки ин масъаларо боз ҳам мураккабтар мегардонад.

Дар асоси рушди илмӣ-техникӣ дар соҳаи тибб зарурат пайдо мешавад, ки истилоҳи нав дар муддати кӯтоҳ бунёд карда шавад. Роҳу воситаҳои бунёди истилоҳи тиббӣ бо

истифодаи воситаҳои забони умумии адаби, инчунин бо раванди иқтибос аз дигар забонҳо ва бо раванди бунёди истилоҳи нав алоқаманд аст. Дар забони муосири тиббӣ зарурати интиқоли миқдори зиёди далелҳо дар шакли кӯтоҳ ва фишурда пайдо шудааст, аз ин хотир бунёди ибораҳои истилоҳӣ ва истилоҳотии кӯтоҳ яке аз сарчашмаҳои пешбари пайдо гардидани лӯғати нави истилоҳотӣ тиббӣ ба ҳисоб меравад.

С.В.Гринев асоси илмии истилоҳи тиббиро муайян намуда, ба он диққат медиҳад, ки дар тибб аксарияти истилоҳҳо аз нутқи умумии шифоҳӣ ҷудо карда шудааст [4,27]. Лекин чунин ақидаро на ҳама муаллифон пайравӣ менамоянд. Масалан, Л.С. Рудинский қайд менамояд, ки истилоҳоти тиббӣ бояд ҳамчун зернизоми забони адабӣ баррасӣ карда шавад. Дар раванди бунёди истилоҳи тиббӣ нақши пешбар ба шахсиятҳои алоҳида тааллуқ дорад, ки ба объект, мафҳум ва падида номи нав мегузоранд [10,85]. Ҳамин тариқ, Л.С.Рудинский вобастагии раванди тавлиди истилоҳро аз омили инсонӣ махсусан қайд менамояд. Лекин аз омили инсонӣ вобаста будани раванди бунёди истилоҳи тиббиро И.В Бушин рад менамояд, зеро бошуурии раванди бунёди истилоҳ идорашаванда ва танзимшаванда будани онро таъмин менамояд [2,54].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мухталиф будани ақидаҳо нисбат ба истилоҳоти тиббӣ аз тибаити духураи истилоҳ бармеояд. Аз ин хотир дар баррасии истилоҳоти тиббӣ одатан яке аз вазифаҳои истилоҳи тиббӣ – вазифаи маърифатӣ ё вазифаи номинативӣ ҷудо карда мешавад. Дар алоқамандӣ бо ин, муҳаққиқон ба чунин хусусиятҳои истилоҳ, ба монанди статика ва динамизм диққати махсус равона менамоянд. Ҷанбаи динамикии истилоҳ ҳамчун рушди созандаи ақидаи илмӣ фаҳмида мешавад, ки дар матн ҷойгир карда мешавад. Як қатор муаллифон раванди омӯзиши истилоҳро дар вазъияти статикӣ рад намуда, пешниҳод менамояд, ки истилоҳ дар таснифоти динамикӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шавад [8,230]. Лекин В.П.Даниленко пешниҳод менамояд, ки барои баррасии тамоми масъалаҳои истилоҳ зарур аст, ки ҳам таснифоти динамикӣ ва ҳам таснифоти статикии истилоҳ мавриди истифода қарор дода шавад [6,107].

Яке аз проблемаҳои муҳим дар доираи истилоҳоти тиббӣ – масъалаи полисемия ба ҳисоб мераванд, ки диққати забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар истилоҳоти тиббӣ полисемия ба полисемияи дохилифаннӣ ва байнифаннӣ ҷудо карда мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки полисемияи дохилифаннӣ дар истифодаи истилоҳ мушкилиро ба миён оварда, раванди муошират мутахассисони тиббро мураккаб мегардонад. Масалан, дар истилоҳоти тиббӣ мафҳуми hemogram – гемограмма ҳам дар маънои қайди натиҷаи таҳқиқи хун ва ҳам дар маънои формулаи хун истифода карда мешавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар истилоҳшиносӣ ду нуқтаи назар нисбат ба полисемия мавҷуд аст: эътирофи мавҷудияти он; рад намудани чунин падида дар истилоҳшиносӣ. Як қатор муаллифон полисемияро дар низоми истилоҳотӣ рад намуда, қайд менамояд, ки як рамз бояд танҳо як маъноро ифода намояд [14,58]. Гурӯҳи дигари муаллифон, моҳияти умумизабонии истилоҳро таъкид намуда, қобили қабул будани ақидае, ки “ба истилоҳот тамоми равандҳои семантикӣ, ки дар забони умумиадабӣ ҷой дорад, хос аст” –ро эътироф намудааст [7,65].

Як қатор муҳаққиқон сабабҳои асосии полисемияро дар истилоҳоти тиббӣ ҷудо намудаанд. Онҳо қайд менамояд, ки сабабҳо ва шаклҳои зуҳуроти полисемия дар истилоҳоти тиббӣ гуногун мебошанд. Якум, мавҷудияти микронизомҳои истилоҳотӣ, ки дар доираи онҳо як маҷмӯи овозӣ барои ифода намудани мафҳумҳои мухталиф ифода карда мешавад. Дар чунин ҳолат сухан дар бораи шакли байнифаннии полисемия меравад, ки аз тарафи намояндагони фанҳои гуногун истифода мешавад, аз ин хотир боиси нигаронӣ нест. Ба маҳдуд намудани таъсири манфии ин падида истифодаи истилоҳоти муродифӣ ё илова намудани калимаи мушаххаскунанда ба истилоҳи полисемӣ мусоидат менамояд [14,63].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таҳқиқоти истилоҳоти тиббӣ масъалаҳои муайянро, ки бо хусусиятҳои таркиби сохтории низоми истилоҳотии мазкур алоқаманд аст, дарбар

мегиранд. Дар як қатор корҳо масъалаи муродифҳо дар истилоҳоти тиббӣ баррасӣ гардидааст. Ин масъаларо баррасӣ намуда, М.Н.Чернявский қайд менамояд, истилоҳоти ҳаммуродиф дар тибб 25-40% тамоми хазинаи луғавиро ташкил менамояд [15,27].

Дар забоншиносӣ муносибат ба синонимия ягона набуда, муаллифон ақидаҳои мухталифро пешниҳод намудаанд. Асосгузори мактаби забоншиносии шӯравӣ Д.С.Лотте чунин мешуморид, ки вуҷуд надоштани синонимия бояд талаботи асосии истилоҳот бошад. Лекин, Г.О.Винокур, дар асоси таҳлил ва баррасии истилоҳот ба чунин хулоса омадаст, ки истилоҳ ин калимаи муҳим нест, балки калимаест, ки дорои вазифи муҳим аст, аз ин хотир пайдо гардидани ҳаммуродифӣ дар истилоҳот ногузир аст [4,187].

Як қатор муҳаққиқон қайд менамоянд, ки синонимия дар истилоҳот, махсусан дар истилоҳоти тиббӣ падидаи номатлуб аст, зеро барои мутахассисон ва тарҷуионҳо мушкилотро пеш меорад [10,85]. Чунин мешуморем, ки маънои истилоҳҳои ҳамммуродиф дар асоси матн ва таҳлили мантиқӣ муайян карда мешаванд. Лекин, ба ин нигоҳ накарда, мавҷудияти синонимия дар истилоҳоти тиббӣ барои мутахассис, махсусан мутахассисони ҷавон душвориҳоро ба миён меорад. Яъне, чунин мешуморем, ки истифодаи дурусти калимаҳои муродифӣ барои мутахассисон душвориҳои зиёдро ба миён меорад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили сарчашмаҳои илмӣ метавон қайд намуд, ки оид ба синонимия дар истилоҳоти тиббӣ ақидаи ягона вуҷуд надорад. Мавҷудияти синонимҳо дар истилоҳоти тиббӣ раванди робитаҳои касбиро мушкил менамоянд. Мушкилотро асосан синонимҳои мутлақ бо шаклҳои мухталиф ба миён меоранд. Муҳаққиқон мавҷудияти чунин снонимҳоро камбудии назарраси истилоҳшиносӣ мушуморанд. Масалан, ***Parkinson's disease - бемории Паркинсон = parkinsonism -паркинсонизм = shaking palsy – фалаҷи ларзон; Hurler's syndrome — аломати Ҳюрлер = Hurler's disease – бемории Ҳюрлер = dyostosis multiplex - диостози сершумор*** ва ғайраҳо.

Дар асоси таҳлили синонимҳои мутлақи истилоҳоти тиббӣ метавон қайд намуд, ки пайдоиши онҳо бо гуногунии консепсияҳои илмӣ, истифодаи воситаҳои мухталифи бунёди истилоҳҳо алоқаманд аст. Омили дигар, ки ба пайдоиши синонимҳои мутлақ таъсир мерасонад, пайдоиши онҳо дар забонҳои гуногун мебошад.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки дар гузашта, муҳаққиқон чунин мешумориданд, ки муродиф ҳамчун падида барои истилоҳ хос нест, зеро яке аз аввалин талаботҳо ба истилоҳ мавҷуд набудани муродифи он ба ҳисоб мерафт. Лекин, бо он сабабе, ки истилоҳ калимаи махсус нест, танҳо калима бо вазифаи махсус ҳисобида мешавад, он бояд бо ҳамон падидаҳои забоншиносӣ, ба монанди дигар калимаҳои умумиистеъмолӣ тасниф карда шавад. Аз ин хотир, барои истилоҳҳо низ доштани муродиф умумӣ ҳисобида мешавад.

Сабаби масъалаҳои зикргардида, ки дар доираи омӯзиш ва баррасии истилоҳоти тиббӣ пайдо шудаанд, мутобиқати хусусияти номинантӣ ва маънавӣ истилоҳ ба ҳисоб меравад. Истилоҳи тиббӣ, воҳиди стандартии номинанти махсус, ки ба соҳаи муошират илмии тибби муосир хизмат менамояд, мафҳумҳо, падидаҳо, раванду ҳодисаҳои тиббиро номгузорӣ намуда, бояд ба талаботҳои мавҷудаи истилоҳ ҷавобгӯ бошад: мутобиқат, дақиқӣ, якмаъногӣ. Хусусияти махънавии истилоҳи тиббӣ, ки аз омилҳои экстралингвистӣ ва иҷтимоиву лингвистӣ бармеояд, дар аксарияти ҳолатҳо монеаи банизомдарорӣ, стандартикунонии истилоҳоти тиббӣ ба ҳисоб меравад.

Ташаккули истилоҳоти муосири тиббӣ на танҳо бо асоси ибтидоии он, на бо мундариҷаи мафҳумҳои мувофиқ, балки бо тағйиротҳои иҷтимоӣ дар ҷаҳон ва кишварҳои алоҳида, ки дорои мактабҳои алоҳидаи тиббӣ мебошанд, алоқаманд аст.

Истилоҳоти тиббӣ дорои як қатор хусусиятҳои мебошад:

- иқтибоси истилоҳи юнониву лотинӣ асоси истилоҳоти тиббиро ташкил менамояд. Дар забони англисӣ аксарияти истилоҳи тиббӣ дар асоси истифодаи унсурҳои забонҳои классикӣ пайдо шудааст. Таҳлили истилоҳоти тиббӣ нишон медиҳад, ки номинантҳои анатомя ва бофташиносӣ ба пуррагӣ бо забони лотинӣ тартиб дода шудаанд;

- қисми зиёди истилоҳи тиббӣ – истилоҳи байналхалқӣ ба ҳисоб меравад, зеро истилоҳи юнониву лотинӣ асоси истилоҳоти тамоми забонҳои аврупоиро бунёд намудааст. Дар забони касбии кормандони соҳаи тиб дар тамоми кишварҳо як қатор ифодаҳои махсус танҳо бо забони лотинӣ истифода карда мешаванд;

-тавлиди фаъоли истилоҳи тиббӣ аз унсурҳои истилоҳи классикӣ ба таъсири муайян ба истилоҳоти тиббӣ оварда расонид: истилоҳи тиббӣ дорои сатҳи баланди ангезиш мебошанд ва аз руи семантика шаффаф ба ҳисоб мераванд.

Истилоҳ, ба монанди калимаҳои муқаррарӣ, дар асоси калима ва решаҳои мавҷудаи луғати умумӣ ва махсус сохта мешавад. Дар байни истилоҳҳо тамоми навъҳои сохтории калима, ки хоси забони алоҳидаи миллӣ мебошад, мушоҳида карда мешавад.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар ҳар давру замон ба инкишофи низоми истилоҳотии тиббӣ омилҳои мухталиф таъсир расонидаанд. Агар аз як тараф чунин таъсиррасониҳо боиси парру ва ғани гардидани таркиби луғавии истилоҳоти тиббӣ гардида бошад, аз тарафи дигар дар самти омӯзиш ва баррасии сохтор ва маънои онҳо як қатор масъалаҳои илмиро ба миён овардаанд.

Дар ин самт метавон дастовардҳои илмӣ-техникиро махсусан қайд намуд, ки ба пайдоиши таҷҳизоти нав ва номгузориҳои нав оварда расонид. Аз тарафи дигар, пайдо гардидани соҳаҳои нави илмӣ дар тибб боиси ғани гардидани таркиби луғавии истилоҳоти тибби гардидааст. Аз ин хотир зернизомҳои мухтаталифи истилоҳоти тиббӣ ҷудо карда мешавад, ки ба ҳамдигар алоқаманд буда, ба якдигар таъсири назаррас инрасонанд. Истилоҳоти муайян дар доираи тамоми ин низомҳои алоҳидаи истилоҳотӣ истифода карда мешаванд. Қайд намудан зарур аст, ки истилоҳоти нав ба кашфи донишҳои нави илмӣ мусоидат менамоянд.

Дар соҳаи тиб барои бартараф намудани самтгирии нодурусти истилоҳ, онро бо номи муҳаққиқи кашфнамуда мегузорнад, ки афзалиятнок мебошад. Бо гузашти вақт, вақте этиология ё ҷанбаҳои асосии беморӣ муайян карда мешавад, имконияти тавлиди истилоҳи нав ба миён меояд, ки тасаввуроти мушаххасро оид мансубияти он ба гурӯҳи муайян пешниҳод менамояд. Дар чунин ҳолат истилоҳ иваз карда мешавад ё ба хотири олим нигоҳ дошта мешавад.

Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза истилоҳоти тиббӣ ин хазинаи луғавии босуръат рушдкунанда аст, ки омӯзиш ва баррасии илмии он имконият медиҳад, ки масъалаҳои ҷойдоштаи забонӣ бартараф карда шаванд.

Муқарриз: *Қосимов О.Ҳ.* – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино

АДАБИЁТ

1. Алексеева Л.М. Медицине кий дискурс: теоретические основы и принципы анализа / Л.М. Алексеева. -Пермь, 2002. -200 с.
2. Володина М.Н. Теория терминологической номинации / М.Н.Володина. – М., 1997. -180 с.
3. Головин, Б. Н. Лингвистические основы учения о терминах / Б. Н. Головин. - М.:Высшая школа, 1987. - 104 с.
4. Гринев С. В. Введение в терминоведение / С. В. Гринев. -М.,1993. 309 с.
5. Гринев С. В. Исторический систематизированный словарь терминов терминоведения / С.В.Гринев. - М., 1998. - 144 с.
6. Даниленко В. П. Лингвистические требования к стандартизируемой терминологии / В. П. Даниленко. –М.: Наука, 1972. -363с.
7. Даниленко В.П. Русская терминология: Опыт лингвистического описания. М., 1977. –С.65. Рудинская, Л. С. Современные тенденции развития гематологической терминологии. М., 1997. -188 с.
8. Котов, Р. Г. Современная научно-техническая революция и ее влияние на развитие языка / Р. Г. Котов. // Онтология языка как общественного явления. –М.: Наука, 1983. -С. 208–286.
9. Лейчик, В. М. Основные положения сопоставительного терминоведения // Отраслевая терминология и ее структурно–типологическое описание. –Воронеж, 1988. – С. 3–9.
10. Оськина, С. Д. Терминология в международном сотрудничестве / С. Д. Оськина // Материалы II Международной научной конференции Азиатского Континентального Секретариата. –Омск, 2006. -С. 84–87.
11. Султонов, М.Б. Становление и развитие персидско-таджикской научной терминологии / М.Б. Султонов. – Душанбе: Дониш, 2008, 185 с.
12. Суперанская А. В. Общая терминология: вопросы теории / А.В. Суперанская. - М., 2012. - 248 с.

13. Табанакова В. Д. Идеографическое описание научной терминологии / В.Д. Табанакова. -Тюмень, 1999. - 200 с.
14. Толикина Е.Н. Некоторые лингвистические проблемы изучения термина / Е.Н. Толикина // Лингвистические проблемы научно-технической терминологии. М., 1970. С. 53-67.
15. Чернявский, М. Н. Краткий очерк истории и проблем упорядочения медицинской терминологии / М. Н. Чернявский. –М.: Советская энциклопедия, 1982. 425 с.

ТАҲҚИҚИ ИСТИЛОҲОТИ ТИББӢ: МАСЪАЛАҲО, САМТҲО ВА МЕТОДҲО

Дар мақолаи мазкур масъалаҳо, самтҳо ва методҳои таҳқиқи истилоҳоти тиббӣ дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки масъалаҳои мухталифи ташаккул ва инкишофи низоми истилоҳотии тиббӣ, ба монанди бунёди ташбеҳӣ дар истилоҳоти тиббӣ, муносибати маърифатӣ дар омӯзиши низоми истилоҳии забони тиббӣ, таҳлили муқоисавии истилоҳоти тиббӣ дар асоси маводҳои якчанд забон, таҳлили сохториву маъноии истилоҳоти тиббӣ дар марҳилаҳои гуногун аз тарафи забоншиносон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.Яке аз масъалаҳои муҳим дар раванди омӯзиши истилоҳоти тиббӣ – масъалаи муайян намудани асоси илмии истилоҳи тиббӣ ба ҳисоб меравад. Зарурати таҳқиқотҳои назариявӣ аз шароити махсуси амалнамоӣ ва рушди истилоҳоти тиббӣ бармеомад. Дар солҳои 80- уми асри XX таҳқиқотҳои маҷмӯавии истилоҳоти соҳаҳои мухталифи тиббӣ гузаронида шуда, хусусиятҳои амалнамоии матни тиббӣ таҷассум карда мешавад, мақом ва нақши истилоҳот дар таркиби луғавии низоми забоҳои миллӣ муайян мегардад, масъалаи моделсозии бунёди калимаҳо дар асоси маводҳои истилоҳоти тиббӣ ба роҳ монда мешавад. Талаботи асосии истилоҳ фаҳмо ва дуруст истифода шудани он мебошад, ки самаранокии муошарати илмиро таъмин менамояд. Аз ин хотир зарур аст, ки истилоҳ дуруст тартиб дода шуда бошад, ва мувофиқи қоидаҳои амалкунандаи забон талаффуз карда шаванд. Дар истилоҳоти тиббӣ полисемияи дохилифаннӣ ва байнифаннӣ ҷудо карда мешавад. Полисемияи дохилифаннӣ дар истифодаи истилоҳ мушкилиро ба миён оварда, раванди муошарати мутахассисони тиббро мураккаб мегардонад.Оид ба синонимия дар истилоҳоти тиббӣ ақидаи ягона вуҷуд надорад. Мавҷудияти синонимҳо дар истилоҳоти тиббӣ раванди робитаҳои касбиро мушкил менамоянд. Мушкилотро асосан синонимҳои мутлақ бо шаклҳои мухталиф ба миён меоранд.

Калидвожаҳо: истилоҳ, истилоҳот, забоншиносӣ, истилоҳоти тиббӣ, таҳлили сохториву маъноии, таркиби луғавии, истилоҳоти анатомӣ, истилоҳоти клиникӣ, истилоҳоти фармасевтӣ, , низоми истилоҳоти анатомии, полисемия, синонимия.

ИССЛЕДОВАНИЕ МЕДИЦИНСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ: ПРОБЛЕМЫ, НАПРАВЛЕНИЯ И МЕТОДЫ

В статье рассматриваются проблемы, направления и методы исследования медицинской терминологии в современных условиях. Автор отмечает, что различные вопросы формирования и развития системы медицинской терминологии, такие как построение медицинских терминов, когнитивный подход в изучении системы терминологии медицинского языка, сравнительный анализ медицинских терминов на материалах нескольких языков, анализ структурной и семантической анализ медицинской терминологии рассматривались лингвистами в отделных этапах развития. Одним из важнейших вопросов процесса изучения медицинской терминологии является вопрос определения научных основ медицинской терминологии. Потребность в теоретических исследованиях возникла из-за особых условий практики и развития медицинской терминологии. В 80-х годах XX века было проведено комплексное изучение терминологии в различных областях медицины, были отражены практические особенности медицинского текста, определены статус и роль терминов в лексической структуре национальной языковой системы, была осуществлена моделирования создании слов на основе медицинской терминологии. Основное требование к термину - его понимание и правильное употребление, что обеспечивает эффективность научного общения. Поэтому важно, чтобы термин был правильно сформирован и произносился в соответствии с правилами языка. В медицинской терминологии различают дисциплинарную и междисциплинарную полисемию. Внутридисциплинарная полисемия представляет собой проблему при использовании термина и усложняет процесс общения медицинских работников. Нет единого мнения о синонимии медицинских терминов. Наличие синонимов в медицинских терминах усложняет процесс профессионального общения. Проблема в основном вызвана абсолютными синонимами с разными формами.

Ключевые слова: термин, терминология, лингвистика, медицинская терминология, структурно-семантический анализ, лексическая структура, анатомическая терминология, клиническая терминология, фармацевтическая терминология, система анатомической терминологии, полисемия, синонимия.

RESEARCH OF MEDICAL TERMINOLOGY: PROBLEMS, DIRECTIONS AND METHODS

The article deals with the problems, directions and methods of research of medical terminology in modern conditions. The author notes that various issues of the formation and development of the system of medical terminology, such as the construction of medical terms, the cognitive approach to the study of the system of terminology of the medical language, the comparative analysis of medical terms on the materials of several languages, the analysis of the structural and semantic analysis of medical terminology were considered by linguists in separate stages of development. .One of the most important issues in the process of studying medical terminology is the question of determining the scientific foundations of medical terminology. The need for theoretical research arose due to the special conditions of practice and the development of medical terminology. In the 80s of the twentieth century, a comprehensive study of terminology in various fields of medicine was carried out, the practical features of the medical text were reflected, the status and role of terms in the lexical

structure of the national language system were determined, and the creation of words was simulated based on medical terminology. The main requirement for the term is its understanding and correct use, which ensures the effectiveness of scientific communication. Therefore, it is important that the term is correctly formed and pronounced in accordance with the rules of the language. In medical terminology, disciplinary and interdisciplinary polysemy is distinguished. Intradisciplinary polysemy is a problem in the use of the term and complicates the communication of healthcare professionals. There is no consensus on the synonymy of medical terms. The presence of synonyms in medical terms complicates the process of professional communication. The problem is mostly caused by absolute synonyms with different forms.

Key words: term, terminology, linguistics, medical terminology, structural-semantic analysis, lexical structure, anatomical terminology, clinical terminology, pharmaceutical terminology, anatomical terminology system, polysemy, synonymy.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Асоев Ҷомӣ Хайруллоевич*** **-** Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон, унвонҷӯй, ассистенти кафедраи забонҳо. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Исмат Шарифов, 3. Телефон: **987-60-80-02**

Сведения об авторе: ***Асоев Джоми Хайруллоевич*** **–** Хатлонский государственный медицинский университет, соискатель, ассистент кафедры языков. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Исмат Шарифова, 3. Телефон: **987-60-80-02**

Information about the author: ***Asoev Jomi Khairulloevich*** - Khatlon State Medical University, applicant, assistant at the Department of Languages. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, Ismat Sharifova street, 3.
Phone: **987-60-80-02**

УДК: 811.21/.22-54

МАВҚЕИ ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
(дар асоси маводи насри муосир)

Кенҷазода М.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷумлаҳои чидааъзо як навъи ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ буда, серистеъмоланд. Чунин навъи ҷумлаҳои сода чи дар забоншиносии рус ва чи дар забоншиносии тоҷик мавриди ковишҳои илмӣ қарор гирифтаанд. Дар забоншиносии тоҷик дар китобу дастурҳои илмӣ ва таълимӣ [11; 12; 14; 15; 18;], инчунин дар асарҳои муаллифони ҷудогона [14; 18;19] маълумот дода шудааст.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик бо як ҳиссаи нутқ пайи ҳам чида шудани аъзоҳои ҷумла характернок мебошад. Дар сарчашмаҳо таърифи ҷумлаҳои чидааъзо мухталиф дода шудааст.

Зобоншинос Н. Маъсумӣ соли 1949 дар китоби «Нишондодҳои методӣ ва супоришҳо аз забони модарӣ» ба хусусиятҳои наҳвӣ ва семантикии ҷумлаҳои чидааъзо эътибори бештар дода, доир ба чидашавии аъзоҳои ҷумла, воситаҳои алоқаи грамматикии онҳо маълумоти дақиқ додааст [15, 27-28]. Мутассифона, на ҳамаи қоидаҳои дар сарчашмаҳо зикргардида табиати ҷумлаҳои содаи чидааъзоро саҳеҳ ифода мекарданд. Масалан, дар китоби “Грамматикаи забони тоҷикӣ” соли 1956 «такроршавии яке аз аъзоҳои ҷумларо» чидааъзо номидаанд [ниг. 9, 57]. Албатта, такрори як аъзо аломати ҷумлаҳои чидааъзо шуда наметавонад. Дар баъзе сарчашмаҳо бештар роҷеъ ба чидашавии ягон аъзои ҷумла маълумот дода шудааст. Дар китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» (синтаксис) доир ба ҷумлаҳои чидааъзо маълумоти пурратар дода шудааст: *Ҷумлае, ки яке аз аъзоҳояш чида шуда меояд, ҷумлаи чидааъзо мебошад. Дар ҷумлаҳои чидааъзо аъзоҳои чида ба як хел савол ҷавоб мешаванд* [16, 87].

Дар ин китоб баъзе хусусиятҳои ҷумлаҳои чидааъзо зикр гардидаанд. Инчунин дар пуркунандаи чида пешоянд танҳо ба аввали пуркунандаи якум оварда шуда, пуркунандаҳои дигар бе пешоянд низ омада метавонанд. Дар пуркунандаи бевосита, ки вай бо пасоянди –ро сурат мегирад, пасоянд танҳо бо пуркунандаи охирин меояд [16, 87].

Муқоисаи сарчашмаҳо нишон дод, ки солҳои баъдин доир ба ҷумлаҳои чидааъзо маълумотҳои мушаххастар дода шудааст.

Муҳаққиқ А. Эшонҷонов дар мақолааш «Ҷумлаҳои чидааъзо ва баъзе хусусиятҳои грамматикии он» [22] бештар ба хусусиятҳои услубии мубтадоҳои чида таваҷҷуҳ намудааст.

Чидашавии аъзоҳои ҷумла диққати шевашиносонро низ ба худ ҷалб намудааст. Р. Ғаффоров дар китоби «Шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» [1979] ба ин навъи ҷумлаҳои сода таваҷҷуҳ зоҳир намуда, чидашавии аъзоҳои ҷумла ва баъзе хусусиятҳои грамматикии онҳоро таъкид намудааст. Инчунин вазифаи пайвандакҳои пайвасткунандаро дар ҷумлаҳои чидааъзо дақиқ шарҳ додааст.

Забоншинос С. Раҳматова асареро бо номи «Ҷумлаҳои чидааъзо дар забони адабии тоҷик» [19] таълиф намудааст. Дар асари мазкур роҳу воситаҳои чида шудани аъзоҳои ҷумла таҳлилу баррасӣ гардидааст. С. Раҳматова чидашавии ҳар як аъзои ҷумла, воситаҳои алоқа ва ба вазифаи аъзои чидаи ҷумла кор фармуда шудани ҳар як ҳиссаи нуткро дар алоҳидагӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Чунончи, дар мавриди мубтадоҳои чида чунин меафзояд: «Мубтадоҳои чида бо исм, предметҷонишин, масдар ва дигар ҳиссаҳои нутқе, ки дар ҷумла маънии предметӣ доранд, ифода мешавад. Дар ҷумла, пеш аз ҳама, исмҳо мубтадо мешаванд. Онҳо се тарзи ифода доранд: якум, исми якхела, дуюм, исми ҳархела ва сеюм аз исму дигар ҳиссаҳои нутқ» [19, 14].

Дар ҷумлаҳои чидааъзо ду ва ё зиёда аъзоҳои ҷумла пай дар пай омада, муносибати пайвасти наҳвиро ифода мекунанд ва ба як савол ҷавоб мешаванд. Роҳу воситаҳои алоқаманд гардидани аъзоҳои чидаи ҷумла гуногун аст. Ҷумлаҳои чидааъзоро забоншинос М. Норматов чунин таъриф додааст: «Ҷумлаҳое, ки дар онҳо ду ва ё зиёда мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол бо алоқаи пайваст омада, бо аъзои дигар муносибати якхелаи маъноию грамматикӣ доранд, ҷумлаҳои чидааъзо номида мешаванд»[18, 202].

Дар баъзе асарҳо оид ба ҷумлаҳои чидааъзо маълумоти якхела оварда шудааст. Аммо забоншинос Б. Камолиддинов чунин хусусиятҳои ҷумлаҳои чидааъзоро зикр намудааст:

“1. Аъзоҳои чидаи ҷумла ҳамеша як аъзои дигарро шарҳ медиҳанд. Хабарҳои чида ба як мубтадо тобеъ шуда, онро аз як ҷиҳат ё аз ҷиҳатҳои гуногун эзоҳ медиҳанд.

2. Сарфи назар аз будан ё набудани мубтадо хабарҳои чида ҳамеша ба як шахсу шумора далолат мекунанд.

3. Аъзоҳои чидаи ҷумла бо ҳамдигар муносибати муайяни грамматикӣ дошта, ҳамеша бо ёрии интонатсияи пайваст ва ё ба воситаи интонатсияи пайвасту пайвандакҳои пайваст (пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ) алоқаманд мешаванд. Гарчи ҳар кадоми хабарҳои чида нисбатан мустақиланд, байни онҳо ҳамеша муносибати муайяни замонӣ вуҷуд дорад. Хусусан дар сурати бо шакли замони гузаштаи сифати феълӣ ифода ёфтани хабарҳои чидаи пешомада алоқаи грамматикии байни аъзоҳои чида қавитар мегардад.

4. Дар байни аъзоҳои чида ҳамеша як навъ робитаи маъноӣ ва таносуби сухан риоя мешавад, бинобар ин ҳар гуна исм, сифат ва феълҳоро дар вазифаи аъзоҳои чида оварда, ба тарзи сунъӣ ба ҳам пайвастан имконнопазир аст: Дар саҳни мактаб олуча, зардолу ва бунафша гул кард. Дар ин ҷумла бунафша, ки аз ҷинси гиёҳ аст, дар қатори дарахтони олучаю зардолу таносуби маъноӣ надорад ва дар қатори мубтадоҳои чида намеояд.

5. Дар тартиби пайиҳам омадани аъзоҳои чида низ низоми муаяйн риоя мешавад. Масалан, дар ҷумлаи боло аъзоҳои чидаро ба ин тартиб овардан норавост: Аз сӯйи қишлоқ овози ҳайвонот: аспу бузу гову гӯсфанду хар шунида мешуд.[13, 69]

Дар ифодаи аъзоҳои чида таносуби сухан, алоқаи маъноии калимаҳо аҳамияти калон пайдо мекунад. Аъзоҳои чида бо тартиби муайян меоянд, бинобар ин баъзан иваз кардани ҷойи аъзоҳои чида ба маънои ҷумла халал мерасонад. Мо низ такя ба сарчашмаҳо намуда, маводи гировардаро аз ду ҷиҳат мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем:

1. Аз ҷиҳати воситаи алоқа;

2. Тартиби чидашавии аъзоҳои ҷумла.

Дар байни аъзоҳои чидаи ҷумла танҳо як алоқа-алоқаи пайваст мушоҳида мешаванд, ки он бо ёрии пайвандакҳои пайвасткунандаи пайҳам, хилофӣ, ҷудоӣ ва интонатсияи пайваст сурат мегирад:

А) **Пайвандакҳои пайвасти пайиҳам**. Дар ин вазифа, асосан, пайвандаки пайвасти пайиҳами «ва» серистеъмол аст. Ин пайвандак дар ҷумлаҳои чидааъзое, ки аъзоҳои чидаи он бо интонатсия алоқаманд гардидаанд, бо аъзои чидаи охир меояд: ***Мовароуннаҳр, Хуросон ва Хоразм*** *дар он замонҳо ободтарини мамлакатҳои Шарқи ислом буданд [3, 3.].* ***Банокат, Хатлон, Вахш, Чағониён, Тирмиз, Балх, Марв, Шодбох, Нишопур, Нисо, Шаҳристон, Деҳистон, Абевард ва Тӯс*** *барин чандин вилоятҳо ва шаҳрҳои ободи серодам буданд[3, 4.]. Шугли асосии оммаи мардуми Хуросон, Мовароуннаҳр ва Хоразм дар деҳот киштукор, боғдорӣ, кирмакпарварӣ буд. [3, 6]. Дар шаҳрҳо ва дар марказҳои аҳолинишин* ***майдаҳунармандӣ [пешаварӣ], бофандагӣ, дӯзандагӣ, дуредгарӣ, меъморӣ, наққошӣ, заргарӣ, зардӯзӣ, оҳангарӣ ва монанди*** *инҳо буд [3, 6];*

Аъзоҳои чида дар ҷумлаҳои чидааъзо тавассути интонатсия бо ҳам алоқаманд мегарданд ва аъзои чидаи охирон бо пайвандаки пайиҳами “ва” меояду чун қулфу калид маҳкам мешавад ва баъд аз он овардани дигар аъзоҳои чида ғайриимкон аст. *Чунончи: Таҳоиҳо* ***каланд, табар, дасткола ва дигар асбобҳоро*** *дар галтакҳо ниҳода пеш ронданд. Бобоям нон, чойҷӯш ва дигар чизҳоро ба хӯрҷин андохта ба хар савор шуд [2, 26];*

Пайвандаки пайвасткунандаи пайиҳами “у”. Пайвандаки пайвасткунандаи пайиҳами “у” низ бо аъзоҳои чидаи ҷумлаҳои содаи чидааъзо меояд, вале монанди пайвандкаи пайиҳами “ва” серистеъмол нест. Дар ҷумлаҳои зерин бо исмҳои чидаи **даст, пой, асп, одам** васл гардидааст*: Аммо дар Ҳулвон сармои сахт хеста* ***дасту пойи аспу одами*** *бисёреро аз лашкариёни ӯ талаф кард[3, 16]. Саркардагони Султон Муҳаммад ҳам ба итоати ӯ* ***якдилу якзабон*** *набуданд[2, 17].*

Пайвандаки пайвасткунандаи пайиҳами “-у” дар ҷумлаҳои чидааъзо чун воситаи алоқа на ҳамеаша роли пайвасткунандаро мебозад. Баъзан бо мақсади муқобил гузоштани аъзоҳои чида меояд ва бо пайвандакҳои аммо, вале, лекин муродиф мешавад, дар ин маврид танҳо ду аъзои чида корбаст мешавад: Ҳофиз манаму бародарам мехонад.

Пайвандакҳои “-у, -ю” дар таркиби калимаҳои синонимӣ ва антонимӣ омада, алоқа ва муносибати грамматикии байни ҷузъҳои чидаро зичтар мекунанд. Ҷойи чунин аъзоҳои чида устувор аст: *Ман* ***гиряву зорикунон*** *аз ӯ пурсидам [2, 71]; Сабаби ҳақиқии* ***андӯҳу алам*** *ва* ***гиряю гами*** *ман бахти сиёҳи ман аст [2, 475];* ***Хурду калон*** *ҳама аз хоб хестанд. Ҳамаи занон* ***тарсону ларзон*** *паст-паст бо ҳам гап мезаданд[2, 475];*

2. Тартиби чидашавии аъзоҳои ҷумла. Бояд зикр намуд, ки дар ифодаи аъзоҳои чида таносуби сухан, алоқаи маъноии калимаҳо аҳамияти калон пайдо мекунад, ки ин як хусусияти ҷумлаҳои чидааъзост. Аъзоҳои чида бо тартиби муайян меоянд, аз ин рӯ баъзан иваз кардани ҷойи аъзоҳои чида ба маънои ҷумла халал мерасонад. Аъзоҳои чида на танҳо аз ҷиҳати шакл, сохт, таркиб, инчунин аз ҷиҳати оҳанг, вазну қофия ҳам бо якдигар таносуби маъноӣ пайдо мекунанд: ***Қади навраста, рӯйи хуҷаста, зулфи шикаста, абрӯи пайваста*** *– ҳама бо якдигар мутаносуб, ҳама бо якдигар шинам, ҳама бо якдигар зебанда афтида буданд [5, 276];*

Аъзоҳои чида аз рӯйи муносибати грамматикӣ хусусияти махсус доранд, зеро, аз як тараф, танҳо ба як аъзо муносибати тобеият дошта, аз тарафи дигар, байни ҳамдигар муносибати пайваст доранд. Бо ин хусусияти худ, яъне муносибати дутарафа аъзоҳои чида аз аъзоҳои муқаррарии ҷумла фарқ мекунанд. Аъзоҳои чида бо интонатсия “оҳанги шумур” ва зарби махсус талаффуз мешаванд: *Дар он ҷо ба ман* ***як қаламдон, ду найқалам, як қаламтарош, як қаламқат, як ҷузгири мешигӣ, як бандча лос ва чор тахта*** *когази машқии ҳӯқандӣ харида дод [2, 138]*

Баъзе забоншиносон, аз ҷумла А. Эшонҷонов [23, 20], А. Халилов [22, 70], С. Раҳматова[19, 88] ҳамчун воситаи алоқаи аъзоҳои чида бандаки изофиро эътироф намудаанд. С. Раҳматова дар ин маврид чунин менависад: “Бандаки изофӣ ду аъзои чида ва ё зиёда аз онро бо ҳам пайваст мекунад. Бо изофат алоқа ва муносибати пайвасти байни аъзоҳои чида зич ва мустаҳкам аст: *Ӯ беихтиёр аз паси сари худ нигоҳ кард ва 50-60 қадам*

дуртар аз худаш як туркмани ***баландқомати лоғарандоми миёнсоли ришмошубиринҷи сиёҳчеҳраи чашму абрӯяш сиёҳро*** *дид [4, 45] [18, 88].*

Аммо баъзе забоншиносон ин андешаҳоро ботил мешуморанд.

М. Норматов чунин андеша дорад: “Ин фикр тамоман ғалат аст, зеро бандаки изофӣ воситаи алоқаи тобеии изофӣ мебошад. Дар байни аъзоҳои чида танҳо алоқа пайваст мавҷуд аст” [18, 201]. Мавсуф барои исбот намудани фикраш чунин меорад: Азбаски бандаки изофӣ воситаи алоқаи тобеъ мебошад, дар ҷумлаи “**Як шахси баландқомати зардинарӯйи рангкандаи камхун** ба минбар баромад [2, 78]” на танҳо муайянкунанда, балки ягон аъзои чидаи дигар ҳам мушоҳида намешавад. Дар ин ҷумла чор муайянкунанда мавҷуд аст. Ҳамаи онҳо ба гурӯҳи муайянкунандаҳои изофии аломат мансубанд. Муайянкунанда аввал (баландқомат) ба эзоҳи муайяншаванда (шахс) омадааст, муайянкунандаи дуюм (**зардинарӯй**) бар эзоҳи ибораи исмии “як шахси **баландқомат**”, муайянкунандаи сеюм (**рангканда**) бар эзоҳи ибораи мураккаби “**як шахси баландқомати зардинарӯйи** ” ва муайянкунандаи охирон (**камхун**) бар эзоҳи ибораи “як шахси баландқомати зардинарӯйи рангканда омадааст” [17, 201].

Аз баррасии ҷумлаҳои чидааъзо доир ба бандаки изофӣ ҳамчун воситаи алоқаи грамматикӣ ба ҳамин хулоса омадан мумкин аст, ки бандаки изофӣ ҳеҷ гоҳ воситаи алоқаи аъзоҳои чида шуда наметавонад, чуники он воситаи алоқаи тобеии изофист, дар байни аъзоҳои чида бошад, танҳо алоқаи пайваст мавҷуд аст.

Баъзан пеш ё пас аз аъзоҳои чида калимаҳои хулосакунанда кор фармуда мешаванд, ки маънои умумии аъзоҳои чидаро дар бар гирифта, вазифаи муштараки наҳвиро адо мекунанд. Воҳиди хулосакунанда пеш аз аъзоҳои чида омада бошад, пас аз он аломати баён, баъди аъзоҳои чида омада бошад, пеш аз он аломати тире гузошта мешавад: *Аз сӯйи қишлоқ овози ҳайвонот****: бузу гӯсфанду гову хару асп*** *шунида мешуд;* ***Шариф, Маҳмуд ва Муқим*** *– ҳар се аз маҷлиси ҷавонҳо баромада, ба идораи шӯрои ҷамоа равон шуданд* [*13, 49].*

Дар маводи гирдовардаи мо чунин мисолҳо кам нестанд: ***Қасрҳо, кӯшкҳо, кохҳо, саройҳо карвонсаройҳо, растаҳо, бозорҳо, тимҳо, мадрасаҳо, китобхонаҳо, мунораҳо, масҷидҳо*** *– ҳама ва ҳама сӯхта хокистар гардида буданд [3, 67]; Писарони хурдсоли Восеъ “****Ҳасан ва Давлат –*** *барои чидани алафҳои хӯрданӣ ба боғот рафта буданд [20, 23];*

Мо низ барои ҷолиб ва мушаххастар таҳлил намудани маводи гирдоварда ҳар як аъзои ҷумларо дар алоҳидагӣ таҳлилу баррасӣ намудем:

1.**Мубтадоҳои чида.** Мубтадоҳои чида бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ, ки хусусияти предметӣ доранд, ифода мешавад:

А] Исм. Ба вазифаи мубтадои чида ҳамаи навъҳои исм омада метавонад. Исмҳо дорои категорияҳои грамматикии ҷамъ мебошанд, ки он тавассути пасвандҳои ҷамъбандии -ҳо, -он ва пасвандҳои ҷамъсози арабӣ сурат мегирад. Ин воситаҳои грамматикӣ метавонанд ба ҳар як аъзои чидаи ҷумла васл гарданд, ё ин ки ба ҷузъи охирини он пайваст шуда, дар баробари маънои грамматикӣ ғарази услубиро низ ифода кунанд. Чунончи: Дар ҷумлҳои зерин пасванди ҷамъбандии “-ҳо” бо ҳар як аъзои чидаи ҷумла омада, таъкидро мефаҳмонад: ***Камзаминҳо ва безаминҳо*** *чоряккорӣ, ятимӣ ва ё ба ягон касби дигар машғулӣ менамуданд [2,10]; Баъд* ***дӯконҳо, растаҳо, чойхонаву ошхонаҳо*** *камодаму камтараддуд шуда монданд[20, 10];*

Дар мисолҳои зерин пасванди ҷамъбандии -он ва варианти грамматикиаш –гон истифода гардидааст: ***Занон, духтарон ва бачагон*** *тӯб-тӯб шуда бар рӯйи хомаҳои рег ва дар ҳавои кушода менишастанд [2*, 47];

Ба вазифаи мубтадои чида исмҳои хоси ифодакунандаи мафҳуми шахс, макон бештар истифода гардидааст: *Рӯзе аз шогирдони падарам* ***Мулло Бобоҷон, Мулло Ҳамроҳ, Мулло Абдулвоҳид ва Мулло Собит*** *ба хонаи мо – ба пеши падарам омада буданд[2, 15];* ***Аноргул ва Гулъизор*** *бачаҳоро гирифта ба боғ рафтаанд [20, 25];* ***Падару писар*** *барфро гундошта-гундошта ба даруни хандақ партофтан гирифтанд[20, 41]; Аҳли хонавода,* ***хешон ва ёру дӯстони*** *Восеъ ӯро бо як ҳисси ғамангези ҷудоӣ ва «саломат бираву саломат биё»-ҳои бисёре ба роҳи дур гусел карданд[21, 66];*

Исмҳои ифодакунандаи предметҳои ғайришахс: ***Сабза ва себаргаҳои*** *лаби ҷӯй ва дигар алафхои худрӯ ба назари кас ҳим-ҳим тофта чашми одамро мебурданд. [2, 39];* ***Шоху навдаҳои*** *пурбор ҳамчун шаҳидони майдони ҷанг ба хок сарнагун гаштанд[2, 46];*

Бо ибора ифода гардидани мубтадои чида. ***Нигоҳубини асп, тараддуди обу ҳезуми хона*** *ҳам ба уҳдаи зану духтараш монда буд[2, 50].*

Артикли -е низ бо аъзоҳои чида васл мегардад. Дар мавриди бо ҳар як ҷузъи чида омадани артикли -е аҳамияти услубӣ касб намуда, аъзоҳои чида ишора ва таъкид меёбанд:*Дар ягон ҷойи кӯчаи шаҳр* ***шамъе, чароғе, фонусе*** *набуд* [1, 78*].*

Бандакҷонишинҳои шахсӣ бо аъзоҳои чида омада, маъниро таъкид мекунанд. Бо исми чида бештар бандакҷонишинҳои шахси якум ва сеюми танҳо истифода мешаванд. Онҳо бо ду тарз бо аъзоҳои чида васл мешаванд:

А) **бо ҳар як мубтадои чида:** *Меҳмонони мардинаро* ***падарам, амакам, бобои модариам, тағоҳоям ва дигар хешовандон*** *"хуш омадед, хуш рафтед" мегуфтанд [2, 19] Меҳмонзанонро* ***модарам, модаркалонам, занони тағоҳоям ва зани амака****м меҳмондорӣ мекарданд [2,19];*

Б) **бо мубтадои чидаи охирин:** ***Писару келинаш*** *бо ӯ дар як ҳавлӣ мезистанд[21, 160]*

Исмҳои ифодакунандаи мафҳумҳои гуногун. Чунин навъи исмҳо зиёд мушоҳида гардиданд, ки чида шуда омадаанд: *Аз хонаи Назир* ***хайру баракат*** *болу пар бароварда парида рафтан гирифт [21, 160]; Туфанги шохдор,* ***дом ва қапқонҳояш*** *занг заданд[21, 161];*

Хабари чида. Хабарҳои чида байни худ ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда ва интонатсия алоқаманд шуда, муносибатҳои гуногуни синтаксисиро ифода мекунанд. Хабарҳои чида дар объекти таҳқиқи мо серистеъмоланд. Ба ин вазифаи ҳам феълҳои мустақил ва ҳам таркибию сохта истифода гардидаанд : *Ман* ***қабул кардам*** *ва* ***навохтан гирифтам*** *[2, 24]; Ҳалвогарон хамири қиёмиро бо дастони худ як* ***лӯлаи дарозе сохта****, ду нӯги он лӯларо ба ҳам* ***пайванд дода,*** *як* ***ҳалқа карданд*** *[2, 36]. Сари баҳор бо ҳамроҳии писаронаш дар нишебии кӯҳ қитъаи заминеро аз сангу сангреза* ***покиза карда,*** *ба қарз* ***тухмӣ гирифта*** *, гандуми баҳорӣ* ***кошт****. Зани ӯ дар хонаҳои мардум* ***дӯг мекашид, пахта мешапид, ҷомашӯйӣ мекард****[2,36]. Ҷавон ноаён-ноаён* ***меларзиду*** *бурида-бурида* ***нафас мегирифт*** *ва аз сару рӯяш арақ мешорид [2,36].*

Ҳиссаҳои номии нутқ ҳам ба воситаи бандакҳои хабарӣ ба вазифаи хабари номии чида меоянд: *Падари марҳуми Саидалӣ марди* ***кордон ва ҳунарваре буд*** *[20, 40]; Ваҷоҳати тираи ӯ* ***нагбатхез ва балоангез буд.*** *[20, 40];*

Муайянкунандаи чида. Муайянкунандаҳои чида дар таркиби сараъзо ва аъзоҳои пайрав омада, бо онҳо бо тарзҳои гуногун алоқаманд мешаванд. Аз муайякунандаҳои изофии чида муайянкунандаи чидаи якум ба воситаи бандаки изофӣ бо муайяншаванда алоқаманд мешавад, муайянкунандаҳои чидаи дигар байни худ бо пайвандакҳои пайвасткунанда ва оҳанг пайваст шуда, дар як маврид маънои як калима ва дар мавриди дигар маънои калимаҳоеро, ки дар шакли ибора омадаанд, аз ҳар ҷиҳат равшану конкрет менамоянд. Дар маводи гирдоваи мо низ чунин ҳодиса мушоҳида гардид . Чунончи: *Дар ин давра санъати мусиқӣ, наққошӣ ва рассомӣ ҳам хеле ривоҷ гирифта буд [2, 19]; Бештарин гуломони он замон аз туркҳои* ***шимолӣ, қалмоқон, хитоиён*** *ва ҳиндуён буданд. [3,6.]. Ӯ қиссаҳои* ***Рустам, Исфандиёр, Сиёвуш ва Абӯмуслимр****о аз ёд медонист ва такрор ба такрор ба мо аз он афсонаҳо нақл мекард[2, 49]. Ӯ як одами* ***лоғарбадани миёнақад, сабзиначеҳра, ришаш миёна ва сафед ва абрӯҳояш*** *монанди абрӯҳои амакбобои ман гафс ва дароз буд [2, 102]. Ин харҳо ҳама* ***сафед, калон, ҷорӯбдум, шамшерёл ва сихгӯш*** *буданд. [2, 163];*

Пуркунандаҳои чида. Пуркунандаҳо низ дар ҷумла чида шуда, байни худ ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда ва оҳанг алоқаманд гардида, хабари ҷумларо аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳанд. Чунончи: *Ман* ***чӯбак ва нақораамро*** *бардошта ба нияти зудтар қоил кардани акаҳоям ба тарафи хона давидам [2, 23]. [2, 10]; Деҳқони деҳаи Маҳаллаи Боло* ***ба заминронӣ, ҷӯйковӣ ва токкушоӣ*** *машгулӣ мекарданд.*

Пасоянди “-ро” ба аъзои чидаи охирин васл шуда ояд, он ба аъзоҳои чидаи дигар низ дахл дорад: *Ӯ* ***ҷома, салла ва кафшашро*** *кашида бар болои деворча монда тани ба- курта ба*

*сари чоҳ рафт [2, 140]; Корҳои ҳуҷраро – **пухтупаз, шустушӯй ва рӯфтурӯбро** тамоман аккаам мекард [2, 190];*

Агар пасоянди “–ро” ба ҳар як аъзои чидаи ҷумла ояд, бо ғарази услубӣ кор фармуда мешавад, яъне таъкидро мефаҳмонад: *Ӯ хонаи пештараашро, **Лутфияро, Ҳурматойро, духтаронашро** қариб фаромӯш карда буд [21, 170];*

Дар маводи гирдовардаи мо чидашавии пуркунандаи бавосита зиёд мушоҳида гардид. Дар чунин навъи пуркунандаҳо пешоянди “бо” пеш аз чидаи аввал омада, ба аъзоҳои чидаи дигар низ дахл дорад:

*Темурмалик баъд аз тамом намудани сохтмони қалъа он ҷойро бо **озуқа ва аслиҳа** пур кард [3, 36]; Чарогоҳҳояшон ҳам **бо рамаҳо ва галаҳо** пур буда беҳтарин аспҳо, хаҷирҳо, шутурҳо, гӯсфандҳо ва дигар ҳайвоноти хонагӣ дар ин ҷойҳо мерасиданд[3, 3.];*

Дар пуркунандаи бавосита пешояндҳои “ба”, “дар”, “бар” бо ҷузъи якум васл шуда бошад ҳам, ба ҷузъҳои дигар мансуб аст: *Ҳар кадоми мо **ба ӯ нон, гӯлунг ва ягон чизи** дигари хӯрданӣ бурда ӯро ба гап медаровардем. [3, 54]; Падар аз ҷояш хеста нишаста **ба чойнӯшӣ ва нонхӯрӣ** даромад [2, 95]; Ман **ба розӣ ва норозӣ** шудани падару модарам кор надорам [2, 126];*

Пайвандаки пайвасткунандаи на... на дар ҷумлаҳои чидааъзо пеш аз аъзои чида омада, таъкидро мефаҳмонад, аммо камистеъмол аст: *Падарам то тамом кардани ин кор **на нон** хӯрд ва **на чой** нӯшид [2, 47];*

Ҳолатеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар як ҷумла ҳам пуркунандаи бевосита ва ҳам бавосита чида шуда омадаанд: *Гулбибиро мо намегӯем, ки **аз дебо** қабо, **аз катон** пираҳан**, аз зарбофт** камзӯл, **аз махмал** калтача, **аз фарангӣ** сарбанд, **аз дурру марворид** овеза ва гарданбанд, **аз зари холис** дастпона ва **аз алмос** ангӯштарин дошт [6, 67]*

Ҳоли чида. Холи чида тобеи хабари ҷумла буда, онро шарҳу эзоҳ медиҳад. Он бо ёрии ҳиссаҳои гуногуни нутқ ифода мегардад. Ҳамаи навъҳои ҳол чида шуда мешавонанд. Дар мисоли зерин ҳоли замон чида шуда, пешоянди аслии **дар** бо ҳар як аъзои он такрор шуда омада, матлабро муассир ифода намудааст: ***Дар баъзеи** он даврaҳо гирғиракбозӣ, **дар баъзеашон** тасмабозӣ, **дар баъзеи** дигарашон қартабозӣ ва монанди инҳо буд, [2, 151];*

Ҳоли макон: *Айёми бачагии томактабиам тобистон **дар Соктаре** ва зимистон **дар Маҳаллаи Боло** гузаштааст [2, 17].Ҳоким ӯро ҳар чӣ кунад, хоҳ **дар зиндон** пӯсонад ва хоҳ **ба Ҳисор** фиристода кушонад – ихтиёраш[20, 326].*

Дар ин мисол ҳам муайянкунандаи сифатӣ ва ҳам ҳоли макон чида шуда омадааст. Пешоянди “ба” бо ҳар як ҳоли макони чида омада, матлабро муассир ифода намудааст: *Тарафи **шарқии** ин ҳавлӣ **ба ҳавлии** ҳамсоя, тарафи **гарбиаш ба ёбони** киштзор ва тарафи шимолиаш **ба кӯчаи** калони деҳа мерасид[2, 17].*

Ҳоли тарзи амал: *Шарик ҳамаи ёрони худро аз дунболаш гирифта, **ҳуҷумкунон ва шамшерзанон** аз шаҳр баромад [3, 131].*

Ҳоли замон: *Восеъ **фардо ё пасфардо** ба Балҷувон – ба ихтиёри ҳоким фиристода хоҳад шуд [20, 326].*

Ҳоли монандӣ. Ҳоли монандии чида фақат бо исм,таркибҳои исмӣ, зарфҳои монандӣ ва баъзан ҷонишини шахсӣ ифода меёбад. Зарфҳо бо алоқаи ҳамроҳӣ, вале ҳиссаҳои дигари нутқ ба воситаи пешояндҳои монанди, ба монанди, мисли, чун, хамчун ба вазифаи ҳоли монандии чида истифода мешаванд. *–Оре, дар он дарёи хуну оташ зани Темурмалик **ҳам монанди ҳазорон занон, бачагон, пирон ва беморон** гарқ шуда рафт, аммо тифли навзоди ӯ саломат монд…[3, 77]*

Ҳамин тариқ, аз таҳлили маводи гирдомада маълум гардид, ки дар чида шудани азъоҳои аз ҳиссаҳои нутқ исм, шаклҳои тасрифии феъл истифода мешаванд.

Муқарриз: Мирзоева М.Ҷ.- доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ

АДАБИЁТ

1. Айни С. Марги судхӯр / Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 1985. – 160
2. Айнӣ, Ёддоштҳо / Садриддин Айнӣ. – Қ. 1-4. – Душанбе: Адиб, 2010. – 852.
3. Айнӣ, С. Очеркҳои таърихии Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик ва Исёни Муқаннаъ. 2012. Душанбе: Маориф ва фарҳанг 250 с.

4. Айнӣ, С. Ғуломон. Куллиёт / Садриддин Айнӣ. – Ҷ. 3. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1960. – 485 с.
5. Айнӣ, С. Дохунда / Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 428 с.
6. Айнӣ, С. Одина. Куллиёт / Садриддин Айнӣ. – Ҷ. 1. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1958. – 183 – 327.
7. Арзуманов, С.Д. Забони тоҷикӣ. Учебник таджикского языка для взрослых / С.Д. Арзуманов.-Душанбе, 1954.-120с.
8. Виноградов, В.В. Некоторые задачи изучения синтаксиса простого предложения / В.В. Виноградов // Вопросы языкознания. - 1964. №1. С. 24.
9. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Китобҳои дарсӣ барои мактабҳои олӣ.– Сталинобод, 1956.-98с.
10. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода.-Душанбе: Дониш, 1986.- Ҷ.2. -368с.
11. Ғаффоров Р. Шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. Душанбе. 1979. -211с
12. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Барои студентони факултетҳои филологии мактабҳои олӣ.- Душанбе: Ирфон, 1970.-167с.
13. Камолиддинов, Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов.-Душанбе, 2010.-231с.
14. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. - Душанбе: Пайванд, 2011.- 385с.
15. Маъсумӣ Н. Нишондодҳои методӣ ва супоришҳо аз забони модарӣ. Сталинобод. 1949. 134 с.
16. Ниёзмуҳаммадов, Б. Забони тоҷикӣ. Барои синфҳои 7-8. / Б.Ниёзмуҳаммадов, А. Каримов, Ш. Рустамов. -Душанбе: Маориф, 1965.-Қ.2.-197с.
17. Норматов, М. Омӯзиши ҷумлаҳои содаи яктаркиба / М. Норматов, Ш. Рашидов. - Душанбе: Маориф, 1988. 152с.
18. Норматов, М. Ҷумлаҳои сода дар забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Норматов.-Душанбе, 2015. 234с.
19. Раҳматова, С. Ҷумлаҳои чидааъзо дар забони адабии тоҷик / С. Раҳматова. - Душанбе, 1991.
20. Руднев, А.Г. Синтаксис простого предложения / А.Г. Руднев. –М.: Учебгиз, 1960. -179с.
21. Улуғзода Сотим. Восеъ/ Сотим Улуғзода. Душанбе, «Маориф ва фарҳанг». 2012, 484 саҳ.
22. Халилов, А. Вазифаҳои грамматикии бандаки изофӣ [-и] дар забони адабии ҳозираи тоҷик/ А. Халилов. –Душанбе: Дониш, 1969, –119 с.
23. Эшонҷонов, А. Ҷумлаи чидааъзо ва баъзе хусусиятҳои грамматикии он. / А. Эшонҷонов //Маҷмӯаи илмӣ. Сер.фил. ҷ. 5. - Душанбе, 1967.- С.20.

МАВҚЕИ ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
(дар асоси маводи насри муосир)

Мақола ба масъалаи таҳаввулоти сохтории забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Ин дар мисоли яке аз навъҳои ҷумлаи сода дар забони тоҷикӣ - ҷумлаҳои содаи чидааъзо таҳқиқ ва тавассути мисолҳои фаровон аз насри бадеӣ анҷом дода мешавад. Муаллиф тавассути овардани мисолҳои зиёд, баррасии назари муҳаққиқони илми забониносии муосир кӯшиш ба харҷ медиҳад, то дар мисоли як навъи ҷумлаҳои сода махсусияти грамматикии забони тоҷикиро нишон диҳад. Назар ва мавқеи муаллиф тавассути овардани мисолҳои муътамад, радду бадали андешаи олимон тақвият дода мешаванд. Ба андешаи муаллиф ҷумлаҳои содаи чидаъзо аз анвои серистеъмоли ҷумлаҳои сода буда, бинобар ин чи дар нутқи гуфтугӯӣ ва чи дар нутқи хаттӣ, махсусан адабиёти бадеӣ бисёр ба кор мераванд. Ба туфайли ҳамин ин гурӯҳи ҷумлаҳо мавриди баҳсҳои зиёди олимон қарор гирифтаанд. Муаллифони аввалин асару мақолаҳои илмӣ доир ба навъҳои ҷумлаҳо ба ҳамин навъи ҷумлаҳои сода таваҷҷуҳ карддаанд. Омӯзиши онҳо давра ба давра такомул мебад ва хусусияти нав ба нави онҳо ошкор карда мешаванд.Ҷиҳати дигари муҳими омӯзиши ҷумлаҳои чидааъзо дар он аст, ки муҳаққиқон паҳлуҳои гуногуни онро ба баррасӣ кашидаанд, зеро ҳар як аъзои ҷумла хусусияти махсуси чидашавӣ дорад, ки муҳаққиқонро ба омӯзиши дақиқи ин масъала водор мекунад.Насри муосири бадеӣ имкон медиҳад, ки муҳимтарин ҷанбаҳои ин гурӯҳи ҷумлаҳо омӯхта шаванд.

Калидвожаҳо: ҷумлаҳои сода, аъзои чида, мубтадои чида, хабари чида, аъзои пайрави чида, ҳиссаҳои нутқ, воситаи алоқа, грамматика, синтаксис, тобеъшавӣ.

ОДНОРОДНЫЕ ПРЕДЛОЖЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ
(на основе современной прозы)

Статья посвящена вопрсу грамматического развития таджикского языка. Это делается на примере одного из типов простых предложений в таджикском языке - простых однородных предложений с помощью многочисленных примеров из художественной литературы. Приводя множество примеров, автор пытается показать грамматические особенности таджикского языка на примере однородных простых предложений, учитывая взгляды исследователей современной лингвистики.Точка зрения и позиция автора подкрепляются достоверными примерами, опровержениями ученых.По словам автора, простые предложения являются одним из наиболее широко используемых типов простых предложений, поэтому они широко используются как в устной, так и в письменной речи, особенно в художественной литературе. В результате эта группа предложений стала предметом многочисленных споров среди ученых. Этот тип простых предложений интересовал авторов первых научных работ и статей о типах предложений. Их изучение постоянно развивается, и им открываются новые возможности.Другой важный аспект изучения составных предложений состоит в том, что исследователи рассмотрели разные его аспекты, поскольку каждая часть предложения имеет свой особый характер компиляции,

что заставляет исследователей подробно изучать этот вопрос.Современная проза позволяет исследовать наиболее важные аспекты этой группы предложений.

Ключевые слова: простые предложения, часть речи, часть речи, часть речи, часть речи, части речи, средства общения, грамматика, синтаксис, подчиненность.

THE POSITION OF SOME SENTENCES IN THE TAJIK LANGUAGE [based on modern prose]

The article is devoted to the structural evolution of the Tajik language. This is done on the example of one of the types of simple sentences in the Tajik language - simple sentences of a few syllables and is done through numerous examples from fiction. By giving many examples, the author tries to show the grammatical features of the Tajik language in the example of a kind of simple sentences, considering the views of researchers of modern linguistics.The author's point of view and position is strengthened by giving reliable examples, refutations of scholars.According to the author, simple sentences are one of the most widely used types of simple sentences, and therefore they are widely used in both spoken and written speech, especially in fiction. As a result, this group of sentences has been the subject of much debate among scholars. The authors of the first scientific works and articles on the types of sentences were interested in this type of simple sentences. Their study is constantly evolving and new features are being revealed to them.Another important aspect of the study of compound sentences is that researchers have considered different aspects of it, as each part of the sentence has its own specific nature of compilation, which compels researchers to study this issue in detail.Modern prose allows us to explore the most important aspects of this group of sentences.

Keywords: simple sentences, part of speech, part of speech, part of speech, part of speech, parts of speech, means of communication, grammar, syntax, subordination

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторант. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. E-mail: kenjazoda-1978@mail.ru

Сведения об авторе: ***Кенджазода Манучехра Солех*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: kenjazoda-1978@mail.ru

Information about the author: ***Kenjazoda Manuchehra Solekh*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, doctoral student. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

УДК 811.512

РОҶЕЪ БА ЗАБОНШИНОСИИ ФАРҲАНГӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲЛИЛИ КОНСЕПСИЯ

Холматова Х.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Дар забоншиносӣ айни замон тағйиротҳое ба амал меоянд, ки бо дарки равандҳои забон дар заминаи васеи илмӣ алоқаманданд, парадигмаҳои дониши илмӣ ба инъикоси забоншиносон дучор меоянд.

Равиши систематсионӣ бештар ба равиши антропосентрӣ роҳ медиҳад. Дар парадигмаи антропосентристӣ манфиатҳои муҳаққиқ аз система ва сохтори забон ба шахс равона карда мешаванд. Чунин тағйирот дар забоншиносӣ тасодуфӣ ба вуқӯъ намеояд, асоси онҳо дар асарҳои забоншиносони барҷастаи асри XIX В. фон Гумболдт, И.А. Бодуэн де Куртенэ, А.А.Потебний ва дар асри XX таҳиянамудаи Э.Бенвенисте, Ю.Н. Караулов ва дигарон сарчашма мегирад.

Забоншиносии фарҳангӣ ҳамчун як самти мустақил дар забоншиносӣ солҳои 90-уми асри XX дар асарҳои чунин муҳаққиқон, ба монанди В.В. Воробьев, В.А. Маслова, Ю.С. Степанов, В.Н. Телия, В.М. Шаклейн ва дигарон дида баромада шудааст.

Анҷоми аср ва ҳазорсола, бинобар аҳамияти барҷастаи худ, ҳавасманди тавонои беруна барои ҷамъбаст ва таҳлили дурнамо дар соҳаҳои гуногуни дониш гардиданд. Дар забоншиносӣ чунин арзёбӣ на танҳо ҳамчун ҷамъбасти дастовардҳо ва нокомиҳои як самти мушаххас, балки ҳамчун фаҳмиши раванди шинохти забон дар заминаи васеътари умумии илмӣ низ амалӣ карда мешавад. Ба ибораи дигар, мо инъикоси забоншиносонро дар мавриди парадигмаҳои дониши илмӣ мушоҳида мекунем [11;327].

Ядрои консептуалии истилоҳи "парадигма" этимони он мебошад (парадигма - аз калимаи юнонӣ, намуна). Дар фалсафаи Афлотун ғояҳо ҳамчун намунаҳои ашё дида мешаванд. Дар фалсафаи асримиёнагӣ ин хат дар таълимоти эмоматсияи (судур) Худо, дар офариниши олам аз ҷониби ӯ дар симо ва шабеҳи он идома ёфт. Дар фалсафаи илм мафҳуми парадигма пас аз нашри осори Т.Кун паҳн гардид. Бо парадигма ӯ мефаҳмад, ки "... дастовардҳои илмии аз ҷониби ҳама эътирофшуда, ки дар муддати муайян намунаи гузоштани мушкилот ва ҳалли онҳо барои ҷомеаи илмиро фароҳам меоранд" [7;11].

Ҳамин тавр, В.М. Алпатов ва Е.В. Рахилина дар бораи равишҳои системавӣ ва антропосентристӣ ба забон сухан мегӯяд [2;15].

Тибқи ба система нигаронидашуда, забон "дар худ ва барои худ" ҳисобида мешавад, ки ин системаи воҳидҳоест, ки гӯё новобаста аз шахс амал мекунанд. Ин равиш дар асарҳои Ф.де Соссюр таҳия шуда, дар самтҳои гуногуни структурализми Аврупо ва Амрико таҳия шудааст. Равиши мутамарказ ба забон метавонад ҳамчун як парадигмаи марказомада баррасӣ карда шавад, ки онро имманентӣ (дохилӣ) - семиологӣ низ меноманд [13;27]. Агар асри 19 зери парадигмаи таърихии муқоисавӣ ва мувофиқан, усули муқоисавии таърихӣ гузашта бошад, пас дар асри 20 парадигмаи системавӣ ва сохторӣ ва структурализм ҳамчун усули таҳқиқот бартарӣ доштанд.

Дар баробари ин, бояд таъкид кард, ки дар донишҳои гуманитарӣ, дар муқоиса бо табиатшиносӣ, парадигмаҳо якдигарро бекор намекунанд, балки ба якдигар дармеафтанд - ё якдигарро мукаммал мекунанд ё ба эътибор намегиранд.

Маслова В.А. дуруст қайд мекунад: «Ҳатто дар ҳазорсолаи сеюм, забонро ҳанӯз ҳам дар доираи парадигмаи системавӣ-сохторӣ омӯхтан мумкин аст, зеро ин парадигма дар забоншиносӣ идома дорад ва шумораи пайравони он хеле зиёд аст. Дар ҷараёни асосии ин парадигма, ҳанӯз ҳам китобҳои дарсӣ ва грамматикаи академӣ сохта мешаванд ва нашрияҳои гуногуни истинодӣ навишта мешаванд. Тадқиқоти бунёдие, ки дар доираи ин парадигма гузаронида мешаванд, на танҳо барои муҳаққиқони муосир, балки барои наслҳои ояндаи забоншиносоне, ки дар дигар парадигмаҳо кор мекунанд, манбаи пуразриши иттилоотӣ мебошад » [10; 6].

Аз системаи забон ба шахс тағйир додани манфиатҳои муҳаққиқон пеш аз ҳама аз он сабаб рух медиҳад, ки забон, тавре И. Бодуэн де Куртенэ, танҳо дар рӯҳияи одамоне мавҷуд аст, ки ҷамъияти лингвистиро ташкил медиҳанд.

Дар бораи он ки чӣ гуна табиати антропологии забонро ба назар гирифтан мумкин аст, якчанд ақидаҳо мавҷуданд. Дар ақидаи аввал, забон дорои хислатҳои инсонӣ мебошад. Ҳалли дуюм пешниҳод мекунад, ки забон ҳамчун як ҷузъи шахс ҳисобида шавад. Намуди сеюми объекти забоншиносӣ шахсеро мебинад, ки аз ҷиҳати дониши забон омӯхта шудааст [3;158]

Суханони зерини В. фон Гумболдт барои ин равиш барномарезӣ ҳастанд: “Ҷамъи ҳамаи калимаҳо, забон дунёест, ки дар байни олами инсон ҷойгир аст ...; омӯзиши забон барои мо, инчунин қиёси байни инсон ва ҷаҳон дар маҷмӯъ ва ҳар миллатеро, ки худро бо забон баён мекунад, боз мекунад» [5;348].

Тибқи гуфтаи Гумболдт, "забон махзани рӯҳи мардум, фарҳанг, нерӯи муттаҳидаи маънавии мардум аст, ки ба таври мӯъҷизавӣ дар садоҳои алоҳида сабт шудааст ..." (ҳамон ҷо). Ин фаҳмиши забон ба диди фалсафии парадигма ҳамчун хусусияти муносибати байни ҷаҳони маънавӣ ва воқеӣ хеле наздиктар аст. Дар забоншиносӣ асри XIX асри методҳо, XX - асри назария буд [12].

Забоншиносии фарҳангӣ ҳамчун як самти мустақил дар забоншиносӣ солҳои 90-уми асри XX дар асарҳои чунин муҳаққиқон, ба мисли В.В. Воробьев, В.А.Маслова, М.М. Маковский, Ю.А. Сорокин, Ю.С. Степанов, В.Н. Телия, В.М. Шаклейн инъикос гаштааст. Бояд гуфт, ки ғояи омӯзиши фарҳанг тавассути забон нав нест; Э.М. Верещагин, В.Г. Костомаров, В.В. Иванов, В.Н. Топоров, Н.И. Толстой, Б.А. Успенский ва дигарон мебошанд. Пайдоиши забоншиносии фарҳангиро дар асарҳои олимони ҳам ватанӣ (Ф.И.Буслаев, А.А. Потебня) ва ҳам хориҷӣ (Ф.Боас, В. Гумболдт, Э. Сапир, Б. Варф) пайдо кардан мумкин аст.

Объекти забоншиносии фарҳангӣ дар пайвастагии ду илми фундаменталӣ - забоншиносӣ ва фарҳангшиносӣ омӯхта мешавад ва он табиатан бо мафҳуми асосии фарҳанг алоқаманд аст. Омӯзиши таносуби падидаҳои "забон" ва "фарҳанг" асосан аз набудани таърифи возеҳи мафҳуми "фарҳанг" ва дастгоҳи таҳияшудаи консептуалии масъала халал мерасонад. Мувофиқи маълумоти баъзе муҳаққиқон, дар илми муосир тақрибан чорсад таърифи фарҳанг мавҷуд аст.

Умумияти фарҳанг бо он муайян карда мешавад, ки дар он чизе нест, ки дар тафаккури инсон мавҷуд набошад [6;20]. Ҳамчун яке аз шартҳои асосӣ, принсипи изоморфизми фарҳанг (дар шаклҳои объективии он) ва менталитет ҷорӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, фарҳангшиносӣ аз ҷониби онҳо ҳамчун илми маъноҳо фаҳмида мешавад.

Дар равиши иттилоотӣ фарҳанг ҳамчун як системаи эҷод, ҳифз, истифода ва интиқоли иттилоот муаррифӣ мешавад, ин системаи аломатҳое мебошад, ки ҷомеа истифода мекунад, ки дар он иттилоот рамзгузорӣ мешавад, яъне маънои гузоштаи одамон мебошад [8].

Мафҳумҳо (консепт) ба тариқи диахронӣ баррасӣ карда мешаванд, этимология (таърихи пешина) ва таърихи ибтидоии онҳо мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Таҳаввулоти минбаъдаи консепсияро метавон бо нуқта, вале то ҳадди имкон, то имрӯз пайгирӣ кард. Маводи таҳлил ҳам маълумоти лингвистӣ ва ҳам матнҳои нависандагон ва ходимони ҷамъиятии давраҳои гуногун мебошад [14;154]. Тибқи методология, мактаби Ю.С. Степанов ба консепсияи Э.Бенвенист наздик аст, ки ӯ навишта буд: «Тамоми таърихи тафаккури муосир ва ба даст овардани фарҳанги маънавӣ дар ҷаҳони Ғарб бо он алоқаманд аст, ки одамон чӣ гуна даҳҳо калимаҳои асосиро месозанд, маҷмӯи ки мероси умумии забонҳои Аврупои Ғарбӣ мебошад. Мо ҳоло фаҳмида истодаем, ки тавсифи дақиқи пайдоиши ин калимаи фарҳанг то чӣ андоза ҷолиб мебуд.

Забоншиносии фарҳангӣ як бахши этнолингвистика мебошад, ки робитаи забон ва фарҳангро дар сатҳи синхронӣ меомӯзад. Консепсияи В.Н. Телия бо ақидаҳои А.Вежбицкая аз ҷиҳати тақлид ба ҳолатҳои рӯҳии гӯянда ва зуҳури онҳо дар фаъолияти нутқ ҳамоҳанг аст. Вазифаи таҳқиқоти лингвомаданиятшиносӣ дар ин мактаб иборат аз омӯхтан ва тавсифи маълумоти забони миллӣ ҳамчун ҷузъи системаҳои меъёрӣ ва арзишҳои фарҳанги мушаххасест, ки моҳияти миллӣ ва фарҳангии мардумро ифода кунад, тавсифи категорияҳои дорои аҳамияти миллӣ, ки дар забон ҷамъ оварда шудаанд [15].

Тибқи гуфтаи В.В. Воробьева, «забоншиносии фарҳангӣ як фанни мураккаби навъи синтезкунанда мебошад, ки робита ва ҳамкории фарҳанг ва забонро дар фаъолияти он меомӯзад ва ин равандро ҳамчун сохтори ҷудонашавандаи воҳидҳо дар ваҳдати забонӣ ва берунизабонии онҳо (фарҳангӣ) инъикос мекунад» мундариҷа бо истифодаи усулҳои система ва бо самтгирӣ ба афзалиятҳои муосир ва муассисаҳои фарҳангӣ (системаи меъёрҳо ва арзишҳои умумиҷаҳонӣ) » [4;47].

Баъдан, биёед бубинем, ки объекти забоншиносии фарҳангӣ чӣ гуна фаҳмида мешавад. В.А. Маслова онро чунин таҳрир мекунад: "Объекти забоншиносии фарҳангӣ омӯзиши ҳамкории забон аст, ки тарҷумони иттилооти фарҳангӣ, фарҳанг бо муносибат ва истинодҳои он мебошад ва шахсе, ки ин фарҳангро бо истифода аз забон меофарад" [9; 36].

Чунин фаҳмиши васеъи объект, вақте ки самти таҳқиқоти лингвомаданӣ ҳамкории забон, фарҳанг ва шахс мебошад, бо як қатор сабабҳо боиси нигаронӣ мегардад. Ҳамин тавр, Н.Ф. Алефиренко чунин мешуморад, ки «рушди назарияи муосири лингвомаданиятшиносӣ пеш аз ҳама бо фаҳмиши номуайян ва аксаран зиддияти категорияҳои бунёдӣ, аз қабили« забон »,«шуур» ва «фарҳанг»душвор аст. Дар робита ба ин, объект, мавзӯъ, ҳадафҳо ва вазифаҳои забоншиносии фарҳангӣ номуайян мешаванд ва худи масъала дар хосияти умумиҷаҳонии онтологии забон ҳал мешавад - алоқамандии он ба воқеият, вақте ки ягон аломат ба субъекти фарҳанг табдил меёбад » [1; 3].

Ба назари мо, мавзӯи забоншиносии фарҳангиро В.А.Маслова ба таври бесабаб ба таври васеъ тафсир мекунад [10]. Он дар инҷо дохил мешавад: 1) луғат ва холигиҳои ғайри эквивалентӣ; 2) воҳидҳои забоншиносии мифологӣ: архетипҳо, мифологемаҳо, маросимҳо,

эътиқод, маросимҳо, урфу одатҳое, ки дар забон сабт шудаанд; 3) фонди паремиологӣ; 4) фонди фразеологӣ; 5) стандартҳо, қолибҳо, аломатҳо; 6) ташбеҳ ва тасвирҳои забон; 7) сохтори услубии забонҳо; 8) рафтори нутқ; 9) минтақаи одоби сухан.

Мо чунин мешуморем, ки ин фарогирӣ ба он вобаста аст, ки соҳаи фанни забоншиносии фарҳангӣ дар марҳилаи ташаккул аст.

Ду шакли фарҳанг - моддӣ ва маънавӣ фарқ карда мешаванд. Маданияти маънавӣ ҳамчун падидае, ки хусусияти семиотикӣ дорад, фаҳмида мешавад. Аз ин ҷиҳат, муносибати байни забон ва фарҳанг ҳамчун муносибати системаҳои семиотикӣ баррасӣ карда мешавад.

Фарҳанг ва забон шаклҳои шууранд, ки ҷаҳонбинии инсонро инъикос мекунанд. Дар муқоиса бо фарҳанг, ки раванд ва маҳсули худогоҳии шахс аст, забон ҷаҳонбиниро дар шакли тасвири соддалавҳонаи ҷаҳон, ки дар забон инъикос ёфтааст, ислоҳ мекунад.

Муқовимати динамика ва статика ҳам барои фарҳанг ва ҳам барои забон хос аст. Агар фарҳанг як навъ хотираи таърихии мардум бошад, пас забон аккумулятори ин хотира мебошад. Мавҷудияти функсияи маҷмӯӣ дар забон интиқоли наслҳои арзишҳои маънавӣ ва фарҳангиро таъмин мекунад.

Забон дар робита ба як қисми муайяни фарҳанг вазифаи асбобро иҷро мекунад, ки дар байни дигарон интиқолдиҳанда мебошад, инчунин мафҳумҳои фарҳангиро дар бар мегирад.

Тавсифи мафҳумҳое, ки салоҳияти фарҳангӣ ва забониро ташкил медиҳанд ва аз ин рӯ, бо вижагии лингвомаданӣ ишора карда мешаванд, ба назари мо, яке аз муҳимтарин вазифаҳои забоншиносии фарҳангист. Дар ҳалли он ин ё он тартиби таҳлил кор карда мешавад, ки ҷузъи методологии забоншиносии фарҳангиро ҳамчун илм ташкил медиҳанд.

Муқарриз: *Раҷабова М.М.* – номзади илмҳои филологӣ дотсенти ДДХ ба номи Академик Б.Ғафуров

АДАБИЁТ

1. Алефиренко Н.Ф. Маъно ва мафҳуми фразеологӣ // Семантикаи маърифатӣ: Маводҳои III мактаб-семинари байналмилалӣ.- 4.2 - Тамбов, 2000.
2. Алпатов В.Н. Дар бораи равишҳои антропосентристӣ ва марказонидашудаи забон//Саволҳои забоншиносӣ - 1993 - № 3. - С.15-26
3. Бодуэн де Куртенэ И.А. Асарҳои мунтахаб оид ба забоншиносии умумӣ. - М.: Нашриёти Академияи илмҳои СССР, - Т.1.- 1963 .-384 с.; Т.2.
4. Воробёв В.В. Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии забоншиносии фарҳангӣ: Рисолаи докторӣ. Бахши илмҳои филологӣ - М., 1997 .-335 с.
5. Гумболдт В. фон.Забон ва фалсафаи фарҳанг.-М.:Прогресс,1985.-451с.
6. Гуревич П.С. Фалсафаи фарҳанг. - М .: ҶСК "Аспект-Пресс",1994. - 314s.
7. Кун Т. Сохтори инқилобҳои илмӣ. - М., 1977.
8. Лотман Ю.М. Фарҳанг ва таркиш. - М .: Гноз, 1992 .-- 272 с.
9. Маслова В.А. Лингвомаданият. - М .:Маркази табъу нашри "Академия", 2001. - 208 с.
10. Маслова В.А. Лингвомаданият. - М .: Маркази табъу нашри "Академия", 2001. - 208 с.
11. Огурцов А.П. Парадигма // Луғати энсиклопедии фалсафӣ. - М .: Сов. энсиклопедия. - S. 477.
12. Паршин П.Б. Табаддулоти назариявӣ ва исёни методологӣ дар забоншиносии XX.- 1996. - № 2. - С. 19-39.
13. Постовалова В.И. Забоншиносии фарҳангшиносӣ дар партави парадигмаи антропологӣ (ба масъалаи асосҳо ва ҳудуди фразеологияи муосир) // Фразеология дар заминаи фарҳанг. - М .: Забонҳои фарҳанги русӣ, 1999.- S.25-33.
14. Степанов Ю.С. Доимӣ: Луғати фарҳанги Русия: Таҷрибаи таҳқиқотӣ. - М .:Мактаби "Забонҳои фарҳанги русӣ", 1997. - 824 с.
15. Телия В.Н.. Фразеологияи русӣ. Ҷанбаҳои маъноӣ, прагматикӣ ва лингвомаданӣ. - М .: Забонҳои фарҳанги русӣ, 1996 .-288 с.

РОҶЕЪ БА ЗАБОНШИНОСИИ ФАРҲАНГӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲЛИЛИ КОНСЕПСИЯ

Мақолаи мазкур ба яке аз шохаҳои забоншиносӣ бахшида шудааст, ки бо дарки равандҳои шинохти забон дар заминаи васеи илмӣ алоқаманд аст, мулоҳизаҳои забоншиносон ба парадигмаҳои дониши илмӣ дучор меоянд. Забоншиносии фарҳангӣ ҳамчун як самти мустақил дар забоншиносӣ солҳои 90-уми асри XX дар асарҳои бисёр муҳаққиқон шакл гирифт. Парадигмаи антропосентристӣ дар баробари соҳаҳои рушдёфтаи дониш, ки психолингвистика ва иҷтимоию лингвистика мебошанд, лингвистикаи маърифатӣ ва

забоншиносии фарҳангиро, ки дар давраи ибтидоӣ қарор доранд, дар бар мегирад. Дар ин мақола мо объекти забоншиносии фарҳангиро муайян мекунем. Ба хулосае омаданд, ки объекти забоншиносии фарҳангӣ омӯзиши ҳамкории забон аст, ки тарҷумони иттилооти фарҳангӣ, фарҳанг бо муносибат ва истинодҳои он мебошад ва шахсе, ки ин фарҳангро бо истифода аз забон меофарад.Объекти забоншиносии фарҳангӣ дар пайвастагии ду илми фундаменталӣ - забоншиносӣ ва фарҳангшиносӣ омӯхта мешавад ва он табиатан бо мафҳуми асосии фарҳанг алоқаманд аст. Фарҳанг ва забон шаклҳои шууранд, ки ҷаҳонбинии инсонро инъикос мекунанд. Дар муқоиса бо фарҳанг, ки раванд ва маҳсули худогоҳии шахс аст, забон ҷаҳонбиниро дар шакли тасвири соддалавҳонаи ҷаҳон, ки дар забон инъикос ёфтааст, ислоҳ мекунад. Муқовимати динамика ва статика ҳам барои фарҳанг ва ҳам барои забон хос аст.

Вожаҳои калидӣ: забоншиносӣ, парадигма, парадигмаи антропосентристӣ, забоншиносии фарҳангӣ, консепсия

ЛИНГВОКУЛЬТУРОЛОГИЯ КАК ПАРАДИГМАЛЬНОЕ ОСНОВАНИЕ АНАЗИЛА КОНЦЕПТА

Данная статья посвящена одной из ветв лингвистики, которая связана с пониманием процессов распознавания языка в широком научном контексте, взгляды лингвистов подвергаются парадигмам научного познания. Культурная лингвистика как самостоятельное направление лингвистики сформировалась в 90-е годы XX века в трудах многих исследователей. Антропоцентрическая парадигма, наряду с развитыми областями знаний, такими как психолингвистика и социолингвистика, включает когнитивную лингвистику и лингвистику культуры на ранней стадии. В этой статье мы определяем объект лингвистики культуры. Был сделан вывод, что предметом лингвистики культуры является изучение языкового взаимодействия, которое является интерпретатором культурной информации, культуры с ее установками и ссылками, а также человеком, который создает эту культуру с помощью языка. И это естественно связано с основным понятием. культуры. Культура и язык - это формы сознания, отражающие мировоззрение человека. В отличие от культуры, которая является процессом и продуктом самосознания человека, язык корректирует мировоззрение в форме упрощенного изображения мира, отраженного в языке. Сопротивление динамики и статики характерно и для культуры, и для языка.

Ключевые слова: лингвистика, парадигма, антропоцентрическая парадигма, лингвокультурология, концепт

LINGUOCULTUROLOGY AS A PARADIGMAL BASIS FOR CONCEPT ANALYSIS

This article is devoted to one of the branches of linguistics, which is associated with understanding the processes of language recognition in a broad scientific context, the views of linguists are exposed to the paradigms of scientific knowledge. Cultural linguistics as an independent direction of linguistics was formed in the 90s of the twentieth century in the works of many researchers. The anthropocentric paradigm, along with developed areas of knowledge such as psycholinguistics and sociolinguistics, includes cognitive linguistics and cultural linguistics at an early stage. In this article, we define the object of cultural linguistics. It was concluded that the subject of cultural linguistics is the study of linguistic interaction, which is an interpreter of cultural information, culture with its attitudes and references, as well as a person who creates this culture with the help of language. And this is naturally related to the basic concept. culture. Culture and language are forms of consciousness that reflect a person's worldview. Unlike culture, which is a process and product of a person's self-awareness, language corrects the worldview in the form of a simplified image of the world reflected in the language. The resistance of dynamics and statics is characteristic of both culture and language.

Key words: linguistics, paradigm, anthropocentric paradigm, cultural linguistics, concept

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Холматова Хуршеда Аюбҷоновна*** **–** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров , докторанти Ph.D-и курси I – уми кафедраи назария ва амалияи забони англисии факултети забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбекова 1.E-mail: **khursheda.holmatova.94@inbox.ru** Тел.: **(+992) 92-621-22-29**

Сведения об авторе: ***Холматова Хуршеда Аюбжоновна*** – Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, докторант I курса кафедры теории и практики английского языка факультета иностранных языков. **Адрес:** Республика Таджикистан, Согдийская область, г. Худжанд, улица Мавлонбекова 1.E-mail: **khursheda.holmatova.94@inbox.ru** Тел.: **(+992) 92-621-22-29**

Information about the author: ***Kholmatova Khursheda Ayubzhonovna*** -Khujand State University named after B. Gafurova, the first course doctoral student of the Department of Theory and Practice of the English Language, Faculty of Foreign Languages. **Address:** Republic of Tajikistan, Sughd region, Khujand city, Mavlonbekova 1 street.
E-mail: **khursheda.holmatova.94@inbox.ru Tel .: (+992) 92-621-22-29**

УДК:492.7.09:491.550

ТАРҶУМАИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ АРАБӢ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ (дар мисоли «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»)

Ёраҳмадова З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мусаллам аст, ки яке аз фаъолиятҳои башарӣ, ки ҳамеша бо забон ҳамқадам будааст, тарҷума аст. Бад-ин маъно, ки таърихи тарҷума ба таърихи забонҳо тавъам аст ва аз ҳамон лаҳзае, ки ихтилофи забонҳо пайдо гаштааст, бе тардид, ниёз ба тарҷума низ ба майдон омадааст. Дар таърихи тарҷума асрҳои VIII-IX-ро аз даврaҳои тиллоии тарҷума метавон унвон кард, чаро ки дар ин марҳилаи таърихӣ бузургтарин асарҳо аз донишҳои мутааддид, ки ба забонҳои мухталиф: юнониву сурёнӣ, паҳлавию санскрит ва ғ. тадвин шуда буданд, ба забони арабӣ тарҷумаву нақл карда шуданд. Агар дар давраи ҳукмронии Уммавиён тарҷума хусусияти фардӣ дошта бошад, яъне шахсҳои алоҳида барои тарҷума таваҷҷуҳ намуда бошанд, пас, дар давраи Аббосиён тарҷума бевосита зери назари давлат қарор дошт. Халифаҳои Аббосӣ тамоми саъйи худро мекарданд, то бузургтарин асарҳои бунёдӣ ба забони арабӣ тарҷума карда шаванд ва дар ин росто аз чизе дареғ намедоштанд. Чунончи Маъмун-халифаи Аббосӣ ба Ҳунайн ибни Исҳоқ, ки аз саромадони мутарҷимони аср буду «Байт-ул-ҳикма»-ро, ки маркази тарҷумонӣ ба шумор мерафт, сарварӣ мекард, ба вазни китоби тарҷумакардааш ба арабӣ тилло медод. Инчунин, сарватмандон ва дигар амирон низ ба пайравӣ аз халифаҳо тарҷумонҳоро дастгирӣ менамуданд. Аз ҷумла Ибни Абуасибъа аз Абусулаймони Мантиқии Сиҷистонӣ ривоят мекунад, ки Бани Шокир гурӯҳе аз мутарҷимон, аз қабили Ҳунайн ибни Исҳоқ, Ҳубайш ибни Ҳасан, Собит ибни Қарра ғайраро дастгирии молиявӣ ба миқдори панҷсад динор менамуданд. Илова бар ин, Бармакиён аз Ҳиндустон табибонеро ба Бағдод даъват намуда буданд, ки дар баробари машғул шудан ба давову дармон боз ба тарҷума низ сару кор мегирифтанд [3, с.42-43].

Таваққуфи бештари мо ба таърихи тарҷума аз он хотир аст, ки рушду такомули тарҷума дар адабиёти форсу тоҷик низ ба ҳаракати тарҷума дар адабиёти араб бастагии ногусастанӣ дорад. Агар дар асрҳои VIII-IX донишмандони форсу тоҷик дар баробари навиштани асарҳои худ ба забони арабӣ боз аз забони паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷума менамуда бошанд, пас, сар аз асри X бо ташаккули давлатдориҳои миллӣ дар минтақа донишмандони форсу тоҷик ба тарҷумаи асарҳои гуногунсоҳаи арабӣ ба забони форсии тоҷикӣ пардохтанд. Хусусияти фарқкунандаи асри X аз асри қаблӣ дар он буд, ки қарни IX-ро метавон асри тарҷума ба забони арабӣ номид ва қарни X-ро асри тадвину таълиф ва эҳёи тарҷума унвон кард. Чи тавре гуфта шуд, донишмандони Бағдод ва марказҳои исломӣ дар қарни дуюм ва сеюми ҳичрӣ ба нақлу тарҷумаи улуми дигарон ба забони арабӣ пардохтанд, вале дар қарни чаҳорум ба тавлидоти шахсӣ руй оварданд. Дар ин қарн ба улуми динӣ ва луғавӣ бештар аз улуми риёзӣ ва фалсафӣ таваҷҷуҳ карданд. Сабаби ин кор омили диние буд, ки ононро ба иштиғол ба ин улум вомедошт. Он чи аз ин кор ҳосил меояд таҳқиқ дар улуми луғавӣ буд, ки беҳтарин абзор барои фаҳми дин ба шумор меомад [14, с111].

Маҳз аз ин давра сар карда ба тарҷумаҳои муваффақонаи маонии Қуръони карим ба забони форсии тоҷикӣ рӯбарӯ мешавем. Воқеан, тарҷумаҳои форсии тоҷикии Қуръони карим барои омӯзиши марҳилаҳои гуногуну пурсамари забони форсии тоҷикӣ сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ба шумор мераванд. «Ба далели он ки ин тарҷумаҳо ба замонҳову маконҳо ва мутарҷимони мухталиф марбут аст ва ҳар кадом таҳти таъсири гӯиши маҳаллӣ ва истинботу дарки хеш батне аз каломи Худоро дарёфтаанд, барои калимаи воҳид маонии мутааддиду мутанаввеъе арза доштаанд, ки бисёре аз онҳо дар ҳеҷ як аз мутуни порсию фарҳангҳои мавҷуд ёфт намешавад. Гузашта аз муфрадот дар ин тарҷумаҳо вуҷуди таркиботи асили порсӣ, ки дар баробари вожаҳои қуръонӣ қарор гирифтаву маънӣ ва ҳадду марзи он комилан равшан мебошад, низ муғтанам аст, то он ҷо ки сафаҳоте аз як тарҷумаро мутолиа мекунем, бидуни ин ки ҳатто ба як вожаи арабӣ бархӯрд кунем. Бадеҳист, ки ин гуна таркиботу муфрадот метавонад фарҳангнависону порсидӯстонро ба кор ояд ва мутарҷиминро балоғат афзояд» [6, с.164].

Гузашта аз ин, «ниёгони мо бар вожаву таъбиргузинӣ дар баробари алфозу таобири қуръонӣ тавонмандии луғавӣ ва неруи забондонии худро чунон ба кор гирифта буданд, ки муҷиб гардид, то ҳанӯз дар оғози таърихи тарҷумаву тафсирнигорӣ ба сурати хаттӣ чандин фарҳангҳои форсӣ-тоҷикии қуръонӣ таълиф гардад. Аз қабили «Лисон-ут-танзил», «Тафсири муфрадоти Қуръон» (аз муаллифони ношинохта), «ад-Дурару фи-т-тарҷумон»-и Муҳаммад ибни Мансур Мутаҳаммиди Марвазӣ, «ал-Муҳиту билуғот-ил-Қуръон»-и Муҳаммад Муқрии Байҳақӣ ва чанде дигар» [9, с.398].

Аз мушкилоте, ки ҳамеша ҳамқадами тарҷума будааст, ин ихтилофи донишмандону назарияпардозони тарҷума дар робита ба тарҷуманопазирии бархе калимоту таъбирот будааст. Мақсуд аз тарҷуманопазирӣ ин муваффақ нашудани тарҷумон дар расонидани паёмест, ки дар матни асл омадааст. Меъёри матлуб дар тарҷума ва муваффақият дар он, пеш аз ҳама, бар асоси таъсирест, ки матни тарҷумашуда дар хонанда мегузорад. Агар матни тарҷумашуда таъсире дар хонанда бигузорад, ки каму беш ҳаммонанди таъсирест, ки матни мабдаъ дар хонандаи худ эҷод кардааст, дар ин сурат ин тарҷума хубу пазируфтанист. Агар матни тарҷумашуда таъсири мутафовит бар хонанда бигузорад, ин тарҷума баду ғайри қобили қабул аст. Мақсад аз таъсир ҳамон тағйирест, ки дар хонанда ба вуҷуд меояд. Ин тағйир ду ҷанба дорад: дарки хонанда аз муҳтавои матни мабдаъ ва таъсиру таассуроте, ки ба сабаби ҷазбаҳои эҳсосии матни мабдаъ дар хонанда эҷод мешавад. Албатта, аз он ҷо ки хонандаи тарҷума ба миллият, нажод, фарҳанг ва одобу русуми мутафовите тааллуқ дорад, таъсироти дигаре низ мумкин аст дар ӯ падид ояд [13, с.17].

Дар адабиёти классикии араб ба тарҷуманопазирии шеър ишора намудаанд. Чунончи Ҷоҳиз дар «Китоб-ул-ҳаявон» мегӯяд: «Шеър тоби онро надорад, ки ба забони дигаре тарҷума шавад ва интиқоли шеър аз забоне ба забони дигаре раво нест. Агар чунин кунанд, назми шеър аз байн меравад, вазнаш гум ва зебоии он барҳам мехӯрад. Аз ҳама муҳим, нуқтаи шигифтангези он нест мешавад ва ба наср табдил хоҳад шуд. Дар ҳоле ки насре, ки аз аввал ҳамчун наср эҷод шудааст, аз насре, ки аз шеър ба миён омадааст, балеғтару шевотар мебошад» [13].

Ин нукта дар "Забони адабии ҳозираи тоҷик" чунин қайд гаштааст: "Дар сурати ибораҳои рехтаи фразеологии забони тоҷикӣ дараҷаи олии абстраксияи фразеологиро мушоҳида кардан мумкин аст. Онҳо ниҳоят пуробуранг ва таъсирбахш буда, ба дигар забонҳо тарҷума намешаванд. Чунончи ибораҳои «димоғ сӯхтан» (хафа кардан), «дил бурдан» (дӯст доштан), «чашм дӯхтан» (нигоҳ кардан), «ҷони ширин» (азиз), (оби дандон) (навъи қанд) ва бисёр дигарҳо аз ин қабиланд" [4, с. 65]. Ба ин тартиб, вақте талоши тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ аз як забон ба забони дигар мешавад, аслан, тарҷума бисёр номуваффақона мебарояд, зеро дар ин ҳолат зебоӣ, шевоӣ, фасоҳат ва салосатеро, ки воҳидҳои фразеологӣ дар забони асл доранд, дар натиҷаи тарҷума аз даст медиҳанд.

Маълум аст, ки ибораҳои рехта ҳамчун бахши асоси воҳидҳои фразеологӣ, чи дар забони гуфторӣ ва навиштorӣ ба таври густард истифода мешаванд ва ба каломи гӯянда ва нависанда фасоҳату балоғати назаррас мебахшанд. Аз ин рӯ, дарки ибораҳои рехта ва ҳадди ақал донистани муродифоти луғавии он барои тарҷумон зарурӣ мебошад. Маҳз дар ин сурат тарҷумон метавонад маънои воҳиди фразеологӣ, хусусан, навъи ибораи рехтаи онро ба дигар забон тарҷума ва тасвир намояд.

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки масъалаи тарҷумапазирӣ ва тарҷуманопазирии воҳидҳои фразеологӣ аз назари назарияпардозони тарҷума, аз қабили А.В.Федоров, В.Н.Комиссаров[5], А.Д.Швейтсер[16] ва дигарон дур намондааст. Ба таъкиди назарияпардозони тарҷума ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ, пеш аз ҳама, мувофиқатнамоии онҳо дар забони тарҷума муҳим мебошад. Вале на ҳама вақт тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ муваффақона сурат мегирад, аз ин рӯ, тарҷумонҳо бештар ба тарҷумаи калкавии ин гуна воҳидҳо рӯ меоранд. «Калкаҳои фразеологӣ чунин воҳидҳои фразеологие мебошанд, ки дар натиҷаи айнан, яъне калима ба калима тарҷума карда шудани ифодаҳои забонҳои дигар ба вуҷуд омадаанд. Тарҷумаи калима ба калимаи воҳидҳои фразеологии забонҳои дигар гоҳо боиси пайдошавии чунин ифодаҳое мегардадю ки муносибатҳои грамматикӣ ва робитаҳои маъноии ҷузъҳои таркибии онҳо барои забони тоҷикӣ як андоза ғайриодӣ мебошанд. Аз ин ҷост, ки ба вуҷуд омадани

калкаҳоро (аз ҷумла калкалаҳои фразеологиро ҳам) на ҳама вақт аз ҳодисаҳои мусбати забонӣ ҳисобидан мумкин аст» [7, с.76].

Дар забони арабӣ Қуръони карим саршор аз воҳидҳои фразеологӣ мебошад. Чи тавре Шарипова З. ишора намудааст: «Дар забони арабӣ аз аҳодиси набавию амсолу ҳикам ва ашъори араб метавон ба унвони сарчашмаҳои асосии воҳидҳои фразеологии арабӣ ёд намуд, дар ҳоле ки Қуръони карим на фақат дар мавриди фарогирии ибораҳои фразеологӣ ва интишори онҳо дар мутуни пас аз қуръонии арабӣ гуйи сабқатро аз онҳо рабудааст, балки барои тавлид ёфтани воҳидҳои фразеологӣ дар аҳодису ашъор нақши боризе гузоштааст.

Воҳидҳои фразеологӣ дар Қуръон барои ангезонидани хонанда нақши хеле муҳим доранд. Сабаби ин дар он аст, ки онҳо ба хонанда таъсири ҳиссӣ-эмотсионалӣ мерасонанд. Фразеологизмҳо ҷаҳонбинии мардум, фарҳанг, урфу одати онҳоро ифода мекунанд. Ибораҳои фразеологии Қуръон дар забони муосири араб таъсири худро гузоштаанд. Онҳо на танҳо ба сохти фразеологии забон дохил шудаанд, балки бо усулу воситаҳои ташаккули иборабандӣ таъсири бузург расонидаанд. Бисёре аз воҳидҳои фразеологии забони муосири араб ва лаҳҷаҳои минтақавии он шаклҳои дигаргуншудаи ибораҳои Қуръон ва ё воҳидҳои рехтае мебошанд, ки аз онҳо маншаъ гирифтаанд [15, с.303].

Ба таъкиди муҳаққиқон танҳо дар сураи «Каҳф» 15 воҳиди фразеологӣ истифода шудааст [Амира 2015, с.33]. Таҳлили муодилҳои тоҷикии воҳидҳои фразеологии қуръонӣ нишон медиҳад, ки мутарҷимони асар дар бештари маврид аз тарҷумаи маъноӣ истифода намудаанд на аз ҷустани муодилҳои пурраи онҳо. Масалан, дар тарҷумаи таъбири «ланаттахизанна ъалайҳим», ки ҳамчун воҳиди фразеологӣ шуморида шудааст [Амира 2015, с.33], дида мешавад, ки мутарҷимон бевосита ба тарҷумаи маъноии он пардохтаанд ва онро ба гунаи «мо кунем бар дари ғори эшон мазките» [ҷ.1, с.718] овардаанд. Дар ҳоле ки дар бархе мавриди дигар эҷодкорӣ ва гунае аз воҳиди фразеологиофаринии мутарҷимони ин асарро метавон бараъло дарк намуд. Чунончи дар тарҷумаи воҳиди фразеологии «рақман билғайб» таъбири «гуфторе ба андеша нодида ва нопурсида»[11, с.718]-ро овардаанд, воқеан, маънои фразеологӣ дар худ дорад.

«في قلبه مرض» воҳиди фразеологиест, ки дар Қуръон ба гунаи «في قلوبهم مرض» омадааст ва ифодагари дурӯягиву бадкории соҳибони чунин дил аст. Дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ин воҳиди фразеологӣ ба гунаи «андар дилҳошон беморӣ аст» [11, с.18] муодилёбӣ ва тарҷума шудааст. Чи тавре дида мешавад, мутарҷимон воҳиди фразеологии арабиро ба таври калкавӣ овардаанд, яъне ҳар як калимаи дар таркиби ин воҳиди фразеологӣ омадаро ба забони тоҷикӣ тарҷума намудаанд, дар ҳоле ки имрӯз дар забони тоҷикӣ метавонад воҳидҳои фразеологии «дил сиёҳ будан» ё «дили сиёҳ доштан», ки ба одами бадкору бадният [12, с.446] ишора мекунад, муодили пурраи он шуда ояд.

Дар ояти 97- сураи «Ҳиҷр» таъбири «يضيق صدرك بما يقولون» омадааст, ки дар он воҳиди фразеологии «ضاق صدره به» ба кор рафта, дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба гунаи «Дуруст мо медонем, ки туро дил ме танг гардад, дили ту бад-он чи мегӯянд эшон» [11, с.666] тарҷума намудаанд. Чи тавре дида мешавад, воҳиди фразеологии «дил танг шудан», ки имрӯз низ дар забони тоҷикӣ корбурди густарда мешаваду ифодагари «зиқ шудан, малул гаштан, дилгир шудан; бетоқат шудан; озурда шудан» [12, с.447] аст, аз ҷониби мутарҷимон ҳамчун муодили пурраи маъноӣ барои воҳиди фразеологии қуръонии «ضاق صدره به» оварда шудааст ва бе шак ин яке аз мавридҳои бомуваффақона муодилёбӣ шудани воҳиди фразеологии арабӣ дар забони тоҷикӣ мебошад.

Воҳиди фразеологии мазкур дар ояти 12 сураи «Ҳуд» низ омадааст ва дар ин маврид мутарҷимон онро ба гунаи «тангкунанда бад-он дили ту» (Магар ту гузорандаи бархе он чӣ ваҳй карда шуд сӯи ту ва тангкунанда бад-он дили ту) [11, с.666] муодилёбӣ кардаанд. «Дил танг шудан»-ро ба шакли «тангкунанда бад-он дил» овардани мутарҷимон аз корбурди арабии он маншаъ мегирад. Ба ин маъно, ки дар оят «وضائق به صدرك», яъне бахше аз воҳиди фразеологӣ на ба сурати феъл (ضاق), балки ба шакли исми фоъил/сифати феълии тарзи фоъилӣ (ضائق) оварда шудааст, ки дар забони тоҷикӣ вожаи тангкунанда, ки бо гузаштан аз ду зинаи калимасозӣ танг+асоси феъли замони ҳозираи кардан/кун +

пасванди – анда, сифати феълии тарзи фоъилӣ ва муодили пурраи он ба шумор меравад. Аз ин чунин натиҷа метавон гирифт, ки мутарҷимони асар на фақат ба маънои калима, балки ба сохтори морфологии он низ диққат дода, талош намудаанд, ки дар забони тоҷикӣ муодили пурраи онро пайдо намоянд.

«Рӯшноии чашм» аз воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» мебошад, ки дар ояти 74 сураи «Фурқон»: «Ва он касҳо, ки гӯянд: «Худованди мо, бубахш моро аз занони мо ва фарзандони мо – рӯшноии чашмҳо ва бикун моро парҳезкорон ва пешрав» [ҷ.2, с.55] омадааст ва он ҳамчун муодили «قرة عين \ أعين», ки маънои таҳтуллафзиаш «осоиши чашм» мебошад, ба кор бурда шудааст. Ин таъбир барои тасвири шахсоне ё ҳодисаҳое истифода бурда мешавад, ки баёни он дар вуҷуди хонанда ҳиссиёти осоиш, мояи шодмонӣ, хушнудӣ ва фароғатро меоранд. Аз ин таъбири арабӣ метавон дар забони тоҷикӣ бо «нури чашм» муодилёбӣ кард, чун «нури чашм» ба маънои маҷозияш ифодагари фарзанд [12, с.543] мебошад. Вале аз он ҷо ки мутарҷимони «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ҳангоми тарҷумаи оятҳо кӯшидаанд, ки барои ҳар вожаи арабии қуръонӣ дар забони тоҷикӣ муодилёбӣ намоянду аз корбурди вожагони арабӣ то ҳадди имкон худдорӣ намоянд, ба ҷойи калимаи «нур», ки арабист, истифодаи калимаи «рӯшноӣ»-ро дар таркиби ин воҳиди фразеологӣ бартар шуморидаанд.

Ҷойи дигар дар ояти 9 сураи «Қасас» таъбири «قرة عين» омадааст, ки онро низ мутарҷимон ҳамчун «рӯшноии чашм» муодилёбӣ кардаанд: «Ва гуфт зани Фиръавн, ки: «Рӯшноии чашм аст маро ва туро, макуш ӯро, бошад, ки манфаат кунад моро ё бигирем ӯро ба фарзандӣ» ва эшон надонистанд [11, с.144]. Ҳарчанд «рӯшноии чашм» аз муодилҳои маъноии таъбири «قرة عين» бошад ҳам, вале ба назари инҷониб беҳтар мебуд агар мутарҷимон дар ин ҷо аз таркиби «оромиши дил» истифода мекарданд. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки дар тарҷумаҳои муосири тоҷикӣ ин таъбир ба гунаи «мояи шодмонӣ» муодилёбӣ гаштааст: «Ва зани Фиръавн гуфт: Ин тифл мояи шодмонии ману туст» [6, с.965].

Дар тарҷумаи воҳиди фразеологии «ربطنا على قلبها», ки ба маънои «дилашро қавӣ кардан» [6, с.965] меояду муродили тоҷикияш метавонад воҳидҳои фразеологии «хотирҷамъ кардан» ва «дили касеро пур кардан» бошад, мутарҷимони «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» аз тарҷумаи калима ба калима истифода бурдаанд: «Агар на он будӣ, ки бубастем бар дили ӯ, то бошад аз муъминон» [11, с.144]. Дар ин ҷо феъли «бубастем» корбурд шудааст, ки муодили пурраи феъли арабии «ربطنا» мебошад. Чунин тарҷумаи калкавӣ дарки маъноро ба хонандаи имрӯзи тоҷик каме печида менамояд.

Таҳқиқу баррасии тарҷумаи воҳидҳои фразеологии қуръонӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» нишон медиҳад, ки мутарҷимони асар на ҳамеша воҳидҳои фразеологиро тарҷумаи маъноиву таҳтуллафзӣ намудаанд, балки дар баробари воҳиди фразеологӣ муродифи луғавии онро овардаанд. Чунончи дар ояти 60 сураи «Тавба» воҳиди фразеологии «ابن السبيل» омадааст, ки тарҷумаи таҳтуллафзии он «фарзанди роҳ/писари роҳ» буда, ифодагари мусофир/ғариб аст ва ин дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба гунаи «раҳраванда» оварда шудааст: Ки садақаҳо дарвешонрост ва мискинонро ва кунандагонро бар он ва дӯстдорони дилҳои эшон ва андар гарданон ва вомдорон ва андар роҳи Худой вароҳравандагон [11, с.500].

«Даст ба ҳам задан» аз воҳидҳои фразеологиест, ки мутарҷимони «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» онро дар баробари таъбири «يقلب كفيه» қарор додаанд: «Ва бирасонид ва гирди ӯ гирифта меваҳои он, дигар рӯз бархост, бар ҳам мезад дасти хеш бад-он чи ҳазина карда буд андар он бӯстон» [ҷ.1, с.720]. Дар забони форсии тоҷикӣ воҳиди фразеологии «даст ба даст судан» корбурд мешавад, ки ифодагари «таа«суф намудану асаф хӯрдан аст» [1, с.10796].

«خفض الجناح» аз воҳидҳои фразеологии қуръонист, ки дар ояти 24 сураи «Исро» омадааст ва тарҷумаи он ба гунаи «фуру густаронидани бол» оварда шудааст: «Ва фуру густаронида дор мар эшонро боли хеш ба фурӯтанӣ аз шафқат» [11, с.698], бе шак тарҷумаи таҳтуллафзӣ мебошад, чаро ки дар забони тоҷикӣ таъбирҳои «хоксор будану бо тавозуъ будан» ҳарчанд воҳиди фразеологӣ набошанд ҳам, метавонад ифодагари маънои ин таъбири қуръонӣ бошад.

Таҳлилу баррасии тарҷумаи воҳидҳои фразеологии арабӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» нишон медиҳад, ки мутарҷимони асар тавонистаанд, ки барои расонидани маънои ин гуна воҳидҳо аз роҳҳои гуногун дар тарҷума истифода намоянд. Ҳамин аст, ки онҳо дар тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ гоҳе ба муодилёбиву тарҷумаи озод ва гоҳе ба тарҷумаи таҳтуллафзӣ рӯ овардаанд, вале дар ҳама маврид корбурди калимаҳои тоҷикиро дар зимни воҳидҳои фразеологӣ ба калимаҳои арабӣ бартарӣ додаанд.

Муқарриз: ***Саломов Аскар***-номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Алиакбари Деҳхудо. Луғатномаи Деҳхудо / Деҳхудо, Алиакбар. – Теҳрон, 1998. Ҷ.7.
2. Амира Мағфира. Ат-Таъбир ал-истилоҳи-л-арабӣ фи сурат-ил-Каҳф (аддиросту-н-наҳвияту-д-далолия) / Мағфира Амира. – Молонҷ, 2015. – 62 с. [бо забони арабӣ]
3. Аҳмад ибни Муҳаммад ад-Дубён. Ҳунайн ибни Исҳоқ ва осоруҳу-л-матбуъа: диросатун таърихиятун / ад-Дибён, Аҳмад ибни Муҳаммад. – ар-Риёз: Мактабат-ул-малик-Фаҳд – ал-ватания, 1993. – 715 с. [бо забони арабӣ]
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 451 с.
5. Комиссаров В.Н. Теория перевода (лингвистические аспекты) / В.Н. Комиссаров. - М.: Высш. шк., 1990. – 253 с.
6. Қуръони карим ва тарҷумаи маонии он дар равиши тафсири Муяссар ба забони тоҷикӣ. – Мадинаи мунаввара: чопхонаи Қуръони карим, Муҷаммаъти Малик Фаҳд, 1436. – 1638 с.
7. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 104 с.
8. Муслимов М. Воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷик бо унсурҳои луғавии арабӣ / М.Муслимов. – Душанбе, 2009. – 160 с.
9. Насриддинов Ф. Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафсири куҳани форсӣ-тоҷикӣ / Ф.Насриддинов. – Хуҷанд: Ношир, 2012. – 576 с.
10. Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ. Чопи дувуми ислоҳшуда ва иловашуда / С.Сулаймонӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 1564 с.
11. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ / Таҳия ва таълиқоти Н.Ю. Салимов, Н.Ш. Зоҳидов, Н.И. Ғиёсов, А.А. Ҳасанов, А. Самиев. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. - К.1. -884 с.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. - Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. - 950 с.
13. Фон Зунг Янг. Тааммуле дар меъёрҳои тарҷума / Зунг Янг, Фон; тарҷумаи Алӣ Хизомифар // Маҷаллаи Мутарҷим, соли аввал, шумораи аввал. – С. 16-20 (motarjemjournal.ir. Санаи мурочиат: 26.03.2021) [бо хати форсӣ]
14. Ҳамробоев Н.А. Марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввули ҳаракати тарҷума дар асрҳои VIII-XIV (аз паҳлавӣ ба арабӣ ва аз арабӣ ба форсӣ-тоҷикӣ) (Диссертатсияи докторӣ) / Н.А. Ҳамробоев. – Душанбе, 2019. – 355 с.
15. Шарипова З. Мавқеи баъзе воҳидҳои фразеологӣ дар Қуръон / З.Шарипова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2011. - №4 (68). – С. 303-305.
16. Швейцер А.Д. Теория перевода: Статус, проблемы, аспекты / А.Д. Швейцер. – М.: Наука, 1988. – 215 с.

ТАРҶУМАИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ АРАБӢ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
(дар мисоли «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»

Дар мақола масъалаи тарҷумаи воҳидҳои фразеологии арабӣ ба забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф такя ба сарчашмаҳои илмӣ ба таърихи тарҷума ва андешаи донишмандон атрофи тарҷуманопазирии бархе калимаву таъбирҳо таваққуф намуда, таъкид месозад, ки ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ, пеш аз ҳама, мувофиқатнамоии онҳо дар забони тарҷума муҳим мебошад. Вале на ҳама вақт тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ муваффақона сурат мегирад, аз ин рӯ, тарҷумонҳо бештар ба тарҷумаи калкавии ин гуна воҳидҳо рӯ меоранд, ки ин таъсири онҳоро камранг менамояд. Таҳлили тарҷумаи воҳидҳои фразеологии арабӣ дар мисоли «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» нишон медиҳад, ки мутарҷимони ин асар муваффақ шудаанд, ки воҳидҳои фразеологии арабиро ба забони тоҷикӣ, бо роҳҳои гуногун: муодилёбӣ, тарҷумаи озод ва тарҷумаи таҳтуллафзӣ баён намоянд.

Бо таҳлилу баррасии мавзӯъ муаллиф ба ин нукта таъкид месозад, ки дар тарҷумаи воҳидҳои фразеологии арабӣ-қуръонӣ мутарҷимони «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» кӯшидаанд, то аз истифодаи калимаҳои арабӣ худдорӣ намуда, дар зимни воҳидҳои фразеологӣ танҳо калимаҳои тоҷикиро ба кор баранд.

Калидвожаҳо: тарҷума, воҳидҳои фразеологӣ, ибораҳои рехта, тарҷуманопазирӣ, забони арабӣ, забони тоҷикӣ.

ПЕРЕВОД АРАБСКИХ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК
(на примере «Перевод Тафсир Табари»)

В статье рассматривается вопрос перевода арабских фразеологизмов на таджикский язык. Опираясь на научные источники по истории перевода и мнение ученых о несовместимости некоторых слов и выражений, автор подчеркивает, что при переводе фразеологизмов, прежде всего, важна их согласованность на языке перевода.

This article attempts to shed light on some aspects of the study of hyperbole as a means of expressiveness of the lexical level. There are very few ideas about this linguistic phenomenon in Russian science. The questions about the nature, content and volume of this means of expressiveness, and its stylistic possibilities, semantics and functions, remain sufficiently unexplored. The problem of systematization of exaggerated units also remained outside the field of vision of Tajik scientists. In this regard, the author sets himself a goal: to carry out a linguistic analysis of hyperbolic expressions of the Tajik language. Since the study of this aspect of the functioning of hyperbolized units requires a comprehensive and deep research, within the framework of one article the author analyzes about a hundred lexical units involved in the process of hyperbolization. Illustrative material was drawn from contemporary Tajik small prose, in particular the stories of Bakhmaner, Sattor Tursun, Urun Kukhzoda, Ato Hamdam and Abdulhamid Samad. In the course of the study, the author outlined 5 criteria for the classification of hyperbolized units, one way or another affecting the linguistic essence of hyperbole: according to the usability / occasionality of the components, according to the degree of their stability, according to the interaction of stylistic devices, according to level representation, according to the semantic attribute of exaggeration or understatement. The structural-semantic classification carried out by the author allowed the author to identify the most popular types of hyperbolized units in the Tajik language.

Key words: hyperbola, litota, linguistic and individual author's hyperbole, hyperbolic epithet, hyperbolic metaphor, hyperbolic comparison, stable hyperbolic turns.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Султанова Р.М.*** - Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони русӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30. Тел.: **(+992) 93-760-70-58**

Сведения об авторе: ***Султанова Р.М.*** - Российско-Таджикский (Славянский) университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующая кафедрой русского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Турсун-заде 30. Тел.: **(+992) 93-760-70-58**

Information about the author: ***Sultanova R.M.*** - Russian-Tajik (Slavic) University, candidate of philological sciences, associate professor, head of the Russian language department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Tursun Zade 30. Tel.: **(+992) 93-760-70-58**

УДК:891.55:891.550

ДАВРАБАНДИИ АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК АЗ НИГОҲИ ШАРҚШИНОСОНИ РУС

Имомзода М.С., Сайфуллоева З.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон

Омӯзиш ва арзёбии масъалаҳои назарӣ, амалӣ ва равишшиносии (методологии) даврабандии таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, ки то имрӯз аз ҷумлаи мушкилоти ҷиддии ҳалнашудаи соҳа мебошад, аз оғоз мавриди таваҷҷуҳи ховаршиносони рус қарор дошта ва дар ин замина тадқиқотҳои қобили мулоҳизае низ анҷом гирифтааст. Нахустин кӯшишҳои даврабандии таърихи адабиёти форсии тоҷик ба садаи нуздаҳ ва бисти масеҳӣ, яъне ба замони таълифи аввалин тадқиқотҳо оид ба таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ва ҷустуҷӯҳои нахустин муҳаққиқоне чун В. Жуковский, А.Е. Крымский, Е. Э.Бертельс, И.С. Брагинский ва дигарон рост меояд. Даврабандиҳои нахустини ховаршиносони рус дар такя ба воқеиятҳои ҳаёти адабӣ ва нигориши тазкираҳо сурат гирифта, адабиёт мувофиқи минтақаҳои ҷуғрофӣ, тартиби ҳарфҳои алифбо ва ё ҳуруфи таҳоҷӣ, бар асоси навъҳо ё жанрҳои муҳим, сабкҳо ё мактабҳои адабӣ, рухдодҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва сабқати замон (хронологӣ) даврабандӣ шудааст.

Ба ин тартиб, муҳаққиқони ховаршиноси рус дар заминаи дидгоҳҳои назарӣ, амалӣ ва равишшиносӣ (методологӣ) адабиёти форсии тоҷикиро аз оғоз то ба имрӯз ба даврабандии амалӣ ва илмӣ тақсимбандӣ кардаанд. Шакли амалии даврабандии адабиёти форсии тоҷикӣ, пеш аз ҳама, ҳадафи типологӣ дошта, дар ховаршиносии рус аз оғоз то солҳои чиҳилуми садаи гузашта ривоҷ дошт ва бевосита ба таҳқиқу арзёбии замони зиндагӣ ва ҳаёту эҷодиёти намояндагони адабиёти замонҳои гуногун алоқаманд буд.

Дар шаклгирии равиши амалии даврабандии адабиёти форсии тоҷикӣ хидмати В. Жуков [11], А.Е. Крымский [13] ва Е.Э Бертельс [5] бузург буда, дар ин замина таҳқиқотҳои А. Болотников, В.Н. Энгельгард, С.Н. Григорян ва баъзе муҳаққиқони дигар низ таъсиргузор будааст.

В. Жуковский дар мақолаи “Умари Хайём ва рубоиёти “саргардон” (“Омар Хайям и “странствующие” четверостишия”) бори нахуст дар ховаршиносии рус дар такя ба даврабандии амалии адабиёт, яъне мансубият ба хонадонҳои фармонраво ва сабқати замон (хронологӣ) замони зиндагӣ ва фаъолиятҳои илмиву адабии Умари Хайёмро муайян ва мушаххас намудааст. Ин донишманд дар асоси сарчашмаҳои таърихию адабӣ Хайёмро намояндаи адабиёти давраи Салҷуқӣ (“...дар замони султон Маликшоҳи Салҷуқӣ зистааст” - “...жиль во время султана Меликшаха Сельджукскаго”) [11, с.335]. дониста, ба ин тартиб омилҳои амалӣ ва воқеиро дар шинохти давраи зиндагӣ ва фаъолиятҳои илмию адабии Умари Хайём муҳим шинохтааст.

Аз ховаршиносони дигар А.Е. Крымский низ пойбанди шакли амалии даврабандии адабиёти форсии тоҷикӣ буда, дар китоби пуразиши “Низомӣ ва муосирони ӯ“ ба шакли амалии аз рӯйи замони фармонравоии хонадонҳо даврабандӣ кардани таърихи адабиёт содиқ будааст. Ин муҳаққиқ таркибҳои “шеъри сомониён”, “адабиёти замони Ғазнавиён” ва “адабиёти давраи салҷуқиҳо”-ро дар рисолаи “Низомӣ ва муосирони ӯ” фаровон истифода карда, даврaҳо ва хусусиятҳои адабиёти мавриди назарашро мушаххас намудааст [13, с.86]. Гоҳо дар таҳқиқотҳои А.Е. Крымский ҷойи даврабандии сулолавиро равиши даврабандӣ бар асоси жанрҳои муҳим низ ишғол кардааст, ки низ аз воқеиятҳои ҳаёти адабӣ маншаъ мегирад [13, с.102].

Кӯшиши даврабандии амалии адабиёти форсии тоҷикӣ бар асоси хонадонҳо ё худ сулолаҳои фармонраво дар таҳқиқоти А. Болотников оид ба зиндагӣ ва осори Умари Хайём [7, с.179-211] низ ба назар мерасад. Ин муҳаққиқ бо таҳлили рубоиёти Хайём ва хусусиятҳои ҳунарии он давраи зиндагӣ ва эҷоди шоири рубоисаро ва донишманди

риёзидонро мушаххас сохта, хусусият ва ҷойгоҳи ҳунарии рубоиёти ӯро ҳамчун меъёри мушаххаси шинохти адабиёти он давра арзёбӣ намудааст [7, с.179-211].

Е.Э. Бертельс низ равиши амалии даврабандии адабиёти форсии тоҷикиро писандида дар ин замина бар асоси сабқати замон (хронологӣ) ва мансубият ба хонадонҳои фармонраво давраҳои адабиётро мушаххас сохтааст. Ин донишманд дар муқаддимаи китоби “Таърихи адабиёти форсу тоҷик” даврабандии адабиётро бар асоси мансубият бар хонадонҳои фармонраво муҳим дониста, сипас бар асоси сабқати замон (хронологӣ) ва мансубият ба хонадонҳои фармонраво паси ҳам зикр мекунад, ки ба тариқи зайл аст: ёдгориҳои адабии давраи қадим, адабиёти халқҳои шарқи Эрони асрҳои панҷи то давраи мо ва нуҳи давраи мо, адабиёти асри даҳ, адабиёти нимаи аввали садаи ёздаҳ, адабиёти нимаи дувуми садаи ёздаҳ, адабиёти аҳди Қарахониҳо ва адабиёти солҳои фармонравоии Салҷуқиҳо [5, с.29-30].

Е.Э. Бертельс дар ин тадқиқоташ аз истифодаи истилоҳоте, монанди “адабиёти давраи Ғазнавиён” даст кашида бошад ҳам, вале иқрор мешавад, ки “Мо ҳанӯз аз анъанае, ки муаллифони тазкираҳо шоиронро аз рӯйи аломатҳои сулолавӣ тақсимбандӣ кардаанд, наметавонем даст кашем” [5, с.29]. Муҳаққиқ бо баёни ин андеша таъкид бар он дорад, ки мушкилоти даврабандии адабиёти форсу тоҷик ҳанӯз ҳал нашудааст ва қобили баррасии ҷудогона мебошад.

Ҳамин тариқ, танҳо баъди даргузашти Е.Э. Бертельс, яъне аз солҳои панҷоҳум ва шастуми садаи бист сар карда, равиши илмии даврабандии адабиёти форсии тоҷикӣ ба ҳайси як масъалаи мубрам пажӯҳишҳои илмиро дар ховаршиносони рус густариш дод. Аз ҷумла баҳсҳое, ки дар маҷаллаҳои “Советское востоковедение” (1959), “Народы Азии и Африки” (1962) ва конгресси биступанҷуми байналмилалии шарқшиносон доир гардиданд, заминаро барои дарки илмии ин масъала аз нигоҳи равишшиносӣ ба вуҷуд овард ва пажӯҳишгарони адаби форсии тоҷикӣ дар Русия ба ин равиш гароиш пайдо карданд ва осори муҳимме бо ҳамин дидгоҳ эҷод намуданд. Дар ин замина метавон аз таҳқиқотҳои И.С. Брагинский “Доир ба масъалаи ба даврахо тақсим кардани таърихи адабиёти тоҷик”, “Дар иртибот ба масъалаи даврабандии таърихи адабиёти форсӣ ва тоҷикӣ”, “Дар бораи ҳудуди даврабандӣ дар адабиёти Шарқ”, А.Н. Болдырев ва И.С. Брагинский “Назаре дар даврабандии адабиёти классики форсӣ ва тоҷикӣ”, Е.П. Челышев “Масъалаҳои назарӣ ва равишшиносии омӯзиши таърихи адабиёти халқҳои Шарқ”, В.Б. Никитина, Е.В. Паевская ва Л.Д. Позднеева “Дар бораи даврабандии адабиёти қадими Шарқ”, И.В. Боролина, В.Б. Никитина, Е.В. Паевская ва Л.Д. Позднеева “Дар бораи даврабандии адабиёти Шарқ дар қуруни вусто” ва ғайра ёд овард.

Ховаршиносони рус дар натиҷаи таҳқиқ ва мутолиоти амиқ дар заминаи даврабандии илмии адабиёти форсии тоҷикӣ равишҳо ва меъёрҳои тозаро кашф карданд, ки муҳимтарини онҳо - а) равиши даврабандӣ бар асоси навъҳо, жанрҳо, сабкҳо ва мактабҳои адабӣ (аз ҷумла ҷуғрофиёӣ), б) даврабандӣ бар асоси воқеиятҳои сиёсӣ, таърихӣ ва иҷтимоӣ ва в) даврабандии оми таърихӣ мебошанд.

Муҳаққиқон равиши даврабандӣ бар асоси навъҳо, жанрҳо, сабкҳо ва мактабҳои адабӣ (аз ҷумла ҷуғрофиёӣ)-ро мабнӣ бар паҳлуҳои ҳунарии адабиёт дониста, дар ин замина муайян намудани даврахои адабиёти форсии тоҷикиро табиӣ шинохтаанд. Тарафдорони ин равиши даврабандӣ, пеш аз ҳама, хусусиятҳои поэтикии адабиётро меъёри мушаххас сохтани ин ё он давра ба шумор овардаанд. Суоли ҳафтуми анкетае, ки миёни муҳаққиқон паҳн карда шуда буд, низ ҳамин мавзӯъро матраҳ мекард. Суол ба тариқи зер буд: “Оё шумо дар вақти муайян намудани даврахои асосӣ дар дохили он ба мактабҳо (аз ҷумла ҷуғрофиёӣ), ҷараёнҳо ва жанрҳо тақсимбандӣ карданро саҳеҳ мешуморед?” [3, с.13]. Аз посухҳои донишмандон бармеояд, ки дар ин боб назарҳо гуногун будаанд. Бо вуҷуди ин аз мубоҳисаҳои суратгирифта ва баъзе тадқиқотҳои нашршуда метавон чунин натиҷа гирифт, ки вижагиҳои ҳунарӣ ва сохтории адабиётро дар шинохти хусусиятҳои ин ё он давраи адабиёти форсии тоҷикӣ наметавон ба инобат нагирифт. Ин равишро дар адабиётшиносии дунё низ муҳаққиқони шаклгаро (формалистҳо), пайравони “нақди нав”, сохторгароён (структуралистҳо) ва муқоисагароён (компоротавистҳо) эътироф кардаанд. Аз муҳаққиқони рус В.М. Жирмунский, Ю.Н. Тинянов, В.Б. Шкловский, Б.М. Эйхенбаум ва чанди дигар тарафдори ин равиш будаанд. Доир

масъалаи бар асоси навъҳо, жанрҳо, сабкҳо ва мактабҳои адабӣ даврабандӣ кардани адабиёти форсии тоҷикӣ муҳаққиқони рус Н.В. Холшевников, А.Н. Болдирев, З.Г. Османова, А. Азер ва баъзеи дигар назари мусбат доштаанд. Аз ҷумла Н.В. Холшевников жанри рубоӣ ва хусусиятҳои сохтори онро ҳамчун василаи шинохт ва арзёбии давраи адабиёт таъбир кардааст [15, с.67]. А.Н. Болдирев, З.Г. Османова ва А. Азер низ посухашон ба суоли дар боло зикршуда мусбат аст [2, с.7-11]. Бар асоси навъҳо, жанрҳо, сабкҳо ва мактабҳо муайян намудани доираи адабӣ аз оғоз то солҳои баъд мавриди омӯзиши ховаршиносони рус қарор гирифта, дар ин замина таҳқиқотҳои Е.Э. Бертелс [14], И.С. Брагинский [2, 7-11], З. Залеман [12], З.Н. Ворожейкина [9] ва ғайра ба вуҷуд омад, ки дар таъйиди ин равиш аст. Ин донишмандон дар пажӯҳишҳои хеш механизми офариниши таърихи дарунии асари бадеиро ошкор сохта, ин омилро ҳамчун василаи шинохт ва мушаххас сохтани ин ё он давраи адабиёт ба шумор овардаанд.

Даврабандӣ бар асоси рухдодҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ аз солҳои сиюми садаи бист ба баъд равиши асосии таҳқиқотҳои ховаршиносии русро муайян мекунад. Ин равиш зери таъсири ҷараёнҳои идеологие, ки дар Шӯравии собиқ таҳким ёфта буд рушд карда, паҳлуҳои мусбату манфӣ дошт. Дилбастагони ин равиш Е.Э. Бертелс, А.Н. Болдирев, И.С. Брагинский, В.Б. Никитина, Е.В. Паевская ва дигарон пойбанди ин ақида буданд, ки даврањои адабиёт, пеш аз ҳама, маҳсули дигаргуниҳоест, ки дар таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ин ё он кишвар рух медиҳад [5; 6; 2; 14; 8].

Дар ховаршиносии рус яке аз назариётчиёни сарсахти ин равиш И.С. Брагинский будааст. Ин донишманд дар ин равиш таҳқиқоти ҷомееро анҷом дода, силсилаи мақолотеро ба нашр расонд, ки асоси равишшиносии даврабандии адабиёти форсии тоҷикиро то имрӯз муайян мекунад. Ба андешаи И.С. Брагинский даврањои гуногуни ташаккул ва таҳаввули адабиёт зери таъсири ҷараёни тағйир ва табдили низомҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ сурат гирифта, бо даврањои бузурги таърихии бостон, садаҳои миёна, замони нав ва навтарин пайванд дорад. Ин донишманд пайванд ё худ ҳамнавоии даврањои адабиётро ба даврањои таърих ба ин далел саҳеҳ медонад, ки дар ростои даврањои таърих мушаххасоти мусбату манфии андешаҳои иҷтимоӣ ва пайванди он бо тафаккури бадеӣ равшан зоҳир мешавад. И.С. Брагинский пойбанди назарияи марксистии “ба даврањо тақсим кардани таърихи адабиёт аз ҷиҳати сотсиологӣ” [1, с.34-44] буда, барои амалӣ кардани ин ҳадаф иҷрои “се талаб”-ро муҳим медонад ва менависад:

“1. Таърихи адабиёт бояд дар асоси фактҳои конкретии таърихӣ ба даврањо тақсим карда шавад, он тақсимот ба ҳамон фактҳо такя кунад, онро ҷамъбаст кунад ва умумият диҳад, на ин ки як схемаи бофта ва сохтае бошад, ки фактҳо ба он кашида шаванд. 2. Ба даврањо тақсимкунии таърихи адабиёт бояд бо тақсимоти даврањои таърихи умумӣ пайваст бошад, то ки ба ин тариқа асосҳои материалӣ ва синфии инкишофи адабиёт равшан гардад. 3. Дар баробари ҳамин, ба даврањо тақсимкунии таърихи адабиёт набояд такрори одии даврањои таърихи умумӣ шавад, балки вай бояд қонун ва хислатҳои хосси адабиётро, ки онҳо дар ин ё он зинаи инкишофи адабиёт ба вай хос мебошанд, ошкор намояд. Дар айни ҳол бояд ба назар гирифта шавад, ки адабиёт ҳам, модом ки дар базиси муайяни материалӣ пайдо гардидааст, монанди ҳар мафкура мантиқи дохилии инкишофи худро дорад ва он дар сайри такомули худ аз он базис ё ақибтар мемонад ё пештар мегузарад” [1, с.34]. Ин андешаи И.С. Брагинский оиди даврабандии адабиёт хусусияти мафкуравӣ дошта, минбаъд асоси равишшиносии ин масъаларо муайян мекунад, ки ҳамчунон то имрӯз баҳснок боқӣ мондааст.

Дар ховаршиносии рус доир ба тааллуқоти даврањои адабиёт ба форсҳо ва тоҷикон низ баҳсҳои тӯлоние сурат гирифтааст. Аз ҷумла А.Н. Болдирев “тамоми адабиёти асрҳои даҳу понздаҳро фақат ба эрониёни ғарбӣ (эрониёни ҳозира)” нисбат дода, “фақат онҳоро вориси куллии адабиёти классикӣ” мешуморад ва “таклиф мекунад, ки ибтидои адабиёти тоҷик асри шонздаҳ ҳисоб карда шавад” [1, с.36]. И.С. Брагинский ин гуна нуқтаи назарро “тамоман зидди таърих” дониста, ба “Қутадғу билиқ” мисол мезанад, ки дар он соҳиби ин адабиёт будани тоҷикон таъкид шудааст [1, с.37].

Ҳамчунин Е.Э. Берталс низ оид ба мансубияти адабиёти даврањои ҷудогона назари баҳснок дорад. Ӯ дар мақолаҳои қаблиаш “таклиф мекунад, ки адабиёт ва нависандагони асрҳои даҳ ва понздаҳ аз рӯйи ҷараёни дарёи Омӯ тақсим карда шавад, яъне

нависандагони соҳили рости дарёи Омӯ-тоҷик, нависандагони соҳили чап форс ҳисоб карда шавад” [1, с.37]. Чунон ки ба назар мерасад, дар тадқиқотҳои ховаршиносони рус гоҳо даврабандии ҷуғрофиёӣ ҷойи даврабандии таърихиро гирифта, сабаби саҳвҳои усулӣ дар шинохти даврабандии адабиёти форсии тоҷикӣ гардидааст.

Ба ин тартиб, ховаршиносони рус дар заминаи марҳилаҳои даврабандии амалӣ ва илмии адабиёт равишҳои а) даврабандии адабиёт бар асоси хонадонҳои фармонраво ё худ сулолаҳои ҳоким, б) даврабандии адабиёт бар асоси сабқати замон (хронологӣ), в) даврабандии адабиёт бар асоси навъҳо, жанрҳо, сабкҳо ва мактабҳои адабӣ (ҳудуди ҷуғрофиёӣ), г) даврабандии адабиёт бар асоси рӯйдодҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва д) даврабандии адабиёт бар асоси давраҳои оми таърихиро тафкик додаанд.

Муҳаққиқони ховаршинос, аз ҷумла И.С. Брагинский, А.Н. Болдирев, Е. Челишев, В.И. Семанов, В.Б. Никитина, Е.В. Паевская ва Л.Д. Позднеева аз назари равишшиносӣ баъзе паҳлуҳои даврабандиҳои ёдшударо таҳлил ва арзёбӣ кардаанд. Аксари муҳаққиқон даврабандиҳои ёдшударо аз назари равишшиносӣ арзёбӣ карда, даврабандӣ бар асоси хонадонҳои фармонраво ва сабқати замониро ба равиши амалӣ мансуб донистаанд. И.С. Брагинский, А. Азер ва В.Ф. Минорский даврабандӣ бар асоси хонадонҳои фармонраворо василаи муҳимми даврабандӣ ба ҳисоб наовардаанд [1, с.23]. А.Н. Болдирев бар ин ақида аст, ки “вақте аломатҳои дигар (масалан, “даврои қарахониҳо”) вуҷуд надорад, даврабандии хонадонҳои фармонраво метавонад барои шинохти адабиёти дарборӣ дар номгузории бахшҳои ҷудогона ёрӣ расонад” [1, с.10]. Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла И.С. Брагинский ин равишро муҳим нашинохтааст [3, с.23].

Донишмандони ховаршинос Е.Э. Бертелс, А.Н. Болдирев, Н.Т. Федеренко, З.Н. Ворожейкина истифодаи огоҳона аз равиши даврабандии адабиёт бар асоси навъҳо, жанрҳо, сабкҳо ва мактабҳои адабиро судманд шинохта, фурӯгузории равишҳои шаклгароёна ва сохтгароёнаро дар ин замина муҳим арзёбӣ кардаанд ва онро барои даврабандии усулӣ ва илмии адабиёт нокомил донистаанд [5, с.29; 6, с.315-328; 9, с.18, 123, 254]. Воқеан ҳам, таҷрибаи муҳаққиқон дар ин самт собит сохтааст, ки ҳеҷ навъе, жанре, сабке ва мактаби адабие наметавонад равиши воқеии ташаккул ва таҳаввули адабиётро дар давраҳои гуногун пурра нишон диҳад ва воситаи муайян кардани хусусиятҳои адабиёти як давра аз давраи дигар гардад.

Аксари донишмандони соҳа равиши даврабандии адабиёт бар асоси рӯйдодҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро писандидаанд ва И.С. Брагинский консепсияи “даврабандии таърихӣ ва адабӣ”-ро ҳамроҳ бо А.Н. Болдирев матраҳ кардаанд, ки ҷанбаи мафкуравӣ ва бозтоби ҳаёти иҷтимоӣ дар он афзалият дорад.

Даврабандӣ бар асоси давраҳои оми таърихӣ аз дастовардҳои муҳимми ховаршиносони рус буда, дар шинохти воқеиятҳои адабии давраҳои мушаххас ва меъёрҳои ҳунарии он нақши муҳим бозидааст. И.С. Брагинский ин равишро дар шинохт ва арзёбии воқеиятҳои давраҳои адабиёт муҳим шинохта, таъкид мекунад, ки “даврабандии таърихӣ ва адабӣ асоси умумитаърихӣ дошта, наметавонад билкул ба он мувофиқ бошад: онҳо наметавонанд ҳамсон бошанд, ба ин далел, ки дар таърихи воқеӣ чунин намешавад” [3, с.24-25]. Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла З.Г. Усмонова ва М.Н. Усмонов лағзишҳои ин равиши даврабандиро ошкор кардаанд, ки ба моҳияти мафкуравии он ишора дорад.

Муҳаққиқоне, ки дар атрофи даврабандии оми таърихӣ андеша рондаанд, талош варзидаанд то ин равишро бо даврабандии таърих ва равандҳои адабиро бо ҳодисаҳои таърихӣ мутобиқ созанд. Дар ин замина аксари ин донимандон хостори даврабандии таърихи иҷтимоиётанд. Барои ин гурӯҳ адабиёт танҳо василаи ёригар ва нерубахши даврабандии таърих ва тақвиятбахши ҳадафҳои мафкуравии сиёсиву иҷтимоӣ будаасту бас. Ин гуна таҳқиқотҳо аксаран рушди дарунии адабиёт, яъне таҳаввулоти ҷанбаҳои ҳунарии онро сарфи назар кардаанд. Андешаҳои назарӣ ва равишшиносии И.С. Брагинский, А.Н. Болдирев, Е. Челишев, В.Б. Накитина ва дигарон заминаро барои таҳқиқи усулӣ ва илмии даврабандии адабиёт ба вуҷуд ованд. Мухолифатҳои назарӣ ва усулӣ имкон надодааст, ки то имрӯз дар мавриди даврабандии адабиёт ба гунаи ом ва даврабандии адабиёти форсии тоҷикӣ ба гунаи хос тавофуқе сурат гирифта бошад.

Бо вуҷуди ин мурӯре ба осори дар ин мавзӯъ таълифшуда собит сохт, ки муҳаққиқони ховаршиноси рус адабиёти форсии тоҷикиро ба сифати падидаи ҳунарии мустақил шинохта, заминаи мусоидро барои тамиз ва ташхиси илмӣ ва усулии даврaҳои мухталифи ин адабиёт фароҳам овардаанд. Е.Э. Бертелс, А.Н. Болдирев, И.С. Брагинский ва баъзе муҳаққиқони дигар дар таҳқиқотҳояшон даврaҳои адабиётро аз ҷиҳати муҳтавои ғоявӣ ва сохтори ҳунарӣ, монанди мавзӯъ, мазмун, дарунмоя, воситаҳои тасвир, абзори баён, сувари хаёл ва дигар василаҳои ҳунарӣ арзёбӣ карда, ин омилҳоро ҳамчун нишонаи асосии даврaи адабӣ таъйид кардаанд, ки муҳим ва созанда аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Брагинский И.С. Доир ба масъалаи ба даврaҳо тақсим кардани таърихи адабиёти тоҷик / И.С. Брагинский // Шарқи Сурх, 1947. – С.2-3.
2. Брагинский И.С. О критерии периодизации литератур Востока / И.С. Брагинский // Проблемы периодизации истории литератур народов Востока. - Москва: Издательства “Наука”. Главная редакция восточной литаратуры, 1968. – С.7-11.
3. Брагинский И.С. О проблеме периодизации истории персидской и таджикской литератур (в связи с дискусией) / И.С. Брагинский // Истории персидской и таджикской литератур. Избранные работы. - Москва: Издательство “Наука”. Главная редакция восточной литературы, 1972. - С.5-32.
4. Бертельс Е.Э. Персидская поэзия в Бухаре 10 века / Е.Э. Бертельс. - Москва, 1935. – 57 с.
5. Бертельс Е.Э. История персидско- таджикской литературы. Избранные труды, т.1 / Е.Э. Бертельс. - Москва: “Наука”, 1960. – 555 с.
6. Болдырев А.Н. Соображения о периодизации классической персидско-таджикскй литературы / А.Н. Болдырев, И.С. Брагинский // Проблемы периодизации истории литератур народов Востока. - Москва: Издательства “Наука”. Главная редакция восточной литературы, 1968. - С.315-328.
7. Болотников А. Омар Хайям (философ-поэт-математик) / А. Болотников // Восток. Сборник второй. Литература Ирана 10-15 в. - Москва-Ленинград: ACADEMlA, 1935. - С.179-211.
8. Боролина И.В. К вопросу о периодизации литератур Востока в средние века / И.В. Боролина, В.Б. Никитина, Е.В. Паевская, Л.Д. Позднеева // Проблемы периодизации истории литератур народов Востока. - Москва: Издательства «Наука». Главная редакция восточной литературы, 1968. - С.50-64.
9. Ворожейкина З.Н. Исфаханская школа поэтов и литературная жизнь Ирана в передмонгольское время / З.Н. Ворожейкина. - Москва, 1984. – 340 с.
10. Ворожейкина З.Н. Омар Хайям и “хаямские четверостишии” / З.Н. Ворожейкина // Омар Хайям. Рубаи. – Ленинград: Иэдательства “Советский писатель”. Ленинградское отделения, 1986. - С.5-42.
11. Жуковский В. Омар Хайям и “странствующая” четверостишия / В. Жуковский // Сборник “Ал-Музафарие”. - СПб, 1897. - С.325-363.
12. Залеман К. Очерк древнеперсидской литературы / К. Залеман // Всеобшая история литературы; под редакции В.В. Корша. Т.1. - СПб, 1880. – 196 с.
13. Крымский А.Е. Низоми и его современники / А.Е. Крымский. - Баку: Издательства “Элм”, 1881. – 487 с.
14. Никитина В.Б. К проблеме периодизации древных литератур Востока / В.Б. Никитина, Е.В. Паевская, Л.Д. Позднеева // Проблемы периодизации истории литератур народов Востока. - Москва: Издательство “Наука”. Главная редакция Восточной литературы, 1968. - С.40-49.
15. Холшевников В.Е. Стиховодение и поэзия / В.Е. Холшевников. - Ленинград: Издательства Ленинградского Университета, 1991. – 256 с.

ДАВРАБАНДИИ АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК АЗ НИГОҲИ ШАРҚШИНОСОНИ РУС

Дар мақола ба таври фушурда омӯзиш ва арзёбии масъалаҳои назарӣ, амалӣ ва равишшиносии даврабандии таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ дар шарқшиносии рус таҳлил ва баррасӣ шудааст. Мурури кӯтоҳе ба осори дар ин мавзӯъ таълифшуда собит сохт, ки нахустин кӯшишҳои даврабандии таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ба охири садаҳои нуздаҳ ва бисти масеҳӣ, ба фаъолиятҳои густурдаи донишмандоне чун В. Жуковский, А.Е. Кримский, Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский ва дигарон рост меояд. Таҳлили қиёсии мақолаҳо ва рисолаҳои нашргардида собит сохт, ки ховаршиносони рус дар навбати аввал даврабандиҳои адабиётро дар такя ба воқеиятҳои ҳаёти адабӣ ва нигориши тазкираҳо анҷом дода, адабиёти форсии тоҷикиро мувофиқи минтақаҳои ҷуғрофӣ, тартиби алифбо, бар асоси навъҳо, жанрҳо, сабкҳо, мактабҳои адабӣ, замони фармонравоии хонадонҳо ва сабқати замон (хронологӣ) даврабандӣ кардаанд. Муҳаққиқони рус дар заминаи дидгоҳҳои назарӣ, амалӣ ва равишшиносӣ (методологӣ) таърихи адабиёти форсии тоҷикиро ба тарзи амалӣ ва илмӣ даврабандӣ кардаанд ва муаллиф аз таҳлили мақолаҳои В. Жуковский, А.Е. Кримский ва Е.Э. Бертелс ба ин натиҷа расид, ки шакли амалии даврабандӣ ҳадафи типологӣ дошта, ба таҳқиқи замон ва муҳити адабии мушаххас марбут мешавад. Дар таълифоти муаллифони ёдшуда мансубият ба хонадони фармонраво, сабқати замон ва пайгирии жанрҳои алоҳида василаи мушаххассозии даврабандии амалии адабиёт шинохта шудааст. Дар мақола дар асоси таълифоти ховаршиносони рус равиши илмии даврабандии адабиёти форсии тоҷикӣ низ муфассал таҳлил шуда, моҳияти баҳсҳое, ки дар ин мавзӯъ дар маҷаллаҳои “Советское востоковедение” (1959), “Народи Азии и Африки” (1960) ва конгреси 25-и шарқшиносон доир гардида буд таҳлил ва баррасӣ шуда, моҳияти

равишшиносии ин масъала муайян карда шудааст. Таҳлилҳои қиёсӣ нишон дод, ки дар осори ховаршиносони рус даврабандии адабиёти фосии тоҷикӣ аз ҷиҳати муҳтавои ғоявӣ ва сохтори ҳунарӣ, монанди мавзӯъ, мазмун, дарунмоя, воситаҳои тасвир, сувари хаёл ва дигар воситаҳои ҳунарӣ мушаххас гардидааст, ки арзиши равишшиносӣ дорад.

Калидвожаҳо: шарқшиносӣ, рус, даврабандӣ, ҷуғрофиёӣ, сулолавӣ, таҳоҷӣ, навъ, жанр, сабк, мактаб, сиёсӣ, иҷтимоӣ, хронологӣ, равишшиносӣ, амалӣ, илмӣ, анъана, тазкира, мафкура.

ПЕРИОДИЗАЦИЯ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ РУССКИХ ВОСТОКОВЕДОВ

В статье вкратце проанализированы и рассмотрены изучение и оценка теоретических, практических и методологических проблем периодизации истории персидско-таджикской литературы в русском востоковедении. Краткий взгляд на наследие, посвященное данной теме доказал, что первые попытки периодизации истории персидско-таджикской литературы были предприняты в конце XIX и начале XX веков благодаря деятельности таких русских просветителей как В. Жуковский, А.Е. Кримский, Е.Э. Бертельс, И.С. Брагинский и других. Сравнительный анализ статей и монографий доказал, что русские востоковеды в первую очередь совершили периодизацию литературу с опорой на реалии литературной жизни и составления перечня антологий и разделили персидско-таджикскую литературу на периоды на основе типов, жанров, стилей, литературных школ, периода управления потомственных династий и хронологических записей. Русские исследователи на основе теоретических, практических и методологических видений систематизировли историю персидско-таджикской литературы с научной и практической точки зрений и авторы на основе анализа статей В. Жуковского, А.Е. Кримского и Е.Э. Бертельса пришли к такому результату, что практическая форма периодизации имеет типологическую цель и связана с исследованием периода и конкретной литературной среды. В исследованиях перечисленных авторов принадлежность к высшему обществу, восприятие времени, и выслеживание отдельных жанров является средством конкретизации практической периодизации литературы. В статье на основе сочинений русских востоковедов подробно проанализирован научный метод периодизации истории персидско-таджикской литературы, также рассмотрена и проанализорована сущность споров и диспутов, которые состоялись на данную тематику в журналах “Советское востоковедение” (1959), “Народы Азии и Африки” (1960) и 25-ом конгрессе востоковедов и определена методологическая сущность данной проблематики. Сравнительный анализ показал, что в произведениях русских востоковедов конкретизирована периодизация истории персидско-таджикской литературы с точки зрения идейного содержания и художественного строения как тема, содержание, внутреннее строение, методы изображения, образное мышление и другие художественные приёмы, которые имеют методологическое значение.

Ключевые слова: востоковедение, русский, периодизация, географический, потомственный, местный, тип, жанр, стиль, школа, политический, социальный, хронологический, методологический, практический, научный, традиция, антология, идеология.

PERIODIZATION OF PERSIAN-TAJIK LITERATURE FROM THE POINT OF VIEW OF RUSSIAN ORIENTALIANS

The article briefly analyzes and considers the study and assessment of theoretical, practical and methodological problems of the periodization of the history of Persian-Tajik literature in Russian oriental studies. A brief look at the heritage devoted to this topic proved that the first attempts to periodize the history of Persian-Tajik literature were undertaken in the late 19th and early 20th centuries thanks to the activities of such Russian educators as V. Zhukovsky, A.E. Krimsky, E.E. Bertels, I.S. Braginsky and others. A comparative analysis of articles and monographs proved that Russian orientalists first of all carried out the periodization of literature based on the realities of literary life and the compilation of a list of anthologies and divided Persian-Tajik literature into periods based on types, genres, styles, literary schools, the period of management of hereditary dynasties, and chronological records. Russian researchers, on the basis of theoretical, practical and methodological visions, systematized the history of Persian-Tajik literature from a scientific and practical point of view, and the authors based on the analysis of articles by V. Zhukovsky, A.E. Krimsky and E.E. Bertels came to such a result that the practical form of periodization has a typological purpose and is associated with the study of the period and a specific literary environment. In the studies of the listed authors, belonging to high society, the perception of time, and the tracking down of individual genres is a means of concretizing the practical periodization of literature. Based on the works of Russian orientalists, the article analyzes in detail the scientific method of periodization of the history of Persian-Tajik literature, also considers and analyzes the essence of disputes and disputes that took place on this topic in the journals "Soviet Oriental Studies" (1959), "Peoples of Asia and Africa" (1960) and the 25th Congress of Orientalists, and the methodological essence of this issue was determined. A comparative analysis showed that the periodization of the history of Persian-Tajik literature is concretized in the works of Russian orientalists from the point of view of ideological content and artistic structure as a theme, content, internal structure, methods of depiction, imaginative thinking and other artistic techniques that have methodological significance.

Key words: oriental studies, Russian, periodization, geographical, hereditary, local, type, genre, style, school, political, social, chronological, methodological, practical, scientific, tradition, anthology, ideology.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Имомзода М.С.*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

Сайфуллоева З.А. – Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 30. Тел.: **(+992) 919-66-28-03**

Сведения об авторах: ***Имомзода М.С.*** – Таджикский национальный университет, профессор кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17
Сайфуллоева З.А. - Российско-Таджикский (Славянский) университет, доцент кафедры таджикского языка **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30. Тел.: **(+992) 919-66-28-03**

Information about the authors: ***Imomzoda M.S.*** - Tajik National University, Professor of the Department of Theory and Contemporary Persian-Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. M. Tursunzade, 30
Saifulloeva Z.A. - Russian-Tajik (Slavic) University, Associate Professor of the Department of Tajik Language **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Tel .: **(+992) 919-66-28-03**

УДК:891.550

НАЗАРЕ БА МАҶМӮАИ АШЪОРИ УРДУИ МУҲАММАД ИҚБОЛИ ЛОҲУРӢ «ЗАРБИ КАЛИМ»

Рачабов Ҳ., А.Маҳмадуллозода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ (1877-1938) бо осори гаронбаҳои худ дар таърихи адаби Шарқ мақоми хосса дорад. Омӯзишу таҳқиқи эҷодиёти ин нобиғаи асри ХХ ҳанӯз аз замони дар қайди ҳаёт буданаш оғоз гардида, то кунун садҳо асару мақолаҳои илмӣ доир ба осору афкораш бо забонҳои гуногуни олам нашр гардидааст.

Дар Тоҷикистон омӯзиш ва таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни осори Иқбол, маҳз дар заминаи ашъори форсии ӯ сурат гирифтааст, ки мукаммалтарини онҳо асари Абдуллоҷон Ғаффоров «Муҳаммад Иқбол» мебошад. Дар асари мазкур оид ба фаъолияти эҷодӣ ва масоили асосии осори форсии Иқбол дар чаҳорчӯбаи таҳқиқи амиқи манобеи адабию таърихӣ пажӯҳиш анҷом дода шудааст. Асари мазкур барои дигар муҳаққиқин дар омӯзиши минбаъдаи осори Иқбол роҳро кушодааст.

Куллиёти ашъори ба забони урду таълифнамудаи Иқбол, ки маҷмӯаҳои шеърии «Бонги даро», «Боли Ҷабраил», «Зарби Калим» ва «Армуғони Ҳиҷоз»-ро дар бар мегирад, то кунун пурра омӯхта нашудааст. Ҳамчунин асарҳои илмии Иқбол, ки бо забони урду ва дар шакли наср таълиф ва тарҷума гардидаанд, аз мадди назари муҳаққиқони адабиёти урду дар Тоҷикистон дур мондаанд.

Дар ин ҷода, таҳқиқоти арзишманд аз ҷониби профессор Ҳабибулло Рачабов сурат гирифтааст. Муаллиф дар асари худ «Муҳаммад Иқбол –шоири абадзинда» (Душанбе: «ЭР-граф», 2019.-180 с.) хонандаи тоҷикро бо бахше аз осори урдуи Муҳаммад Иқбол, ошно намудааст. Ҳамчунин, роҷеъ ба мавзӯоти шеъри урдуи аллома Иқбол, дараҷаи омӯзиши осори урдуи шоир ба таври умумӣ маълумот дода, ба корбурди санъатҳои бадеӣ ва маъниофариниҳои шоир баҳои баланд додааст. Муаллиф каломи урдуи Иқболро таҳлил намуда, иллати аз назари муҳаққиқон дур мондани онро ҷустааст ва исбот намудааст, ки Муҳаммад Иқбол ҳанӯз дар давраи аввали эҷодиёташ ҳамчун шоири баркамол бо тасвири мавзӯоти тоза ва ифодакунандаи масоили мубрами рӯз, мавқеи хос доштааст.

Яке аз бахшҳои куллиёти урдуи Муҳаммад Иқбол «Зарби Калим» мебошад, ки дар ин пажӯҳиш аз назари мундариҷа ва мавзӯъ мавриди назар қарор дода мешавад.

«Зарби Калим» ашъори дар солҳои 1935-1936 иншонамудаи Иқболро дар бар мегирад. Дар зери сарлавҳаи ин китоб чунин суханони шоир нигошта шудааст: «Эълони ҷанг алайҳи асри ҳозир». Воқеан ҳам, шоири муборизу озодихоҳ дар ашъори худ ба муқобили сиёсати истеъморгаронаи Ғарб ва падидаҳои барои мусулмонон хавфнок бошиддат дар набарди рӯҳӣ мешавад. «Дар ин асар низ чун пештара ғояи асосии шоир «инсони комил» мемонад ва ӯ аз ҳамин дидгоҳ ба созмонҳои (ҳозира) замонавии динӣ ва дигар ташкилотҳои Аврупову Осиё, баҳои ахлоқию маънавӣ медиҳад» [4, с.16].

Муҳаққиқи адабиёти форсзабони Ҳиндустон, Шарафниссо Пӯлодова дар пешгуфтори «Куллиёти форсии Муҳаммад Иқбол» (бо ҳуруфи кириллӣ нашри дуюм, Покистон, Лоҳур -2000) зери унвони «Шоири розу ниёзҳо» дар бораи «Зарби Калим», ки маҷмӯаи ашъори урдузабони Иқбол мебошад, маълумот дода, якчанд манзумаҳои шоир аз қабили «Фақр ва мулукият», «Хитоб ба сӯфии афрангзада», «Илҳом ва озодӣ», «Саёҳати Машриқ ва Мағриб», «Таҳзиби Мағриб» ва «Инқилоб»-ро ҳамчун намунаи беҳтарини манзумаҳои ин маҷмӯа ёдовар мешавад, ки хеле бамаврид аст. Аммо, дар нигоштаҳои муҳаққиқи мазкур саҳван унвони ду манзума: «Хитоб ба суфии афрангзада» ва «Саёҳати Машриқу Мағриб» ғалат дарҷ гардидааст. Нахуст ин ки дар «Куллиёти Иқбол» (ба забони урду, Лоҳур.- 2009), дар қисмати «Зарби Калим» ягон манзумае бо номи «Хитоб ба суфии афрангзада», вуҷуд надорад. Дар он ҷо, дар саҳифаи 262, шеъре бо номи «Ба сӯфӣ» омадааст, ки аз се байт иборат буда, дар шакли қитъа ба қалам дода шудааст. Ҳамон ҷо, шеъри дигаре бо номи «Афрангзада» ё «Фарангимаоб» омадааст, ки аз ду банди чормисрагӣ иборат аст ва бандҳои он рақамгузорӣ карда шудаанд. Ғайр аз ин, ашъори мазкур дар «Мундариҷа»-и маҷмӯаи «Зарби Калим» ҳамчун шеърҳои ҷудогона нишон дода шудаанд. Ҳамчунин дар «Зарби Калим» мо манзумаеро бо номи «Саёҳати Машриқ ва Мағриб» пайдо карда натавонистем. Дар он ҷо дар саҳифаи 310, шеъри чормисрагие бо номи «Машриқу Мағриб» ҷой дорад, ки дар он шоир бемории Шарқро аз тақлиду ғуломӣ ва бемории Ғарбро дар низоми демократӣ мебинад. Аммо, худи бахши панҷуми «Зарби Калим» бошад, на «Саёҳати Машриқ ва Мағриб», балки «Сиёсиёти Машриқ ва Мағриб» унвон дорад.

«Зарби Калим» бо як қитъае ба забони урду, шеъри форсие бо номи «Дар хидмати аълоҳазрат наввоб Ҳамидуллоҳхон- фармонравои Бҳопал», қитъае бо номи «Ба нозирон» ва назми «Тамҳид», ки аз ду ҳисса иборат аст оғоз ёфта, сипас бахшҳои ҷудогонаи он шурӯъ мешаванд. Ин маҷмӯа аз бахшҳои «Ислом ва мусулмон», «Таълиму тарбият», «Аврат», «Адабиёт-фунуни латифа», «Сиёсиёти Машриқ ва Мағриб» ва «Афкори Меҳробгули Афғон» иборат аст.

«Тан ба тақдир», «Илм ва ишқ», «Иҷтиҳод», «Шукру шикоят», «Илм ва дин», «Неру ва дин», «Тақдир», «Фақру мулукият», ва «Афрангзада» аз беҳтарин ашъори бахши аввали «Зарби Калим» мебошанд.

Дар бахшҳои «Таълиму тарбият», «Аврат» ва «Адабиёт-фунуни латифа», аллома мусулмононро ба бедорӣ, озодии фикр, таълиму омӯзиши улуми дунявӣ, муҳофизати занони мусулмон аз таҳоҷуми маданияти ғайриисломӣ бахусус аз пӯшиши либос ва рақси аврупоӣ даъват менамояд. Набарди рӯҳии аллома ва «Зарби Калим»-онаи ӯ дар бахшҳои мазкур, ба таври возеҳ эҳсос мешавад:

Vujud-e zan se he tasvir-e kainat men rang,
Usi ke saz se he zindagi ka zuz-e darun.
Sharaf men barh ke Suraya se mousht-e khak is ki,
Ki har saraf he isi durj ka durr-e maknun.
Mukalamat-e Aflatun na likh saki, likin,
Usi ke shule se touta sharer-e Aflatun.
Сурати олам аз вуҷуди зан рангинг аст,
Зиндагиро сӯзи ниҳон аз сози ӯст.
Шарафи мушти хокаш аз Сураё бартар аст,
Ӯ хазинаест, ки ҷавоҳироти бузургӣ дар ӯ нуҳуфтааст.
Агарчи «Муколамот»-и Афлотунро нанвишт, вале,
Шуълаи ӯ шарори Афлотунро шикаст [8, с.286].

Иқбол дар шеъри «Зан ва таълим» тарзи зиндагӣ ва равишу ахлоқи занони аврупоиро «марги умумат» ном мебарад. Ба андешаи ӯ, зани мусулмон бояд бо фарҳангу бомаърифат ва бо зевари шарму ҳаё худро ороста намояд:

Begana rahe din se agar madrasa-e zan,
He ishqo muhabbat ke lie ilmu hunar maot.
Агар мадрасаи зан аз дин бегона шавад,
Он илму ҳунар марги ишқу муҳаббат аст [8, с.286].

«Асри ҳозир», «Мадраса», «Ба Ҷовид», «Зан», «Аврат», «Зан ва таълим», «Фунуни латифа», «Иқбол», «Хоқонӣ», «Мирзо Бедил», «Шоир», «Ҳунармандони Ҳинд», «Рақс» ва ғайра дарбаргирандаи мавзӯоти фавқ мебошанд.

Масъалаи таълиму тарбияи ҷавонон дар осори урдуи Иқбол махсусан дар «Зарби Калим» дар қолабҳои гуногуни шеърӣ тасвири худро ёфтааст. Шоир ба хотири баёни матлаб аз санъатҳои мухталифи бадеӣ кор гирифтааст, аммо ғолибан ӯ афкори худро тавассути кӯтоҳбаёнӣ ва калимаву ибороти сермаъно ба қалам медиҳад.

Иқбол, саодату некбахтии миллатро маҳз дар дуруст ба роҳ мондани низоми таълиму тарбияи ҷавонон мебинад. Дар ин росто ӯ аз усули ҷадиди таълим пуштибонӣ менамояд:

«Феълан танҳо роҳе, ки ба рӯйи мо кушода шудааст, ин аст, ки бо маорифи ҷадид тамос бигирем ва бо назари эҳтиром ба онҳо бингарем ва таълимоти исломро дар партави ин улум арзёбӣ кунем, ҳарчанд ки ин амал бо тарзи амали касоне, ки қабл аз мо буданд, фарқ дошта бошад» [11, с.179].

Танқиди усули куҳнаи таълим дар «Зарби Калим» ҷо-ҷо ба назар мерасад. Таъбирҳои «шайхи мактаб», ё худ «тариқаи шайхи мактаб», ки дар назми «Тарбият» омадаанд, далели ин гуфтаҳоянд:

SHaikhe maktab ke tariqo se kushade dil kaha?
Kis tarah kibriyat se raoshan ho bijli ka charag?
Аз усули таълими шайхи мактаб куҷо фараҳ ёбад дил?
Чӣ сон аз рӯйи виқор равшан аст чароғи барқӣ [8, с.248].

Муроди шоир ин аст, ки шайхи мактаб ҳарчанд аз шеваи тадриси худ нозад ҳам, фонуси куҳнаест дар баробари рӯшноии чароғи барқӣ. Иқбол, усули ҷадиди таълимро ба чароғи барқӣ ташбеҳ медиҳад, ки нуру зиёи ба худ хос дорад.

Манзумаи «Ба Ҷовид» низ, мавзӯи тарбиявӣ дошта, аллома Иқбол онро ба писараш Ҷовид бахшидааст. Манзума аз се банд иборат аст ва ду банди аввали он бо абёти форсии Низомии Ганҷавӣ (1141-1209), хотима меёбанд. Дар ин манзума, аллома фарзандашро ҳушдор медиҳад, ки аз найранги замон ҳазар намояд ва ба омӯхтани илму ҳунар машғул шавад, зеро ӯ дар оилаи шахси орифу донишманд ба дунё омадааст:

Jis ghar ka magar charag he tu,
He us ka mazaq orifana.
Jaohar me ho lo iloh to kiya khaof?
Ta`lim ho gu farangiyana.
Shakhe gul par chhak valekin,
Kar apni khudi me ashyana.
Ту нури он хонадоне ҳастӣ,
Ки фазои орифона дорад.
Ҷавҳараш «Ло илоҳ» аст, чӣ ҷойи ҳарос?
Таълимаш фарангиёна аст.
Дар шохи гул нишин, аммо,
Дар «худӣ»-и худ ошён бигзор! [8, с.283].

Насиҳат ба фарзанд дар адабиёти урду ва форсӣ, як шеваи анъанавист, ки дар осори аксар бузургони адаб вомехӯрад. Дар ин назм, Иқбол боз ҳам фарзандашро ба омӯзиши илму ҳунари замон таблиғ намуда, дар айни замон таъкид мекунад, ки худшинос бошад ва равиши аҷдоди худро тарк накунад. Ин банди манзума бо байти зерини Низомии Ганҷавӣ анҷом меёбад:

Ғофил манишин на вақти бозист,
Вақти ҳунар асту сарфарозист! [8, с.283].

Дар банди дуюми назми «Ба Ҷовид», аллома Иқбол фарзанди худро ба кӯшишу талош ва зиракиву бовиқорӣ ташвиқ мекунад. Шоир дар мисоли Ҷовид ҳамаи ҷавонони аҳди худро ҳушдор медиҳад, ки аз гузаштагони худ ибрат бигиранд, таърихи ниёгонро омӯзанд ва нагузоранд, ки равишҳои навпайдои миллатҳои Ғарб, андешаи онҳоро идора намоянд. Иқбол, ҷавонони соҳибзавқу ҳушманд ва далеру бебокро ба шоҳин ташбеҳ медиҳад:

Ei jane padar nahi he mumkin,
SHahin se tazarv ki gulami.

Эй ҷони падар, мумкин нест ҳаргиз,
Шоҳинро ғуломи тазарв будан [8, с.283].

Аллома, ҳамчунин ба Ҷовид таъкид мекунад, ки инсонро маҳз мутобиқи илму ҳунараш баҳогузорӣ менамоянд, аз ҷумла худи ӯро, яъне Иқболро, низ ба хотири каломи нобу пурмазмунаш эҳтиром ва эътироф менамоянд. Дар охири банди дувум, шоир ба ҳамин нукта ишора менамояд, вале Ҷовидро боз мавриди хитоб қарор дода, бо овардани боз як байт аз мавлоно Низомии Ганҷавӣ, онро ҳусни хотима мебахшад:

Ҷое, ки бузург боядат буд,
Фарзандии ман надорадат суд [8, с.284].

Дар банди сеюми манзума, Иқбол авзои сангин ва ҳолати бади сиёсии мусулмононро ба Ҷовид хотиррасон мекунад ва иллати асосии онро дар бепарвоӣ ва саҳлангориву беамалии мусулмонон мебинад.

Аз мазмуни ашъори мутааддади аллома Иқбол бармеояд, ки ӯ ба хотири ояндаи дурахшони мусулмонони нимҷазираи Ҳинд, таълиму тарбияи дурусти ҷавононро дар рӯҳияи худшиносӣ ва арҷ гузоштан ба таъриху фарҳанги аҷдодӣ, ниҳоят муҳим арзёбӣ мекунад. Дар ин самт, шоир ба низоми тарбияи рӯҳониён ва сӯфиён дигар эътимод надорад. Аз як тараф, хатари ғарбгароӣ дар байни ҷавонон, аз ҷониби дигар, дар аксар ҳавзаҳои илмии Ҳиндустон, ҳанӯз ҳам дар рӯҳияи куҳнапарастӣ ва хурофот тарбия намудани ҷавонон, ӯро ба ташвиш овардааст.

Дар бахши «Сиёсиёти Машриқу Мағриб» бошад, силсилаи ашъори дорои оҳангҳои сиёсӣ ва иҷтимоии шоир гирд оварда шудаанд. Дар ин бахш, Иқбол гоҳе ба сиёсати ғаразҷӯёнаи Аврупо ҳуҷум намуда, аҳдофи нопоки онро фош месозад ва сиёсати зиддидинии онҳоро маҳкум менамояд ва гоҳе ба миллатҳои Шарқ, аз ҷумла ба аъроби Шому Фаластин, хитоб намуда, онҳоро аз хатари гирифтор шудани шарқиён ба доми равиши Аврупо ҳушдор медиҳад. Дар ин қисмат дар шеъре бо номи «Аби Сино» бо вуҷуди пешрафти илму санъати Аврупо аз фарҳанги инсонсолорию инсондӯстӣ дур гардидани миллатҳои Ғарб ва нодида гирифтани арзишҳои инсонӣ аз ҷониби сармоядорони аврупоӣ дар қиболи кишварҳои дар мустаъмараи эшон қарордошта тасвир ёфтааст. Шоир бовиқорона ба онҳо ҳушдор медиҳад, ки агарчи Шарқ дар ҳоли рукуд қарор дошта бошад ҳам, тамоми аъмоли зишти онҳоро наззора мекунад:

Urap ke kargasoun ko nahi he abhi khabar,
He kitni zaharnak abi Sina ki lash.
Hone ko he yeh mourda-e dirina qash-qash!
Tehzib ka kamal sharafat ka he zaval.
Garatgar-e jahan men he aqvam ki mash,
Har gurg ko he barra-e masom ki talash!
Ei vae abru-e kalisa ka aina,
Ruma ne kar diya sar-e bazaar pash-pash.
Pir-e Kalisa! Eh haqiqat he dilkharash!,
Каргасони Аврупо ҳанӯз хабар надоранд.
Ки ҷасади Сино барои онҳо чӣ қадар заҳрнок аст.
Ин мурдаи дерина пора-пора аст!
Камоли маданият, заволи шарофат аст,
Шуғли инсонӣ кунун ғоратгарист.
Ҳар гурге дар талоши барраи бегуноҳ аст!
Эй войи оинаи эътибори Калисо,
Ки ба дасти Рим дар сари бозор пора шуд.
Эй Пири Калисо! Ин ҳақиқат дилхарош аст! [8, с.304].

Дар бахши «Ислом ва мусулмон» 68-то ашъори гуногунмазмун гирд оварда шудааст. «Ба Саидзодаи фалсафимаоб», «Заволи мусулмон», «Илм ва ишқ», «Шукр ва шикоят», «Илм ва дин», «Исломи Ҳинд», «Ба сӯфӣ», «Афрангзада», «Макка ва Женева», «Нашри Ислом дар Аврупо» ва ғайра намунаи беҳтарин ашъори бахши «Ислом ва мусулмон» мебошанд.

Дар назми «Ба Саидзодаи фалсафимаоб», Иқбол он тоифаи рӯҳониёнеро, ки ба таври ноогоҳона худро аҳли илм ва файласуф мешуморанд, ҳушдор медиҳад, ки фирефтаи ақоиди фалсафии Ғарб нашаванд:

Tu apni khudi agar na khota
Zunnori-e Bergsan na hota
Hegel ka sadaf guhar se khali
He us ka tilism sab khayali
Ту агар хештанро фаромӯш накардаӣ,
Чаро ба Бергсон гаравидӣ?
Садафи Гегел аз гуҳар холист!
Тилисми ӯ хаёле беш нест! [8, с.256].

Дар идомаи назм Иқбол ба ин тоифа рӯҳониёни кӯтоҳназар хитоб намуда мегӯяд, ки ба фалсафа даст задани онҳо амали беҳуда аст, чун онҳо ба масоили мубрами он сарфаҳм намераванд ва зуд фирефтаи афкори ғайр мегарданд. Дар ин назм аллома ба фалсафа гаравидани худро низ баён намуда, мефармояд, ки фалсафа дар хуни ӯ аз аҷдодони тоисломияш боқӣ мондааст ва ӯ аз сирри ин илм огоҳ аст.

Дар интиҳои шеър шоир ба чунин афрод муроҷиат намуда, онҳоро насиҳат мекунад, ки модоме ки дониши кофӣ надоранд, пас беҳ он аст, ки ба гузаштагони худ пайравӣ намоянд ва барои тақвияти фикри худ чанд мисраеро аз маснавии «Туҳфат-ул Ироқайн» - и ҳаким Хоқонии Шарвонӣ (1120-1198)-шоири форсзабон, тазмин мекунад:

«Дил дар сухани Муҳаммадӣ банд,
Эй пури Алӣ зи Бӯалӣ чанд!
Чун дидаи роҳбин надорӣ,
Қоиди Қаршӣ беҳ аз Бухорӣ» [8, с.257].

Дар шеъри «Заволи мусулмон» аллома иллати парешонӣ ва ақибмондагии мусулмононро на дар қашшоқию нодорӣ, балкӣ дар дур шудан аз асолати дин ва набудани ҳисси худшиносӣ дар ниҳоди онҳо медонад.

Аллома Иқбол, ки худро дар каломаш ғолибан «Қаландар» ном мебарад, ҳамин қаландарӣ ва фақри худро аз шоҳон кам намешуморад. Ба қавли худи шоир, ӯ шуҳрату эътиборро низ на аз тавонгарӣ, балки аз қаландарӣ ҳосил намудааст:

Agar jahan men mera jaohar ashkar hua,
Qalandari se hua he, tavangari se nahi.
Агар дар олам ҷавҳари ман ошкор шуд,
Ҳама аз қаландарист, на аз тавонгарӣ [8, с.257].

Иқбол ягона роҳи аз мустамликаи сармоядорони аврупоӣ раҳоӣ ёфтани мусулмононро дар ваҳдату хештаншиносӣ ва зиракию дурандешӣ мебинад ва динро олоти асосии расидан ба ин ҳадаф интихоб менамояд. Дар баробари ин, шоир аз эътиқоди заифу носолим ва ноустувори ҳаммеҳанон ранҷ мекашад. Чунин маъниро дар шеъри «Нашри Ислом дар Аврупо» воҳӯрдан мумкин аст:

Agar qabul kare, din-e Mustafa, angrez,
Siyahrouz musulman rahega phir bhi gulam.
Агар англисҳо дини Мустафоро қабул кунанд ҳам,
Мусулмони сияҳрӯз, боз ҳам ғуломи онҳо хоҳад буд [8, с.274].

Дар маҷмӯъ, дар бахши «Ислом ва Мусулмон» афкори хоссатан динии шоир дар самти ислоҳу ифшои масоили доғи рӯз аз дидгоҳи дини Ислом инъикос ёфтаанд.

Чунин мазомин дар шеърҳои «Садои Карл Маркс», «Аврупо ва Яҳуд, «Сиёсати Афранг», «Ба аҳли Миср», «Ҷамъияти ақвоми Машриқ», «Аврупо ва Сурия», «Гила», «Шому Фаластин», «Намози ғуломон» ва амсоли инҳо барин манзумаҳои шоир ба таври возеҳ ба назар мерасад.

Маҷмӯаи «Зарби Калим»- асарест, ки дар он шоир мавзӯоти мутааддади сиёсӣ-иҷтимоӣ, фалсафӣ ва диниву ахлоқиро дар қолаби назми ноби урду ғунҷонидааст.

Профессор Юсуф Ҳусайнхон Салими Чиштӣ, ки шореҳи бузурги ҳамаи осори Иқбол аст, роҷеъ ба «Зарби Калим» мегӯяд: «Китобе ба забони форсӣ ё арабӣ ва ё урду нест, ки ин андоза матлабро дар як ҷо дар бар дошта бошад» [13, с.52].

Қисмати ниҳоии маҷмӯаи «Зарби Калим», «Афкори Мехробгули Афғон»- унвон дошта, дар он 20-шеъри Иқбол шомиланд, ки дар онҳо миллати афғон ба худшиносию озодихоҳӣ таблиғ мешавад. Ашъори мазкур дорои рақами тартибӣ буда, зинаҳои афкору аедешаи шоирро дар робита ба масоили муҳимми сиёсию иҷтимоии Афғонистон дар бар мегиранд.

Аз мазмун ва услуби ашъори ин қисмати «Зарби Калим» маълум мешавад, ки «Мехробгули Афғон» аз ҷумлаи симоҳои рамзии каломи Иқбол буда, дар пардаи он худи шоир сухан мегӯяд:

Haqiqat-e azali he raqabat-e aqvam,
Nigah-e pir-e falak men na men aziz, na tu.
Khudi men dub, zamane se naumid na ho,
Ki is ka zakhm he dar parda ihtimam-e rufu.
Rahega tu hi jahan men eganao ykta,
Uttar gaya jo tere dil men «lo sharik lahu».
Рақобати миллатҳо ҳақиқати азалист,
Дар чашми пири гардун на ман азизам, на ту.
Дар хеш фурӯ рав, навмед мабош,
Ки ин захми пардаро умеди тармим аст.
Ту ягонаву якто боқӣ хоҳӣ монд,
Вақте ки аз дил андешаҳои бегонаро берун кунӣ [8, с.311].

Дар мисраъҳои фавқ Иқбол миллати афғонро ба ваҳдату худшиносӣ даъват намуда, таъкид менамояд, ки танҳо бо ин роҳ бақои миллат ва давлати хешро таъмин хоҳед кард.

Афғонистон дар замони зиндагии аллома Иқбол низ, чун имрӯз барои амнияту суботи минтақа аз аҳаммияти стратегӣ бархӯрдор будааст. Беҳуда нест, ки шоир онро дили Осиё ном мебарад ва солимии ин пайкарро маҳз аз солимии дили он вобаста медонад.

Дар маҷмӯъ, «Зарби Калим» асарест, ки инъикоскунандаи ақидаҳои гуногуни носеҳонаи шоир аз қабили худшиносиву ваҳдат, истиқлолхоҳӣ, миллатдӯстӣ, омӯзиши илму ҳунар, эҳтироми зан-модар ва амсоли инҳо мебошад. Умед аст, ки ин маҷмӯаи шеъри урдуи аллома Иқбол дар оянда аз назари забонӣ, сабк, анвои шеърӣ ва корбурди саноеъи бадеӣ таҳқиқ шуда, ба ҳаводорони каломи ноби аллома пешкаш хоҳад гашт.

Муқарриз: ***Солеҳов М.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Ғаффоров А. Муҳаммад Иқбол / А. Ғаффоров. - Душанбе, 1977. - 220 с.
2. Зиёзода, Идибеки Ғозӣ. Масъалаи озодии инсон дар фалсафаи Муҳаммад Иқбол / Идибеки Ғозӣ / Иқболнома. - Iqbal Akademy Pakistan, 1999. - С.76-81.
3. Иқбол, Муҳаммад. Куллиёти форсӣ / Муҳаммад Иқбол. - Лоҳур, 2000. - 590 с.
4. Пригарина Н.И. Поэзия Мухаммада Икбала / Н.И. Пригарина. - М., 1972. - 194 с.
5. Раҷабов, Ҳ. Муҳаммад Иқбол-шоири абадзинда / Ҳ. Раҷабов. - Душанбе: Эр-граф, 2019. - 179 с.
6. Раҷабов Ҳ. Дубайтӣ дар эҷодиёти Муҳаммад Иқбол / Ҳ.Раҷабов // Иқболнома. - Iqbal Akademy Pakistan, 1999. - С.123-127.
7. Раҷабов Ҳ. Сухане чанд оид ба давраи аввали эҷодиёти Муҳаммад Иқбол / Ҳ. Раҷабов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2011.- №2. - С.133 - 137.
8. Iqbal, Muhammad. Kulliat-e Iqbal (Urdu) / Muhammad Iqbal. - Lahor: Sang-e-Meel Pablikeshanz, 2009.–336 с.
9. Durroni, Said Akhtar. Navodire Iqbal Urap me / Said Akhtar Durroni // Iqbal Akademi Pakistan. - 2010. - 255 с.
10. Iqbal. Kulliyate iqbal (urdu) Feisal. - Lohur. б. с. н. - 558 с.
11. Saidi, Rizo Gulom. Andeshahoe Iqbole Lohuri / Rizo Gulom, Saidi. – Tehron, 1370. - 575 с.
12. Govidone Iqbal. Zindarud / Iqbal, Govidone; tarjumai SHahindukht Komrone Muqaddam. - Noshir: Iqbal Akademy Pakistan, 1987. - 280 с.
13. Abdurafe Haqiqat. Iqbale Sharq, musahheh / Haqiqat, Abdurafe. - Tihran: Bunyad-e nikukari nuryani, 1979. - 207 с.
14. Shahin Muqaddam Safyori. Sharq va Garb dar kalom-e Iqbal / Safyori, Shahin Muqaddam. - Lahor: Iqbal Akademi Pakistan, 1999. - 140 с.
15. Khadim Ali, Javid. Iqbal ka falsafa-e khudi / Ali Javid, Khadim. - Lahor: Gauharsenz, 1997. - 138 с.

НАЗАРЕ БА МАҶМӮАИ АШЪОРИ УРДУИ МУҲАММАД ИҚБОЛИ ЛОҲУРӢ «ЗАРБИ КАЛИМ»

Дар мақола мундариҷа ва мавзӯоти маҷмӯаи ашъори урдуи Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ «Зарби Калим» муҳокима мегардад. Муаллифон аз осори Муҳаммад Иқбол мавзӯеро интихоб намудаанд, ки дар иқболшиносии тоҷик аз аҳаммияти илмию адабӣ бархӯрдор мебошад. Муаллифон зикр менамоянд, ки маҷмӯаи ашъори «Зарби Калим» аз шаш бахш бо ановини «Ислом ва мусулмон», «Таълиму тарбият», «Аврат», «Адабиёт-фунуни латифа», «Сиёсиёти Машриқу Мағриб» ва «Афкори Меҳробгули Афғон» иборат буда, дар оғози маҷмӯа як силсила шеър ба наввоби Бҳопол бахшида шудааст. Ба назари муаллифон, дар ин бахши осори урдуи Иқбол оҳанги носеҳона бештар эҳсос мегардад. Дар радифи мавзӯъҳои сиёсию динӣ як зумра ашъори ба таълиму тарбияи наврасон ва эҳтирому мақоми Зан - Модар ихтисосдошта, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар мақола таъкид шуда, ки Муҳаммад Иқбол хостори таҷдиди низоми таълим, омӯзиши улуми пешрафта буда, ҳамзамон мунодии ҳифзи фарҳанг ва асолати миллию истиқлол мебошад. Ашъори «Зарби Калим» дар шаш бахш ёдоварӣ шудааст, ки бахши шашуми он «Афкори Меҳробгули Афғон» унвон дорад. Ба андешаи муаллифон Меҳробгули Афғон симои рамзии офаридаи Иқбол аст, ки дар пардаи он худи шоир сухан мегӯяд ва миллати афғонро ба худшиносию зиракӣ ва ваҳдату якпорчагӣ даъват менамояд. Шоирро вазъи ногувори сиёсиву иҷтимоии Афғонистон ором намегузорад ва ин эҳсосоти худро дар қолаби шеър баён менамояд. Дар мақола аз ҳар як бахши маҷмӯа барои исботи нигоштаҳо порчаҳои шеърӣ бо тарҷума ва таҳлил дарҷ гардидааст.

Калидвожаҳо: Иқбол, Аврупо, Шарқ, шоир, ашъор, мусулмон, мактаб, таълими ҷадид, сармоядорӣ, сӯфӣ, саъйю кӯшиш, худшиносӣ, арзишҳои миллӣ, “Зарби Калим”, урду, афғон.

ВЗГЛЯД НА УРДУЯЗЫЧНЫЙ СБОРНИК СТИХОТВОРЕНИЙ МУХАММАДА ИКБАЛА ЛАХОРИ «ЗАРБИ КАЛИМ»

В данной статье в основном рассматривается содержание и некоторые вопросы, касающиеся сборника стихотворений Мухаммада Икбала «Зарби Калим». Произведения Мухаммада Икбала исследователи изучили с точки зрения их тематики, имеющей большое научное и литературное значение. Авторы отмечают, что сборник стихотворений «Зарби Калим» состоит из шести частей: «Ислам и мусульманин», «Обучение и воспитание», «Женщина», «Литература и изящное искусство», «Политика Востока и Запада» и «Мысли Мехробгула афгана». В начале сборника ряд стихотворений посвящены наввабу города Бхопала. По мнению авторов, в этой части в произведениях Икбала можно почувствовать просветительский и поучительный тон. Наряду с политическими и религиозными вопросами, тщательному анализу подверглись несколько стихотворений, посвященных просвещению, развитию молодежи и выражению уважения к статусу мусульманской женщины. В статье подчеркнуто, что Мухаммад Икбал был заинтересован в обновлении программы обучения, изучении современных наук, а также сохранении и защите культуры и национальной иденптичности и независимости. Стихи «Зарби Калим» упоминаются в шести частях, шестая из которых озаглавлена «Мысли Мехробгула афгана». По мнению исследователей, Мехробгул – это созданный Икбалом символический персонаж, за которым поэт говорит от своего имени и призывает афганский народ к самосознанию, единству и солидарности. Нестабильная политическая и социальная ситуация в Афганистане тревожит и печалит поэта, поэтому он выражает эти эмоции в своих стихотворениях. Для подтверждения своих мыслей в статью были внесены отрывки стихотворений с переводом и пояснением из каждой части сборника.

Ключевые слова: Икбал, Европа, Восток, поэт, поэзия, мусульманин, школа, современное образование, капитализм, суфий, старание, самопознание, национальная ценность, «Зарби Калим», урду, афган.

A GLANCE AT THE COLLECTION OF URDU POEMS OF MUHAMMAD IQBAL «ZARBI KALIM»

This article mainly discusses the content and issues of the collection of Urdu poems of Muhammad Iqbal «Zarbi Kalim». From Muhammad Iqbols works the authors had chosen the topic that offers a great scientific and literary significance in the studies of Iqbal`s works. The authors mention that the collection of poems «Zarbi Kalim» consists of six parts with titles such as «Islam and Muslim», «Education and foster», «Lity», «The literature the abusing arts», «East-West Politics» and «Mehrobguli Afghan`s thoughts». At be beginning of the collection a series of poems are dedicated to the deputy of Bpupal. According to the outhors in this part of Urdu works of Iqbal enlightening and instructive tone can be feeled. Along with political and religious issues, several poems devoted to educating, fastering the Youth and showing respect for woman Mother Status has undergonea thorough analysis as well. It has also been emphasized that Muhammad Iqbal was keen on renovation of Curriculum, learning modern sciences as well as maintaining and protection of culture, national nobility and independence. The poems of «Zarbi Kalim» are mentioned in six parts, the sixth one of which is entitled as «Mehrobguli Afghan`s thoughts». According to the authors Mehrobguli Afghan is a symbolic personage created by Iqbol, behind which the poet speaks himself and urges Afghan nation to selfconsciousness, unity and solidarity. The unstable political and social situation in Afghanistan makes the poet feelworried and sad, thus he expressed these emotions in the form of poem. To prove the writings from every part of collection in the article pieces of poems with translation and explanation have been brought.

Key words: Iqbal, Europe, East, poet, poetry, Muslim, school, contemporary education, capitalism, sufi, diligence, selfconsciousness, national value, «Zarbi Kalim», Urdu, Afghan.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Раҷабов Ҳабибулло*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи Ҳинд. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: rajabov_h@yahoo.com. Тел.: **(+992) 907-96-30-00**

Маҳмадуллозода Абдураҳим Неъмат - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи филологияи Ҳинд. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **abdurahim-m79@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-21-93-56**

Сведения об авторах: ***Раджабов Хабибулло*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры индийской филологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **rajabov_h@yahoo.com.** Тел.: **(+992) 907-96-30-00**
Махмадуллозода Абдурахим Неъмат - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры индийской филологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **abdurahim-m79@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-21-93-56**

Information about the authors: ***Rajabov Habibullo*** - Tajik National University, Professor of the Department of Indian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **rajabov_h@yahoo.com.** Tel.: **(+992) 907-96-30-00**
Mahmadullozoda Abdurahim Nemat - Tajik National University, applicant of the Department of Indian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **abdurahim-m79@mail.ru.** Tel.: **(+992) 985-21-93-56**

УДК:891.550

ДАР ОСТОНАИ МАТН

Сафаров У.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дидор бо як асари ҳунарӣ, хосса осори адабӣ, ҳамроҳ бо ҷозибаҳое номашҳуду нопадидор аст, ки бо гузашти порае аз замон, асараш маҳсус мегардад. Тарафро ба амал, гуфтану, барандоз намудани дарки ҳосила вомедорад.

Нахустин нишони ин ҷозибаҳо хоссияти боздорандагии онҳо аст. Чун шинохти сурату маънои як асар маҷмӯи пайванду иртиботи хонандаро бо муҳити перомун гусаста месозад, зеҳн масири маъмулии харакаташро тағйир медиҳад, борҳои рӯзмарраашро, нақшаҳои саридастиро канор мениҳад ва комилан побанди дарки сахнаҳое мегардад, ки дар матни асар ҳузур доранд. Ҷанбаи боздорандагии асар аз сӯйи дигар фароҳамсози диду биниши хос, неруи андеша аст. Дар адабиёти таҳқиқӣ ба ин масъала таъкид зиёд шудааст [1; 2; 4; 5].

Ағлаб созу барги як асар бархоста аз муҳити буду боши мо инсонҳост, ки бархе пешинаи тӯлонӣ доранд ва қисмате моли имрӯзанд, аммо бозтоби бадеӣ дар домани матн онҳоро муҳим, диданӣ кардааст, ба гунае ки зеҳни мухотаб бидуни таваққуф наметавонад аз канори онҳо бигзарад. Зуҳуру шаклпазирии манзараву ҳолатҳои мунъакис дар матн ва тағйири онҳо зояндаи пурсишҳову суолҳои пуршумор аст, ки мухотабро ба посухёбӣ бармеангезад [11].

Амали андешидан, ки пас аз ошноӣ бо матни асар падид меояд, аз андешаварзии маъмулӣ, ки ниёзи ҳастии инсон аст, мутафовит аст, мағзи инсон бидуни андеша қобили тасаввур нест, андешаҳо ғайри ихтиёрӣ дар пардаи зеҳни мо ҳувайдо мешаванд ва мо хостаҳои хешро бар асоси ҳидояти онҳо ба марзи таҳаққуқ мерасонем. Вале бархӯрд бо як асари ҳунарӣ зояндаи навъи дигари андеша аст, ки ҳодии он инсон аст. Бо хосту ҳидояти мо даст ба кор мегардад, дар дарку маърифати моҳияту сиришти тасвирҳо, падидаву рухдодҳо, иллати вуҷудии онҳо хира мешавад. Ин истиқомату пофишорӣ ҳадар намеравад ва пойи андешаро бо қаламрави ниёзҳои маънавиву отифии мо мекашонад. Ба дигар сухан айнияти моро бо зеҳниятамон рӯ ба рӯ месозад, то бидонем, ки шабоҳату ҳамсонии зистаҳову таҷрибаҳои муштаракамон, то чӣ ҳаддест.

Воқеияти гуфтаҳои болоро метавон дар ҳикояҳои нависандаи маҳбуб Сипеҳр Абӯабдуллоҳи Ҳасанзод мавриди таҳқиқу арзёбӣ қарор дод. Сипеҳри Ҳасанзод солҳост барои ҷомеаи адабии мо чеҳраи ошност. Нависанда дар имтидоди замон беш аз даҳ маҷмӯа манзури хонандагон намудааст. Матлаби мо атрофи яке аз ҳикояҳои китоби тозанашри эшон «Турнаҳои мусофир» аст, ки ахиран тавассути нашриёти «Адабиёти бачагона» ба нашр расидааст [10].

Маҷмӯа фарогири 17 ҳикоя аст. Мутаассифона, таърихи дақиқи эҷоди ҳикояҳо зикр нашудааст, то бо иттико ба нақшу гузашти замон камолу пешрафти ҳунарӣ, сатҳи диду андеша, ҳолу ҳавои равонии нависанда ва муҳим аз ҳама заминаву ангезаҳои корномаи эҷодияш таъйину мушаххас гардад.

Дар ҳар сурат, мурури ҳикояҳо худ гувоҳ аст, ки моли даҳсолаҳои охиранд. Муҳтаво ва дарунмояҳои ҳикоёт мухталифанд, танҳо умумияти аслии онҳо дар он гиреҳ мехӯрад, ки ҳамагӣ ҷилваҳои рангоранги конуни зиндагӣ маҳсуб мешаванд. Замони гаштори зеҳн дар қаламрави офаридаҳои як нависанда дидану идроки ин ҷилваҳо гузашта аз ин, «чашидан»-и лаззати моҳияти онҳо бисёр арзишманд аст.

Ағлаби бозигарони достонҳои «Турнаҳои мусофир» аҳли рустоянд. Ногуфта намонад, ки тасвиру бозтоби мардуми русто ва зиндагии пурпечу фарози онҳо мавзӯи аслии достонҳои Сипеҳр аст.

Дарунмояҳои достонҳои «Сагвафо», «Рустоӣ», «Хайрбод», «Бозгашти асп», «Лахти ҷигар», «Фарёди сукут» ва дигарро бозтоби манзараҳои мунаққаши рустову зиндагии рустоиён ташкил медиҳад. Забони ин мардум-забони самимияту садоқат, гувоҳи дилсофиву покниҳодӣ, инсондӯстиву хушқалбӣ аст. Деҳотӣ мардум ба дунёву шеваи чархиши он аз даричаи чашми хеш менигарад. Тамоми саъю талоши нависанда дар эҷоди ҳикояҳояш ба он нигаронида шуда, то дунёи зебои ин мардумро бидуни бозсозиву хадшае ба тамошо бигузорад.

Қабл аз баёну тафсири матлаби аслӣ лозим ба ёдоварист, ки бо нашри ҳар китобе даврони халлоқияту офаринандагӣ барои нависанда ба поён мерасад ва матне комил бо қабатҳои гуногуни маъноӣ дар ихтиёри хонанда қарор мегирад. Бо оғози ин марҳила масъулияти бузурге ба дӯши мухотаб гузошта мешавад. Шинохти ҷанбаҳои маъноӣ, таҳқиқи онҳо, кашфи пайванду иртиботи мавҷуд миёни қабатҳои маъноӣ. Ба дигар сухан шарҳу тафсир ё бо истилоҳ таъвили матн оғоз мегардад.

Ба навиштаи муҳаққиқон «таъвил дар забонҳои форсиву арабӣ ба маънои бозгардондани чизе ба асли оғозинаш аст» [1, с.438].

Аз сӯйи дигар, таъвил ба маънии кору фаъолияти тафаккур аст, дар бозгушоии маъноҳои нуҳуфта пушти пардаи маънои маъмулӣ, равшансозии гурӯҳи маъноӣ дар матни аслӣ.

Умуман, вазифаи таъвил то ҳадди имкон маърифату берун кашидани маонии ҷойгузин дар як матни адабӣ аст. Шояд аксари нависандагон пай набаранд, ки мухотабони эшон чӣ маъниҳои зарифу шигифтангезе аз осори онҳо пайдо месозанд. Ба назардошти ҳамин ҷанба аст, ки мухотабонро офаринандагони асари адабӣ мешуморанд. Ба қавли муҳаққиқе «идроки матн сарфан он ҷо мумкин аст, ки миёни ду нафар, яъне миёни муаллифу хонанда робита эҷод шавад, робитае, ки як сӯйи он ҳунарманде аст, ки мегӯяд ва менависад ва сӯйи дигар мухотабе аст, ки мешунавад ва мехонад. «Хондан» посух гуфтани мухотаб аст ба он чи муаллиф менависад. Нияти муаллиф хости огоҳонаи ӯ дар ниҳодани «маъно» асосу бунёни ин муносибат аст. Бар пояи ин пешниҳодҳо он чи фаросӯйи нияти огоҳонаи ҳунарманд баён мешавад, низ қобили шинохт аст, ки душвортарин кори таъвилкунанда аст» [1, с.375].

Дар матни адабӣ ҳар ҷузъе аз он шомили маъноест ва дар пайкари комили он ҷойгоҳе дорад, ки тафсирашро дар ҳикояи «Сурат» метавон пайдо кард.

Бисёр иттифоқ меафтад, ки хонанда бо унвони як достон ё матлаби адабӣ тасаввури шитобзадае аз ҳадафи пуррамзу рози холиқи асар пайдо мекунад. Таҷрибаву омӯхтаҳои зеҳният хостаҳои нависандаро дар густураи маъноии асар тахмин мезанад, пеши худ ҳатто андешаву баёни нависандаро бозхонӣ мекунад ва ағлаб ба поёни матлуб мерасад.

Мутаассифона, «Сурат», ки дар маснади унвон нишаста, дар дарку фаҳми матн ба зоҳир нақше надорад. Танҳо мурури комили матн нишонгари он аст, ки дарунмояи аслии ҳикоя бар дӯши ҳамин вожа устувор аст. Хулосаи достон ба шарҳи зер аст.

Абдулатифи Ҳаддод ва Гулризои Ансор, ки бозигарони асосии ҳикояанд, аз овони кудакӣ дар домони мактаб бинои дӯстӣ ниҳодаанд ва бо сипарӣ шудани солиёни дароз яке дар шаҳр сукунат гузида ва дигар дар деҳа омӯзгориро пеша кардааст.

Гулризои Ансор иттифоқан пас аз низои хонаводагӣ ба ёди даъватҳои рафиқаш Абдулатифи Ҳаддод, ки зимни мулоқотҳои зимнӣ ба меҳмонӣ мехондаш меафтад, ва

роҳии шаҳр мешавад. Пас аз ҷустуҷӯ хонаи дӯсташро пайдо мекунад. Иззату эҳтиром ё фарҳанги меҳмондорӣ дар манзили рафиқаш ба зӯр то субҳидам мерасад. Бо дамидани субҳ мизбон мехоҳад аз меҳмон халосӣ ёбад. Бо пеш кашидани баҳонаҳои зиёд мехоҳад бидонад, ки оё меҳмонаш рафтанӣ ҳаст ё на. Ӯ бо ҳамсару фарзандон аз хона берун меравад, ба умеди он ки шояд меҳмон тарки хона кунад, аммо меҳмони «хира» дар хона мемонад.

Тамоми рӯз гурусна менишинад. Дар яхдон хӯрдание пайдо намекунад ва ногоҳ чашмаш ба сурате, ки овони мактабӣ бо дӯсташ гирифта буданд, меафтад. Муддате дар танҳоӣ бо сурат суҳбат мекунад. Бегоҳӣ мизбон бо ҳамсараш бозмегарданд ва ҳузури меҳмон таъби хираи онҳоро хиратар месозад. Шабонгоҳ меҳмон аз сару садои зану шавҳар бедор мешавад. Низоъ атрофи меҳмон аст. Зан шавҳарро сарзаниш мекунад, ки беиҷозати ӯ «як ландаҳури муфтхӯр»-ро даъват кардааст.

Баробари кафидани чашми рӯз Гулризои Ансор аз хона бадар мешавад ва малулу саргарон ба сӯйи хонааш раҳ пеш мегирад.

Тааммул дар атрофи ҳикояи «Сурат» касро ба натиҷае мерасонад, ки дар матни он масъалаи таназзули инсонияти инсон мавриди арзёбии ҳунарӣ қарор гирифтааст. Масъалае, ки дар ҳама давру замонҳо мавриди назари аҳли адаб буда ва ҳама бар ин мувофиқанд, ки печидатарин мавзӯъ дарку маърифати сиришту дунёи ботини инсон аст. Зоҳир ҳамеша фиребанда аст. Махсусан замоне, ки бо тазоҳур канор меояд, ба дастгоҳе дурӯғпарокану фиребкор, мубаддал мешавад. Зоҳири инсонӣ, неъмати бузурги такаллум дасти ӯ василае мегардад, то ҳамнавъони хешро ба доми тақаллубу найранг бикашад.

Ин тоифа мардум перомуни ҷаҳону таҷаммулоти он, раванди пешрафту камолаш диду биниши хос доранд. Вазъи ҷомеаву сатҳи андешагии мардумро мешиносанд. Дар бораи мушкилоту масоили рӯзгор, мизони маънавиву ахлоқии ҷомеа назари вижа доранд, атрофи ранҷу дардҳои конуни ҳастӣ бо дилсӯзӣ, ба дард сухан мегӯянд, аммо дар асл арзишҳои инсонии шаклгирифта дар хилоли рӯзгоронро ба пашизе намегиранд.

Оғози достон моро ба маромномаи ахлоқии қаҳрамони достон Абдулатифи Ҳаддод ошно месозад. Ба назар чунин мерасад, ки ӯ мардест гарму сарди рӯзгорро чашида, неку бади дунёро хуб ташхис месозад. Ҷараёни зиндагиро муроқиб аст ва аз чигунагии вазъи пешрафту такомули саҳнаҳои зиндагии ҷаҳон низ бохабар аст. Мавсуф шеваи хосси худнигарӣ, ҷаҳонбинӣ, биниши таҳмилгар дорад, набзи замонро эҳсос мекунад. Аснои ҳар мулоқоте аз беранг шудани меҳру шафқат, инсондӯстӣ миёни инсонҳо, аз заъиф гаштани эҳсоси ватандорӣ, фаромӯшии расму сунани пешинаи таърихӣ сухан мегӯяд. Ба беҳбуду ислоҳи ҷомеа даъват мекунад.

Ногуфта намонад, ки мухотаб бо ҷаҳони андешаву диди ахлоқии ӯ тавассути масири андешаи Гулризои Ансор ошно мешавад. Гулризои Ансор аснои сафар ба хонаи вай ҷузъиёти гуфторҳои ӯро ба ёд меорад: «бибояд аз саломатии ҳамдигар бохабар бошем, аз тазъйиқу озори бани одам ба риққат ойем, маҳалгароиву худкуширо бас кунем, маҷолиси унс барпо намоем…», ё ки «шукргузор аз неъмати истиқлол ба даври ватандорон занҷираи фӯлодин бошему муттаҳидиву ҳамбастагиро шиор бардошта, тоҷи зарринкӯби миллати хешро соҳибӣ карда, нагузорем ба он газанде бирасад» [10, с.6].

Мурури сатҳи ҷаҳонбиниву шеваи талаққии Абдулатифи Ҳаддод пеши чашми мухотаб шахси озодаву андешаманд, худшиносу боназокатро ҷилвагар месозад, ки хешро масъули пешрафту шукуфоии меҳанаш медонад.

Гулризои Ансор бо чунин тасаввуре вориди хонаи дӯсти даврони кӯдакияш мегардад ва хуш истиқбол мешавад. Дӯстон шабро бо хотири даврони мактабӣ, саҳнаҳои дилангези рустоӣ, чароғонӣ мекунанд ва замоне Гулризои Ансор малулу ранҷидахотир аз моҷарои хонаводагӣ мегӯяд «дигар намеравам», фазои суҳбат дигар мешавад. Дурусттараш риштаи ҳама гуфтугӯҳо қатъ мегардад. Дар ҳикоя омада: «Абдулатиф ҳам озорҳои ниҳонӣ бисёр дошт, вале наменолид. Вай сари он меандешид, ки чаро дӯсташ «дигар намеравам» гуфт? Магар ба хонаи ӯ барои доимӣ зистан омадааст?» [10, с.17].

Дар ин бахши ҳикоя самимияту покниҳодӣ, дилгушодие, ки хосси рустоиён аст, поён меёбад ва мо ба сарзамини дигаре гом мениҳем, ки гӯё аз синаи он одамият, иззату эҳтиром рахт бастааст.

Гулризои Ансор нимашаб, ки мехост ташноб равад садои дӯсташро мешунавад:

«- Ту дар куҷо калон шудаӣ? – Дар деҳаи Шумо. – Не мо ин хел одами лаванд надорем.

- Магар ягон хато кардам? – О, пойи луч ба куҷо меравӣ? – Ба ташноб медароям.

- Мо бародар чиркину ҳабата нестем» [10, с.18].

Тааммул атрофи ин саҳна гувоҳи он аст, ки яке аз ҳадафҳои нависанда бозтоби рӯзгори инсонҳо дар ду қаламрав аст: муҳити рустоӣ ва муҳити шаҳрӣ ва таъсири ин муҳит дар хулқу атвор, фикру андешаи онон. Дар адабиёти таҳқиқӣ, адабӣ ағлаб шаҳрро маконе шинохтаанд, ки чашми одамро боз созад, ба сӯйи камолу боландагӣ ҳидоят мекунад. Вале шавоҳиди пуршуморе ҳам дорем, ки бар асари мазоҳири пурнақшу пуррангаш, шаҳрҳо боиси фурӯпошии ахлоқу атвори инсонҳо гашта. Инқирози одамиятро дар симои Абдулатифи Ҳаддод дар идомаи хикоят шоҳид мегардем. Абдулатиф, ки дар ҳузури меҳмон бо ифтихор худро «сокини пойтахт» мешуморад, шаҳрии бумӣ нест. Ӯ тавассути занаш муқими шаҳр шудааст. Ин зани бадгуҳари худоношинос норизову ғазаболуд аз ҳузури меҳмон беибо меҳмону шавҳарашро паст мезанад, дашном медиҳад: «Замоне дар кӯча монда будӣ, куҷо буданд ёронат, дастатро мегирифтанд? Ман аз чоҳ берун кашида соҳиби мошинат кардам…Ман сарпаноҳат додам, ман одамат кардам. Як тини зардак надоштӣ, аз танат бӯйи хук меомад! Ё ки: «Ҳазор бор фаҳмондам: бе иҷозати ман касеро ба хона даъват накун. Куҷойи ин одам ба меҳмон монанд, а? На сару либоси дуруст дораду на афту андоми дилкаш» [10, с.18].

Ин саҳнаи дувумин аст, ки Гулризои Ансор бо оромиш мешунаваду таҳаммулаш менамояд ва субҳро интизорӣ мекашад, то худро аз ин дӯзахи сиёҳ раҳо созад, дигар сухани гуфтанӣ надошт. Дар танҳоӣ рӯзи дувуми меҳмонӣ дар хонаи дӯсташ ба сурати муштаракашон, ки дар роҳрав овезон буд, дарди дил намуда буд. Лаҳзаи бархӯрд бо суратро нависанда чунин ба қалам дода: «…қадамшумор омада-омада назди акси калони бари девор истод. Ин сурати айёми ҷавонии Абдулатиф ва Гулризо буд. Дили меҳмон хеле гум зад. Худаш ҳам аз ин сурат дохили сандуқи пӯшокҳояш як нусхаро маҳфуз медошт. Акс хотироти гузаштаро дар мағзаш зинда мегардонад» [10, с.18].

Хира шудан бо сурати давраи ҷавонӣ танҳо иборат аз ёдоварию зикри лаҳазоти зиндагии муштарак нест. Гулризо дар пардаи хаёл ба гунае ба бозиҳои сарнавишт меандешад. Рӯзгори сипаришударо, ки шебу фарози зиёд дошт, таҳлил мекунад. Масири бознигарии зистаҳо гоҳо шоду гоҳо ғаминаш месозад. Ӯ беш аз ҳама барои рафиқаш, ки симои инсониаш танҳо дар сурати бари девор монда, меандешид. Вай ба умқи воқеият расида, ки дӯсти ҷавонияш ҳеҷ мустақилияту поймардӣ надорад.

Молу амвол, хонаву дар ва дигар таҷаммулот, ки аз зан ба вай расида, саропо мутеу ғуломаш намуда. Дигар аз Абдулатиф, ки ӯ мешинохт асаре намондааст.

Гулризо дар ниҳояти дареғу афсӯс ба сурат мегӯяд: «Аз ман маранҷ, дар олами руъё ба сар мебарӣ. Гардиши рӯзгор шаҳрнишинат кардааст. Дар ишқи пулу мол рафтаӣ, чор тангаи муфти ҳаром ба ҷайбат афтода, дунёи охирати худро сӯзондаӣ. Агар ин тавр набудӣ, иззати меҳмон он сӯ, ҳурмати инсонии худро нигоҳ медоштӣ» [10, с.23].

Гулризо дар хилоли андешаҳои сардаргум ба мақулаи вақт, замон боз мегардад. Замоне ки мисли бод мегузарад ва бозгаште надорад. Дар ин ҳаракати сарсомовар инсонияти инсонро озмоиш мекунад. Чистиву кистии инсонҳоро нишон медиҳад. Афсӯс мехӯрад, ки дигар табиати гургонаи дӯсту ҳамсари ӯро наметавон тағйир дод.

Танҳо Абдулатиф нест, ки зери шиканҷаву озори ҳамсар қарор дорад. Фарзандон низ баробари падар аз ҷониби модар таҳқир мешаванд. Бо расидани одитарин фурсат зани дӯсташ ба ҳақириву нотавонӣ, ҳеҷии шавҳар таъкид меварзад.

Масалан, ҳангоме ки духтараш шаб дер меояд, модар иллати таъхирашро мепурсад: «Дар нисфи аз куҷо омадӣ? – Аз хонаи дугонаам. - Киро пурсидӣ ҳаромӣ? – Падарамро. – Падари ту худаш кӣ? Ҳа? Вай як латтакуҳнаи дар об зада, мефаҳмӣ. Лаънат ба ӯ! Дониста мон, хуҷаини хона манам! Падари ту як овораи бехонаву дар буд. Ӯро ман болонишину бадавлат кардам. – Оча, айб аст. - Кош падарат айбро медонист. Худаш кам буд, боз як ландаҳури муфтхӯрро даъват кардааст» [10, с.27].

Зимни арзёбии симои бозигарони аслии достон бояд аз нақши корсозу мастури холиқи асар низ ёддовар шуд, ки ба шеваю тарзи зиндагӣ ва дунёи ботини онҳо бетафовут

нест. Махсусан Абдулатиф, ки рушду камоли шахсияташ, вусъати ахлоқиву маънавияш бо Гулризо муштаракоте дошта, аз як сарчашма об бардошта.

Ба ақидаи муҳаққиқи рус М.М.Бахтин «Холиқи асар на танҳо он чиро ки ҳар қаҳрамоне ба сурати ҷудогона ё ҳамаи қаҳрамонон якҷо мебинанду медонанд, мебинаду медонад, балки дидаҳову донистаҳои ӯ бештар аз онҳост. Гузашта аз ин, чашму зеҳни ӯ ба гӯшаҳое даст меёбад, ки барои қаҳрамонон дунёи дастнорас аст» [2, с.96].

Мавсуф авҷу фуруди масири рӯзгори қаҳрамононро, падидаҳои мухталифи ҳаёти эшонро ва дар маҷмӯъ камоли асарро вобастаи ҳамин биниши устувору қобили мулоҳизаи нависанда медонад.

Гулризо агар дар хонадони дӯсти қадимӣ таҳқир шудаву беэҳтиромӣ дидааст, бо тарки меҳмонӣ аз ҳама озорҳои равонӣ раҳо меёбад. Аммо нависанда бо ҳузури пинҳони худ назорагари ҷараёни зиндагии қаҳрамононаш аст. Агар Гулризо инсонияти Абдулатиф, ҷаҳони маънавиву ахлоқии вайро барбодрафта мебинад, барои нависанда чунин натиҷае қобили пазириш нест.

Бар ин умед аст, ки дар сатҳи зиндагии ӯ метавон ислоҳу беҳбуде дароварда, зеро дар пӯсту баданаи дарахти хонаводаи дӯсташ алоимеро мушоҳида мекунад, ки умедворкунандаанд. Ин нукта дар лаҳазоти алоҳидаи асар, зимни тасвири ҳаракату аъмоли Абдулатиф, шеваи сухан гуфтанаш эҳсос мешавад. Масалан, рӯзи аз манзилаш берун шудани Гулризо бо мушкили зиёд бо ӯ бо талаффузи вожаи «хайр» худо ҳофизӣ мекунад. Ҳамин як калима баёнгари фазои равонии вай аст. Гувоҳи он аст, ки аз чунин сурат гирифтани ҳодиса, то умқи ҷон нохушоянд аст, чун суннату фарҳанги қарнҳо роиҷу камолёфта миёни муҳити инсонӣ-суннати меҳмондорӣ, шикастааст, вале дар муқобили сарчашмаи чунин муносибат коре карда наметавонад. Хурдтарин вокуниши вай сабабгори тӯфони хонаводагӣ мегардад. Вай эҳсос мекунад, ки фарзандон низ аз чунин муомилаву бархӯрде ранҷ мебаранд, вале дар қиболи «салтанат»-и модар неруи ранҷи хешро фурӯ мениҳанд.

Дар зеҳни онҳо асаре аз омӯзаҳои суннатӣ, нигаҳдошти эҳтироми волидайн дар ҳама ҳолат (чи ҳаққу чи ноҳақ) сангин нишастааст. Таъсири муҳити перомун низ дар онҳо эҳсос мешавад. Аммо боз ҳам ҷойи таъкид аст, ки дар ин маврид бояд муносибати дақиқи нависандаро ба қаҳрамонаш шинохт, зеро тамоми ҳусну қубҳи асар ба муносибату мавқеияти вай бастагӣ дорад.

Ба андешаи М.М. Бахтин холиқи асар зиндагии муштараки хешро бо қаҳрамонаш баён мекунад. Баёне, ки фарогири талхиву ширинии бо ҳам чашида, замони бо ҳам сипарӣ намуда, масири муштаракан тайшуда аст. Ӯ «дар симои қаҳрамонаш муносибати ҳунариву усулии хешро ҷойгузин менамояд ва замоне ки дар маромномаи нависандагии худ атрофи қаҳрамонаш, вай муносибати воқеии хешро ба онҳо баён медорад. Ба дигар сухан, перомуни дарку тасаввуре сухан мегӯяд, ки аз дидори қаҳрамонаш ҳамчун симоҳои камолёфтаи бадеӣ дар зеҳнаш ҳосил шудааст» [2, с.98].

Ин қаҳрамонон аз нигоҳи иҷтимоиву ахлоқӣ дигар ҳеҷ бастагие бо ӯ надоранд. Ба дигар сухан, камоли ҳунарии як асари бадеӣ ба таҷассуми комилу густурдаи ҳадафи нависанда, диду биниши ӯ бастагӣ дорад.

Бад-ин тариқ натиҷаи ниҳоие, ки аз баррасии ҳикояи «Сурат» бармеояд метавонад ин бошад, ки дар паҳнаи ин дунёи тӯфончӯш бо чашми хоболуд ба сурати фиребандаи эҳсос нангарем, бо дили бедор суратро бишносем.

Сурат-тазоҳур, ҳокимияти абр аст, ки муваққат аз дасти хуршед салб шудааст. Хуршеди инсонияти инсонро, ки тӯли садсолаҳо бо зарра-зарра гармии дилу ҷони падарони мо бунён шудаву камол ёфтааст, ҳифз кунем.

Қобили зикр аст, тамоми ҳикояҳои маҷмӯа ҷанбаи неруманди омӯзандагӣ ва ҳунарӣ доранд ва шоҳиди камолу боландагии нависандаи хушсалиқаву хушзавқ Сипеҳри Ҳасанзод мебошанд.

Муқарриз: *Кӯчарзода Аламхон* – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Бобак Аҳмад. Сохтор ва таъвили матн / Аҳмад Бобак. - Теҳрон: Нашри «Марказ», 1382. - 438 с.

2. Бахтин М.М. Работы 1920-х годов / М.М. Бахтин. – Киев, 1994. - 384 с.
3. Вафои Аббосалӣ. Сафар дар ойина / Аббосалӣ, Вафо. – Теҳрон, 1387. -471 с.
4. Герхардт М. Искусство повествования. Литературное исследование «1001 ночи» / М.Герхардт: перевод с англ. А.И. Матвеева, предисл. И.М. Фильштинского. – М., 1984. - 524 с.
5. Дақиқиён Симиндухт. Маншаи шахсият дар адабиёти достонӣ / Симиндухт Дақиқиён. – Теҳрон: Нашриёти «Ранг», 1371. - 633 с.
6. Илоҳипаноҳ Нӯшин. Фарҳанги истилоҳоти адабӣ / Нӯшин Илоҳипаноҳ – Теҳрон: Изд. «Донишёр», 1379. – 415 с.
7. Казначеев С.М. Теория литературной критики. Учебное пособие / С.М. Казначеев. – Москва: Изд. «Рутения», 2018. – 624 с.
8. Набиев А. Адабиёт ва нақди адабӣ / А. Набиев. - Душанбе: Адиб, 1993. – 260 с.
9. Никифоров А.Л. Семантическая концепсия понимания / А.Л. Никифоров // Загадка человеческого понимания. [Сост. В.П. Филатов]. – М.: Политиздат, 1991. – С.72 - 94.
10. Рикер П. Конфликт интерпретаций: очерки о герменевтике / П. Рикер. – М.: Искуство, 1996. – 622 с.
11. Сипеҳр А.Ҳ. Турнаҳои мусофир / А.Ҳ. Сипеҳр. – Душанбе: Адабиёти бачагон, 2020. – 318 с.
12. Современная художественная критика. - Ленинград: Изд. «Наука», Ленинградское отделение, 1975. – 253 с.
13. Тайсон Луис. Назарияҳои нақди адабии муосир / Луис Тайсон. – Теҳрон: Нашри «Нигоҳи имрӯз», 1371. – 633 с.
14. Храпченко М.Б. Художественное творчество, действительность, человек / М.Б.Храпченко. – М.: Художественная литература, 1984. - 478 с.
15. Шукуров М. Паҳлӯҳои тадқиқи бадеӣ (Баъзе масъалаҳои адабиёти ҳозираи тоҷик): Маҷмӯаи мақолаҳо / М. Шукуров. - Душанбе: Ирфон, 1976. – 272 с.

ДАР ОСТОНАИ МАТН

Мақола ба баррасии маҷмӯаи ҳикояҳои нависандаи муосири тоҷик Сипеҳр Ҳасанзод, «Турнаҳои мусофир» ихтисос дорад. Маҷмӯа фарогири 17 ҳикоя мебошад. Қобили зикр аст, ки аксари ҳикояҳо ба масоили рустоӣ бахшида шудаанд. Мавзӯи русто дар эҷодиёти нависанда мавқеи хоссеро ташкил медиҳад. Ба хотири ин таҳлили ҳикояи «Сурат» ҳамчун матни алоҳида интихоб гардидааст. Тавре ки маълум, зимни баррасии адабиёти бадеӣ, хусусан наср ба шарҳу тафсири матн таваҷҷуҳи хосса мабзул медоранд. Ба андешаи муҳаққиқон яке аз навъҳои муошират забонӣ, матни адабӣ маҳсуб мешавад. Барои омӯзишу дарки маъниву муҳтавои матн, зарур аст ба таври амиқ тафсир ё таъвил гардад, ба дигар сухан таъвил тарҷумаи дигаргунаи матн, баёни он дар сатҳи дигари маъноист. Таъвил интихобу фарогирии эҷодии як асари адабӣ аст. Вижагии таъвил дар он зоҳир мешавад, ки зимни қироати матн пажӯҳандаро лозим аст, маъниеро, ки муаллиф дар матн ниҳодааст, муайян созад ва дидгоҳи худро бо он мутобиқ намояд. Дар таълифи ин мақола ба таълифоти назарии олими машҳури рус М.М.Бахтин такявар будаем.

Калидвожаҳо: нависанда, ҳикоя, маҷмӯа, матн, назария, адабиёт, тафсир, таъвил, М.М. Бахтин, муқоиса, Сипеҳри Ҳасанзод.

У ИСТОКОВ ТЕКСТА

Статья посвящена анализу сборника рассказов современного таджикского писателя Сипехра Хасанзода «Турнањои мусофир». Сборник содержит 17 новых рассказов писателя. Следует отметить, что большинства рассказов посвящены проблемам деревни. Деревенская тема в творчестве писателя занимает особое место. С целью анализа выбран рассказ «Сурат» (Фотография) в качестве отдельного литературного текста. Как известно, при изучении художественной литературы, особенно прозы, обращают особое внимание на интерпретацию или истолкование художественного текста. По мнению ученых, одним из наиболее важных видов языкового общения является художественный текст. Для изучении и раскрытия смысла и содержания текста, следует соответствующим образом его интерпретировать. Другими словами, интерпретация сопряжена с переводом высказывания на иной язык или в другую семиотическую область. Интерпретация – это избирательное и в то же время творческое овладение произведением. Особенности интерпретации заключаются в том, что в ходе прочтении исследователь должен определить смысл, который автор заложил в свое произведение и найти точки соприкосновения между картиной мира автора и собственной. Ценным материалом для написания данной статьи послужили труды видного русского ученого литературоведа М.М.Бахтина.

Ключевые слова: писатель, рассказ, сборник, интерпретация, текст, теория, литература, М.М.Бахтин, толкование, сравнение, Сипехр Хасанзод.

AT THE ORIGINS OF THE TEXT

The article is devoted to the analysis of the short story collection of the modern Tajik writer Sipehr Hasanzod "Turnahoi musofir." The collection contains 17 new short stories by the writer. It should be noted that most of the stories are devoted to the problems of the village. The rural theme in the writer's work occupies a special place. For the instance of analysis, the story "Surat" (Photography) was chosen as a separate literary text. As it is know, while studying fiction, especially prose is paid special attention to the interpretation of an artistic text. According to the thoughts of scientists, one of the most important types of language communication is the artistic text. It should be interpreted accordingly, in order to study and disclose the meaning and content of the text,. In other words, the interpretation involves translating the statement into another language, or into another semiotic area. Interpretation is a selective and at the same time creative mastery of a

work. The peculiarity of the interpretation is that during the reading the researcher must determine the meaning that the author laid in his work and find common ground between the picture of the author's world and his own. Valuable material for writing this article was the works of a prominent Russian scientific literary critic M.M. Bakhtin.

Key words: writer, story, collection, interpretation, text, theory, literature, M.M. Bakhtin, definition, comparison, Sipehr Hasanzod.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сафаров Умархоҷа Раҳимович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи филологияи Эрон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **umar_safar@mail.ru.** Тел.: **(+992) 98-578-67-11**

Сведения об авторе: ***Сафаров Умарходжа Рахимович*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор, заведующий кафедрой иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **umar_safar@mail.ru.** Тел.: **(+992) 98-578-67-11**

Information about the author: ***Safarov Umarkhoja Rakhimovich*** - Tajik National University, doctor of philological Sciences, professor, Head of department of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **umar_safar@mail.ru**. Tel.: **(+992) 98-578-67-11**

УДК:891.550

САРОМАДИ МАКТАБИ ШАРҚШИНОСИИ ҚАЗОН ВА ТАШАККУЛИ РОБИТАҲОИ АДАБӢ

М.Зайниддинзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ташаккул ва рушди мактаби шарқшиносии академӣ ва донишгоҳӣ ба шаҳри таърихии Қазон вобастагии амалӣ ва назариявӣ дошта, дар асри XIX ин шаҳр ба маркази омӯзиши забонҳои шарқӣ ва, умуман олами Шарқ табдил ёфт. Аз Петербург ба Қазон интиқол додани матбааи халқҳои Осиё ва бо ҳуруфи арабӣ чоп гардидани китобҳо ба ташаккул ва рушди илми шарқшиносӣ мусоидат намуд ва соли 1804 Донишгоҳи давлатии Қазон таъсис ёфт ва бо назардошти манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, таърихӣ ва геополитикии ҳукумати подшоҳии Россия дар ин Донишгоҳ омӯзиши Шарқ ба роҳ монда шуд ва тадриҷан Донишгоҳи Қазон маъруфияти ҷаҳонӣ пайдо кард. Ҳарчанд ки Донишгоҳ ҳанӯз соли 1804 дари худро барои оламиён боз намуда буду дар омӯзишу шинохти Шарқ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид, соли 1827 бо хоҳиши шахсии васии округи таълимии Қазон М.Н. Мусин-Пушкин профессори кафедраи забонҳои арабӣ-форсӣ Франс Эрдман (1793-1863) лоиҳаи «Нақшаи Институти Шарқшиносӣ»-ро тайёр мекунад. Муаллифи лоиҳа зарурат ва аҳаммияти таъсиси чунин муассиса ва омода намудани мутахассисонро ба таври зайл асоснок кардааст:

«Институти Шарқшиносиро бо назардошти ин соҳа метавон бо Университет дар як зина гузошт. Он бояд мустақилона ва новобаста аз Университет вуҷуд дошта тавонад. Институт бояд чун парваришгоҳе амал намояд, ки сафирон, консулҳо, гумоштаҳо (агентҳо), тарҷумонҳо ва сайёҳони ояндаро тайёр намояд, ки онҳо тавонанд олами Шарқро таҳқиқ кунанд».

Яъне, омӯзиши масоили Шарқ дар замони пешаздонишгоҳӣ, низ чун масъалаи умда дар маркази диққати донишмандону манфиатдорони сиёсӣ қарор доштааст. Аммо пажӯҳиши воқеии Шарқ бо фарогирии забонҳо, таърих, ҷуғрофиё, манбаъҳои иқтисодӣ, эътиқоди динӣ, этнография, сиккашиносӣ ва фалсафаву адабиёт комилан ба фаъолияти донишмандону толибилмони Донишгоҳи Қазон бастагӣ дорад.

Саҳифаҳои дурахшони таърихи ин Донишгоҳ ба ховаршиносии ватаниву ҷаҳонӣ алоқаманд буда, шаҳри Қазон чун маркази бузурги таърихӣ ва фарҳангиву илмӣ дар рушду такомули таърихи шарқшиносии асрҳои XIX-XX мақоми хоссаро соҳиб аст. Дар ташаккул ва рушди мактаби шарқшиносии шаҳрҳои Қазон ва Санкт-Петербург дар қатори донишмандони ватанӣ ҳаммаслакони ғарбии онҳо низ саҳм гирифтаанд. Дар ин миён хидмати олимони немис назаррас буда, аз «пешоҳанги ховаршиносии илмӣ» Христиан Данилович Френи (1782-1851) шогирди мусташриқи номии немис Тихсен Олаус

Герхард то Бараун Иван Осипович (1778-1819 Австрия), Г.Л. Бюксмен, Фукс Карл Федорович, (1776-1846) (асосгузори архиографияи шарқшиносӣ) ва Готвальд Иосиф Федорович (1813-1897) (профессори кафедраи забонҳои арабиву форсӣ ва баъд китобдори китобхонаи Донишгоҳи Қазон) дар пешрафти илми шарқшиносӣ ва соири илмҳои дигар саҳм гузоштаанд.

Сабаби дилгармона ва бо шӯру шавқ дар донишгоҳҳои навтаъсиси Россия фаъолият намудани олимони немис решаҳои таърихӣ ва омилҳои айниву зеҳнӣ дошта, бояд ба таври алоҳида мавриди пажӯҳиш қарор бигирад.

Тавассути кушода шудани Донишгоҳи Қазон дар ибтидои асри XIX гуфтан метавон, ки гуфтугӯ ва баҳрабардории воқеии тамаддунҳо ва иртиботи амалии халқҳои гуногунзабон ба амал омад.

Забоншиноси машҳури фин, хатмкардаи Донишгоҳи Гельсингфар, мутахассиси забонҳои шарқӣ ва лотинӣ Матиас Кастрен (1813-1852) навиштааст, ки: «Дар байни донишгоҳҳои тамоми ҷаҳон муҳол аст, ягон донишгоҳеро ёфтан, ки монанди Донишгоҳи Қазон бо чунин ҷидду ҷаҳд ба омӯзиши адабиёту тамаддуни Шарқ машғул шуда бошад. Дар ин ҷо барои забонҳои зиёди Шарқ кафедраҳое, ба монанди кафедраи забонҳои арабӣ, арманӣ, форсии тоҷикӣ, санскритӣ, муғулӣ, туркӣ, чинӣ (хитойӣ), манҷурӣ ва ғ. таъсис дода шуд».

Дар таълими ин забонҳо тарзе ишора шуд, беҳтарин донишмандони мамлакатҳои гуногуни Шарқу Ғарб саҳм доштаанд. Миёни онҳо, албатта, парварда ва зодагони Шарқ, донишмандони маъруфи замон ба монанди Ҳоҷӣ Мир Абӯ Толиб Мирмуъминов, Мирзо Абдусаттор Козимбек, Муҳаммад-Алӣ Маҳмудов, Мирзо Муҳаммад Алӣ Козимбек ва дигарон низ будаанд.

Бояд ба гуфта ояд, ки вақте оид ба муҳити илмии Қазон сухан меравад аз се Козимбек ёд мекунанд, ки яке Мирзо Муҳаммад Алӣ Козимбек (1802-1876), дигаре Абдусаттор Қосимович Козимбеки (1820) муаллими забони форсӣ ва сониян Алексей Николаевич Козимбеки (1859-1919) профессори терапевт аст ва гоҳо дар зикри хидмати онҳо иштибоҳ низ содир шудааст.

Донишгоҳи Қазон чунин шахсиятҳои бузурги илмро ба камол расонд, ки онҳо минбаъд шуҳрат ва пояи мактаби шарқшиносии Россияро ба арсаи ҷаҳонӣ баровардаанд. Ба монанди арабшиноси номӣ Х.М. Френ, эроншинос ва туркшиносон Мирзо Муҳаммад Алӣ Козимбек ва И.Н. Березин, муғулшиносон Ковалевский Осип (Юзеф) Михайлович (1801-1878) ва Попов Александр Васильевич (1808-1880), хитойшинос В.П.Василев ва диг. Ташаккули ховаршиносии академӣ ва таъсису нуфузи факултети шарқшиносии донишгоҳи Петербург ба номи Х.М. Френ ва Козимбек Мирзо Муҳаммад Алӣ (1802-1870) алоқаманд аст, ки он минбаъд ба маркази асосии шарқшиносии Россия дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX табдил ёфт. Корҳои зиёди оғознамудаи профессорони донишгоҳи Қазон дар соҳаи илми шарқшиносӣ ва омӯхтани олами Шарқ минбаъд аз ҷониби ховаршиносони Санкт Петербург инкишоф дода шуд.

Пайдо гардидани рағбат ба омӯзиши таърихи олами Шарқ ва таълими забонҳои шарқиву адабиёту илми ба ин забонҳо таълифшуда марҳилаҳо ва заминаҳои худро дошта, ҳанӯз соли 1804 аз рӯйи Оиннома таъсиси кафедраи мустақили забонҳои шарқӣ ва ҷудо намудани воҳидҳои корӣ барои профессори забонҳои шарқ ва муаллими забони тоторӣ пешбинӣ шуда буд.

Таъсиси кафедраи забонҳои шарқӣ ва ба роҳ мондани таълими забонҳо бо ҳавасмандии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҳукумати подшоҳӣ алоқамандӣ дошта, таваҷҷуҳ ба Шарқ, ба вижа дар оғози асри XIX алоқамандона бо пурзӯр гардидани таъсири Россия дар қаламрави Шарқи наздику дур боло рафт. Барои ҳокимияти подшоҳӣ русҳои донандаи забонҳои шарқ, «как для сношений пограничных и заграничных, так и для администрации в местностях, населенных инородцами» зарур буд. Ҳамзамон барои роҳбарии кафедра дар ин вақт аз миёни олимони ватанӣ чеҳраи сазовор пайдо нагардид. Бинобар ин, нахустин васии округи таълимии Қазон, ноиби раиси Академияи илмҳо Румовский Степан Яковлевич (1732-1812) аз раҳи эҳтиёҷ ба ховаршиноси номӣ, профессори Донишгоҳи Ростокск О.Г. Тихсен ҷиҳати тавсияи яке аз шогирдонаш муроҷиат намуд.

Интихоб ба Христиан Данилович Френ қарор гирифт ва баробари ба Россия омадан ӯро чун профессори штатии кафедраи забонҳои шарқӣ тасдиқ намуданд. Френ баъди фаъолияти даҳсолааш дар Донишгоҳи Қазон ба ҷояш ҳамватани худ Эрдман Федор (Франц) Ивановичро (1793-1863) тавсия намуд. Эрдман, ки чун Френ бо забонҳои лотинӣ ва немисӣ лексия мехонд, соли 1854 аз Донишгоҳ рафт.

Ин донишманди сатҳи ҷаҳонӣ замони фаъолият дар Донишгоҳи Қазон ба иловаи ба уҳда доштани мудирияти кафедраи филологияи форсу араб пажӯҳишҳои арзишманд низ анҷом дод, ки бинобар маълумоти «Ученные записки Казанского Университета (оғози нашр соли 1834) «Пояснения и дополнения некоторым местам, составленного Мирхондом истории рода Бувай» ду таҳқиқот оид ба маҳсули таърихнигори машҳури форс Рашиддуддин «Полный обзор древнетюрского народного эпоса впоследствии обработонного Рашид-Эд-Дином», «Критическое обозрение труда Рашид-Эд-Дина «История монгол и персов», «Бехром-Гур и русская княжна Низаметдина, в пересказе Гендшера» ва «Рождение Мухаммеда и гибель Аброхаха» аз ҷумлаи он пажӯҳишҳо мебошад.

Равнақи риштаи шарқшиносӣ дар Донишгоҳи Қазон махсусан ба фаъолияти Мирзо Муҳаммад Алӣ Козимбек, ки дар ҳамин муҳит ба камол расида, ба сифати яке аз ховаршиносони номӣ шуҳрат пайдо карда буд, алоқа мегирад. Ӯ дастаи комили шогирдонеро тарбия намуд, ки ба тадриҷ дар илми ховаршиносӣ маъруфият пайдо намуданд.

То соли 1828 кафедраи забонҳои арабиву форсӣ ягона маркази тадрис ва омӯзиши забонҳои шарқӣ дар Донишгоҳ ба ҳисоб рафта, забонҳои асосӣ арабиву форсӣ маҳсуб меёфт ва баъдан забони тоторӣ ба ин шохаи таълим илова гардид. Соли 1828 кафедраи забонҳои туркӣ – тоторӣ ҷудо мешавад ва дар Донишгоҳ ду кафедра амал мекунад. Кафедраи забонҳои арабиву форсӣ бо роҳбарии профессор Эрдман ва кафедраи туркию тоторӣ бо роҳбарии профессор Мирзо Муҳаммад Алӣ Козимбек. Ин кафедраи навтаъсис мувоҷеҳи истиқбол ва ғамхории бештаре гардида, базудӣ нуфуз пайдо намуд ва тадриҷан ба илми туркологияи Россия ва мактаби туркологии Қазон асос гузошт. Асосгузори ин мактаб Мирзо Муҳаммад Алӣ Козимбек ва шогирдони ӯ Березин Илья Николаевич (1818-1896), Н.И. Ильминский ва дигарон буда, дар он нахустин олимон ва маорифпарварони тотор ба мисли Иброҳим Халфин ва Муҳаммад Алӣ Маҳмудову (1824-1891) дигарон ба камол расиданд.

Козимбек аз саромадони илм ва мактаби шарқшиносии Қазон ва Петербург буда, рӯзгори наҷиб ва зиндагиномаи ибратомӯзу дар айни замон пурихтилоф дорад. Ӯ фарзанди яке шахсони маъруфи Дарбанд ном маҳалли Доғистон буда, бо рӯҳияи мусулмонӣ ба камол расидааст. Падари ӯ Шайх-ул-Ислом Ҳоҷӣ Қосим-Бек аз шахсиятҳои маъруфи Дарбанди Доғистон буда, шаҷараи ӯ ба князҳои Кучинск иртибот мегирад. Падар ва модари ӯ Шарафнисо, ки духтари волии Рашти Эрон буд, соли 1801 бо ҳам издивоҷ намудаанд ва соли 1802 фарзанди аввали онҳо Мирзо Муҳаммад Алӣ чашм ба дунёи ҳастӣ кушод. Зиндагии ин хонадон то соли 1810 дар Рашти Эрон ва баъди анҷоми муноқишаҳои қабилавӣ дар Дарбанд гузаштааст.

Падари донишманди ӯ ҳамаи имкону шароитро барои таълими фарзанд муҳайё намуд ва Козимбек хеле бармаҳал забонҳои маҳаллӣ ва асосҳои исломро аз бар намуда, ба пажӯҳиши илмӣ мароқ зоҳир кард.

Ҳанӯз соли 1819, дар синни 17-солагиаш аввалин пажӯҳиши илмии худ «Омӯзиши грамматикаи забони арабӣ»-ро ба забони арабӣ таълиф намуд. Баъди як сол (1820) луғзу муаммо ва нақлу ривоятҳоро бо забонҳои арабӣ ва форсӣ ҷамъоварӣ намуда, дар қолаби маҷмӯаи мукаммал омодаи чоп кард. Вале ин самти фаъолияти ӯ дер давом накард ва дар рӯзгори ӯ гардиши куллие рӯй дод, ки ба нуфузи падари ӯ, Шайх-ул-Ислом Ҳоҷӣ Қосим-Бек бастагӣ дорад. Падари ӯро ба гумони алоқа доштанаш ба Шайх Али-Хони гуреза ҳамроҳи 14 нафар ҳамақидаҳояш ба фармони ҳокими Қавқоз А.П. Ермолов ба шаҳри Астрахан бадарға намуданд. Моҳи октябри соли 1821 Козимбек бо даъвати падараш ҷиҳати мулоқот ва идомаи таҳсил дар кишвари Форс ба Астрахан расид ва чун огоҳӣ ёфт, ки мубаллиғони шотландӣ бо падари ӯ роҷеъ ба асосҳои ислом баҳси пайваста доштаанд, аз сафар ба кишвари Форс худдорӣ намуда, ба баҳси илмӣ, вале маншаи сиёсӣ доштаи

онҳо ҳамроҳ гардид. Чун маншаи баҳси ҷонибҳо эътирофу инкори бартарии динҳо буд, Козимбек таъкид намудааст, ки: «Ман маҷбур будам, ки бо онҳо ба баҳс дароям ва боз алайҳи дини христианӣ қалам ба даст бигирам». Ба эътибори гуфтаҳои Козимбек ӯ ҳанӯз дар Дарбанд борҳо бо мубаллиғони шотландӣ сари суҳбат нишаста «аз мақсад ва кӯшиши» онҳо огоҳ гардида, чун мусулмони «муътақид» кӯшидааст, ки ба онҳо «ҳақиқати исломро фаҳмонад ва онҳоро аз иштибоҳу гумроҳӣ бираҳонад».

Дар навбати худ, барои фаҳм ва дарки моҳияти аслии дини христианӣ ба омӯзиши забонҳои аврупоӣ шурӯъ намуд, вале дар натиҷаи муборизаҳои тадриҷии ботинӣ аз ислом дурӣ ҷуста, ба дини христианӣ таваҷҷуҳ пайдо кард, ки ин боиси ҷудоиву ихтилоф бо падар ва ҳамдинҳои ӯ гардид [2, с.222].

Козимбек замони дар Астрахан будан, ба иқоматгоҳи мубаллиғони шотландӣ Глен ва Макферсон роҳ пайдо намуд, ки бо онҳо дар Дарбанд шиносу ҳамсуҳбат шуда буд.

Ӯ ба онҳо забонҳои арабиву форсӣ ва туркиро таълим медоду аз онҳо забонҳои англисиву немисӣ меомӯхт. Таваҷҷуҳи ӯро ин мубаллиғон бо қиссапардозӣ ва пешниҳоди намунаҳои шавқангези адабиёти аврупоӣ комилан ба худ кашида буданд. Ҳайратовар аст, ки дар ин баҳси тадриҷии пурмуаммо мусулмонзодаи дар оғоз барои ҳимояи эътиқоди диниаш устувор мағлуб шуд ва оқибат 11 июли соли 1823 бо шоҳидии мардони форсу тотор, арманиву рус ва ҳинду, дар ҳузури мубаллиғони шотландӣ бори аввал ба рӯйи худ салиб кашид ва аз ин лаҳза Мирзо Муҳаммад Алӣ Александр номида шуд.

Ҳамзамон аз рӯзҳои аввали вориди Астрахан гардидани Козимбек, намояндагони вижаи ҳукумати маҳаллӣ фаъолияти ҳамарӯзаи ӯро ба назорат гирифта, аз он дар изтироб буданд, ки ин донандаи хуби забонҳои шарқӣ, шариати ислом ва ҳуқуқдони закӣ шояд барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсии гумоштагони хориҷӣ ҷалб карда шавад. Бинобар ин, ҳомии Қавқоз А.П. Ермолов 28 октябри соли 1824 дар ин бора ба Вазири корҳои хориҷии Россия Несельроде Карл Васильевич (1780-1862) нома нивишта пешниҳод намуд, ки аз ин эронӣ (оный персиянин), ки дар зодгоҳаш чун намояндаи хонадони муътабар ва шаҷараи машҳур эътибор ва нуфузи баланд дорад, барои амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар кишвари Доғистон истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст. 7 ноябри соли 1826 аз волии шаҳрвандони Астрахан зери рақами №7374 ба Вазорати умури дохилӣ номаи ҷавобӣ расид, ки дар он омадааст: «… Мувофиқи дастури сарфармондеҳ Ермолов 3-имзо гирифта шуд: аз Мирзо ҷиҳати аз Астрахан берун набаромадан, аз гумоштагони шотландӣ оид ба истифода набурдани ӯ барои амалҳои миссионерӣ ва аризаи шахсии Мирзо оид ба ризоияташ барои истифода дар мушовараи корҳои хориҷӣ» [4, с.8].

Аз соли 1826 Козимбек бо шарофати донандаи забонҳои форсии тоҷикӣ, арабӣ ва туркӣ буданаш нахуст ба сифати лектор ва баъд чун профессори Донишгоҳи Қазон ба кор пазируфта мешавад. Ин замон устодони забонҳои шарқӣ дар Донишгоҳи Қазон танҳо ду нафар: профессори штатӣ Франс Эрдман ва ёвар Иброҳим Халфин буданд. Ҷойи лектори забони тоторӣ озод буд ва Козимбек бо Шӯрои Донишгоҳ тибқи талаботи он замон бо аризаи шахсӣ мурочиат намуд, ки барои супоридани имтиҳон аз забонҳои шарқӣ иҷозат ва мувофиқи дониш барояш ҳуҷҷати тасдиққунанда диҳанд.

24 июни соли 1826 шуъбаи улуми адабии Донишгоҳ ҷиҳати донистани забонҳои арабӣ, форсӣ ва туркӣ аз Козимбек санҷиш гирифта, натиҷагирӣ намуд, ки «в оных хорошие сведения и может быть полезен университету в звании лектора персидского языка». Баъди санҷиши дониши Козимбек ректори Донишгоҳи Қазон Карл Фукс ба Вазорати маорифи халқ мурочиат намуд, ки ҷиҳати аз муассисаи Вазорати корҳои хориҷӣ озод намудан ва ба Донишгоҳи Қазон интиқол додани Козимбек мусоидат намояд. Бо назардошти фаъолияти илмии давраи донишгоҳии Козимбек донишманди номӣ И.Ю. Крачковский қайд кардааст, ки ӯ «бе сабаб ташкилкунандаи мактаби шарқшиносии Қазон номида нашудааст. Ӯ барои ин мактаб бо таҷрибаву дониши ҷамънамудааш хизмати арзанда кардааст. Дар заминаи дониши дар мактаби шарқшиносӣ ба даст овардаи ӯ, аллакай, нишонаҳои илми аврупоӣ намудор буд».

И.Ю. Крачковский матлабашро тақвият мебахшад: «хусусияти характерноки ин мактаб, ки баъдтар дар Петербург падидор гардид, он аст, ки талаботи ховаршиносии илмӣ комилан ё қисман қурбони эҳтиёҷоти давлатӣ мегардид».

Дониши фавқулода ва ҷаҳонбинии густардаи Козимбек боиси эътирофи донишмандони сатҳи ҷаҳонӣ, Бартольд, Крачковский, Лобачёвский, Л.Толстой ва… гардид ва ӯ чун донишманди беназири Россияву Аврупо эътироф карда шуд. Соли 1854 маҷаллаи ҷамъияти ховаршиносони немис дар саҳифаҳои ба Козимбек бахшидааш навишта аст, ки «Можно считать одним из трёх немногих восточных людей, которые смогли соединит науку и научный образ мыслей Запада с Востоком» (Рзаев А.К. Мухаммад Али Казем-Бек. М., 1989.С-104).

Қобилияти фавқулодаи забондонӣ (дар қатори забонҳои форсӣ, туркӣ ва арабӣ, ки аз бачагӣ ба ӯ шинос буданд ӯ забонҳои русӣ, англисӣ, немисӣ ва фаронсавиро низ аз худ намуда буд) ва пажӯҳишҳои илмии ҷавобгӯи талаботи илми замон оид ба таъриху фарҳанги халқҳои Форс, Осиёи Марказӣ, Қафқоз ва Қрим таълиф намудааш барои Козимбек дар доираҳои илмии Россия ва Аврупо маъруфият оварданд. Падидаи нодир аст, ки ба ӯ унвони фахрии аъзои Ҷамъияти шоҳаншоҳӣ – Осиёии Британиёи Кабирро сазовор донистаанд. Пас аз он, ӯ чун аъзои ҷамъияти Осиёии Фаронса ва Германия ва ҷамъияти атиқавии Копенгаген соли 1835 Аъзо-корреспонденти Академияи илмҳои Петербург интихоб гардид.

Баробари ба кори Донишгоҳи Қазон ворид гардидан Козимбек бо фаро гирифтани «соҳаҳои зарурии дониш» забони русиро дар сатҳи баланд аз худ намуда, ба тарҷума, нашр ва шарҳи мероси уламои Шарқ машғул мешавад. Аз ҷумла, соли 1829 ба таври ихтиёрӣ маҷмӯи ҳикояҳои ахлоқии Саъдии Шерозӣ «Гулистон»-ро аз забони асл ба русӣ баргардон намуд, ки ин нахустин тарҷумаи «Гулистон»-и Саъдӣ ба забон русӣ аст.

Ба тарҷумаи русии «Гулистон» машғул шудани Козимбек бесабаб набуд, замони ба кори Донишгоҳ ҷалб гардидани ӯ масъалаи омӯзиши Шарқ пешорӯи ҳукумати давр чун масъалаи умда қарор дошт.

Дар асарҳои оид ба таърихи шарқшиносии ватанӣ таълиф гардида аз ин тарҷимаи Козимбек ёдовар шудаанд.

Соли 1829 Козимбек дар маҷаллаи «Казанский вестник», «Муқаддима ба «Гулистон»-и Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ»-ро ба табъ расонид, вале тарҷимаи комили «Гулистон» дар шакли дастхат боқӣ монд. Сабаби нашр нагардидани ин тарҷима аз як мактуби ба забони англисӣ ба поягузори илми шарқшиносии ватанӣ Х.Д. Френ навиштаи Козимбек равшан мегардад. «…Я полностью отдался переводу «Голистана» Саади на русский язык. Этот перевод был начат (мной) три года назад, но мое плохое знание русского языка затонуло его. Теперь он завершен но ни в том виде, в каком я бы хотел видеть его. Поскольку я стремился сделать его как можно обнаружить много грубых, даже смехотворных выражений».

Баъди зикри ин пораи мактуб пӯшида наменомад, ки сабаби асосии нашр нагардидани тарҷимаи «Гулистон» дақиқкорӣ ва серталабии Козимбек будааст. Ба ақидаи ӯ бояд «представить невесту воображения Саади в лучшей и красочный русской одежде». Бар ҳар навъ ин амали хайрхоҳонаи шарқшиноси шинохта то охир дар шакли дастхат боқӣ намонд ва соли 1857 аз ҷониби шогирди ӯ Ю.Богушевич бо унвони «Голистан Саади» нашр гардид.

Дар мактубҳои Козимбек ба Е.П.Ковалевский ва М.П.Погодин низ оид ба ин тарҷума сухан меравад.

Забони форсии тоҷикӣ барои Козимбек забони асосии илмӣ ва забони коргузорӣ дар факултетҳои шарқшиносии Донишгоҳи Қазон ва Санкт Петурбург гардида буд. Соли 1831 ӯ андешаҳояшро оид ба адабиёти араб ба забони форсии тоҷикӣ нашр намуд. Дар сафи донишмандони соҳаҳои мухталифи Донишгоҳи Қазон пайдо гардидани Козимбек барин донишманди воқеан беназир ва аз таърихи дину оини халқҳои мусулмони Шарқ огоҳ барои Донишгоҳ ва зиёда аз он барои доираҳои зарурии ҳукумати подшоҳии Россия падидаи нек ба ҳисоб мерафт. 20 майи соли 1830 ректори Донишгоҳи Қазон Н.И. Лобачевский дар пешниҳоди худ ба васии округи таълимии Қазон Мусин-Пушкин навишта буд, ки «Лектор Мирзо Козимбек тавассути хуб донистани забонҳои шарқӣ ва ҷаҳду талошаш барои ичрои хидмат, дар муддати қариб 4-сол барои Университет шахси манфиатовар буд. Муваффақияти шогирдони ӯ ба ин гувоҳ аст. Баъди вафоти ходими

хурди илмии риштаи адабшиносии шарқӣ И.Халфин ҷаноби Козимбек аз ибтидои соли академикӣ тадриси забони тотириро ба уҳда гирифт ва бемузд иҷро кард».

Боз як далели дигари таърихӣ, ки ба зиндагиномаи «падари илми шарқшиносии ватанӣ» иртибот мегирад, донандаи беҳамтои забони форсии тоҷикӣ, адабу фарҳанг ва таърихи тоҷикон будани ӯро исбот мекунад. Ҳарчанд, ки Шӯрои Донишгоҳи Қазон аз 28 майи соли 1830 бо аксарияти овозҳо (11 овози тарафдор, 3 овози зид) ӯро ба муаллимии риштаи адаби шарқӣ интихоб намуд, Вазорати маорифи халқ қарори Шӯрои Донишгоҳро аз сабаби надоштани дараҷаи илмӣ тасдиқ накард. Ба Козимбек пешниҳод намуданд, ки «об ученом предмете на каком либо из восточных языков» рисолаи илмӣ нависад. Козимбек ба Шӯрои Донишгоҳ рисолаи худро бо забони форсии тоҷикӣ дар мавзӯи «Взгляд на историю языка и словесности арабском» пешниҳод намуд. Барои фаҳмо будан ба васии Округи таълимӣ унвони рисола ва пешгуфтори онро дар алоҳидагӣ бо забони русӣ навишт. Дар мактуби эзоҳӣ ба васии округи таълимӣ Козимбек навиштааст, ки рисолаи ӯ оид ба адабиёти араб ба рӯҳи шарқӣ навишта шудааст ва модоме, ки бо забони шарқӣ навишта шудааст «ӯ наметавонист қавонини адибони Шарқро, ки ба ҳукми қонун даромадааст, риоя накунад».

Ҳарчанд ки аз соли 1835 Донишгоҳи Қазон Козимбекро ба тадвини грамматика, хрестоматия ва луғати мухтасари забони туркӣ сафарбар менамояд, таҳқиқи адабиёти классикии тоҷику форс, зарурати омӯзиши забонҳои арабиву форсии тоҷикӣ, таҳқиқи аркони ислом ва таърихи он, муайян намудану нашр кардани асарҳои илмӣ фалсафӣ ва таърихии донишмандони форсу араб, тарҷумаи нодиртарин мероси хаттии форсизабон ва масъалаҳои ба ин монанд аз назари ӯ дур намондаанд.

Дар радифи корҳои тартибу таснифи васоиту хрестоматия ва луғатҳо, ки аз тарафи Донишгоҳ супорида мешуд, Козимбек асарҳои таърихии «Дарбанднома», «Конкордас Алькорона», «Курс мусулманского законоведения» (тибқи таълимоти ҳанафия), достонҳои «Муҳаммадия» ва «Слюбатюль Аджизика» ва ғайраҳоро бо нашр омода намуд.

Яке аз асарҳои таҳқиқотии замони дар Донишгоҳи Қазон будан анҷом додаи ӯ «Мюхтесерюль Вигкает или Сокращенный Вигкает» мебошад, ки бо муқаддимаи русӣ ва шарҳу эзоҳи арабӣ соли 1845 дар шаҳри Қазон ба табъ расидааст. Ин асар, ки оид ба таърихи пайдоиш ва риояву аҳаммияти қонунҳои мусулмонии мазҳаби ҳанафия маълумот медиҳад, дар ҳавзаҳои ховаршиносӣ баҳои баланд гирифт ва И.Н. Березин беҳуда нагуфтааст, ки: «Танҳо дар ҳолати оид ба ислом маълумоти амиқ ва васеъ доштан иҷро намудани чунин кори муҳим имконпазир аст».

Маълум, ки кӯшиши ба таври васеъ омӯхтани Шарқ ва ба ин васила амалӣ намудани мақсаду мароми сиёсӣ, иқтисодӣ ва илмӣ аз ҳавасмандии давлатӣ ва эҳтиёҷи ҷамъиятӣ маншаъ гирифтааст.

Дар тавлиди мактаби шарқшиносии Россия равияи шинохти давлатҳои Осиёӣ ва халқҳои онро, ки инқилоби илмӣ медонанд дар охири асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX ба амал омад. Дар нимаи дуюми асри XIX ва оғози асри XX бошад, дар ховаршиносии Россия таҳқиқи афкори филологӣ ва таърихӣ бештар вусъат ёфт.

Фаъолияти ховаршиносии Козимбек, ҳам ба ҳавасмандии давлатӣ мувофиқ афтод ва ҳам ба ҷоннок гардидани хусусияти филологӣ ва таърихии илми шарқшиносӣ. Ӯ фаъолияти шарқшиносии худро дар иртибот ба қувват гирифтани ҷанбаи филологӣ ва таърихии омӯхтани Шарқ соли 1860 дар маҷаллаи «Русское слова» чунин асоснок кардааст:

«Масъалаи Шарқ ва ҳавасмандии ба он иртибот доштаро мо барои хонандагони худ навгонӣ ҳисоб намекунем. Дар муддати тамоми фаъолияти профессорӣ ва адабиам ҳамаи шиносонам ва ҳатто ношиносоне, ки дар ҷамъият бо ман вомехӯранд ба таври доимӣ суол мекунанд: аз чӣ сабаб ба забони русӣ грамматикаи забони форсӣ нест? Аз чӣ сабаб ягон луғат вуҷуд надорад? Барои чӣ ҳеҷ кас тарҷумаи хуби Қуръонро нашр намекунад? Барои чӣ Шумо моро ба дини ислом, мазҳабҳои он, ба назми Шарқ – ба Ҳофизу Саъдӣ шинос намекунед? Барои чӣ ҳеҷ кас таърихи форсҳо, арабҳо, таърихи қабилаҳои тоторро наменависад ва ғ. Маълум мегардад, ки миёни мардуми мо ҳавасмандони омӯхтани таърихи Шарқ ҳастанд, ва ҳатто хеле зиёд. Агар ман сад нафари чунин одамонро донам, онҳо бояд ҳазорҳо бошанд. Миёни мо хоҳишмандони бо забонҳои шарқӣ, бо филологияи

он, дини он, назми он шинос шудану омӯхтани ҳаёти мардуми Шарқ, урфу одати он, табиати мардуми он, рушди илм ва маориф миёни онҳо ҳастанд» [3, с.57].

Баёни ин андешаи А.К. Казем-Бек заминаҳои ҷиддии таърихӣ дошт. Зеро шинохти Шарқ барои ҳокимияти подшоҳии Россия соярӯшаниҳои вижа дошт ва нигоҳи нобоварона ба таърихи Шарқ тадриҷан ба масъалаи умдаи сиёсӣ қарор гирифта, зарурати омӯхтани паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодиву мадании он пеш омад.

Соли 1803 «Регламент»-и академикии Россия, ки ба Академияи илмҳо манзур гардид шарқшиносиро ба ҷумлаи илмҳои омӯзишӣ ворид накард ва илова бар ин, имконияти даъвати донишмандони аврупоӣ-шарқшиносонро пешбинӣ намуд.

Бори аввал равияи шарқшиносӣ-адабиёти Шарқ ва таърихи дерини он соли 1836 дар Устави нави академӣ пайдо гардид. Ҳамзамон барномаи Конкурс барои донишмандоне, ки хоҳиши дар Академияи илмҳои Императорӣ ба мақоми ходими хурди илмӣ дар қисмати забонҳои мусулмонӣ фаъолият кардан доранд «номгӯи талаботҳоро барои довталабон» тасдиқ намуд. Мувофиқи ин талабот довталаб бояд: забонҳои арабӣ, форсӣ ва туркиро дар сатҳи лозим донад ва ба ҳамин андоза оид ба таърих ва адабиёти ин се халқи маъмули мусулмон дониш дошта бошад. Манфиатовар мебуд агар довталаб, бар иловаи он, оид ба забонҳои сомӣ ба вижа забони мардуми Сирия ва забони финҳо дар пажӯҳишҳои худ истифода барад. Ҳамчунин хоҳишманд бояд аз замони қадим, ба вижа аз нумузматикаи халқҳои мусулмон огоҳӣ дошта бошад. Инчунин аз забонҳои классикӣ ва нав, ки барои фаъолияти омӯзгорӣ ва пажӯҳишҳои илмиаш ба кор меоянд огоҳ буданаш ба мақсад мувофиқ аст. (Программа конкурса для ученных, желающих занять в императорской Академии наук место адъюнкта по части мусульманских языков и литератур/\ ЖМНП-1856.-Ч. 89. –Отд Уп.-С.66.)

Козимбек амалан ва тариқи таълифоташ омӯзиши Шарқро чун масъалаи муҳимми илмӣ ва таълимӣ роҳандозӣ намуда бо ин роҳ таваҷҷуҳи оламиёнро ба «Гаҳвораи тамаддуни башарӣ» ҷалб намуд. Ӯ дар як мактубаш ба нашри «Северной Пчелы» актуалӣ будани пажӯҳиши тоза оид ба Шарқро чунин таъкид намудааст: «В пользу этого говорит история, которая все наше тысячалетнее сознательное существование связывает непрерывно более или менее тесными узами с судбами Востока» [7, с.379].

Бо сабаби гуногунҷабҳа будани фаъолияти Козимбек маълумотҳои зиёди гоҳо хилофи ҳам низ ба миён омадаанд. Фаъолияти 45-солаи ташкилотчигӣ ва омӯзгорӣ ва пажӯҳишгароии ӯ ба ду давраи комил – давраи Донишгоҳи Қазон ва давраи Донишгоҳи Санкт-Петербург фаъолият доштани ӯ тақсим мешавад. Он чи зикр гардид ба давраи аввал мансуб буда, шаҳодат медиҳад, ки муҳити илмии Донишгоҳи Қазон ба камолоти маънавии Козимбек таъсир расонида, ӯро ба сифати ховаршиноси номӣ, донишманди сатҳи ҷаҳонӣ ва ба дараҷаи ходими варзидаи сиёсиву давлатӣ расонидааст. Зиёда аз 110 таълифоти анҷомдодаи ӯ нуфузи ду донишгоҳи пешбар ва илмии шарқшиносии Россияро дар ҷаҳон машҳур гардонид.

Пажӯҳиши фаъолияти густардаи ин донишманди ховаршинос метавонад ба самтҳои тозаи робитаҳои адабии халқҳои тоҷику тотор, тоҷику рус ва гуфтугӯйи тамаддунҳо равшанӣ андозад.

Муқарриз: *Қосимов Ҷ.* – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Бартольд, В.В. Персидская культура и её влияние на другие страны / В.В. Бартольд // Собр. Соч. Т. 6. – М., 1966.
2. Боратынская, О.А. А.К. Козим-Бек, к его биографии / О.А. Боратынская // Русский архив, 1983. Кн.3. – №10. – С. 222.
3. Валеев, Р.М. Мирза Казем-Бек и востоковедение в России в Х1Х веке / Р.М. Валеев // Сборник Мирза Казем-бек и естественное востоковедение. Доклады и сообщения научной конференции. – Казань: Издательсво Казанского университета, 2001. – С.57.
4. Валеев, Р.М. Александр Касимович Казим-Бек / Р.М. Валеев, М.Н. Темирбеков. – Казань: Изд-во Казанск. ун-та, 2005. – С.8.
5. Давронов, А. Пайванди замонҳо ва қисмати адабиёт / А. Давронов. – Душанбе: Маориф, 1984. – 80 с.
6. Зайниддинов, М. Адабиёти ҷаҳон барои синфҳои Х-ХІ / М. Зайниддинов, А. Худойдодов. – Душанбе, 2001.

7. Казем-Бек, М. Необходимые обяснение. К издателю «Северной Пчелы» // Избранное произведения. – Баку, 1985. – С.379.
8. Табаров, С. Роҷеъ ба умумияти адабиётҳои миллӣ / С.Табаров. – Душанбе, 2004. – 16 с.
9. Самад, В. Пайвандҳои адабӣ / В.Самад. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 23 с.
10. Шукуров, М. Пайванди замонҳо ва халқҳо: Маҷмӯаи мақолаҳо / М.Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 221 с.

САРОМАДИ МАКТАБИ ШАРҚШИНОСИИ ҚАЗОН ВА ТАШАККУЛИ РОБИТАҲОИ АДАБӢ

Равнақи риштаи шарқшиносӣ дар қаламрави Россия бо ном ва фаъолияти пажӯҳишгарии як даста донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ иртибот мегирад, ки дар ин байн симо ва маҳсули илмии тарбиятдидаи мактаби шарқшиносии Қазон Мирзо Муҳаммад Козимбек ба таври равшан падидор мегардад. М.М. Козимбек дар шумули масъалаҳои илмӣ теъдоди шогирдонеро тарбия намуд, ки тадриҷан дар илми ховаршиносӣ шуҳрат пайдо карданд. М.М. Козимбек шурӯъ аз соли 1819, дар сини 17 солагиаш аввалин пажӯҳиши илмии хеш «Омӯзиши граматикаи забони арабӣ» – ро ба забони арабӣ таълиф намуд. Баъди як сол (1820) луғзу муаммо ва нақлу ривоятҳоро ба забонҳои арабӣ ва форсии тоҷикӣ ҷамъоварӣ намуда, дар қолаби маҷмӯаи мукаммал омадаи чоп кард. Кӯшиш ва дониши забоншиносии Козимбек таваҷҷуҳи чеҳраҳои номдори илми ховаршиносиро ба худ ҷалб намуд ва ӯ аз соли 1826 бо шарофати донандаи забонҳои форси тоҷикӣ, арабӣ ва туркӣ буданаш нахуст ба сифати лектор ва баъд чун профессори Донишгоҳи Қазон ба фаъолият оғоз кард. Дар Донишгоҳи Қазон Козимбек ҳамзамон бо кори таълим, ба тарҷума, нашр ва шарҳи осори адибону донишмандони Шарқ иштиёқ пайдо мекунад. Аз ҷумла, соли 1829 маҷмӯи ҳикояҳои Саъдии Шерозӣ «Гулистон» – ро аз асл ба забони русӣ баргардон намуд, ки онро нахустин тарҷумаи «Гулистон» ба забони русӣ донистаанд. Ҳамин сол ӯ дар маҷаллаи «Казанский вестник» «Муқаддима ба «Гулистон» –и Саъдӣ»- ро ба табъ расонид, аммо тарҷумаи «Гулистон» дар шакли дастхат боқӣ монд, ки сабабҳои айнӣ дорад. Тадриҷан забони форсии тоҷикӣ барои Козимбек забони асосии илмӣ гардид, ки соли 1831 андешаҳояшро оид ба адабиёти араб ба забони форсии тоҷикӣ навиштани ӯ ба ин гувоҳӣ медиҳад. Маҷмӯан, хизматҳои яке аз саромадони мактаби шарқшиносӣ Мирзо Муҳаммади Козимбек ниёз ба пажӯҳиши густарда дорад.

Калидвожаҳо: Қазон, донишгоҳ, шарқшиносӣ, адабиёт, забони форсии тоҷикӣ, адъюнкт, профессор, декан, Козимбек, тарҷума, робитаҳо, таърих, забоншиносӣ, тамаддуни шарқ, арабшинос, туркология, тотор, муғул, миссионерон, дин, оини мусулмонӣ.

ОСНОВОПОЛОЖНИК ШКОЛЫ ВОСТОКОВЕДЕНИЯ КАЗАНИ И ФОРМИРОВАНИЕ ЛИТЕРАТУРНЫХ СВЯЗЕЙ

Процветание востоковедения в России связано с исследовательской деятельностью группы зарубежных и отечественных учёных, среди которых выделяется личность воспитанника Казанской школы востоковедения, Мирзо Мухаммада Козимбека, известного своими ценными научными трудами. Помимо занятия научными проблемами данной области, М.М. Казимбек был наставником своих студентов-последователей, которые в дальнейшем стали известными ориенталистами. Научная деятельность М.М. Казимбека началась ещё в 1819 году, когда ему было всего 17 лет. Он написал книгу "Изучение грамматики арабского языка" на арабском. Через год (1820) он собрал большое количество загадок, задач, рассказов и преданий на арабском и персидско-таджикском языках и в рамках большой хрестоматии подготовил к изданию. Знания Казимбека в области языкознании привлекли внимание известных востоковедов того времени и благодаря свободному владению персидско-таджикским, арабским и турецким языкам, он с 1826 года начал работать лектором, а затем профессором Казанского университета. Обучая студентов в Казанском университете, Казимбек проявляет интерес к переводу и изданию произведений восточных мастеров слова. В том числе, в 1829 г. он перевел сборник рассказов Саади Ширази - "Гулистан" с персидского на русский язык, который считается первым русским переводом"Гулистана". В этом же году он опубликовал "Вступление в "Гулистан" Саади" в журнале "Казанский вестник", но полный перевод "Гулистана" так и остался в виде рукописи, чему есть объективные причины. Со временем, персидско-таджикский язык стал основным научным языком Казимбека, что подтверждает его труд об арабской литературе, который был написан в 1831 г. Стоит подчеркнуть, что заслуги одного из основоположников школы востоковедения Казани - Мирзо Мухаммада Казимбека должны быть рассмотрены и глубоко изучены.

Ключевые слова: Казань, университет, востоковедение, литература, персидско-таджикский язык, профессор, декан, Казимбек, перевод, связи, история, лингвистика, восточная культура, арабовед, тюркология, татарин, монгол, миссионеры, религия, мусульманское вероисповедание.

THE FOUNDER OF THE SCHOOL OF ORIENTAL STUDIES OF KAZAN AND THE FORMATION OF LITERARY RELATIONS

The prosperity of Oriental studies in Russia is associated with the research activities of a group of foreign and domestic scientists, among which the personality of the pupil of the Kazan School of Oriental Studies, Mirzo Muhammad Kazimbek, known for his valuable scientific works, stands out. In addition to studying scientific problems in this field, M.M. Kazimbek was a mentor to his follower students, who later became famous orientalists. Scientific activity of M.M. Kazimbek began in 1819, when he was only 17 years old. He wrote the book "Learning Grammar of the Arabic Language" in Arabic. A year later (1820), he collected a large number of puzzles, tasks, stories and legends in Arabic and Persian-Tajik languages and, as part of a large anthology, he prepared them for publication. Kazimbek's knowledge of linguistics attracted the attention of well-known orientalists of that time and thanks to his fluency in Persian-Tajik, Arabic and

Turkish, he began working as a lecturer in 1826 and then professor at Kazan University. Teaching students at Kazan University, Kazimbek was interested in translating and publishing works of oriental masters of the word. In particular, in 1829 he translated the collection of stories by Saadi Shirazi - “Gulistan” from Persian into Russian, which is considered the first Russian translation of “Gulistan”. In the same year, he published "Entry into the Gulistan" of Saadi"in the magazine"Kazan Gazette", but the full translation of"Gulistan"remained in the form of a manuscript, for which there are objective reasons. Over time, the Persian-Tajik language became the main scientific language of Kazimbek, which is confirmed by his work on Arabic literature, which was written in 1831. It is worth emphasizing that the merits of one of the founders of the school of oriental studies in Kazan - Mirzo Muhammad Kazimbek should be examined and deeply studied.

Key words: Kazan, university, oriental studies, literature, Persian-Tajik language, professor, dean, Kazimbek, translation, communication, history, linguistics, oriental culture, Arab studies, Turkology, Tatar, Mongol, missionaries, religion, Muslim religion.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Зайниддинзода Муртазо*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторе: ***Зайниддинзода Муртазо*** - Таджикский национальный университет,кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17

Information about the author: ***Zainiddinzoda Murtazo*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Theory and Contemporary Persian-Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК:891.550

НИГОҲЕ БА ЗИНДАГИНОМА ВА ОСОРИ МИРЗО АБДУРРАҲИМИ ХОНИХОНОН

Пӯлотов Н.Н
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Таърихи инсоният дар радифи бузургмардони илму адаб ном ва аъмоли аркони баландмақом ва сипаҳсолорони бонуфузро ҳифз кардааст, ки бо ҳузури мубораку арҷманди хеш дар таҳкими оини давлатдорӣ, ривоҷи суннатҳои кишвардорӣ хидмати шоиста ба ҷо оварда, ҷиҳати ба сатҳи баланд бардоштани мақоми давлатдории ин ё он салтанат нақши муассир гузошта, тавассути неруи хирад ба офаридани осори ҷовидона ва дастовардҳои бузурги илмиву адабӣ, таърихӣ мушарраф гардида, саҳифаи таърихномаи тамаддуни башарро муҷаллад сохтаанд, то ёдгоре барои ояндагон боқӣ монда ва пасояндагон аз номаи афкор ва амали онҳо баҳравар гарданд.

Дар миёни ин аркони баландмақом ва соҳибнуфузи бофазл, ки дар тарбияту парвариши шоирону фозилон ва рушду тараққии шеъру адаби форсӣ саҳми бузургеро дар нимаи дуюми асри XVI ва авоили асри XVII Ҳиндустон гузоштааст, сиёсатмадори беҳамто, адабиётшиноси боистеъдод, шоир, олим, мутарҷим ва ҳомии саховатманд **Абдурраҳими Хонихонон**, ки бо тахаллуси **«Раҳим»** шеър эҷод мекард, мақоми барҷаста дорад. Ӯ фарзанди Байрамхони Баҳорлуи Бадахшӣ буда, яке аз бузургтарин умарои дарбори Акбаршоҳ (1555-1605) ва Ҷаҳонгир (1605-1627) маҳсуб ёфта, пуштибони адабу фарҳанги даврони худ ба шумор мерафт.

Сархуш дар тазокири хеш оид ба Хонихонон овардааст: «Халафи Байрамхон, аз умарои умда ва хавонини изоми Акбаршоҳӣ ва Ҷаҳонгиршоҳӣ буд. Дар шуҷоат ва мулкгирӣ ягона...» [13, с.42].

Маъхази аввалин ва асосие, ки доир ба масъалаи ҷараёни зиндагӣ ва дар ҳалли баъзе тарафҳои норавшани ҳаёти Абдурраҳими Хонихонон ва хонадони ӯ мадад мерасонад, ин асари арзишманди Абдулбоқии Наҳовандӣ «Маосири Раҳимӣ» ба шумор меравад. Боарзиштарин қисмати ин китоб бахше аст, ки муаллиф дар он ҷангҳо ва муборизоти Байрамхону Хонихонон ва фарзандонашро шарҳ додааст.

Ҳумоюнподшоҳ ба духтари калонии Хонзода Ҷамолхон хонадор шуда, Байрамхонро хоҳиш менамояд, ки бо духтари хурдии Ҷамолхон издивоҷ намояд. Байрамхон дар соли

1554 бо ин зан оила барпо менамояд, вале духтари хурдии Хонзода Ҷамолхон баъди таваллуди фарзанд аз олам чашм мепӯшад.

Мирзо Абдурраҳими Хонихонон чаҳордаҳуми моҳи сафари соли 964 ҳ.қ. // 17 декабри соли 1556-57 милодӣ дар Лоҳур таваллуд ёфта, дар чаҳорсолагӣ падарашро, ки аз ашхоси бонуфузи дарбори Акбар (1556-1605), яъне вакилуссалтанаи ӯ буд, ба сабаби низоъе, ки бо подшоҳ роҳандозӣ карда буданд, аз даст медиҳад. Ҳокими Патан, Абдурраҳими чаҳорсолаи Байрамхон ва зани ӯ-духтари Ҷамолхон, амзодаи Ҳасани Майвотиро ба Аҳмадободи Гуҷарот мефиристад. Ҳокими Аҳмадобод Эътимодхон, Абдурраҳими хурдсолро ба Деҳлӣ, назди Акбаршоҳ меоварад.

Ҷалолиддин Муҳаммад Акбарподшоҳ ӯро ба тарбияту ҳимояти худ гирифта, то синни камолот тамоми донишу ҳунарҳои роиҷро меомӯзонад. Баъди ин воқеа тарбияи минбаъдаи Раҳими хурдсол ба зиммаи модарандари ӯ, ҳамсари дуюми Акбаршоҳ–Салима Султон- бегим вогузор карда мешавад. Модарандари Раҳим пеш аз издивоҷ кардан бо Акбаршоҳ ҳамсари дуюми Байрамхон буда, духтари Нуриддин Муҳаммад Мирзо ва Гулрангбегим ба шумор мерафт.

Гулранг духтари Бобуршоҳ ва Дилдорбегим буд. Салима Султонбегим 23.03.1539 таваллуд шуда, соли 1613 аз олам чашм пӯшидааст. Бо Байрамхон дар соли 1557 издивоҷ намудааст. Бояд тазаккур дод, ки дар ташаккули илмӣ ва адабии Мирзо Абдурраҳим хидмати ин зани бофазл ва маърифатдӯст хеле бузург аст.

Баробари ба камол расидани Абдурраҳим, Акбаршоҳ ӯро дар силки мулозимони наздики худ қарор дода, ба хитоби «Мирзохонӣ» ва дар соли 991 ҳ.қ.// 1583 милодӣ ба «Атоликӣ»-и (устодии) вориси ояндаи империяи Темуриёни Ҳинд - шоҳзода Салим, ки минбаъд дар тоҷгузорӣ номи Абулфатҳ Нуриддин Муҳаммади Ҷаҳонгирро мегирад, баргузида мешавад.

Абдурраҳим соли 1584 баъди пирӯзӣ бар ҳокими Гуҷарот Музаффаршоҳ, шикасти шӯриши шаҳри Гуҷарот ва ба тобеъияти салтанати Темуриёни Ҳинд пайваст намудани ин манотиқ, барои хидмати содиқонааш аз тарафи Акбаршоҳ бо хитоби «Хонихонон» ва мансаби панҷҳазорӣ сарфароз гардонида мешавад [3, с.265; 10, с.417].

Вазири донишманди Акбаршоҳ, Абулфазли Алломӣ дар қисмати рехта шудани обрӯи Султон Музаффари Гуҷаротӣ бори дуюм дар асари худ «Акбарнома» қайд менамояд, ки «... *ва Мирзохон ба воло хитоби «Хонихонон»" ва бузургмансаби панҷҳазорӣ сарфарозӣ ёфт»* [3, с.430].

Шиблии Нуъмонӣ дар «Шеър-ул-Аҷам» қайд намудааст, ки «Кӯчактарин корномаи шуҷоаташ ин ки дар фатҳи Гуҷарот бо даҳ ҳазор сипоҳ чиҳил ҳазор қӯшуни душманро шикаст дод» [11, с.70].

Минбаъд Хонихонон дар танзими умури Гуҷарот ва сарсабзу обод намудани манотиқи мазкур ба Акбаршоҳ хидмати бисёр карда, дар минтақаи Сикрии Гуҷарот бо саъю эҳтимоми хеш шаҳри бузурге бо номи Фатҳпур Сикарӣ бунёд менамояд, ки дар он вақт беҳамто буд.

Барои хидматҳои бузург ва содиқонааш Акбар мақому мартабаи Абдурраҳимро боз ҳам болотар карда, дар соли 1585 ӯро ҳокими Гуҷарот таъйин менамояд.

Дар соли 999 ҳ.қ.// 1591 милодӣ бошад, вилояти Синдро аз сулолаи Арғуниён гирифта, ба давлати Темуриён мулҳақ месозад. Баъд аз ин маъмур ва сипаҳсолори артиши Акбар барои фатҳи Дакан ва давлатҳои мустақилу ниммустақили ҷануби Синд таъйин мегардад. Дар ҳамин ҳангом буд, ки дар шаҳри Бурҳонпури Хондес ба сӯбадории кули давлатҳои Дакан таъйин мегардад ва дарбори худро бо ҳунармандону шоирону аҳди истеъдоди дохиливу эрониву моваруннаҳрӣ музайяну муҷаллал месозад.

Ҳар шоири тозавориди эрониву варорудӣ, ки аз пеши подшоҳони Темурии Ҳинд мегузаштанд, мавриди эҳтирому эъҷоз ва бо силлаҳои гарон ва мансабҳои олӣ шарафёб мешуданд. Шоирони эрониву бумии Ҳиндустон дар маҳофили адабӣ бо ҳам мусобиқаву мушоира менамуданд, ки ин, хоҳу нохоҳ, ба пешрафти адабиёту шеър таъсири бонуфуз мерасонд. Ин гуна ривоҷи адабиёт ба он оварда расонид, ки ҳокимони алоҳида низ дар даргоҳи худ ҳунармандону шоирон, фузало, уламои боистеъдодро сарҷамъ намуда, ба тарбияту эъзози онон мепардохтанд, ки дар миёни онҳо Абдурраҳими Хонихонон низ қарор дошт. Фазилати олимпарварӣ ва шоирнавозии ӯ дар саросари салтанати Темуриёни

Ҳинд нуфуз кард, дар натиҷа ҳокимони сӯбаҳои хурду бузург ва шаҳрдорон низ дар пайравӣ ба вай ин равияро ривоҷу равнақ доданд.

Дар ниҳоят, соли 1591/92 Акбаршоҳ духтари Абдурраҳимро ба никоҳи фарзанди худ – Дониёл дароварда, ӯро бо худ боз ҳам қаринтар мегардонад (3, с.432).

Дар бораи адабдӯстӣ ва шоирнавозиву инъому саховати ӯ нақлу ривоятҳо дар осори таърихиву адабӣ зиёд омадаанд.

Ин саховатмандии Хонихонон яке аз омилҳои бузурги тарбияту тараққии шуаро ва рушду нумуи шеъру сухан ба забони форсӣ будааст. Бо таъсири ин хислаташ вай шоирону ҳунармандони соҳибистеъдоди зиёдеро ба дарбори Гуҷарот ҷалб намудааст. Ӯ сарпарасти на танҳо шуарои муосири худ, балки шоирони ҳинд, муаррихон, санъаткорон, меъморон, рассомон низ будааст.

Раҳим истеъдоди баланди шеърфаҳмӣ доштааст, ки аксари ҳунармандони дарбораш ба он ишора кардаанд. Суханони муаллифони тазокиру осори таърихӣ дар мавриди далерӣ, шуҷоат, саховат ва инсофу одамият ва истеъдоди офарандагии ӯ хеле зиёданд. Муаллифи «Маосир-ул-умаро» Мир Абдурраззоқи Хофӣ дар бораи ӯ қайд карда, навиштааст, ки «… дар қобилият ва истеъдод яктои рӯзгор буд ва ӯ арабӣ ва форсӣ ва туркӣ ва ҳиндии равон дошт. Шеър хуб мефаҳмид ва мегуфт. **«Раҳим»** тахаллус мекард. Ва гӯянд, ки ба аксар забонҳо ҳарф мезад. Ва сахову ҳиммати – ӯ зарбулмасали Ҳинд аст, балки бархе ҳикоёт мустабъид шуморанд. Гӯянд рӯзе бар баротҳо дастхат мекард. Бар бароти пиёдае ба ҷойи ҳазор танга ҳазор рупия дастхат кард ва ҳамон ба ҷой дошт. Муқаррар шуароро дар силла ба зари сурх санҷид. Рӯзе Мулло Назирӣ (яъне, Назирии Нишопурӣ - Н.П.) гуфт, ки як лак рупия (сад ҳазор рупия), чӣ қадар мешавад, надидаам! Фармуд аз хизона биёранд. Ва чун ҷамъ карданд, Мулло гуфт: Шукран лиллоҳ, ки ба сабаби наввоб ман ин қадар зар дидам! Фармуд, ки ба Мулло диҳанд, ки ҳоло шукри Илоҳӣ мекунад. Ҳамвора маблағҳои хатир ба дарвешон ва уламо… мефиристод» [5, с.730].

Шуарои он давр Аминӣ, Ҳасанбеги Муқимии Шакар Ӯғлӣ, Муқимии Табрезӣ, Маҷлиси Исфаҳонӣ, Маҳвии Ҳамадонӣ ва дигарон баландҳиммативу саховатмандии Хонихононро шунида, назди вай меоянд ва ба зумраи мулозимонаш дохил гаштаанд. Шоирпарвариву адабдӯстии Хонихононро шоирони муосири вай чандин маротиба ёдовар шудаанд. Аз ҷумла, маликушшуарои дарбори Акбаршоҳ, Файзии Файёзӣ (1547-1595) дар таърифи вай гуфтааст:

Хонихонони аҳд, ки инъомаш,
Табъро рухсати шукуфтан дод.
Дошт чун эътимод бар шуаро,
Сила пеш аз мадеҳ гуфтан дод [13, с.248].

Дар мадҳу ситоиши ин хони саховатманди бедареғ шоирон, ҳатто, аз эътидол берун мерафтанд. Масалан, Мулло Тақиюддини Ғаюрӣ дар мадҳи вай гуфтааст:

Хонихонон, сари малоикро тоҷ,
Овозааш аз насиму гул гирад боҷ.
Ҳар гаҳ ки ба тахти маъдалат биншинад,
Мӯсӣ астӣ ба Тӯр, Мустафо дар меъроҷ [13, с.249].

Хонихонон, ҳатто, шоирону фозилони берун аз ҳудуди Ҳиндустон, хосса шоирони Эрону Осиёи Миёнаро низ мавриди иноятҳову саховатмандии худ қарор додааст. Абулфазли Алломӣ дар «Ойини Акбарӣ» қайд кардааст, ки Муҳташами Кошонӣ боре қасидаи мадҳиявие аз Кошон ба Ҳинд мефиристад ва Абдурраҳими Хонихонон силаи гароне дар ивази мадҳияи вай ба Кошон равона кардааст [4, с.182].

Шоири дарбори сафавиёни Эрон, Кавсарӣ қайд намудааст, ки «чунин донандае дар Эрон, амсоли Абдурраҳими Хонихонон нест» [1, с.123].

Хонихонон як китобхонаи бузурге таъсис дода буд, ки он дорои нодиртарин ва нафистарин девонҳо будааст. Як хусусияти китобхонаи ӯ иборат аз ин буд, ки дар он девонҳои шоирони дарбори худаш бо дасти шахсии муаллифонаш ироа шуда будаанд. Кормандони китобхонаи ӯ, аксаран, худи шоирони доираи дарбори вай маҳсуб меёфтанд. Дар муҳити ҳамин китобхона, Хонихонон доираи адабии хубе ташкил карда, шоирони дарборашро сарҷамъ намуда, дар ҳузури эшон маҳфилҳои шоирона ташкил мекардааст.

Маҳфили бузурги адабие, ки ӯ эҷод намуда буд, бо он ҳама нуру латофат ва мазийяту шигарфиҳои маҷлиси адабиву илмӣ тавассути навиштаҳои тазкиранависону солноманигорон то ба мо омада расидааст. Шиблии Нуъмонӣ дар «Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон» қайд кардааст, ки «Хонихонон гули сари сабади умарои акбарӣ ва соҳиби сайфу қалам ҳар ду будааст. Дорои табъи мавзун ва қадрдони арбоби сухан будааст» [11, с.70].

Лутфалибеги Озар Абдурраҳими Хонихононро «соҳиби хиёлоти матин» гуфта, дар тазкирааш ин абёти ӯро барои намуна овардааст:

Ба ҷурми ишқи туам мекушанду ғавғост,
Ту низ бар лаби бом о, ки хуш тамошост [12, с.253].

Ё ки;

Сармояи айши ҷовидонӣ ғами ту,
Беҳтар зи ҳазор шодмонӣ ғами ту.
Гуфтӣ, ки чунин волаву шайдо-т кӣ кард,
Донӣ, ғами ту ва гар надонӣ, ғами ту [12, с.253].

Муҳаммад Афзали Сархуш низ дар тазкираи хеш аз Хонихонон ёд карда, ин абётро ба ҳайси далел овардааст:

Дар қиссаи ишқ мард ногӯё беҳ,
Андешаи ишқу хуни дил якҷо беҳ.
То қадри висоли дӯст зоҳир гардад,
Ҳамчу шаби қадр васл нопайдо беҳ [13, с.253].

Ё, ҷойи дигар овардааст;

Наям фузул, ки ҷӯям висоли ҳамчу туе,
Бас аст ҳамчу манеро хиёли ҳамчу туе [13, с.253].

Ҳамзамон, Шиблии Нуъмонӣ дар бораи Абдурраҳими Хонихонон зикр карда, гуфтааст, ки «Хонихонон то он дараҷа сухансанҷ буд, ки агар ба шуғли шоирӣ мепардохт, ҳаройина бо Урфӣ ва Назирӣ дар як радиф қарор мегирифт» [11, с.254]).

Аз рӯйи иттилои сарчашмаҳои адабию таърихӣ Хонихонон бо шоирони ҳунарманди дарбораш дар сурудани ашъор, ба вижа ғазал, мунозираҳо мекардааст. Шиблӣ ғазалеро аз Хонихонон ва Назирии Нишопурӣ дар тарҳи **«чанд аст»**, **«банд аст»**, **«фарзанд аст»** муқобили ҳам оварда, Хонихононро дар «соф ё вузӯҳу равшанӣ ва шикастагию диловезӣ ва сӯзу гудози калом» болотар аз Назирӣ эътироф намудааст, ки ин аз истеъдоди баланди хони мазкур далолат мекунад. Матлаи ғазали Назирӣ ин аст:

Ба ҳарфи аҳли ғараз қурбу баъди мо банд аст,
Дили шикастаи моро ҳазор пайванд аст [11, с.254].

Ғазали Абдурраҳими Хонихонон ин аст:

Шумори шавқ надонистам, ки то чанд аст,
Ҷуз ин қадар ки дилам сахт орзуманд аст.
Ба кеши сидқу сафо ҳарфи аҳд бекор аст,
Нигоҳи аҳли муҳаббат тамом савганд аст.
На дом донаму на дона, ин қадар донам,
Ки пой то ба сараш ҳар чи ҳаст, дар банд аст.
Маро фурӯхт муҳаббат, вале надонистам,
Ки муштарӣ чи кас асту баҳои манн чанд аст.
Адои ҳаққи муҳаббат иноятест зи дӯст,
Вагарна, хотири ошиқ ба ҳеҷ хурсанд аст.
Аз он хушам ба суханҳои дилкаши ту, Раҳим,
Ки андаке ба адоҳои ишқ монанд аст [10, с.417-418].

Ҷалолиддин Муҳаммад Акбаршоҳ ба осори бостонии ҳиндӣ дилбастагии зиёд дошт ва бо дастури ӯ ҳама китобҳои динию адабии Ҳиндустон ба форсӣ тарҷума карда мешаванд. Дар Агра бо амру эҳтимоми Акбар барои тарҷума ва тадвини осори динию фалсафӣ ва адабию фарҳангии мардуми ҳинд як муассисае бо номи «Доруттарҷима» таъсис дода мешавад, ки дар он донандагони забонҳои санскрит, ҳиндӣ, арабӣ, форсӣ ҷалб карда мешаванд, ки дар миёни эшон Абдурраҳими Хонихонон низ қарор дошт.

Мақсад аз таъсиси ин муассиса, пеш аз ҳама, огоҳӣ пайдо кардани мусалмонон, бахусус, олимону фозилон ва қишрҳои донишмандони ҷомеа аз назариёту адёну мазҳабҳо ва чигунагии ақоиди ғайриисломӣ маҳсуб меёфт.

Акбаршоҳ худ ба фарҳангу адаби бостонии ин хиттаи сарсабз дилбастагии хос дошт. Вай мақсад дошт, ки тамоми қаламрави ҷуғрофии Ҳиндустони онрӯзаро, ки аз вилоятҳои мустақил ва ниммустақил иборат буд, дар як давлат муттаҳид созад. Дар айёми салтанати вай тавассути амру дархостҳои ӯ асарҳои зиёди динию фалсафӣ ва таърихиву фарҳангӣ аз забонҳои гуногун ба забони форсӣ тарҷума ва тадвин мегарданд.

Дар «Доруттарҷима» Акбаршоҳ бузургтарин донандагони забонҳои санскритӣ, ҳиндӣ, арабӣ, форсӣ ва ҳатто, забонҳои фарангиро ба тарҷумаи асарҳо ҷалб карда, онҳоро дар ин кор маъмур месохт ва ба онҳо маоши муайян ва хубе муқаррар карда буд. Абулфазли Алломӣ, Абдулқодири Бадоунӣ, Нақибхони Қазвинӣ, Мулло Аҳмади Татавӣ, Осафхони Қазвинӣ, Мир Фатуллоҳи Шерозӣ, Мулло Шерӣ, Шайх Саъдуллоҳ Масеҳи Хайронавии Понипатӣ, Гир Дардос Конс, Чандарман ибни Сарӣ Ром ва ғайра, ки аз забонҳои санскритию ҳиндӣ баҳраманд буданд, ҳайати тарҷумаи осор ба забони форсӣ маҳсуб мешуданд.

Тарҷумаи форсии «Бобурнома»-и Заҳируддин Муҳаммади Бобур (1483-1530) низ дар ҳамин давра ба қалами Мирзо Абдурраҳими Хонихонон муталлиқ буда, он яке аз пуразришторин сарчашмаи таърихӣ барои қарни XVI ба шумор меравад. Донишмандони Шарқу Ғарб «Воқеоти Бобурӣ»-ро яке аз шоҳкориҳои адабиву таърихии ҷаҳон мешуморанд, ки дар он на танҳо воқеаҳои таърихӣ, сиёсӣ, маданӣ ва адабии Осиёи Миёна, Афғонистон ва Ҳиндустони замони Бобур, балки саргузашти худи муаллиф муфассал дарҷ гардидааст.

Ин тарҷума рӯйдодҳои зиндагии Бобурро, аз нахустнишинии вай бар маснади Фарғона то ду сол пеш аз марги ӯро дарбар мегирад.

Мувофиқи нишондоди манбаъҳои адабӣ Хонихонон ғайр аз тарҷумаи «Воқеоти Бобурӣ» дар насри форсӣ, ҳиндӣ ва туркӣ истеъдоди фавқулода дошта, бо забони ҳиндӣ осори назмӣ бо номҳои «Раҳим Дохавалӣ» («Дубайтиҳои Раҳимӣ»), «Маданаштак» («Ҳаштбайтии ишқ»), «Рас панҷадхяй» («Панҷ суруди муғании Кришна») эҷод кардааст, ки онҳо аз пояи баланди истеъдоди ӯ шаҳодат медиҳанд.

Боиси тазаккур аст, Ғазанфар Алиев низ дар «Адабиёти форсизабони Ҳинд» фасли ҷудогонае ба аҳволу эҷодиёти Абдурраҳими Хонихонон ихтисос дода, аз истеъдоду осори ӯ, ба забони форсӣ кам ашъор доштани вай ва зимни эҷоди ғазал ба ашъори Саъдӣ пайравӣ намудани Хонихонон хабар дода, ғазалеро барои намуна овардааст [1, с.121-123].

Дар осори Муҳаммад Қудратуллоҳ ва Насрободӣ низ пиромуни Абдурраҳими Хонихонон дар хусуси соҳиби девони туркӣ ва форсӣ будани ӯ маълумот оварда шудааст. Муҳаммад Қудратуллоҳ қайд менамояд, ки вай «мизоҷи нуктасанҷ ва дақиқрас» дошта, «каломаш беназир ва ашъораш дилпазир» аст [5, с.324].

Насрободӣ Мирзо Муҳаммади Тоҳир низ дар тазокири хеш дар бобати дар назму наср соҳибистеъдод будани Хонихонон маълумот дода, дар сурудани шеър, махсусан, дорои «каломи марғуб» ва «сухани маҳбуб» будани вайро қайд намудааст [9, с.55].

Ин тазкиранигорон баъди маълумоти худ роҷеъ ба Абдурраҳими Хонихонон чанд абёти ӯро ба ҳайси далел овардаанд. Масалан:

Ба ҷурми ишқи туам мекушанду ғавғоест,
Ту низ бар лаби бом о, ки хуш тамошоест.

Ғамат мабод, чӣ мепурсӣ аз ҳикояти ман,
Дили ту тоқати ин гуфтугӯ куҷо дорад?!

Баҳои хуни ману хунбаҳои сад чу ман аст,
Ки ман ба хун тапаму қотилам назора кунад.

Эй дӯст, на душманӣ, дилозорӣ чист?
Хӯйи ту на даҳр аст, ситамкорӣ чист?
Чашми ту на бахти мост, дар хоб чарост?

Бахти ту на чашми мост, бедор чист? [9, с.55-56].

Дар байни мероси эҷодии Абдурраҳими Хонихонон махсусан, рубоиҳои ӯ машҳур буданд. Ғ. Алиев дар китоби «Адабиёти форсизабони Ҳинд» навиштааст, ки «дар рубоиҳои Абдурраҳим, ки дар эҷодиёти ӯ ба форсӣ мавқеи назаррас дорад, таъсири Умари Хайём ба назар мерасад. Абдурраҳим дар асл устоди анвои хурди адабӣ буд, ки онро тавассути мероси эҷодии ӯ дар форсӣ, ҳиндӣ ва туркӣ нишон медиҳад» [1, с.122].

Мавсуф боз қайд менамояд, ки Абдурраҳими Хонихонон ашхоси бисёр нуктасанҷу ҳозирҷавоб буда, дақоиқи шеъриро хуб дарк мекардааст. Мувофиқи нишондоди маъхазҳо ӯ ба 5 забон: форсӣ, ҳиндӣ, санскрит, арабӣ ва туркӣ-чағатоӣ истеъдоди шоирӣ дошта, ҳатто, дар ҳар яке шеъри ноб мегуфтааст [1, с.121].

Вориси хонадони Темуриёни Ҳинд, Абулфатҳ Нуриддин Муҳаммад Ҷаҳонгир (с.т.1569-с.в.1627) дар кутуби арзишманди худ «Тузуки Ҷаҳонгирӣ» дар бобати истеъдоди Хонихонон иттилои судманд оварда, чунин қайд намудааст, ки «Хонихонон дар қобилият ва истеъдод яктои рӯзгор буда ва забони арабӣ ва туркӣ ва форсию ҳиндӣ медонист ва аз ақсоми дониши ақлӣ ва нақлӣ, ҳатто улуми ҳиндӣ баҳраи воқеӣ дошт ва дар шуҷоат ва шаҳомат ва сардорӣ беҳамто буд ва ба забони форсӣ ва ҳиндӣ шеъри наку гуфтӣ ва «Воқеоти Бобурӣ»-ро ба ҳукми ҳазрати аршошёнӣ (яъне, Акбаршоҳ) ба форсӣ тарҷума карда ва гоҳе байте, рубоӣ, ғазал мегуфт» [10, с.417-418].

Ва барои намуна як ғазал, ки мо онро дар фавқ овардем ва як рубоӣ низ овардааст:

Зинҳор Раҳим аз пайи дили фарде,
Беҳуда ба орзуи дил дар гараве.
Гуфтам сухане ва боз ҳам мегӯям,
Хоҳишкоре ҳамеша коҳишдараве [10, с.418].

Дар маҷмӯъ, бояд қайд намуд, ки Абдурраҳими Хонихонон чун дигар донишмандони илму адаби нимаи дуюми асри XVI ва чаҳоряки асри XVII дар ташаккул ва тараққии шеъру адаби форсӣ нақши муассир гузошта, бо осори пурғановати худ дар адабиёти форсизабони Ҳиндустон мақоми шоиста дорад. Мутаассифона, бояд таъкид намуд, ки дар адабиётшиносии тоҷик аҳволу осори Абдурраҳими Хонихонон то ҳол ношинохта монда, ашъори ӯ мавриди таҳқиқу баррасии адабиётшиносони муосир ҳамаҷониба қарор нагирифта, муҳаққиқони худро интизор аст.

Муқарриз: *М.Нарзиқул* – доктори илмҳои филологӣ, профессор ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Алиев, Г.Ю. Персоязычная литература Индии / Г.Ю. Алиев. – Москва, 1968. – 247 с.
2. Астарободӣ, Мулло Муҳаммадқосими Ҳиндушоҳ. Таърихи Фариштa. Ҷ.I. / Мулло Муҳаммадқосими Ҳиндушоҳи Астарободӣ. - Лакҳнав; Нувал Кишур, 1321. - 376 с.
3. Алломӣ, Абулфазл ибни Муборак. Акбарнома / Абулфазл ибни Мубораки Алломӣ; ба тасҳеҳи Мавлавӣ Абдураҳим. Ҷ.2. – Калкутта; Анҷумани Осиёии Бангола, 1879. – 393 с.
4. Алломӣ, Абулфазл. Ойини Акбарӣ. Ҷ.1. / Абулфазли Алломӣ; тарҷумаи Мавлавӣ Муҳаммад Фидоалии Соҳиб Толиб. - Ҳайдаробод, 1357. - 576 с.
5. Гупомӯӣ, Муҳаммад Қудратуллоҳ. Натоиҷ-ул-афкор / Муҳаммад Қудратуллоҳи Гупомӯӣ; муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқи Юсуфбеги Бобопур. – Қум: Маҷмаи захоири исломӣ, 1387. - 837 с.
6. Донишномаи адаби форсӣ. Адаби форсӣ дар Шибҳи қора / Ҳинд, Покистон, Бангладеш /. Ҷ.4. Бахши I; Ба сарпарастии Ҳасани Анӯша. - Теҳрон, 1380. - 921 с.
7. Қаноатов М. Пайванди ҳазорсола / М.Қаноатов // Садои Шарқ, 1982. - № 3. - С.116-126.
8. Наховандӣ, Абдулбоқӣ. Маосири Раҳимӣ, Ҷ.3., к.1-2 /, Абдулбоқӣ Наховандӣ. – Калкутта: Ҷамъияти Осиёии Бангола, 1931. – 1699 с.
9. Насрободӣ, Мирзо Муҳаммади Тоҳир. Тазкираи Насрободӣ / Мирзо Муҳаммади Тоҳири Насрободӣ; бо тасҳеҳ ва муқобалаи Ваҳид Дастгардӣ. – Теҳрон, 1361. - 575 с.
10. Нуриддин, Муҳаммад. Тузуки Ҷаҳонгирӣ / Муҳаммад Нуриддин. – Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон, 1359. – 592 с.
11. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон / Шиблии Нуъмонӣ; тарҷумаи Сайид Муҳаммад Фахр Доии Гелонӣ. – Ҷ. IV. – Теҳрон, 1386. - 268 с.
12. Озар, Лутфалибек ибни Оқохон Бегдилии Шомлу. Оташкада. Чопи сангӣ. – Ҷ.2. – Бомбей, 1299. - 454 с.
13. Сархуш, Муҳаммад Афзал. Калимот-уш-шуаро / Муҳаммад Афзали Сархуш; муштамил бар зикри шуарои асри Ҷаҳонгир то аҳди Оламгир. – Захираи дастхатҳои АФ Тоҷикистон. – Шум. 3222. – 167 с.

НИГОҲЕ БА АҲВОЛ ВА ОСОРИ МИРЗО АБДУРРАҲИМИ ХОНИХОНОН

Мақола доир ба зиндагинома ва фаъолияти эҷодии яке аз донишмандони нимаи дуюми асри XVI ва чаҳоряки асри XVII, ки дар тарбияту парвариши шоирону фозилон ва рушду тараққии шеъру адаби форсӣ дар аҳди Акбаршоҳи Гӯрагонӣ (1556-1605) саҳмгузор аст, бахшида шуда, он бо истифода аз маъхазҳои гуногуни илмию адабие, ки дар онҳо роҷеъ ба ҳаёту фаъолияти илмӣ, адабӣ ва сиёсии Мирзо Абдурраҳими Хонихонон маълумот дода шудааст, ба қалам омадааст. Пажӯҳиш дар атрофии шахсияти адиб, замони зиндагонӣ, вазъи илму дониш дар ин хиттаи сарсабзу хуррам ва ташаккули адабиёти форсизабони Ҳиндустон ҷараён гирифтааст. Муаллиф ҳангоми таълифи мақола сараввал оид ба тавлиду тарбияти Хонихонон маълумот дода, қайд менамояд, ки дар баробари шуҷоатмандӣ ва хидматҳои бузург, ҳамчун олим, шоир, мутарҷим ва ҳомии босаховат шинохта шудааст. Ҳамчунин, муаллифи мақола доир ба осори мондагори Абдурраҳими Хонихонон маълумот дода, ӯро аз ҷумлаи адибони номдори адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XVI ва аввали асри XVII ҳисоб карда, таъкид месозад, ки саҳми ӯ дар ташаккули улуми адабӣ ва осори тарҷумавӣ зиёд аст. Инчунин дар мақолаи мазкур чанд абёте аз сурудаҳои Хонихонон оварда шуда, муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки эҷодиёти Абдурраҳими Хонихонон инкишоф ва ташаккули адабиёти форсизабони аҳди Акбаршоҳро инъикос мекунад.

Калидвожаҳо: адабиётшиноси боистеъдод, сиёсатмадори беҳамто, шоир, донишманд, тахаллус, ҳомӣ, ашрофи обрӯманд, шеърҳои мадҳиявӣ.

ВЗГЛЯД НА ЖИЗНЬ И ХУДОЖЕСТВЕННОЕ НАСЛЕДИЕ АБДУР РАХИМ ХАН-ХАНАНА

Статья посвящена изучению биографии и творческой деятельности одного из видных ученых второй половины XVI – XVII веков, внесшего вклад в воспитание поэтов и знати, а также в развитие персидской поэзии и литературы в период правления Акбаршаха Гуракани (1556-1605) и подготовлена с опорой на различные научные и литературные источники, содержащие информацию о жизни, научной, литературной и политической деятельности Абдур Рахим Хан-ханана. Исследование посвящено вопросам личности поэта, политической обстановке того времени, состояния науки и образования в этом цветущем крае и формированию персидской литературы в Индии. Автор в ходе написания статьи приводит сведения о рождении и воспитании Хан-ханана и подчеркивает, что он наравне со своей храбростью и большими заслугами был известен как ученый, поэт и щедрый меценат. Автор статьи также приводит сведения о наследии Абдур Рахима Хан-ханана, считая его одним и самых известных писателей персидской и таджикской литературы второй половины XVI и начала XVII веков, подчеркивает его значительный вклад в формирование литературоведения и переводческой деятельности. В статье также приведены некоторые образцы поэзии Хан-ханана, и автор приходит к выводу, что творчество Абдур Рахима отражает процесс формирования и развития персоязычной литературы периода правления Акбаршаха.

Ключевые слова: талантливый литературовед, непревзойденный политик, поэт, ученый, псевдоним, меценат, влиятельный вельможа, панегирик.

A LOOK AT THE LIFE AND ARTISTIC HERITAGE OF ABDUR RAHIM KHAN KHANAN

The article is devoted to the study of the biography and creative activity of one of the scientists of the second half of the XVI-XVII centuries, who contributed to the education of poets and nobility, as well as to the development of Persian poetry and literature during the reign of Akbarshah Gurakani (1556-1605) and was prepared based on various scientific and literary sources containing information about the life, scientific, literary and political activities of Abdur Rahim Khan Khanan. The study focuses on the poet's personality, the circumstances of the period of his life, the state of science and education in this flourishing land, and the formation of Persian literature in India. The author, while writing the article, first provides information about Han Hanan's birth and upbringing and emphasizes that he was known as a scholar, poet, and generous patron of the arts along with his bravery and great merits. The author of the article also provides information about the heritage of Abdur Rahim Khan Khanan, considering him is one of the most famous writers of Persian and Tajik literature of the second half of the XVI and early XVII centuries, emphasizes his sighificant contribution to the formation of literatury criticism and thanslation activities. The article also cites some samples from Khan Khan Khanan's poetry, and the author concludes that Abdur Rahim's work reflects the process of formation and development of Persian-language literature during Akbarshah's reign.

Key words: talented literary scholar, consummate politician, poet, scholar, pseudonym, patron of the arts, influential, nobleman, panegyric.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Пӯлотов Назирҷон Набиҷонович*** **–** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷик. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. E- mail: **pulotovnn 1973@ mail. ru**

Сведения об авторе: ***Пулатов Назирджон Набиджонович*** - Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской классической литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E- mail: **pulotovnn 1973@ mail. ru**

Information about the author: ***Pulatov Nazirdjoh Nabidjonovich*** **-** Khujand State University named after academician B. Gafurov, Candidate of philological Sciences, associate Professor of the Department of Tajik Classic Literature. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlyanbekova 1. E- mail: **pulotovnn 1973@ mail. ru**

УДК: 891. 550+930

РОҶЕЪ БА ТАРҶУМАИ ПОВЕСТИ «ОДИНА» - И САДРИДДИН АЙНӢ БА ЗАБОНИ ҲИНДӢ

Ҷӯрақулова И.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забоншиносон дар ҳар давру замон ба фаъолияти тарҷумонӣ муносибати худро нишон дода, дар замони муосир ҳам мунтазам ба омӯзиши он машғул ҳастанд.

Тарҷума, санъати тарҷума, ҳунари тарҷума ва сифати тарҷума дар ҳар пажӯҳиш нақши корсоз, муҳим ва махсус дорад. Равшан аст, ки ҳар як забон фарогири таъбиру ибораҳо ва вижагиҳои хосси маҳаллии худ аст, ки дар умум табиату сиришти онро нишондод буда, тарҷумаи он ба забони дигар кори басо мушкил мебошад. Зеро дар ҳолате ки тарҷума бекаму кост ва дуруст тарҷума нашудааст, нозукиҳои забон ва гоҳо асолати матн, мақсаду ғояи муаллиф гум мешавад. Ҳадафи маънирасонӣ, ҳадафнишонӣ низ хароб мегардад ва хонанда он чиро, ки нигарон аст, даст намеёбад. Дар замони муосир рӯз то рӯз вазифа ва нақши тарҷума афзун ёфта як навъ ягонагӣ, ваҳдат ва иттифоқи фарҳанг мардумро ба миён меоварад. Тарҷума дар анҷоми таҳқиқотҳои қиёсӣ-татбиқии осори адабии тарҷумашуда барои пажӯҳишгар ҷойгоҳи хоссеро доро мебошад.

Албатта, муҳаққиқи адабиёти татбиқӣ бояд натиҷаи таҳқиқоти худро ба забони дигаре пешкаш кунад. Зеро дар анҷом кор бояд ба хонандагон бирасад. Хонандагон бошанд, маълум аст, ки забони аслро намедонанд ва ё бо он умуман ошно нестанд. Аз ин ҷост, ки боз ҳам тарҷума аст, ки ҷойгоҳи махсус дорад. Дар ин маврид боз ҳам ба ҳунар ва санъати тарҷумон такя бояд кард.

Аз сӯйи дигар, аҳаммияту ҷойгоҳи тарҷума дар ҳар давру замон ҳамеша диққати донишмандону пажӯҳандагонро ҷалб мекунад. Дар ҳар сурат таҳқиқи ҳар як адабиёти ҷудогона ба маънои том бе истифода аз тарҷума асарҳои зарурӣ имконнопазир аст**.**

Дар мақолаи худ мо ба омӯзиши адабиёти мардуми ду кишвар, дар мисоли адабиёти муосири тоҷик ва адабиёти ҳиндӣ, алалхусус, тарҷумаи ҳиндии повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ рӯ овардаем.

Халқи тоҷик ба мардуми Ҳинд эҳтироми зиёд дорад. Онҳоро муносибатҳои дӯстонаи аз замонҳои қадим сарзада, пайваст мекунанд. Тоҷикистон дар марҳалаи нав бо Ҳиндустон муносибатҳои иқтисодӣ ва маданиро низ ба роҳ мондааст. Олимону адибони тоҷик анъанаи пешинаи муносибатҳои адабиро давом дода истодаанд, ки асосгузори ин иқдом дар замони нав сардафтари адабиёти советии тоҷик С. Айнӣ мебошад.

Асарҳои адибони тоҷик низ ба саҳми хонандаи Ҳинд пешкаш шудааст ва ин саҳми арзандае дар тақвияти муносибатҳои адабию фарҳангии мардуми Тоҷикистону Ҳиндустон мебошад. Раҳул Санкритяян (1893-1964) - нависанда, тарҷумон, ходими ҷамъиятӣ, муборизи озодӣ ва сайёҳ асарҳои нависандаи муосири тоҷик Садриддин Айнӣ «Одина», «Дохунда», «Марги судхӯр», «Ғуломон», «Ятим»-ро ба забони ҳиндӣ тарҷума кардааст.

Шарқшиноси тоҷик Ҳабибулло Раҷабов дар асари тадқиқотии худ бо номи «Даҳ чеҳраи адабиёти ҳиндӣ» [6] боби алоҳидаеро ба зиндагинома, ҳунари асарофарӣ ва тарҷумонии Раҳул Санкритяян бахшидааст. Дар ин қисмати асар муаллиф бештар ба асарҳои адибони тоҷик, ки Р. Санкритяян ба забони ҳиндӣ тарҷума намудааст, диққати хонандаи тоҷикро ҷалб кардаст. Ин боби рисолаи муҳаққиқ Ҳ. Раҷабов «Раҳул Санкритяян – тарҷумони асарҳои Садриддин Айнӣ ба забони ҳиндӣ» номгузорӣ шудааст. Дар асари таҳқиқотии дигари худ «Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав» [7] Ҳ. Раҷабов дар боби «Раҳул Санкритяян» ҷараёни зиндагии ин нависандаи бузурги ҳиндиро тасвир намуда менависад: «... Фаъолияти Раҳул Санкритяян танҳо ба навиштани асарҳои илмию бадеӣ маҳдуд нашудааст. Вай неру, фаҳмиш ва вақти хеле зиёди худро ба муборизаи озодихоҳона бахшида, кӯшиш кардааст, ки ватанаш аз истисмори аҷнабиёну ҳокимони маҳаллии дар хизмати мустамликадорон буда, озод бошад» [7, с.215]

Ҳамин тариқ, аз ёздаҳ тарҷумаи ба қалами Раҳул Санкритяян тааллуқдошта, панҷтояш асарҳои нависандаи тоҷик С. Айнӣ мебошад. Тавассути асарҳои С. Айни ба

забони ҳиндӣ, мардуми ҳинд бо таърихи мардуми Осиёи Миёна, махсусан тоҷикон шиносоӣ пайдо мекунанд.

Соли 1951 Раҳул Санкритяян повести «Одина» («Адина») ва «Марги судхӯр»-ро тарҷума ва нашр мекунад. «Марги судхӯр» дар забони ҳиндӣ бо номи «Судхор ки мавт» интишор шудааст.

Раҳул Санкритяян дар пешгуфтори повести «Одина» хонандаи ҳиндуро бо шахсияти С. Айнӣ шинос мекунад. Ин маълумотҳоро ба ӯ С. Айнӣ дар мактуби худ аз 23 -юми апрели соли 1947 аз Самарқанд фиристодааст. Дар пешгуфтори ин асар бо номи «Паричай», яъне «Шиносоӣ» тарҷумон ин мактуби нависандаи тоҷик, ки маълумотҳоро дар бораи тарҷумаи ҳоли С. Айнӣ дар худ шомил кардааст, пурра ҷой додааст.

Саҳми бузурги С. Айнӣ дар он аст, ки ӯ забони тоҷикиро аз лексикаи арабӣ озод кард, ки ба ҷараёни таърихии замон сар дароварда буд.

Дар шаҳрҳо, деҳаҳо, корхонаҳо, мактабҳо ва ғайра дар суҳбат ва гуфтугӯи худ мардум аз забони «Одина» ва «Дохунда» барин асарҳо истифода мекунанд.

Повести «Одина» зери номи «Саргузашти як тоҷики камбағал ё ки Одина», ки ба таври мувофиқ онро Раҳул Санкритяян чун «Ек таҷик ғариб ки ҷивани артҳат «Адина» тарҷума кардааст. Соли 1927 повести «Одина» чун асари алоҳида чоп шуд. «Одина» аввалин повести нависанда дар адабиёти даврони шӯравии тоҷик мебошад. Оид ба повести «Одина» Раҳул Санкритяян чунин қайд кардааст, ки «Ман забони повести «Одина»-ро аз калимаҳои бегона озод кардам. Пас аз тарҷумаи «Дохунда», «Онҳое, ки ғулом ҳастанд» ва «Ятим» ман ин повестро тарҷума кардам» [10, с.5].

2-юми марти соли 1951 Раҳул Санкритяян вақти дар Майсур буданаш дар бораи мукотиба, шиносоӣ ва таърихи тарҷумаҳои ҳиндии романҳои нависандаи тоҷик Садриддин Айнӣ сухан рондааст. Тарҷумаи ҳиндии повести «Одина» дар нашриёти «Пратик пракашан» воқеъ дар Деҳлӣ соли 1980 зери унвони «Адина» аз нашр баромад.

Ҳадафи мо баррасии баъзе хусусиятҳои забони тарҷумаи повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ мебошад, ки аз ҷониби Раҳул Санкритяян ба забони ҳиндӣ тарҷума шудааст.

Раҳул Санкритяян дар тарҷумаи повести “Одина” бештар аз калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ, форсӣ, арабӣ ва ғайра истифода кардааст, ки бо вуҷуди лексикаи хориҷӣ будан дар забони ҳиндӣ дар забони гуфтугӯи мардуми Ҳинд серистеъмол ҳастанд ва баъзан истифодаи калимаҳои хосси ҳиндиро аз байн бурдаанд ва ё онҳоро камистеъмол кардаанд. Қайд кардан лозим аст, ки лексикаи иқтибосии дар таркиби луғавии ҳиндӣ ҷой дода шудаанд ва яке аз манбаҳои бой гардондани таркиби луғавии забони ҳиндии муосир низ мебошанд. Калимаҳои “видешӣ” ё хориҷӣ ба забони ҳиндӣ аз забонҳои форсӣ, туркӣ, арабӣ, инчунин аз забонҳои аврупоӣ: португалӣ, фаронсавӣ ва хеле зиёд аз забони англисӣ дохил шудаанд. Илова бар ин, бояд таъкид кард, ки мустамликаи англисҳо шудани Ҳиндустон низ ба забони мардуми он, аз ҷумла нависандагон, бетаъсир намондааст.

Калимаҳо аз забони тоҷикӣ - форсӣ асосан бо ду роҳ ба забони ҳиндӣ ворид шудаанд: 1) ба воситаи гуфтугӯи бевоситаи аҳолии маҳаллӣ бо форсизабонҳо; 2) ба воситаи адабиёти динӣ, илмӣ, мактабҳо, артиш, адабиёт, маданият ва дигар сохторҳои давлатӣ. То миёнаи асри Х1Х дар Ҳиндустон истифодаи забони форсӣ роиҷ буд. Дар тарҷумаи повести «Одина» Раҳул Санкритяян аз калимаҳои тоҷикие, ки дар забони гуфтугӯии халқи оддӣ хеле серистеъмол ҳастанд, ба таври кофӣ истифода кардааст. Танҳо, гуфтан лозим аст, ки калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ, форсӣ, арабӣ ба тағйироти фонетикӣ дучор омадаанд ва дар ҳамон маъно дар забони ҳиндӣ истифода мешаванд. Мо дар тадқиқоти худ баъзе хусусиятҳои тарҷумаи “Одина”-и Садриддин Айнӣ аз ҷониби тарҷумон Раҳул Санкритяянро назар кардаем. Чунончи:

“Ба тарафи Одина ҳуҷум кард ва сангеро аз **замин** бардошта чунон ба сари Одина зад, ки сараш торс кафида худаш ба замин афтод” [1, с.191] अदीना के पास पहुँचे, जमीन से पत्थर उठा, उस के सिर पर दे मारा, उस का सिर फट गया, और वाह जमीन पर गिर गया। [10, с.10]

Adina ke pas pahunche, zamin se patthar utha, us ke sir par de mara, us ka sir phat gaya, our vah zamin par gir gaya.

Агар ба тарҷумаи ҷумлаи дар боло овардашуда нигоҳ кунем, маълум мешавад, дар қисмати аввали ҷумла мутарҷим каме ба саҳлгароӣ роҳ додааст.

Агар қисмати аввали ҷумларо дақиқ тарҷума кунем - अदीना के पास पहुँचे - Adina ke pas pahunche - чунин мешавад: «Ба назди Одина **расид**», ҳол он ки дар шакли тоҷикӣ омадааст: «Ба тарафи Одина **ҳуҷум кард**", ки "अदीना द्वारा हमला किया" тарҷума кардан мумкин аст. Ва дар шакли ҳиндӣ омадааст: "**जमीन से पत्थर उठा" -** zamin se patthar utha - аммо дар шакли аслии ҷумла "сангеро аз замин бардошта", яъне сангро не, балки сангеро ва ё феъли ин ҷумлаи сода набояд чун амали баохиррасида ифода шавад, балки бо феъли ҳол ифода ёбад "**जमीन से पत्थर उठ कर"**, зеро амали дуюм давомдиҳандаи амали якум аст, яъне сангеро бардошта баъд задааст. Албатта, дар ин маврид тарҷума ба маънои ҷумла таъсири зиёд нарасондааст, аммо нафосати ҷумла каме коста гардидааст. С. Айнӣ адиби кордон буда ҳар як калимаю ибораю ҷумларо дар ҷойи худ, бомавқеъ ва бо мақсади муайян истифода карда дар баробари ин, зебу нафосати ҷумларо нигоҳ медошт.

Ва ё дар ҷумлаи мазкур ҷонишини "**чунон**" низ дар шакли ҳиндӣ ҷой надорад. Дар ин маврид муаллифи асар С. Айнӣ барои пурқувватии зарба калимаи "чунон"- ро истифода карда ишора ба он кардааст, ки амал хеле бо қувваи зиёд иҷро шуд, ки дар натиҷаи зарбаи сахт сари Одина кафида, худаш ба замин афтод.

Дигар чизе ки дар ин ҷумла ба он диққат додаем, калимаи जमीन – замин мебошад. Дар ин маврид тарҷумон калимаи иқтибосии जमीन – замин-ро истифода кардааст. Дар баъзе мавридҳо бар ивази калимаи जमीन – замин - калимаи ҳиндиасоси **पृथ्वी – pruthvi** –ро дар ҳамин маъно, яъне - замин - интихоб мекунад. Раҳул Санкритяян кӯшиш кардааст, ки ҳангоми тарҷума калимаҳоеро истифода барад, ки барои аксарияти мардум оммафаҳм, яъне ошно мебошанд. Аз сабаби он ки калимаи ҳиндиасоси **पृथ्वी – pruthvi** "замин" ва синонимии он **भूमि – bhumi** ба гӯши шунаванда нофорам мерасад, адиб зарур донистааст, ки калимаи форсӣ - тоҷикии "замин"- ро барои осонфаҳмии хонанда истифода барад**.**

Инчунин, синонимии ҳиндиасоси **पृथ्वी – pruthvi** калимаи **भूमि – bhumi** – низ дар забони ҳиндӣ хеле серистеъмол аст. Барои нигоҳдошти нафосати забон тарҷумон аз лексикаи иқтибосию синонимҳои ҳам аслии ҳиндӣ ва ҳам иқтибосӣ бамаврид истифода кардааст.

Мисоли дигар:

"Бечора муздурон, ба иғвоҳо фирефта шуда ба якдигарашон бо чашми душманӣ назар мекарданд ва аз ҳамдигар эмин набуданд" [1, с.223]

Тарҷумаи ҳиндӣ:

बेचारे मजदूर **मुल्लों और पादरियों को भुलाते में** पड़ कर एक दूसरो को दुश्मन समझते थे और आपस में मेल नहीं करते थे। 10, 33]

Bechare mazdur mullon aur padariyo ko bhulate men par kar ek dusron ko mel dushman samajte nahin the aur apas men mel nahin karte the.

Дар ҷумлаи мазкур ҳангоми тарҷума ба забони тоҷикӣ ибораи **«Фаромӯш кунондани муллоҳо ва коҳинон"** баргардон нашудааст, аммо дар тарҷумаи ҳиндӣ бошад **"मुल्लों और पादरियों को भुलाते में"** омадааст, ба забони тоҷикӣ **"муллоҳо ва коҳинонро фаромӯш кунондан"** мебошад**.** Дар ин мисол феъли иҷбории – **भुलाना** – "фаромӯш кунондан" аз феъли намуди гузарандаи - **भुलना** – "фаромӯш кардан" сохта шудааст. Шояд барои баён ва ҷамъбаст намудани фикр тарҷумон зарур донистааст, ки иҷрокунандаҳои амалро дақиқ намояд ва фикрро дар ҷумла пурра кунад. Ба ҳар ҳол, ин қисмати ҷумла дар шакли тоҷикиаш ҷой надорад.

Мисоли дигар:

- «Ҳоҷат набуд, ҳоҷат набуд», - гӯён имом қанду чойро гирифта дар ҳаққи Одина дуо кард ва ба арвоҳи падараш фотиҳа хонд" [1, с.243].

Тарҷумаи ҳиндӣ:

“जरूरत नहीं थी, जरूरत नहीं थी” कह कर इमाम ने मिठाई और चाय ले कर अदीना के लिए दुआ की और उस के पिता की आत्मा के लिए फातिहा पढ़ा . [10, 48]

Zarurat nahin thi, zarurat nahin thi, kah kar imam na mithai aur chay la kar Adina ke liye dua ki aur us ke pita ki arma ke liye fatiha parha.

Дар ин ҷумла калимаи - अवश्यकता – avashyakta - зарурат истифода шудааст. Инак, мо гуфта метавонем, ки мутарҷим ҳам калимаи иқтибосии जरूरत – zarurat – зарурат ва ҳам синоними ҳиндӣ (санскрит)-и он - अवश्यकता – avashyakta –«зарурат»-ро истифода кардааст.

Дар ҷумлаи зерин ба истифодаи калимаи “зарурат”, “ҳоҷат” - जरूरत – zarurat дида мебароем. Калимаи जरूरत – zarurat “зарурат” калимаи иқтибосӣ аз забони арабӣ аст. Калимаи мазкур дар таркиби луғавии забони ҳиндӣ ҷой дорад ва дар забони ҳиндӣ хеле серистеъмол аст. Синоними аслии ҳиндии калимаи जरूरत – zarurat зарурат - дар забони ҳиндӣ अवश्यकता – avashyakta – зарурат аст. Дар ин миён нуқтаи дигарро низ қайд кардан лозим мебошад, ки дар грамматикаи забони ҳиндӣ категорияи ҷинсият мавҷуд аст ва ҳар як калима дар шакли мубтадоии худ ба ҷинси мардона ва ҷинси занона ҷудо мешавад. Ин гуна мисолҳо нишон медиҳанд, ки калима-синонимхо хоҳ калимаҳои аслии ҳиндӣ бошанд ва ё калимаҳои иқтибосӣ барои обуранг додани забони асар хизмат мекунанд. Дар забони ҳиндӣ ҳам шакли иқтибосии калима - जरूरत – zarurat “зарурат” ва ҳам шакли аслии ҳиндии он – अवश्यकता – avashyakta зарурат дар ҷинси занона истифода мешавад. Чунончи дар ҷойи дигар омадааст:

-Во, аҷабо! – гуфт Одина, - сабаб чист, ки инҳо ба сафари занон рухсат намедиҳанд?” [1, с.250]

Тарҷумаи ҳиндӣ:

- वाह, अजब, अजब – अदीना ने कहा – क्या कारण है कि ये औरतों की यात्रा की इजाज़त नहीं देते [10, 53]

- Vah, ajab, ajab – Adina ne kaha – kya karan hei I ye aurat ki yatra ki ijazat nahin deta.

Мо дар мақолаи худ бештар ба истифодаи калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ-форсӣ ва арабӣ дар тарҷумаи ҳиндии повести “Одина”-и С. Айнӣ диққат додаем. Дар ҷумлаи мазкур калимаҳои “аҷабо”, “аврат”, “иҷозат” лексикаи иқтибосӣ ҳастанд: “аҷабо” – калимаи арабӣ, “аврат”– калимаи арабӣ ва “иҷозат” – калимаи арабиасос. Ин калимаҳо дар забони ҳиндӣ ҳам ба маънои аслии худ мавриди васеи истифода қарор гирифтаанд.

Синоними ҳиндии калимаи - аврат – औरत - avrat калимаҳои स्त्री , महिला, नारी ҳастанд. Дар асар аз ин калимаҳои синонимӣ тарҷумон камтар истифода кардааст. Бештари адибони Ҳинд ба масъалаи зан, ки масъалаи доғи рӯз буд ва дар тамоми гӯшаву канори кишвар бо истилоҳи “аврат” ном бурда мешуд, диққати ҷиддӣ медоданд. Аз ҷумла, Раҳул Санкритяян низ оид ба ҳамин масъала бетараф набуд. Аз ҳамин сабаб адиб кӯшиш кардааст, ки дар асарҳои тарҷумакардааш калимаҳои ҳиндиасоси स्त्री , महिला, नारी- “зан”-ро истифода набурда, калимаи арабиасоси аврат – औरत – avrat-ро истеъмол намояд. Чунки калимаҳои स्त्री , महिला, नारी дар ҷомеа калимаҳои камистеъмол буда, калимаи аврат – औरत – avrat дар ҳамон замон нисбатан серистеъмолтар ва паҳнгардида буд.

Мувофиқи грамматикаи забони ҳиндӣ калимаҳо дар ду шакл: бевосита ва бавосита истифода мешаванд. Ҳамин тариқ, шакли бавоситаи шумораи ҷамъи калимаи औरत - avrat - औरतों – avraton мешавад, яъне дар охири калима “-ओं - on” ҳамроҳ мешавад, ки ин нишондиҳандаи шумораи ҷамъ шакли бавоситаи калима аст.

Ӯ бо кадом рӯй ба мардум “занам ба ман хиёнат кард” гуфта метавонист [1, с.319].

Тарҷумаи ҳиндӣ:

वह किस से कहते कि ,मेरी औरत ने मुझे **विश्वासघत** किया, है [10, с.107].

Vah kis se kahta he ki “meri aurat ne mujhe vishvasghat kiya” he.

Ё дар ҷойи дигар:

Занам (ҳамсарам) ба хонаи падараш рафта буд [1, с.320].

मेरी **स्त्री** अपने बाप के घर गयी थी [10, с.108].

Meri **stri** apne bap ke ghar gayi thi ।

Дар мисоли мазкур ҳам калимаи – зан, аммо шакли ҳиндиасоси (санскритӣ) он - स्त्री - stri – зан омадааст. Аз ин ҷост, ки тарҷумон аз лексикаи васеи забони ҳиндӣ баръало истифода кардааст.

Калимаи - इजाज़त ҷинси занона – иҷозат низ калимаи иқтибосӣ буда, шакли ҳиндии синонимии худро дорост - अनुमति – anumati – ҷинси занона. Дар тарҷуаи асари мазкур шакли иқтибосии – इजाज़त - иҷозат – истифода шудааст.

Калимаи इजाज़त –“ иҷозат” дар забони ҳиндӣ хеле серистеъмол аст ва мафҳумҳои дар забони тоҷикӣ бударо, дар забони ҳиндӣ пурра ифода карда метавонад.

Барои ифодаи ҳайрат, тааҷҷуб, ҳайронӣ, таҳайюр, ки дар мисоли мо дар шакли тоҷикӣ хеле барзиёд аст, тарҷумон дуруст шуморидааст, ки барои ифодаи ин ҳиссиёти Одина ду маротиба онро баён кунад - अजब, अजब – ajab, ajab - аҷаб, аҷаб ба ин васила ифодаи барзиёдатии эҳсосро нишон додааст.

Аз калимаҳои дар боло зикршуда маълум мешавад, ки Раҳул Санкритяян дар тарҷумаи повести “Одина”-и С.Айнӣ лексикаи иқтибосшудаи тоҷикӣ-форсӣ-арабиро хеле фаровон истифода кардааст. Аз тарафи дигар, тарҷумон бо истифодаи калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ-форсӣ ва арабӣ аз такрори калимаҳо худдорӣ карда забони асарро ғанӣ гардонидааст.

Хулоса, саҳми С. Айнӣ дар он аст, ки ӯ забони тоҷикиро аз лексикаи арабӣ як андоза озод карда, онро мукаммал сохта ба воситаи асарҳои худ ба ҷаҳони адабии замони худ муаррифӣ кард. Дар навбати худ гуфта метавонем, ки Раҳул Санкритяян низ бо истифода аз санъат ва ҳунару малакаи тарҷумонии худ повести «Одина»-и Садриддин Айниро ба майдони адабии Ҳинд бомуваффақият ворид намуд. Р. Санкритяян дар тарҷумаи повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ тавонистааст, ки нозукии забони тоҷикиро нигоҳ дорад ва муҳтавои онро ба хонандагони ҳиндзабон расонад.

Муқарриз: ***Кӯчарзода Аламхон*** **– узви вобастаи АМИТ доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ**

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ.1 / С.Айнӣ. – Сталинобод: Нашрияи давлатии Тоҷикистон, 1958. - 346 с.
2. Кӯчаров А. Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик / А. Кӯчаров. – Душанбе: Маориф, 1994. – 144 с.
3. История индийских литератур. - М., 1964. - 811 с.
4. Нурова М. «Одина»-и Садриддин Айнӣ дар майдони адабии Ҳинд / М. Нурова // Адабиёт ва замон: маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 30-юми марти соли 2020) – Душанбе, 2020. – С. 196-204.
5. Нурова М. Сравнительное изучение современной таджикской прозы и прозы хинди. Монография / М. Нурова. –– Душанбе: Дониш, 2017. – 245 с.
6. Раҷабов Ҳ. Даҳ чеҳраи адабиёти ҳиндӣ. Монография / Ҳ Раҷабов. – Душанбе: Дониш, 2014. – 250 с.
7. Раҷабов, Ҳ. Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав. Китоби дарсӣ / Ҳ. Раҷабов. – Душанбе: Эр – Граф, 2017. – 496 с.
8. Раҷабов Ҳ. «Раҳул Санкритяян - адиб ва донишманди маъруфи Ҳинд» / Раҷабов Ҳ. // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2010. – № 3.- С. 82-90.
9. Раджабов Х. Некоторые особенности перевода художественного текста с таджикского на хинди / Х. Раджабов // Забоншиносии Шарқ ва Ғарб: маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ. - Душанбе, 2019. – С.15-18.
10. Раҳул Санкритяян. «Odina» / Санкритяян, Раҳул. - Оллоҳобад, 1984. - 112. с.
11. Челышев Е.П. Литература хинди / Е.П. Челышев. - М., 1968. – 328 с.
12. Vijayendr Snatak. Sanskriti evam sahitya ke prahari. - Delhi. - 110 с.

13. Яқубов Ҷ.К. Оид ба тарҷумаи романи «Дохунда» ба забони ҳиндӣ / Ҷ.К. Яқубов // Номаи Донишгоҳ. Бахши илмҳои филологӣ. – 2016. – №1 (46) – С.67-72.
14. Яқубов Ҷ.К. Таҳлили муқоисавии тарҷумаи романи «Дохунда» аз забони тоҷикӣ ба забони ҳиндӣ / Ҷ.К. Яқубов // С. Айнӣ ва масъалаҳои рушди адабиёти навини тоҷик (Хуҷанд, 02-уми апрели 2018) – Хуҷанд, 2018. – С. 509-515.
15. Ҳиндустон – Тоҷикистон: 25 соли дӯстӣ. (Лексияҳои ҷашнӣ: 2017-2018) // Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: ЭР-граф, 2018.

РОҶЕЪ БА ТАРҶУМАИ ПОВЕСТИ “ОДИНА”- И САДРИДДИН АЙНӢ БА ЗАБОНИ ҲИНДӢ

Тарҷума, санъати тарҷума, ҳунари тарҷума ва сифати тарҷума дар ҳар пажӯҳиш нақши корсоз, муҳим ва махсус дорад. Дар тадқиқи худ мо ба омӯзиши адабиёти мардуми ду кишвар, дар мисоли адабиёти тоҷик ва адабиёти ҳиндӣ, алалхусус тарҷумаи ҳиндии повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ рӯ овардаем. Инчунин, адабиёти тоҷик ба саҳми хонандаи Ҳинд пешкаш шудааст ва ин саҳми арзанда ба хазинаи илм дар шиносоии мардуми Ҳиндустон бо дунёи рӯҳии тоҷикон мебошад. Раҳул Санкритяян (1893-1964) асарҳои нависандаи муосири тоҷик Садриддин Айнӣ «Одина», «Дохунда», «Марги судхӯр», «Ғуломон», «Ятим»-ро ба забони ҳиндӣ тарҷума кардааст. Дар мақолаи худ мо бештар ба тадқиқу таҳлили баъзе хусусиятҳои истифодаи калимаҳои “видешӣ”, даст задаем, ки аз забони тоҷикӣ-форсӣ-арабӣ ба забони ҳиндӣ иқтибос шудаанд ва бештар мавқеи истифодаи калимаҳои “дешӣ”, яъне лексикаи аслии ҳиндиро танг кардаанд ва ё умуман аз истифода берун баровардаанд. Аз ин таҳқиқи тарҷумаи повести “Одина” маълум мешавад, ки Раҳул Санкритяян дар тарҷумаи повест аз лексикаи иқтибосшудаи тоҷикӣ-форсӣ-арабӣ хеле фаровон истифода кардааст. Аз тарафи дигар, тарҷумон бо истифодаи калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ-форсӣ ва арабӣ аз такрори калимаҳои ҳиндӣ худдорӣ намуда, забони асарро аз лиҳози фаҳмо будан бою ғанӣ гардондааст. Дар навбати худ гуфта метавонем, ки Раҳул Санкритяян низ бо истифода аз санъат ва ҳунару малакаи тарҷумонии худ повести «Одина»-и Садриддин Айниро ба майдони адабии Ҳинд бомуваффақият ворид намудааст.

Калидвожаҳо: забон, хусусият, лексикаи ҳиндӣ, лексикаи тоҷикӣ, повест, «Одина», Айнӣ, адабиёт, замони ҳозира, Раҳул Санкритяян, адиб, тарҷума.

О ПЕРЕВОДЕ ПОВЕСТИ «ОДИНА» С. АЙНИ ЯЗЫК ХИНДИ

Перевод, культура перевода, искусство перевода и качество перевода играют решающую роль в каждом исследовании. В нашей исследовательской работе мы обратились к изучению литературы народов двух стран, на примере таджикской и индийской литературы, в частности, перевода повести Садриддина Айни «Одина» на язык хинди. Таджикская литература представляется читателям Индии, и это является ценным вкладом в фонд науки и в ознакомление народов Индии с духовным миром таджикского народа. Рахул Санкритьяян (1893-1964) перевел на хинди произведения современного таджикского писателя Садриддина Айни «Одина», «Дохунда», «Смерть ростовщика», «Рабы», «Сирота». В данной статье мы сосредоточились на изучении и анализе некоторых особенностей употребления слов «видеши», происходивших из таджикско-персидского и арабского языков. А также эти слова в основном сузили использование слов, исходивших от индийской лексики, то есть от слов «деши», большинство из которых санскритские. Результат исследования показывает, что Рахул Санкритьяян при переводе повести «Одина» широко использовал таджикско-персидскую и арабскую лексику. С другой стороны, переводчик, используя таджикско-персидские и арабские цитаты, воздержался от повторения слов хинди и таким образом обогатил язык произведения. В свою очередь, можно сказать, что Рахул Санкритьяян, использовав своё искусство в переводческой деятельности, успешно представил повесть «Одина», С. Айни литературной общественности Индии.

Ключевые слова: язык, особенность, лексика хинди, таджикская лексика, повесть «Одина», Айни, литература, современность, Рахул Санкритяян, писатель, перевод.

ON THE TRANSWTION OF NOVELETTE«ODINA» SADRIDDIN SADRIDDIN AYNI

Translation art of Translation? skill of Translation and quality of Translation plays crucial role in every research. In our research we considered the study of two countries literature in the example of Tajik and Hindi literature, mainly to the translation of «Odina» novelette of Sadriddin Ayni. Tajik literature also represented to the Hindi readers, and this valuable contribution to scientitic treasure is acquainted to Hintustan with the spirit world of Tajik. Rahul Sankritiyyn (1893- 1964) translated the works, of modem Tajik writer Sadriddin Ayni s «Odina», «Margi Sudkhur», «Gulomon», «Yatim» into Hindi language. In the article, we researched mostly study and and analysis of some peculiarities of the usage of words «videshi», that borrowed from Tajik – Persian- arabic languages. Mostly the position of usage «deshi» which loss its usage, particularly restricted the original Indian words. It became obvions from the researching words of hindi version of «Odina», Rahul Sancrityyan used the borrowed words of Tajik- Persian – Arabic in his translation productively. On the other hand, Translator, with the use of borrowed words of Tajik- Persian and Arabic words he skipped (limited) repeated words usages for (Obundant) enrichihg the laguage of works. It should be mentioned that Rahul Sankrityan with his skills of art and craft and talent of translating entered successfully Aini`s novel «Odina» . in Hindi literary sphere.

Key words: Language, peculiarity, Indian lexicon, Tajik lexicon novel, «Odina», Ayni, literature, modernity, Rahul Sankritiyyn, writer, translate.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷӯрақулова Истадбӣ Бердимуратовна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 777-05-10-14; 93-885-76-82**

Сведения об авторе: ***Чуракулова Истадбиби Бердимуратовна*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры индийской филологии факультета языков Азии и Европы. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 777-05-10-14; 93-885-76-82**

Information about the author: ***Juraqulova Istadbibi Berdimuratovna*** - Tajik National University, Post graduated of the Department of Indian Philology of Faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 777-05-10-14; 93-885-76-82**

УДК:891.550

НАВОВАРИИ СИМИН ДАР СОХТОРИ ҒАЗАЛ

Амирқулов Н.А.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ғазал дар қатори дигар анвои адабӣ мисли маснавӣ, қасида, рубоӣ, дубайтӣ яке аз жанрҳои муҳимму асосии адабиёти пургановати форсу тоҷик ба шумор меравад ва кам шоире ёфт мешавад, ки дар умри худ ғазале насуруда бошад.

Мавзӯи ин мақола чун ба навовариҳои Симини Беҳбаҳонӣ дар сохтори ғазал иртибот дорад, қаблан зарур мешуморем, чанд андешаеро дар бораи ғазал дарҷ намоем.

Муаллифи рисолаи «Ал-муъҷам фӣ маъойири шеър-ул аҷам» Шамс Қайси Розӣ навиштааст: «... ғазал дар асли луғат ҳадиси занон ва ишқбозӣ ба эшон ва таҳолик дар дӯстии эшон аст ва муғозала, ишқбозӣ ва мулоибат аст ба занон ва баъзе аҳли маънӣ фарқ ниҳодаанд миёни насиб ба ғазал ва гуфтаанд: маънии насиб зикри шоир аст, хулқи маъшуқаро ва тасарруфи аҳволи ишқи эшон дар вай ва ғазал дӯстии занон аст...» [10, с.464].

Дар имтидоди замон бархӯрди муҳаққиқону аҳли таҳқиқ ба ғазалу маънои истилоҳии он дучори тағйиру таҳаввули шигарфе шуда ва анқариб аз андешаи Шамс Қайси Розӣ канор рафтааст. Ба андешаи Доктор Аҳмад Абӯмаҳбуб «Ғазал дар маънои луғавӣ ба мафҳуми «ишқбозӣ» аст ва дар таърифи истилоҳии мутадовил шеърест, ки мисраи аввали он бо тамоми мисраъҳои дувум ҳамқофия аст ва ҳадди ақал се ё панҷ байт ва ҳадди аксар то понздаҳ – бист бошад; ҳарчанд, ки бисёре аз шоирон ин ҳадро риоят накардаанд, ин нишон медиҳад, ки ҳад ва марзҳо корбурди чандоне надорад.

Дар ин ки муҳтавои ғазал ишқ ва ошиқӣ буда, ҳаргиз тардид ва ихтилофе вуҷуд надоштааст, аммо аз таърифи роиҷи он пайдост, ки такяи ин тақсимбандии шеър бар қолаби зоҳирӣ ва мисраъбандии он аст, аммо оё ҳамвора чунин будааст? Оё ҳар шеъре дар ин қолаб ғазал аст? Аксарияти муосирон ҳамин таърифро пазируфта ва баҳс ва нақди худро бар асоси он тадвин кардаанд; агарчи бархе дигар низ воқеъбинонатар ва амиқтар ба он нигариста ва онро дақиқтар таҳлил карда ва натоиҷе низ гирифтаанд». Сухани худро идома дода, муаллифи мазкур таъкид намудааст: «Аз миёни мунтақидони имрӯз Зайнулобидини Муътаман пас аз таърифу тавзеҳи калимаи «ғазал» муътақид аст, ки манзумае, ки ҳовии ин гуна матолиб – ишқварзӣ ва зебоии маъшуқ ва иштиёқ – бошад, дар ҳақиқат ғазал аст... » [4, с.82].

Шарҳу тавзеҳи донишманди мазкур гувоҳ бар ин аст, ки ғазал навъи шеърест, ки дорои вазну қофия буда, мавзӯъҳои ишқу ошиқӣ ва зебоии маъшуқро тараннум менамояд. Аммо ғазал бо мурури замон аз доираи мавзӯъҳои ошиқона берун рафта, ба як навъ олати маъмули манзум мубаддал гашта ва дар маҳдудаи ибтидоии худ боқӣ намондааст ва имконоти фарохтареро касб намуда, метавонад дар худ тамоми мавзӯъҳои зиндагию рӯзгори мардумро таҷассум намояд. Бояд зикр кард, ки дар адабиёти куҳанбунёди форсию тоҷикӣ аксари шоирони ғазалсаро анъанаҳои ғазалофарии маъмулиро идома дода омадаанд ва нафароне, ки ба ғазал навигарӣ ворид карда бошанд, ба ақидаи мо,

ангуштшуморанд. Симини Беҳбаҳонӣ яке аз он шоирони забардасте аст, ки бо истеъдоди баланди хеш ва навигариҳои воридкардааш ба ғазал ҳусну таровати тоза бахшидааст.

Симин дар назм ва хусусан дар жанри ғазал дар адабиёти пурғановати муосири форсӣ ҷойгоҳи худро дорад ва ба гуфтаи муҳаққиқон вай дар қатори бузургоне ба монанди Нимо Юшиҷ, Маликушшуаро Баҳор, Нодири Нодирпур, Фурӯғи Фаррухзод, Ҳушанги Соя, Парвини Эътисомӣ, Сиёвуши Касроӣ, Аҳмади Шомлу ва дигарон қарор дорад ва дар хусуси бузургии ин ситораи тобноки осмони назми форсӣ шакку шубҳае нест.

Симин умри бобаракате дидааст ва тамоми зиндагии вай сарфи эҷоду офаридани шеъри воло гардидааст. Шеъри ӯ оинаест, ки зиндагии воқеии мардуми Эронро дар худ мунъакис гардонидааст.

Пажӯҳишгарону муҳаққиқон ҳар кадоме ба андозаи диди худ ва ба дараҷаи фаҳмиши хеш ба осори гаронбаҳои Симин арҷ гузоштаанд ва воқеан ҳам, ҳамагон ба эҷодиёти ин шоираи сеҳрнигор баҳои арзанда додаанд. Барои таъйиди андеша оид ба баъзе нозукиҳои ғазали Симини Беҳбаҳонӣ ишора менамоем.

Зикр шуд, ки Симини Беҳбаҳонӣ дар муҳити шеъру адаб ва каломи мавзуну бадеъ ба олами ҳастӣ чашм кушода, тору пуди вуҷуди ӯ бо шеъру назми воло парвариш ёфта буд, ба шеъру шоирӣ ва назму суханварӣ бо як ҳисси баланди масъулият муносибат менамуд. Зеро вай яқинан дарк намуда буд, ки дар адабиёти форсию тоҷикӣ шоир будан ва дар як радиф бо чунин бузургоне мисли Рӯдакию Фирдавсӣ, Хусраву Низомӣ, Саъдию Ҳофиз, Аттору Хайём, Ҳилолию Восифӣ, Ҷомию Бедил қарор доштан корест пурмасъулият ва борест сангин. Ин аст, ки Симин дар тӯли умри бобаракати худ дар баробари замона ва гоҳо пеш аз он низ гомҳои қавӣ ниҳода, ба он муваффақ гардид, ки мушкилиҳои ҷомеа ва нобасомониҳои рӯзгор, дарди дил ва орзую омоли мардуми заҳматкашро фасеҳу равшан ва нишонрасу дақиқ баён намояд ва онро чораву даво ҷӯяд.

Бояд гуфт, ки шоире ё қаламкаше, ки сухани наву тоза намегӯяду тақлиди кӯр-кӯронаи дигарон мекунад, ҳеҷ гоҳе дар назди аҳли адаб ва ҷомеа ҷойгоҳи арзишмандеро пайдо карда наметавонад ва дар зиндагӣ муваффақ ҳам намешавад, зеро маҳз мардум ва ҷомеа ба навиштаю осори эҷодкорон баҳои сазовору ҳаққонӣ медиҳанд.

Аз ҷумлаи вижагиҳои ғазалиёти Симин бо ҷасорати шоирӣ баён намудани афкори пешқадам, нобасомониҳои рӯзгор, ифшои нуқсону камбудиҳои зиндагӣ, ҳимояи ҳуқуқи занон ва пайваста ғом ниҳодан дар баробари рӯҳи замон ва гоҳо фаротар аз он дар пайкари ғазал аст. Ӯ дар ғазалиёти худ мекӯшад ба забону тахайюли тоза рангу бӯйи замона бидиҳад ва шеър аз ҳолати куҳнагиву такрор озод шавад, ҳамзамон, бо баҳрагирӣ аз маъниҳои баланди мантиқии адабиёт, бофти мусиқавии нав ва рагҳои биниши фалсафӣ-асотирӣ ғазалро аз рӯҳи суннатӣ тиҳӣ кунад ва ба он ҷону ҷавҳаре тоза ва муносиб бо замон бибахшад.

Симин буд, ки пофишорона ва суботкорона аз пайи шомил кардани мавзӯъ ва маъниҳои амиқи иҷтимоиву сиёсӣ, адабию фарҳангӣ, ишқию лирикӣ, ҷавонмардию шуҷоат, саховатпешагиву адолатпарварӣ, инсондӯстию зебоипарастӣ, ватандорию меҳанпарастӣ, садоқату муҳаббат, нокомию висол, шодию нишот, навмедию маҳзунӣ, даст кашидан аз коҳилӣ ва рӯ овардан ба зиндагии созанда, тарки ҷаҳолату нодонӣ ва касби илму маърифат ва дигар мавзӯъҳои мубрами замони хеш кӯшиш ба харҷ дода, ба қавли Ҳилолӣ нисбат ба ҳамзамонони «худ дасте бурун бароварда ва пое пеш ниҳод» ва дар ин ҷода шояд аз устодоне ба мисли Ориф, Фаррухии Яздӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ “гӯйи чобукдастӣ рабуда бошад”.

Симин дар интихоби мавзӯъ, истифода ва тартиби ҷобаҷогузории калимаю ибораҳо, оҳангнокии онҳо, латофату назокати вожаҳо, корбурди ибораҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ, ба меъёрҳои забони адабӣ мутобиқ гардонидани калимаҳои ғайримаъмул, қофияву радифҳо, вазну рукн ва зиҳофҳо ба дараҷае муваффақ гардидааст, ки шояд дар адабиёти форсу тоҷик камназир бошад. Инчунин ӯ тавонистааст, ки санъатҳои бадеиро ба тариқи фаровон истифода намояд, ки шеъри ӯро ҷаззобтару бошукӯҳтар гардонидааст. Барои мисол мо шеъри “Шароби нур”-ро аз назар мегузаронем:

«Ситора дида фурӯ басту орамид, биё,
Шароби нур ба рагҳои шаб давид, биё.

Зи бас ба домани шаб ашки интизорам рехт,
Гули сапеда шукуфту саҳар дамид, биё.
Шаҳоби ёди ту дар осмони хотири ман
Паёпай аз ҳама сӯ хатти зар кашид, биё.
Зи бас нишастаму бо шаб ҳадиси ғам гуфтам.
Зи ғусса ранги ману ранги шаб парид, биё.
Умеди хотири Симини дилшикаста, туӣ,
Маро махоҳ аз ин беш ноумед, биё» [1, с.294].

Дар шеъри овардашуда ибораҳое ба мисли ситора дида фурӯ басту орамид – ба маънии поён ёфтани шаб, шароби нур ба рагҳои шаб давид – андак – андак пайдо шудани нурҳои заррини офтоб ва дамидани субҳ, ба домани шаб ашки интизорам рехт – пазмону интизор шудан ба омадани дилдор, гули сапеда шукуфт – дамидани саҳар, шаҳоби ёди ту дар осмони хотири ман – дар андешаи ёр будан, хатти зар кашид – пайдо шудани нурҳои хуршед, бо шаб ҳадиси ғам гуфтам – барои изҳори ғам шабро ҳамсуҳбати худ қарор додан, ранги ману ранги шаб парид – аз интизории зиёд бемор шуда, тағйири ранг кардан, ҳамзамон ба рӯз табдил ёфтани шаб, дилам зи сина бурун шуд – бесабру тоқат гардидан, фалак хӯша-хӯша парвин дошт – торик будани шабу дар осмон пайдо шудани хӯшаи Парвин, дасти саҳар дона-дона чид – шаб ба рӯз расидану паиҳам нопадид шудани ситораҳо истифода гардидаанд, ки шояд дар зоти худ бори аввал онро маҳз Симини Беҳбаҳонӣ бо маҳорати баланди суханофаринӣ ба қалам додааст. Ба кор бурдани чунин калимаю ибораҳои ихчаму хушоҳанг ба ғазал таровату дилнишинии гуворое бахшидааст, ки он ба дили хонанда роҳ меёбад.

Пӯшида нест, ки дар аксар маврид такроран истифода намудани калимаҳо ҳусни ғазалро коста мегардонад ва дар осори шоирон кам воқеъ шудааст, ки ба такроршавии калимаҳо ба таври фаровон роҳ дода шуда бошад. Аммо Симин бо як маҳорати фавқулоддаи суханофаринии худ калимаҳоро ба такрор истифода бурдааст, ки ин ҳолат на ба халалдоршавии ғазал, балки баҳри фораму гуворотар садо додани он ва тақвият бахшидан ба мазмуну мундариҷаи он мусоидат намудааст. Ин ҳолат дар ғазали поёнӣ ба назар мерасад:

«Хӯша ба хӯша ишқ шуд, зинати дасту доманам,
Нест дарахти арғувон, оҳ манам, манам, манам.
Бурда тавону тобро аз дили кӯдаконаам,
Қилқилаке, ки медамад аз пари ишқ дар танам.
Монда ба зери парниён боғи шукуфаам ниҳон,
Фош чаро намекунам, ҷома чаро намеканам.
Сӯи ту омадам давон, карда гузар зи Ҳафтхон,
Ҳафт сафар табоҳ шуд кафшу асои оҳанам... » [1, с.849-850].

Ҳамчунин шоир дар шеъри болоӣ, ки сар то по аз санъатҳои бадеӣ ба мисли сачъ, тазод, ташбеҳ, иҳом ва дигарон иборат аст, калимаву ибораҳои навро аз қабили зинати дасту доман, монда ба зери парниён, боғи шукуфа, карда гузар зи Ҳафтхон хеле зебову нишонрас истифода бурдааст.

Аз мушоҳидаи ғазали болоӣ бармеояд, ки дар он ҳолати рӯҳии ошиқ бо як маҳорати баланди суханпардозӣ инъикос гардида, ҳатто дар лаҳзаҳои аввале, ки эҳсоси ниҳоят нозуку ҷонсӯзи муҳаббат ҷисми инсонро фаро мегирад ва ҳар як бофтаи бадани ӯро мисли оташ мегудозад ва дар бадани кас мурғак медамад, бо латофати сухани воло тараннум карда, дар ин маврид “пайдо шудани қилқилакро дар тани худ” хеле устодона баён намудааст:

Бурда тавону тобро аз дили кӯдаконаам,
Қилқилаке, ки медамад аз пари ишқ дар танам.

Инчунин, дар ғазали болоӣ санъати сачъ, яъне ҳамқофия омадани порчаҳои дохили мисраъҳо устодонаву бамаврид истифода бурда шудааст, ки ба шеър як оҳанги дилкашу шӯру шавқи дигареро илова менамояд.

Яке аз вижагиҳои ғазалиёти Симин дар он аст, ки ӯ мисли Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ ба масъалаи таносуби андешаву мазмуну мундариҷа ва оҳангу зарби мусиқӣ аҳаммияти ниҳоят бузурге мабзул доштааст. Ҳангоми хондани аксари шеърҳо дар хонанда

як вақду сурур ва нишоту шодмонӣ ба вуҷуд меояд. Масалан, шеъри поёниро мегирем, ки ҳиссиёти муаллиф дар он бо як ҷаззобияту самимият ифода гардидааст, ки ҳар як калимаю ибора бо зарбу оҳанги он мувофиқат намудааст:

«Ҳамеша дар хаёли ман зи шуъла гармтар туӣ,
Чӣ гарм дӯст дорамат, учоқи сард агар туӣ!
На оташӣ, ки беҳунар ба тоби шуъла бинадат.
Забонаи ҳунар, бале, забони шуълавар туӣ.
На шохсори гулбунӣ, ки зиннати саро шавӣ,
Чу норван ба сояҳо умеди раҳгузар туӣ.
Маро, «ки бо чароғи дил ба ҷустуҷӯ давидаам»,
Аз «он ки ёфт мешавад», нишон туӣ, асар туӣ [1, с.681].

Аз мушоҳидаи ғазали болоӣ чунин ба назар мерасад, ки шоир ба ғайр аз он, ки ғазалро дар як оҳанги равону мутантан ба қалам додааст, инчунин санъатҳои бадеиро аз қабили ташбеҳ, тазод («гарм» ва «сард»), ташхис («хаёли дасти дӯстӣ фишурда дасти гарм») ва иҳом (бо чароғи дил ба ҷустуҷӯ давидаам», «он ки ёфт мешавад») ба кор бурдааст, ҳамзамон ибораҳои зебоеро ба монанди «шигифтии булуғ», «каффаҳои зар», «сурии сапедгун», «турунҷи дил», «қалби тозасол», «хаёли дасти дӯстӣ" истифода намудааст, ки шояд аз ҷониби шоир эҷод гардида, танҳо худи ӯ барои ифодаи фикрҳои бикраш овардааст.

Яке аз навигариҳои вижае, ки Симини Беҳбаҳонӣ ба сохтори ғазал ворид намудааст, он мавзӯъ аст, ки агар ғазали сароидаи ӯро ба порчаҳо ҷудо намоем ва ҷойи қисмҳои онро тағйир диҳем ҳам, на вазн ва на маъниву мундариҷаи он халалдор намегардад. Истифодаи чунин санъат ниҳоят мушкил буда, дар адабиёти классикӣ шоирони ангуштшумор ба он даст задаанд. Барои мисол шеъри «Соро! Чӣ шодмон будӣ»-ро мегирем:

«Соро! Чӣ шодмон будӣ, бо буқчаҳои рангинат,
Шолу ҳариру абрешим, колои Чину Мочинат.
Соро! Чӣ ростгӯ будӣ, он дам, ки чашми маъсумат,
Ойинаи саҳар мешуд, вақти қасам ба ойинат.
Соро! Чӣ шармрӯ будӣ, вақте касе назар мебохт,
Бо гунаҳои аз нармӣ, гулбарги ёсу насринат.
Соро! Чӣ дар амон будӣ, он дам, ки марди ҳамроҳат,
Хори маломаташ мешуд, зинҳори дасти гулчинат.
Соро! Чӣ меҳрубон будӣ, бо модари мусулмонам,
Бо барқи ашки ҳамдардӣ, дар дидагони ғамгинат...» [1, с.727-728].

Тавре аз мушоҳидаи ғазали дар боло овардашуда бармеояд, ҳар як мисраъ қатъиян ба ду қисмати баробар тақсим шуда, аз ҷиҳати вазн баробаранд ва мундариҷаи он низ мантиқан ба ҳам пайвандии комил доранд ва агар ҷойи он қисмҳоро тағйир диҳем ҳам, маънӣ ва вазни он халал намепазирад.

Чунин шакли ғазалҳо дар эҷодиёти Симини Беҳбаҳонӣ ба таври фаровон дида мешаванд, ки мо ин ҷо намунаеро барои далел овардем.

Модоме сухан ин ҷо дар боби навигариҳои Симини Беҳбаҳонӣ дар шаклу сохтори ғазал меравад, бамаврид аст, ки оид ба навоварии ӯ дар вазни он чанд андешае иброз намоем. Шоир дар эҷоди вазнҳои наву тоза низ хеле чирадаст мебошад. Муҳаққиқони гуногун дар бораи эҷоди зиёда аз бист вазни нав аз тарафи Симин сухан рондаанд. Аз ҷумла, Расулов Алидод, ки яке аз пажӯҳишгарони варзидаи адабиёти муосири Эрон ба шумор меравад, навиштааст: «Ҳарчанд навоварӣ дар вазн дар ҳамаи давраҳои адабиёти классикӣ вуҷуд дошта бошад ҳам, аммо ин мавзӯъ дар даврони муосир ба гунаи дигар аст. Зеро дар ин давра ба таври комил вазнҳои наву тозаеро метавон дарёфт, ки дар шеъри қадим вуҷуд надоштаанд. Дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои пайгирона шоирон вазнҳои наву тозаеро ба даст оварданд. Симини Беҳбаҳонӣ аз пешгомони ин таҳаввулот ба шумор меравад. Дар ҳақиқат, Симин аз вазнҳое истифода кардааст, ки то ин замон истифода нашудаанд» [8, с.28].

Барои мисол шеъри зеринро мегирем:

«Ҳей ҳо... ҳей ҳо... раҳ бигшо, рафтанро майдон бояд,
Ин маҳмилро пӯёӣ афзун аз тӯфон бояд.

Ин маҳмил бо худ дорад хуршеде дар хун ғалтон,
Захмашро марҳам зебад, дардашро дармон бояд.
Чархон... чархон... нур афкан – марг аст ин марг аст, оре,
Мечархад, сар мечархад – ёд аз он «покон» бояд.
Бишмар як-як ононро, ин аст инак он «ғоиб»,
Шак на, модар имон дошт, бо фарзанд имон бояд.
Модар, модар, домонат – мечархад, сар мечархад,
То оромад аз чархиш ин сар дар домон бояд...» [1, с.723],

ки бо рукнҳои мафъӯлотун мафъӯлун мафъӯлотун мафъӯлун (---- --- ---- ---) навишта шуда, ҳамаи ҳиҷоҳои он аз ҳиҷоҳои дароз (-) офарида шудааст ва воқеан ҳам дар соҳаи арӯз як падидаи нодир арзёбӣ мегардад.

Қобили тазаккур аст, ки чунин навовариҳо дар эҷодиёти Симини Беҳбаҳонӣ ба таври фаровон дида мешаванд, ки мавзӯи баҳси алоҳида мебошад.

Аз мушоҳидаҳои дар боло овардашуда метавон ба чунин натиҷа расид, ки Симини Беҳбаҳонӣ бе тардид яке аз забардасттарин шоирони замони худ буда, дар офаридану эҷоди ғазал ба қуллаҳои баланд расида, онро ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз ҷиҳати маънӣ ба таври муъҷизаосо такомул додааст.

Гуфтани он нукта ҳам мувофиқи мақсад мебошад, ки ӯ шояд яке аз аввалин шоироне бошад, ки мавзӯъҳои сиёсиро дар қолаби ғазал ба таври нишонрасу ҳадафманд дохил кардааст, ки шеъри «Соро! Чӣ шодмон будӣ” далели равшани он мебошад.

Муқарриз: *Қосимов Ҷ.* – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Беҳбаҳонӣ, С. Маҷмӯаи ашъор / С.Беҳбаҳонӣ. - Теҳрон: Муассисаи интишороти «Нигоҳ», 2001. – 1380 с.
2. Беҳбаҳонӣ, С. Ҷойи по / С.Беҳбаҳонӣ. - Теҳрон, 1956. – 229 с.
3. Беҳбаҳонӣ С. Чилчароғ / С.Беҳбаҳонӣ. - Теҳрон, 1957. – 200 с.
4. Доктор Аҳмад Маҳбуб. Гаҳвораи сабзафзо. (Зиндагӣ ва шеъри Симини Беҳбаҳонӣ). – Теҳрон: Нашриёти «Солис», 1989. – 188 с.
5. Зарқонӣ. Чашмандози шеъри муосири Эрон. - Нашри Солис.
6. Кляшторина В.Б. «Новая поэзия» в Иране / В.Б. Кляшторина. – М., 1975. – 254 **с**.
7. Кляшторина В.Б. Современная персидская поэзия / В.Б. Кляшторина. – М., 1962. – 148 **с**.
8. Расулӣ А. Инқилоби исломии эрон ва таҳаввули ғазали форсӣ / А.Расулӣ. – Душанбе, 2008.
9. Расулӣ А.Б. Шеъри даврони Инқилоби исломии Эрон (вижагиҳо ва заминаҳои адабӣ, эстетикӣ) / А.Б. Расулӣ. – Душанбе: Сино, 2007. – 150 **с**.
10. Шамс Қайси Розӣ. «Ал-Муъҷам фӣ маъойири шеър-ул-аҷам»; муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У.Тоиров. - Душанбе: Адиб, 1991. – 464 **с**.
11. Маҷаллаи фарҳангӣ ва ҳунарии “Бухоро”. - Теҳрон, меҳр-обони соли 1382. - Шумораи 32.
12. Сафар У. Ватандорӣ биёмӯзем (маҷмӯаи мақолаҳо) / У.Сафар. - Душанбе: Эр-граф, 2012. – 184 **с**.
13. Фулодванд. Аз чеҳраҳои шеъри муосир. - Теҳрон, 1387. – 374 с.
14. Маҷаллаи Эроншиносӣ. - Теҳрон, 1376. - №1.
15. Обидӣ Комёр. Тараннуми ғазал. – Теҳрон: Ношир «Китоби Нодир», 1379. – 187 с.

НАВОВАРИИ СИМИН ДАР СОХТОРИ ҒАЗАЛ

Мақола ба таҳлилу омӯзиши тозагиҳое, ки Симини Беҳбаҳонӣ ба ғазалу муҳтавои ғазали форсӣ ворид намуда, ихтисос дорад. Равшан аст, ки жанри ғазал аз назми қадимаи араб маншаъ гирифта ва ҳамчун навъи адабӣ даврони камолу пухтагии худро дар замони адабиёти классикӣ касб кардааст. Танҳо дар қаламрави адабиёти форсӣ аст, ки ба авҷи худ расидаву ба навъи аслии ғиноӣ табдил ёфтааст. Ба шумори қидмати жанри мазкур муаллиф маънои истилоҳии онро дар сарчашмаҳои адабӣ мавриди арзёбӣ қарор додааст. Хотирнишон гардида, ки имтидоди қарнҳои мутаммодӣ ғазал дучори тағйиру таҳаввули шигарфе гардидааст ва маъниҳои нави бадеиву истилоҳӣ пайдо намудааст. Ҷиҳати омӯзиши ин масъала эҷодиёти Симини Беҳбаҳонӣ маводи арзишманде дар ихтиёр дорад. Аз ҷониби дигар, жанри ғиноии ғазал бо зиндагии воқеии шоира робитаи зич дорад ва гувоҳи ҳолу ҳавои аслӣ ва фазои равонии ӯ мебошад. Ҳар як ғазали шоира аз нигоҳи муҳтаво аз маҷмӯи сувару ангезаҳои суннативу марсум иборат аст. Вижагиҳои ғазалиёти Симини Беҳбаҳонӣ, қабл аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки мавсуф ба ҳолати равонии қаҳрамони ғиноии худ таваҷҷуҳи хос мабзул медорад. Аз авзоне истифода мекунад, ки дар шеъри дигар муосиронаш мавҷуд нест.

Калидвожаҳо: навоварӣ, суннат, ангеза, таҳлил, шоир, ғазал, шеър, адабиёт, муҳтаво, сохтор.

НОВАТОРСТВО С. БЕХБАХОНИ В СТРУКТУРЕ ЖАНРА ГАЗЕЛИ

Данная статья посвящена изучению новшеств, которые ввела Симина Бехбахони в структуру и содержание персидской газели. Известно, что жанр газели, беря начало в древнеарабской поэзии, как литературный жанр своё

дальнейшего развитие и окончательное завершение получил в период арабской классической литературы. Перенесенная на почву персидской литературы газель стала основным лирическом жанром. С учётом древности данного жанра автором рассмотрены терминалогическое значение газели в литературных источниках. Отмечено, что в течение длительных веков газель притерпела существенные изменения и приобрела новые поэтическое и терминологическое значения. Для изучения этой проблемы творчество Симина Бехбахони даёт исключительно ценный материал. С другой стороны, лирический жанр газели тесно связан с действительной жизни поэтессы, ее подлиными настроениями и переживаниями и поэтому каждая газель по содержанию является лишь набором исключительно традиционных канонизированных мотивов и образов. Особенности газелей Симин Бехбахони заключаются в том, что поэтесса в них придаёт особое значение психологическому состоянию своего лирического героя, использует особую метрику которая отсуствует в произведениях других современников.

Ключевые слова: новаторство, традиция, мотив, анализ, поэт, газель, поэзия, литература, содержание, структура.

INNOVATIONS OF S. BEHBAHONI IN THE STRUCTURE OF THE GHAZAL GENRE

This article is devoted to the study of the innovations that Simin Behbahoni introduced in the structure and content of the Persian ghazal. It is known that the ghazal genre originates in ancient Arabic poetry, as a literary genre, its further development and final completion was received during the period of Arabic classical literature. Transferred to the ground Persian literature, it became the main lyrical genre. Taking into account the antiquity of this genre, the author considered the terminalogical significance of the ghazal in literary sources. It was noted that over the course of long centuries, the ghazal sirmounted a significant change and acquired new poetic and terminological meaning. To study this problem, the work of Simin Behbahoni gives extremely valuable material. On the other hand, the lyrical genre of the ghazal is closely related to the actual life of the poetess, her vile moods and experiences, and therefore each ghazal in content is only a set of exclusively traditional canonized motifs and images. The features of the gazelles of Simin Behbahoni are that the poetess in them attaches special importance to the psychological state of her lyrical hero, uses a special metric that is not present in the works of other her contemporaries.

Key words: innovations, tradition, motive, analysis, poet, ghazal, poetry, literature, content, structure.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Амиркулов Нуриддин Амиркулович*** - Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, муаллими калон. **Суроға:** 734035, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Н.Қарабоев, 63/2. Тел.: **(+992) 919-53-40-01**

Сведение об авторе: ***Амиркулов Нуриддин Амиркулович*** - Технологический университет Таджикистана, старший преподаватель. **Адрес:** 734035, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Н.Карабаев 63/2. Тел.: **(+992) 919-53-40-01**

Information about the author: ***Amirkulov Nuriddin Amirkulovich*** - Tajik technological University, teacher. **Address:** 734035, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N.Karabaev, Str., 63/2. Tel.: **(+992) 919-53-40-01**

УДК: 891.550

ҶОЙГОҲИ ҚАСИДА ДАР ЭҶОДИЁТИ НАЗИРИИ НИШОПУРӢ

Маҳмудзода О.Б.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Баррасии таркиби девони Назирии Нишопурӣ маълум месозад, ки ҳарчанд бештари эҷодиёти ӯро ғазал ташкил медиҳад, аммо баъди ин навъи маъмулии адабиёти тоҷик қасида дар миёни осори ӯ мавқеъ ва мақоми хосса дорад. Дар умум, дар девони шоир 42 қасида ҷой гирифтааст, ки онҳоро метавон дар ду қисм баррасӣ намуд. Аввал, қасидаҳое, ки мустақилона эҷод ва ба касе бахшида нашудаанд ва дар онҳо масоили муҳимтарини фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ирфониву ишқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, бархе рӯйдодҳои таърихи замони зиндагонии шоир шарҳу тафсир меёбанд. Омили аслии чунин таснифоти қасидаи шоир, пеш аз ҳама, ба усули нақли ин навъи шеърӣ дар девони ӯ рабт мегирад, чун худи шоир дар сароғози аксари қасидаҳо сабаби навиштан ва исми мамдуҳи худро меоварад ва ин асос барои таъйини навъи қасидаҳо мегардад.

Як қасидаи 16-байтӣ дар девони Назирии Нишопурӣ ба чашм мерасад, ки бо шумораи 14 дар таркиби бахши қасидаҳои шоир ҷой гирифтааст ва қасидае комилан ахлоқӣ мебошад, ки дар шинохти фалсафаи кӯтоҳии умр, бебақоии дунё, андешаи хайр доштан, орият будани моли дунё ва амсоли ин навишта шудааст. Қасида ҳеҷ ишорате надорад ва чунин оғоз мешавад:

Ҳар чӣ дар маърази фано бошад,
Дил дар ӯ бастан аз хато бошад.
Моли дунё тамом орият аст,
Ориятро бақо куҷо бошад [10, с.367].

Аммо зимнан вақте ба абёти охири ин қасидаи ахлоқӣ тавақҷуҳ кунем, он ҷо навъе талқини хайру эҳсонкорӣ, ҳиммати баланд доштан ба чашм мерасад ва ин нукта ҳамоно ишорат бар он мекунад, ки ҳарчанд ҷаҳвари аслии қасида талқини ғояҳои ахлоқӣ ва дил ба моли дунё набастан бошад, аммо зикри ҳиммати баланд ва тарғиби он барои ҳар мард, пеш аз ҳама, ба умаро ва ҳукамои давр марбут аст. Ин ҷо эҳсос мешавад, ки яке аз вежагиҳои муҳимми қасидаҳои Назирӣ дар он ба мушоҳида мерасад, ки ӯ дар бо ҷасорат ва эътибору нуфузе, ки миёни давлатмардони рӯзгори хеш дорад, чи дар қасоиди ахлоқӣ ва чи дар қасоиди мадҳии хеш гоҳо ба панду андарз додан ба амирони вақт мепардозад, ки аз шеваҳои дигаргунаи махсуси баёни қасидаҳои ӯ ба шумор меравад. Ҳарчанд дар қасидасароии гузаштагон равишҳое аз чунин насиҳатҳо дида мешаванд, аммо онҳо на бадин гунае ҳастанд, ки Назирӣ ба кор мегирад:

Мардро ҳиммати баланд хуш аст,
Гар шаҳаншаҳ агар гадо бошад.
Ҳафт дарё ба ҷунби хотири ман,
Жола дар коми аждаҳо бошад.
Соилони кафам, ки ҳар чӣ диҳанд,
Камаш афзун зи муддао бошад [10, с.367].

Қасидаи нахустине, ки дар бахши қасоиди девони Назирии Нишопурӣ нақл шудааст, дар шумори қасоиде қарор дорад, ки метавонем онро ба навъе аз қасоиди мустақил ном бубарем. Ин қасида чунин оғоз мешавад:

Чанде ба ғалат буткада кардем ҳарамро,
Вақт аст, ки аз Каъба барорем санамро.
Бехи ҳаваси васл бибурем, ки зишт аст,
Хору хаси бегона гулистони ирамро [10, с.327].

Нахуст бояд таъкид дошт, ки ин қасида дар ҷавоби яке аз қасидаҳои Анварии Абевардӣ навишта шудааст, ки он бо матлаи зайл оғоз мешавад:

Эй қоидаи тоза зи дасти ту карамро,
В-эй мартабаи нав зи баёни ту қаламро [1, с.6].

Ду тан аз муҳаққиқони эронӣ Аҳмад Ризоӣ ва Маҳмуди Меҳроварон ҳарчанд мақолае дар мавриди истиқболи як қасидаи Анварӣ аз сӯйи Назирии Нишопурӣ ба қалам овардаанд, аммо аз номи он худ, аллакай, равшан аст, ки он пажӯҳиши забоншиносона буда, асосан қиёси масоили забонӣ, чун сарфу наҳв дар он афзалият дорад [13, с.7]. Аз ин рӯ, мавзӯи баҳси истиқболи Назирӣ аз Анварӣ дар қасида як пажӯҳиши алоҳидаро аз диди адабиётшиносӣ хостор аст.

Аз оғози қасидаи мазкури Назирӣ равшан аст, ки дар он мазмунҳои иҷтимоӣ ва фалсафиву ирфонӣ нуфуз дорад, зеро ин ҷо сухан дар навбати аввал дар бораи он меравад, ки инсоният аз рӯйи ба ғалат рафтан ҳарами муқаддасро ба буткада табдил намудем, яъне аз роҳи диёнат берун рафтаву ба таъбири шоир кори бутпарастӣ анҷом додем. Худи шоир роҳи раҳоӣ аз ин амрро баромадан аз машраби бутпарастиро ба таъбири «аз Каъба баровардани санам» баён мекунад ва талқин мекунад, ки замони аз Каъба баровардани санам, яъне даст кашидан аз бутпарастӣ аст.

Аммо дар баробари шарҳу тафсири масоили иҷтимоӣ, фалсафӣ ва ахлоқӣ ба назар мерасад, ки дар ин қасида ҳам тамоюлҳои талқини мадҳу санои давлатмардон дар андешаҳои Назирӣ ба чашм мерасад ва аз номаи рӯзгори шоир ҳам равшан аст, ки бар асари марҳамати амирони вақт, чун Ҷаҳонгир, Абдураҳими Хонихонон ва афроди дигар нисбат ба вай аксари қасоиди хешро бар ситоиши онон бахшидааст. Ҳатто дар ин қасидаи аввал шоир ишорат бар он мекунад, ки аз ғаму андуҳ ва мушкилоти рӯзгор беҳтар он аст, ки ба сӯйи мадҳи сипаҳдор гурезем, ки аз ӯ чи дар вазн ва чи дар сухан дирамро меафзояд:

Дар мадҳи сипаҳдор гурезем, ки номаш,
Дар вазн физояд чи суханро, чи дирамро.
Доду диҳиш аз хосияти исми раҳим аст,

Гар ҷайби айёр аст в-агар даст карамро [10, с.328].

Ин ҷо аз таъкиди Назирии Нишопурӣ маълум мешавад, ки ҳарчанд қасида мушаххасан ба касе бахшида нашудааст, вале дар он гоҳо сухан аз ситоиши мамдуҳи аслии вай Абдураҳими Хонихонон меравад. Дар мисраи сеюми ин порча ишорат мекунад, ки «доду диҳиш аз хосияти исми раҳим аст» ва ин ҷо исми раҳим таъкид бар ҳамон номи Абдураҳими Хонихонон дорад ва дар идома боз ҳам ин матлаб равшантар мешавад:

Бе ёрии ин ном ба манзил нарасад кас,
Эй соҳили тӯфонзадагон ном туемро [10, с.329].

Назирӣ, ки худ аз баракати ин амири соҳибкарам баҳраҳои афзун бардоштааст ва ба иттифоқи аҳли тазкира маҳз бо пуштибонии ӯ ҳатто шарафи зиёрати хонаи Худоро дарёфт, ҳамеша дасти сахои ӯро ситоиш мекунад ва ин ҷо ҳам таъкид медорад, ки бе ёрии номи ӯ ҳеҷ кас ба ҷое намерасад, зеро номи ӯ худ «соҳили тӯфонзадагон» аст. Шоир барои ситоиши мамдуҳи хеш таркибҳои ҷаззоби шоиронае офаридааст, ки яке аз онҳо ҳамин таъбири «соҳили тӯфонзадагон» аст. Маълум аст, ки дар замони авҷи тӯфон ҳамеша фикри қурбониёни он ба соҳил бошад, чун соҳил маскан ва муроди наҷот аст. Аз ин рӯ, Назирӣ номи Абдураҳими Хонихононро соҳили тӯфонзадагон, яъне ҳамон соҳили мурод унвон мекунад.

Аз ин баррасӣ маълум мешавад, ки ҳарчанд қасоиди навъи аввали Назириро мо шартан қасидаҳои мустақил унвон намудем, аммо муҳтавои ин навъ қасоиди шоир равшан месозад, ки дар онҳо низ ситоиши мамдуҳони ӯ сарфи назар нашудааст.

Ҳамин тавр, аз баррасии муҳтавои қасидаҳои Назирӣ равшан мегардад, ки бештари сурудаҳои ӯ дар ин навъи шеърӣ ба мадҳи амирони замони худ, хосса Абдураҳими Хонихонон, ки аз ӯ баракати зиёд ва пуштибониҳои афзуне дидааст, бахшида шудаанд, ки баъдан дар бораи бархе аз онон сухан хоҳад рафт.

Ҳангоми мутолеаи бахши қасидаҳои девони Назирии Нишопурӣ мусаллам мегардад, ки қабл аз Абдураҳими Хонихонон ӯ дар мадҳи шоҳи замон Абдулмансури Ҷаҳонгир подшоҳ низ қасидае сурудааст. Яке аз он қасида дар таърифи шикор суруда шудааст ва дар бархе нусхаҳо қабл аз оғози қасида чунин омадааст: «Ин қасида дар мадҳи Абдулмансур Ҷаҳонгирподшоҳ дар ҳини мулозимати эшон дар таърифи шикор гуфта шуда» [с.329]. Ин ҷо дар навбати аввал ишорати мушаххаси худи шоир ва сабаби навишта шудани он ҳам зикр шудааст, ки хеле муҳим ба назар мерасад ва яке аз онҳо ба чунин матлаъ оғоз мешавад:

Тартиби куҳан тоза шуд оини замонро,
Нав дод насақ шоҳ Ҷаҳонгир ҷаҳонро.
Аз қоида донӣ сипаҳу мулк насақ кард,
Оре ба насақ кор шавад қоидадонро [10, с.329].

Ишорати равшани Назирӣ ба ин матлаб, ки Ҷаҳонгир ҷаҳонро интизоми нав дод, ба ситоиши шоир аз Шоҳ Ҷаҳонгир, яке аз намояндагони барҷастаи хонадони Темуриёни Ҳинд мекунад, ки воқеан хидматҳои шоёне бо парвариши аҳли илму адаб кардааст ва аз ҷумлаи онҳо Назирии Нишопурӣ низ баҳравар гардида. Ин қасида аз ду матлаъ иборат аст, яъне аз ду бахш таркиб ёфтаву бештари маврид баробари ситоиши фазлу эҳсони Назирии Нишопурӣ маҳорату мақоми ӯро дар шикор низ васф намудааст. Аз байти мақтаъи дуюми қасида маълум мешавад, ки Назирии Нишопурӣ то чӣ ҳадду андоза ба ин амири замони хеш иродату ихлос дорад:

Кӯи ту назаргоҳи Худо дид Назирӣ,
Раҳ дар ҳарами ҳақ набувад ҳавну ҳавонро [10, с.336].

Аз абёти интиҳоии қасида як нуктаи дигаре ҳам равшан мешавад, ки дар баробари иродати Назирӣ ба Ҷаҳонгир, ин амири вақт низ нисбат ба шоир иродатманд буда, зеро маълум аст, ки ба сурати озод ба насиҳати шоҳ мепардозад ва аз ӯ барои анҷоми амалҳои хайр кӯшидан ва дар фикри манфиати мардум қарор доштанро даъват менамояд. Ин суханро танҳо шоире метавонад бигӯяд, ки қаробат ва наздикии хоссае ба амир дошта бошад:

Дар манфиати халқи ҷаҳон кӯш, ки бахшад,
Ҳақ умри дароз одамии нафърасонро.
Биншину ба ишрат гузарон то абадуддаҳр,

Ин давлату ин макнату ин мулку маконро [10, с.336].

Мо аз сайри таърихии қасидасароӣ огаҳӣ дорем, ки дар қасидаи мадҳӣ бештар сухан аз ситоиши азамату бузургии мамдуҳ меравад. Аммо яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи қасидаҳои мадҳии Назирии Нишопурӣ дар он ҷилвагар аст, ки ӯ баробари мадҳу ситоиши мақоми мамдуҳ шеваи насиҳату машваратро ба кор гирифта, барои пешрафти кор ва боз ҳам афзудани эътибори шоҳон пешниҳодҳои худро баён медорад. Ин ҷо мебинем, ки Назирӣ ҳакимона ва дӯстона ба Ҷаҳонгир машварат медиҳад, ки дар фикри манфиати халқ бошад, ки Ҳақ танҳо ба инсони нафърасон умри дароз ато мекунад.

Тавре таъкид шуд, бештари қасидаи мадҳии Назирии Нишопурӣ дар ситоиши Абдураҳими Хонихонон ба қалам омадаанд. Нуктаи ҷолиб он аст, ки мавриди ситоишу мадҳи ӯ дар оғози бархе аз нусхаҳои хаттии девони шоир зимни зикри матни он оварда шудааст, ки ин шеваи кори котибон қобили истиқбол мебошад. Матлуб будани усули зикршуда дар навбати аввал ба он таъкид мекунад, ки тавассути ин усул сабаби навишта шудани қасида дақиқ мегардад ва аз назари дигар наздикии шоирро ба амир собит месозад, зеро бештари ин сабабҳои иншои қасида ба зиндагонии хоссаи амир пайванд доранд. Аз ҷумла, як қасида дар рӯзи мавлуди фарзанди Абдураҳими Хонихонон Мирзо Эраҷ ибни Абдураҳим навишта шудааст. Ба таъбири худи шоир он дар «мадҳи волидаи мухаддара гуфта шуда». Қасида чунин шурӯъ мешавад:

Бар замина оварда раҳматро дуои мустаҷоб
Зода маҳ дар домани субҳи саодатофтоб.
Сонии Билқис паймон баста бо Ҷамшед аҳд,
Исии Марям бурун оварда рухсор аз ниқоб [10, с.341].

Аз ҳамин ду байти аввали қасида равшан мешавад, ки Назирӣ писари Абдураҳими Хонихононро мисоли маҳ дар домани субҳи саодатофтоб медонад, ки ҳамоно ташбеҳи дуюм, яъне «субҳи саодатофтоб» манзур худи шоҳ аст ва ҷое ҳам мушаххасан бори дигар зимнан ба ин офтоб чунин ишорат мекунад:

Офтоби бурҷи фирӯзӣ, ки теғи субҳро,
Чарх баҳри рӯзи мавлудаш барорад аз қуроб.
Дар ниқобаш чеҳраву занг аз дили олам зудуд,
Бош то ояд ба тахт ин офтоб аз маҳди хоб [10, с.341].

Ҳатто вуҷуди офтобро дар осмон аз толеаи Абдураҳими Хонихонон ба шумор меоварад ва худи ӯро бо таъбири «гавҳари дурҷи шараф» сифат менамояд ва аз ҳамин ҷо равшан мегардад, ки чаро пайваста ин мамдуҳи хешро ба офтоб монанд мекунаду нури чашми ӯ, фарзандашро субҳи саодатофтоб:

Хонихонон гавҳари дурҷи шараф Абдураҳим,
К-осмон бо толеи ӯ баста ақди офтоб [10, с.343].

Дар байти мақтаи ин қасида фарзанди Абдураҳими Хонихононро ба ситорае монанд мекунад, ки аз фурӯғи нури он падар чун меҳр, яъне боз ҳам хуршед сарфарозӣ мекунаду модар аз қадри ин гавҳар ба монанди абр шукуфо мегардад:

Сар барфарозад падар аз фахри ин кавкаб чун меҳр,
Бишкуфад модар зи қадри ин гуҳар ҳамчун саҳоб [10, с.345].

Ҳамин гуна, як қасидаи дигар дар мавлуди яке аз духтарони Абдураҳими Хонихонон низ сурудааст, ки ба абёти зайл шурӯъ мешавад:

Гузашта кавкабаам аз фалак, ки Зуҳра баромад,
Зиёда гашт сафо хонарӯбам аз сафар омад.
Бар остон саноям нисори юмни қадам шуд,
Саодату шарафи Муштарӣ, ки бар асар омад [10, с.368].

Миёни қасидаҳои Назирии Нишопурӣ қасидаҳое, ки дар ситоиши Абдураҳими Хонихонон суруда шудаанд, нуфузи бештар дорад ва шоир ҳар яке аз ин қасидаҳои хешро бар яке аз маросим ё рӯйдоде вобаста кардааст. Агар ин ду ба шарафи мавлуди фарзандони Абдураҳими Хонихонон навишта шуда бошад, як қасида дар сифати хонаи ӯ, қасидаи дигар ба муносибати идҳои Фитр, Наврӯз, сипосномаҳое барои адои маносики ҳаҷ ҷиҳати дастгирии ӯ ба қалам омадаанд. Дар баробари ситоиши Абдураҳими Хонихонон Назирии Нишопурӣ чанд қасидаи дигар дар мадҳу санои Акбар ва писари ӯ Нуриддини Ҷаҳонгир ба қалам овардааст, ки ҳамагӣ аз вижагиҳои махсус бархӯрдор

мебошанд. Баробари ин, яке аз шоирон ва донишмандони замони хеш Хоҷа Ҳусайни Саноиро низ дар қасидае сано гуфтааст. Дар мавриди шахсияти ин шоир дар тавзеҳоти девони Назирӣ чунин омадааст: «Хоҷа Ҳусайни Саноӣ аз қасидасароёни машҳур ва аз пешгомони тарзи нав (сабки ҳиндӣ) дар қарни даҳуми ҳиҷрӣ аст, ки дар Ҳинд нахуст ба дарбори Ҷалолуддин Акбаршоҳ роҳ ёфта, аммо тараққии чандоне накарда, лизо дасти иродат ба домани Ҳаким Масеҳуддин Абулфатҳи Гелонӣ (м. 998 ҳ.) зада, дар асари ҳимоят ва тарбияти ин ҳаким шуҳрате ёфта, ба дастгоҳи Хонихонон Абдураҳим ворид шуда ва ба мадҳи вай пардохта, то ин ки ба соли 994 ҳ.қ. дар Лоҳур зиндагиро бидруд гуфта ва ҳамон ҷо мадфун шуд. Пас аз муддате Мир Муҳаммад Боқири Машҳадӣ, ки холазодаи Саноӣ буд, устухонҳои вайро аз Лоҳур ба Машҳад интиқол дод [10, с.608].

Гоҳо маврид ба назар мерасад, ки дар ҷараёни иншои қасидаҳои мадҳӣ Назирии Нишопурӣ ба баёни ҳолу ҳавои худ мепардозад ва ҳатто шарҳу тафсири ин матлабро мекунад, ки аз диққату таваҷҷуҳи махсуси ман чунон андешаам тангмайдон гардид, ки лафзу маънӣ аз табъи ман рӯйгардон шуд. Дар нардбони сухан пойи фикратам дармонду мехостам ба самти пояи он боло равам, аммо натавонистам:

Чунон зи фикратам андеша тангмайдон шуд,
Ки лафзу маъниям аз табъ рӯйгардон шуд.
Ба нардбони сухан пои фикратам дармонд,
Ки бар шавам ба сӯи пояе, ки натвон шуд.
Саманди арсаи андешаам гумон набарӣ,
К-аз ин сабаб, ки ҳарун гашт, сустҷавлон шуд [10, с.370].

Ба назар мерасад, ки ба чунин ҳолу ҳавол гирифтор шудани шоир аз вазъи муносибати ҷомеа ба шеъру сухан вобастагӣ дорад, чун дар идомаи қасида Назирӣ аз касоне интиқод мекунад, ки суханро фасод мекунанд ва маъниро хароб менамоянд. Ҳамин ҳолу ҳавои аз табъ рӯйгардон шудани лафзу маъниро низ шоир ба ин афрод нисбат медиҳад ва менависад:

Зи бими диққату ислоҳи муфсидони сухан,
Ҳазор гавҳари маънӣ насиби нисён шуд
Зи гуфтугӯи касон хотирам чунон гирифт,
Ки лафз бар қади маънӣ тилисму зиндон шуд [10, с.371].

Дар байти аввал ибораи «ҳазор гавҳари маънӣ насиби нисён шуд» ишорат бар он мекунад, ки ҳазорон маънии ноб ба фаромӯшӣ рафт, чун ононе, ки суханро фасод ва хароб мекунанд, на дар пайи маънӣ ҳастанд, балки ба зоҳир андешаи онро менамоянд, ки тавассути табъи носолими хеш суханони холӣ аз маънӣ гӯянд. Ба ин хотир, гавҳари маънӣ ба гӯшаи фаромӯшӣ меравад. Шоир дар идома ба ҳамин сабаб мегӯяд, ки аз гуфтугӯ ва суҳбат бо одамон дилам ба андозае гирифт, ки лафз бар қади маънӣ тилисму зиндон гардид, яъне дунё ба торикистон бадал шуд. Ин ҷо навъе сухани шоир ба пардапеч ва пӯшидаву печида сухан гуфтани шоирон низ ишорат мекунад, ки боиси нофаҳмо мондани маънӣ мегардад.

Аммо бо ин ҳама шоир таъкид мекунад, ки ҳеҷ гоҳ ӯ суханро ба мисли дигарон аз курсии хеш ба поин наовардааст ва шукрона мекунад, ки сухане нагуфтааст, ки пеши каломи дигарон боиси шармсорӣ ва пушаймонӣ гардида бошад:

Забон бихояму назме наёварам ба забон,
Ки пеши назми касон боядам пушаймон шуд.
Кунад нузул зи меъроҷи хотирам сухане,
Ки носеҳи ҳама гуфторҳо чу Қуръон шуд [10, с.371].

Аз ин ҷо равшан мешавад, ки шоир бо ҷасорат ва итминон ба қудрати сухани хеш таъкид медорад, ки ҳамеша аз хотири ман сухане ба рӯйи саҳфа мерезад, ки он дигар гуфторҳоро ботил ва бекор мегардонад.

Қисмати мадҳии қасида аз он ҷо шурӯъ мешавад, ки шоир чунин мефармояд:

Дари хазинаи хотир ба ғайр накшоям,
Ки вақти ҳиммати соҳибхазираи хон шуд [10, с.371].

Ин ҷо ба назар мерасад, ки шоир чун сухан аз беқадрии сухан ва фосид шудани он аз ҷониби бархе суханношиносон мекунад, таъкид медорад, ки аз ин рӯ, ман ҳаргиз дари

хазинаи хотири хешро ба ҷуз ба хон, яъне Абдураҳими Хонихонон ба каси дигар боз намекунам.

Дар идома қайд мекунад, ки аз шавқи номи ту аз саҳфа таҳрир мегузарад, яъне чунон қасидаи нодир эҷод мешавад, ки ҳатто онро дигар имкони таҳрир нест:

Зи шавқи номи ту аз саҳфа бигзарад таҳрир,
Зи хотами ту нишон то қафои фармон шуд [10, с.371].

Бо идомаи мадҳу санои Хонихонон Назирӣ дуо мекунад, ки ҳамеша файзрасон ба мисоли абри баҳор бош, зеро аз боису баракоти ҳузури ту Назирӣ ҳазордастон, яъне булбули хушилҳони олами шеър гардид:

Ҳамеша файзрасон бош ҳамчу абри баҳор,
Ки бар гули ту Назирӣ ҳазордастон шуд [10, с.373].

Сидқу ихлоси Назирӣ ба Абдураҳими Хонихонон то ба ҳаддест, ки ӯ ҳатто дар васфи бинои хонаи ӯ низ қасидае сурудааст, ки ин шева дар адабиёти гузаштаи мо камтар ба чашм мерасад. Дар оғози ин қасида омадааст:

Бадри ноҳидбазми кайвонҷоҳ,
Хони фирӯзҷанг Абдуллоҳ.
Чун зи рӯи шукӯҳ биншинад,
Танг созад ба дида ҷои нигоҳ.
Бар дари кӯҳу шер дар беша,
Шоҳ бар гоҳу моҳ дар хиргоҳ [10, с.420].

Дар таркиби қасидаҳои девони Назирии Нишопурӣ қасидаи дигаре ҷой дорад, ки он ба навъи қасидаи марсия шомил аст, зеро тавре худи ӯ ишорат мекунад, он дар «марсияи бародари дилбанди ин камина» суруда шудааст [7, с.411]. Дар оғози ин қасида аз ҷумла чунин омадааст:

Хуни дашти Карбало меҷӯшад аз мижгони ман,
Доғи Заҳро тоза шуд дар кулбаи эҳзони ман.
Чашми ғаввосам ба соҳил гавҳаре оварда буд,
Боз восил шуд ба дарё гавҳари ғалтони ман [10, с.411].

Ҳамин тавр, дар умум, дар баробари Абдураҳими Хонихонон Акбаршоҳ, Абулмансур Нуриддин Муҳаммад Ҷаҳонгир, Наврангхон – фарзанди Қутбиддин Муҳаммади Ғазнавӣ, яке аз умарои панҷҳазории Ҷалолиддини Акбаршоҳ, шоҳзода Мурод, фарзанди Ҷалолиддин Акбар ба унвони мамдуҳони Назирии Нишопурӣ шоир қарор гирифта, дар васфу ситоиши онҳо қасидаҳои ҷудогона суруда шудаанд. Ба назар мерасад, ки Назирӣ дар нигориши ин навъи қасидаҳо низ аз нигоҳи сохтору муҳтаво навовариҳое эҷод мекунад. Хоссатан, иншои қасидаҳои думатлаъӣ ё чандматлаъӣ, ки дар умум аз ду ё се бахш бо як радифу қофия иншо гардидаанд, дар миёни қасидаҳои шоир нуфуз доранд. Ба назар мерасад, ки тарзи навиштани қасидаҳои чандматлаъӣ, ки ҳар матлаъ ифодакунандаи як бахши қасида ба шумор меравад, дар қаламрави сабки ҳиндӣ ривоҷ ёфт, ки Назирии Нишопурӣ яке аз пешгомони ин намуди қасида ба шумор меравад. Сабаби матлаъи якум ё дуюм унвон гузоштани қисматҳои қасидаҳо низ маълум аст, чун ҳар ду мисраи байти матлаи қасида ба ҳамдигар қофия шуда, он ҳамчун ҳусни матлаъ маъруф аст. Ҳусни матлаъ, дар баробари ин, нишонаи оғози қасида ё ғазал аст ва ба ҳамин ваҷҳ ин бахши қасидаҳо зоҳиран метавонанд як қасидаи мустақил ҳам бошанд, вале бо сабаби он ки мавзӯи меҳварӣ ва шахсияти мавриди мадҳ омили пайванди бахшҳои ҷудогонаи қасидаҳо ба шумор меравад, онҳоро таркиби куллии як қасида медонанд. Аммо дар ҳамин навъи қасидаҳои Назирӣ низ як навъ тозакорӣ ба чашм мерасад. Гоҳо ба мушоҳида мерасад, ки ӯ дар чунин қасидаҳо ҳар матлаи онро унвон мегузорад, ки то ҷое ҳам миёни мавзӯи умумӣ ва ҳам муҳтавои куллии қасида фарқияте эҷод мегардад. Масалан, қасидае, дар девони Назирии Нишопурӣ, ки дар наъти Паёмбари Акрам (с) ва мадҳи Абдураҳими Хонихонон навишта шудааст, мавҷуд аст, ки аз се матлаъ иборат аст ва матлаъи аввали он «дар таърифи баҳор», дувум, «дар сифати баҳор», савум «дар сифати шеър», чорум «дар наъти саййидулмурсалин» унвон доранд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки агарчи дар матлаъи аввал ва дувум таърифу сифати баҳорро чун қасидасароёни куҳан идома дода, навъе суннати нигориши ташбибро ичро мекунад, вале матлаъи «дар сифати шеър» ҳарчанд ба таркиби қасида ворид шудааст, аммо як навъ тозакориҳои шоирро

бозгӯӣ мекунад. Ин бахши қасидаро метавон як қасидаи мустақили таҷассумгари афкори адабии Назирӣ шарҳ дод, ки як навъи дигари қасидаро, ки назири онро мо камтар дар адабиёти гузаштаи хеш дорем, муаррифӣ мекунад. Назари Назирӣ дар ин бахши қасида дар бораи асолати шеър ва ҳастии он чунин ба ҷилва меояд, ки ӯ шеърро масеҳои дил унвон мекунад, ки маънии он ҷонаш аст:

Шеър масеҳи дил аст маънии ӯ ҷони ӯ,
Чошнии ошиқӣ шарбати дуккони ӯ.
Ҷавҳаре аз шеър нест рост намояндатар,
Оинаи фаҳмҳост нуктаи пинҳони ӯ [10, с.416].

Аз ин тафсири Назирӣ равшан мегардад, ки ӯ шоири маънигарост ва ҳамин шеваи ба суроғи маънӣ рафтани шоирони сабки ҳиндӣ аз тарзи каломи вай оғоз мешавад, чун асли шеърро дар маънии он шинохтан ҳам аз дидгоҳҳои муҳим ва афкори адабии шоир аст, ки ин ҷо ба таври барҷаста нишон дода шудааст.

Истиқлоли бахшҳои алоҳидаи қасида аз он ҳам маълум мешавад, ки дар ҳар матлаъ як байти тахаллус ва ё мақтаъ ҷой дорад. Вале дар ин қасидаи марбут ба сифати шеър ҳарчанд ин гуна байти тахаллус ба мушоҳида намерасад, вале муҳтавои он як навъ мустақилияти фикрии нигорандаро нишон медиҳад. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки дар ин бахш шоир як байтеро ба унвони охирин байт ё мақтаъ зикр мекунад, ки он василае пайвандкунанда миёни ин матлаъ ва матлаъи баъдӣ мешавад:

Шоҳиди табъи маро наъти барозанда аст,
Пираҳани Мустафост бар қади Ҳассони ӯ [10, с.418].

Вақте Назирӣ таъкид мекунад, ки шоҳиди табъи маро наъти барозандаест, ки барои Паёмбар (с) суруда мешавад, маълум мегардад, ки идомаи қасида ба ин мавзӯъ бахшида шудааст. Агарчӣ дар бархе нусхаҳо ҳамин таъкиди махсуси шоир «Дар наъти сайидулмурсалин» дар оғози матлаъ наомада бошад ҳам, ин ишораи Назирӣ дар байти охир равшан мекунад, ки давоми ин қасида дар наъти Расули Акрам (с) бахшида шудааст. Ҳамин гуна, зикри ин матлаб ва мавҷудияти чанд қасидаи дигар ба он ишорат мекунад, ки дар баробари қасидаҳои дорои мазмунҳои мухталифи мадҳиву фалсафиву ахлоқӣ Назирӣ бо тарзи навишти пешиниён чанд қасида дар мадҳи Паёмбари Акрам (с) ҳам сурудааст. Дар ин байт ҳатто истифодаи исми Ҳассон ишорат ба давоми ҳамин шеваи қасидасароӣ мекунад, чун маълум аст, ки Ҳассон қасидасарои маъруфи замони Паёмбари ислом буд, ки минбаъд дар адабиёти тоҷик ҳам нубуғи қасидасароӣ ба номи ӯ ташбеҳ карда мешуд. Ҳатто бо ҳамин сабаб Ҳоқонии Шарвониро Ҳассони Аҷам ном бурдаанд. Баробари ин, ҳар касе, ки дар қасидасароӣ мақоми бузурги маънавӣ касб мекунад ё ҳунари баланде аз худ ба намоиш мегузорад, ӯро ба ҳангоми баҳо додан ва эътирофи манзалати ҳунарии вай ба Ҳассон шабеҳ мекунанд.

Як вижагии қобили таваҷҷуҳи ин бахши қасида дар он зоҳир мешавад, ки ҳарчанд ҳамчун наът суруда шудааст, аммо гоҳ гоҳе дар мавриди ҷудогона ба ситоиши Абдураҳими Хонихонон ҳам ручӯъ мекунад ва шояд ба ҳамин сабаб аст, ки дар унвони қасида номи ин шахсияти мавриди ситоиши хешро ҳам даровардааст. Ба назар мерасад, ки дар таркиби қасида Назирӣ як шеваи хосси ҷудо кардани мавзӯи онро риоят мекунад, яъне қабл аз он ки ба мадҳи Абдураҳим пардозад, наъти Расули Акрамро бо як байти тахаллус дар миёнаи он ҷамъбаст мекунад. Масалан, аввал ин байтро меоварад:

Фикри Назирӣ хатост, ҳам ту бишӯӣ магар
Аз нами абри карам саҳфаи исёни ӯ [10, с.419].

Баъд аз ин навъе ба тавсифи Абдураҳими Хонихонон мепардозад ва аз ҷумла ӯро «ғозии султоннасаб», «турки баҳодурлақаб» меномад, ки дар назди вай Рустаму Исфандиёр на танҳо ҳеҷанд, балки бандаи дастони ӯ ҳастанд:

Ғозии султоннасаб турки баҳодурлақаб,
Рустаму Исфандиёр бандаи дастони ӯ.
Ҳодиса сад милвор мегузарад аз раҳаш,
Мулк, ки Абдурраҳим ҳаст нигаҳбони ӯ [10, с.419-420].

Дар қасидае, ки дар мадҳи Акбаршоҳ сурудааст, сухан аз васфи Наврӯз оғоз мегардад ва маълум аст, ки Назирӣ чун шоирони қасидасарои гузашта суннати суруди

ташбибро дар оғози он риоят кардааст. Ба ибораи дигар, шоир нахуст васфи баҳору Наврӯз мекунад ва баъдан ба мадҳи Акбаршоҳ мепардозад:

Наврӯз шуд калиди дари айши навбаҳор,
Давлат шукуфа кард, ки фатҳ оварад ба бор.
Райҳони адл ёфт зи иқбол рангу бӯй,
Дебои мулк кард зи инсоф пуду тор [7, с.377].

Зимнан маълум мегардад, ки баробари ситоиши баҳору Наврӯз, ки онро шоир калиди дари айши навбаҳор медонад, Акбарро низ ситоиш мекунад, зеро сухан аз давлату «райҳони адлу», «инсоф» мерасад, ки хосси низоми давлатдории Акбар будаанд.

Баъд аз шарҳу тафсири давлати Наврӯз ва дигар падидаҳои навбаҳор Назирӣ ба ситоиши Акбаршоҳ мепардозад ва ӯро «Хуршеди ман» мехонад, ки аз хонаи шараф баромадаву офоқро ба таҳнияти худ самар додааст. Ин ҷо ҳангоми тавсифи Акбаршоҳ маълум мегардад, ки Назирӣ онро дар айёми Наврӯз навиштааст, чун таъкид медорад, ки лутфаш нигорхонаи наврӯзро фурӯғ бахшидааст ва ҳукмаш баҳорхонаи инсонро нигор гардида:

Хуршеди ман баромада аз хонаи шараф,
Офоқро ба таҳнияти хеш дода бор.
Аввалсабоҳ давлату аввалсабӯҳ айш,
Бар каф майи зафар, ки нишоташ бувад хумор.
Лутфаш нигорхонаи наврӯзро фурӯғ,
Ҳукмаш баҳорхонаи инсофро нигор.
Бар сози мулкдорию оҳанги ростӣ
Аз зулфи Зуҳра баста ба қонуни адл тор [10, с.377].

Вақте ки шоир дар байти дигар аз ин қасида дар рамли сол ба қуръаи Наврӯз ишорат мекунад, дақиқ мешавад, ки воқеан қасидаро суханвар дар маросиме аз ҷашни Наврӯз сурудааст:

Дар рамли сол қуръаи наврӯз менамуд,
Ҳар фард сад вилояту ҳар завҷ сад диёр [10, с.377].

Дар давоми қасидаи мазкур шоир ба таври барҷаста ва равшан ба номи Акбаршоҳ ишорат фармуда, ба ситоиши вай мепардозад. Ӯро шоҳи фарзона Акбар меномад, ки ғозии комгор мебошад ва таъкид медорад, ки мо аз рӯзи азал ба лутфи ту хилқат умедворем ва то абад бошад сахоятро интизорем:

Шамшери меҳр созаду гирад арӯси мулк,
Фарзона шоҳ Акбар – ғозии комгор.
Ай аз азал ба лутфи ту хилқат умедвор
В-ай то абад сахот амалро дар интизор.
Ҳар субҳи мулк зулмати шабро ба ишқи ту
Шӯяд ба оби чашмаи хуршед аз узор [10, с.378].

Аз муҳтавои ин қасида бармеояд, ки агар онро Назирӣ дар айёми Наврӯз дар ситоиши Акбаршоҳ навишта бошад, қасидаи дигареро дар мадҳи Абулфатҳбаҳодур Абдурраҳимхон дар иди Рамазон сурудааст ва қабл аз оғози матни он мушаххасан ишорат намудааст: дар мадҳи Абулфатҳбаҳодур Абдурраҳимхон дар иди фитр гуфта шуда» [10, с.379]. Қасида бо ҳамин ишорат ба субҳи ид будани замони иншои он шурӯъ мешавад:

Субҳи ид аст, ки бар майкада бикшояд дар,
Саҷдаи шукр кунад назди сабӯяш соғар.
Ин чӣ атр аст, ки афшонда гиребони сабо,
В-ин чӣ файз аст, ки бар карда сар аз ҷайби саҳар? [10, с.380].

Аз ин ҷо равшан мегардад, ки бештари қасидаҳои Назирӣ дар айёми идҳои милливу динӣ суруда шудаву баробари ишорат ба ҳар яке аз онҳо бархе суннату оинҳои хосси ин ҷашнҳо низ шарҳу тафсир ёфтаанд. Агар дар қасидаи аввал, ки ба мадҳи Акбаршоҳ суруда шудааст, сухан аз Наврӯзу айёми ин ҷашни миллӣ равад, дар ин қасида мебинем, ки зимнан аз сӣ рӯзи бо рӯза сипаришуда ёд мешавад. Он ҷо ки Назирӣ мефармояд:

Дар дил афғон, ки биё, бодаи сирӯза бигир,
Дар сар ошӯб, ки рав, қисмати якмоҳа бибар.
Рӯзи якрангию ҳангомаи меҳрафзоист,

Зарра дар суҳбати нур аст ба сад шӯру шарар [10, с.378].

Дар баробари ин ки қасоиди мазкур ба муносибати фаро расидани идҳо суруда шудаанд, ба назар мерасад, ки Назирии Нишопурӣ бештари чунин қасидаҳои хешро ба маросиме дигар низ бахшидааст. Аз ҷумла, дар қасидаи дигаре, ки ба мадҳи Абулмузаффар Ҷалолуддин суруда шудааст, ишорат мешавад, ки он ба муносибати фатҳи Қалъаи Асир гуфта шудааст. Қасида чунин оғоз меёбад:

Чу рӯ ба бурҷи шараф кард офтоби мунир,
Дамид фотиҳаи фатҳ бар Ҳисори Асир.
Маҳи амир Ҷалолӣ ба фарри фарвардин
Дар амнгоҳи мамолик шуд инбисотпазир [10, с.381].

Он ҷо ки шоир ба фарри фарвардин ишорат мекунад, боз ҳам нуктаеро равшан месозад, ки ин қасида низ дар айёми Наврӯз навишта шудааст, чун фарри фарвардин аввалин рӯзҳои ин моҳро баён мекунад, ки ба ҷашни Наврӯз иртибот мегирад.

Ҳамин тавр, аз баҳсу баррасии мухтасари мавқеъ ва мақоми қасида дар девони Назирии Нишопурӣ равшан мегардад, ки баъд аз ғазал дар миёни сурудаҳои шоир қасида мавқеи дувум дорад. Ҳарчанд Назирӣ муҳимтарин суннатҳои қасидасароии классикиро идома дода, аз ҷумла ба чанд қасидаҳои шоирони гузашта, аз ҷумла Анварии Абевардӣ ҷавоб гуфтааст, аммо дар кори ҳунарии ӯ чанд тозакориҳое ба чашм мерасад, ки онро ба таври куллӣ метавон чунин баён дошт:

1. Қасидаҳои Назирии Нишопурӣ аз лиҳози фарогирии мавзӯъҳои мухталиф доираи васеъ доранд ва шоир то андозае муваффақ шудааст, ки масоили фаровонеро дар оинаи қасидаҳои худ таҷассум намояд. Аз ин рӯ, ӯ дар сурудани қасидаҳои дорои мавзӯъҳои ахлоқӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ, ирфонӣ, диниву мазҳабӣ, марсия, баҳория ва амсоли ин муваффақ гардидааст. Ҳатто ворид намудани қасидаҳои таҷассумгари масоили назарияи адаб ва афкори бадеӣ яке аз тозатарин мавзӯъҳоест, ки шоир ба он таваҷҷуҳ намудааст. Агарчи дар қасидаҳои Амир Хусрав, Ҷомӣ, Навоӣ ин мавзӯъ дар абёти ҷудогона ҷой дорад, вале дар як матлаъи алоҳида, ки метавон онро ба ҳукми як қасида ҳам унвон кард, баррасии ин мавзӯъ то ҷое тозакории Назирӣ ба шумор меравад.

2. Мутолеаи қасидаҳои Назирӣ равшангари он ҳастанд, ки аксари онҳо ба муносибат ё сабабу рӯйдоде навишта шудаанд ва аз рӯйи бархе нусхаҳои хаттии девони шоир равшан мегардад, ки худ дар ин ҳодисаву воқеаҳо иштирок кардааст. Аз ҷумла, ишорати шоир ба айёми идҳои миллӣ ва динӣ, аз ҷумла Наврӯз ва Фитр аз он дарак медиҳад, ки бештари чунин қасоид дар рӯзҳои чунин идҳо ба унвони ҳадя ба мамдуҳони шоир суруда шудаанд. Баробари ин, ба муносибати фатҳи Қалъаҳо, сифоти биноҳо ва амсоли ин навишта шудани қасоиди дигари Назирӣ ба мақом ва аҳаммияти онҳо дар маърифати таърих ишорат мекунанд. Аз ин нигоҳ, қасидаҳои Назирӣ дар омӯзиш ва таҳқиқи ҳодисаҳои таърихӣ ва муаррифии рӯзгори мамдуҳони шоир нақши муассир гузошта метавонанд.

3. Қасидаҳои Назирӣ гоҳо аз диди сохторӣ аз ду ва ё бахш, ки онро худи шоир матлаъ унвон кардааст, таркиб ёфтааст. Аммо ба назар мерасад, ки як хати пайванде миёни бахшҳои мазкур мавҷуд аст ё худи шоир як байте меоварад, ки он асли рабти онҳоро таъмин месозад. Вале дар баробари ин, ҳар матлаъ як қасидаи мустақил ҳам буда метавонад, ки ин тарзи нигориш танҳо баъд аз Назирӣ ривоҷ ёфт.

Муқарриз: *Қосимов Ҷ.* – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Абевардӣ, Анварӣ. Девон / Анварии Абевардӣ; бо эҳтимоми Муҳаммадтақӣ Мударриси Разавӣ. - Теҳрон: илмӣ-фарҳангӣ, 1372. - 523 с.
2. Казакова У. Қасида ва суннатҳои қасидасароӣ дар адабиёти форсу тоҷик(қарнҳои XIII -XIV) / У.Казакова. - Душанбе: Илм, 2017. - 368 с.
3. Қазвинӣ, Мулло Абдуннабӣ Фахруззамонӣ. Тазкираи Майхона / Мулло Абдуннабӣ Фахруззамони Қазвинӣ. - Теҳрон, ширкати насабии Ҳоҷа Муҳаммад Ҳусайни Иқбол, 1340. - 1107 с.
4. Қосимободӣ, Муҳаммад. Урафои Нишопур / Муҳаммад Қосимободӣ. - Машҳад: Наванд, 1375. - 112 с.
5. Маҷмӯаи мақолаҳои ҳамоиши байналмилалӣ «Саҳми Амир Хусрави Деҳлавӣ дар фарҳанги Осиёи Марказӣ». (11-12 апрели соли 2013. – Душанбе: Арт-крафт, 2013. - 223 с.
6. Маъонӣ, Аҳмад Гулчин. Корвони Ҳинд. Ҷ.2. / Аҳмад Гулчини Маъонӣ. – Машҳад, муассисаи чоп ва интишороти Остони Қудси Разавӣ, 1369. - 862 с.
7. Мирзоев А. Дар атрофи як қасидаи Рӯдакӣ / А. Мирзоев Сездаҳ мақола. – Душанбе: Ирфон, 1977. - 288 с.

8. Нишопурӣ, Назирӣ. Куллиёт / Назирии Нишопурӣ. Нусхаи хаттии Маркази мероси хаттии АМИ Тоҷикистон, таҳти шумораи 823. 321 с.
9. Нишопурӣ, Назирӣ. Девон / Назирии Нишопурӣ. Нусхаи хаттии Китобхонаи Маҷлиси Шӯрои Исломӣ, таҳти шумораи 90209.
10. Нишопурӣ, Назирӣ. Девон / Назирии Нишопурӣ: тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммадризо Тоҳирӣ. - Теҳрон: Нигоҳ, 1389. – 672 с.
11. Нурзод Н. Таассур ва тафовути мавзӯиву поэтикии қасидаи «Саводи аъзам»-и Мирзо Бедил ва «Баҳр ул-аброр»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ / Н.Нурзод // Аз Бедил то имрӯз. Маҷмӯаи мақолаҳо роҷеъ ба шеъру андеша, сабки сухани Бедил ва бедилшиносӣ. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. - 296 с.
12. Сохторшиносӣ ва шиносоии сарчашмаҳои таълифи қасидаи «Туҳфат ул афкор»-и Мир Алишери Навоӣ / Н.Нурзод // Номаи Бойсунғур-шиносӣ. Солномаи илмӣ-пажӯҳишӣ. Солномаи вежаи мутолеоти адабӣ, таърихӣ ва фарҳангии Ҳирот. - Ҳирот, 1398 хуршедӣ - 2019. - №1. - С.223-228.
13. Ризоӣ, Аҳмад. Баррасии мухтассоти дастгоҳи забонии қасидае аз Анварӣ ва истиқболи Назирии Нишопурӣ аз он / Аҳмад Ризоӣ, Маҳмуд Меҳроварон // Фаслномаи мутолеоти Шибҳи Қора. - Донишгоҳи Систон ва Булуҷистон, 1382. - №14. - С.33-66.
14. Самадов Абдурашид. Ҷусторҳо дар рӯзгор ва осори Анварӣ / Абдурашид Самадов. - Душанбе: Графика Принт, 2021. - 432 с.
15. Тагирджанов А.Т. Описание тажикских и персидских рукописи / А.Т. Тагирджанов. - Ленинград: издательство ленинградского университатета, 1962. - 584 с.

ҶОЙГОҲИ ҚАСИДА ДАР ЭҶОДИЁТИ НАЗИРИИ НИШОПУРӢ

Дар мақола саъй шудааст, ки ҷойгоҳи қасида дар эҷодиёти Назирии Нишопурӣ муқаррар ва шарҳу тавзеҳ дода шавад. Бар асоси таҳқиқоти анҷомёфта муайян гардидааст, ки қасида баъд аз ғазал дар эҷодиёти Назирӣ мақоми дуюмро касб мекунад ва дар умум дар девони шоир 42 қасида омадааст. Қасидаҳои Назирӣ фарогири мавзӯъҳои мухталифи фалсафӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ, марсия, мадҳу ситоиш буда, бештари қасидаҳои мадҳии шоир дар ситоиши Абдураҳими Хонихонон бахшида шудаанд. Дар заминаи таҳқиқ муаллифи мақола ба натиҷае расидааст, ки Назирӣ барои идомаи суннатҳои хосси қасидасароӣ дар адабиёти гузаштаи мо муваффақ шудааст, ки тозакориҳо дар сохтор ва муҳтавои қасида ворид намояд, ки намунаи он қасидаҳои аз чанд матлаб таркибёфтаи ӯ ба шумор мераванд. Баробари ин, Назирӣ кӯшидааст, ки асосан қасоиди хешро ба муносибате ё дар арафаи ин ё он ҷашни миллӣ ё идҳои дигар сарояд, ки он ҳамчун туҳфаи идона садо додааст. Қасидаҳои ба муносибати ҷашнҳои Наврӯз, иди Фитр, фатҳи Қалъа, ситоиши бино дар шумори чунин қасоиде қарор доранд, ки дар баробари арзиш ва аҳаммияти адабӣ доштан, аз аҳаммияти муҳимми таърихӣ низ бархӯрдоранд.

Калидвожа: Назирии Нишопурӣ, девон, қасида, мадҳ, наът, матлаъ, мақтаъ, ахлоқ, фалсафа, ғазал, қитъа, ирфон, марсия, Ҳассон, Акбар, Ҷаҳонгир, Абдураҳими Хонихонон.

МЕСТО СТИХОТВОРЕНИЯ В ТВОРЧЕСТВЕ НАЗИРИ НИШОПУРИ

В статье рассматривается место стихотворения в творчестве Назири Нишопури. На основании исследования было определено, что стихотворение занимает в творчестве Назири второе место после газели, а всего в диване поэта 42 стихотворения. Стихи Назири охватывают широкий спектр философских, мистических, моральных, траурных и хвалебных тем, и большинство стихов поэта посвящено Абдурахими Ханихану. На основании проведенного анализа автор статьи пришел к выводу, что Назири, чтобы продолжить специфические традиции поэзии в нашей прошлой литературе, удалось уточнить структуру и содержание, примером чего являются его стихотворения, состоящие из нескольких статей. В то же время Назири хотел исполнить оду накануне национального праздника, либо другого праздника, чтобы она прозвучала как праздничный подарок. Стихи по случаю Навруза, Курбан-байрама, взятия Крепости, восхваления зданий относятся к числу стихотворений, имеющих как историческую ценность, так и литературное значение.

Ключевые слова: Назири Нишапури, сборник стихов, ода, восхваление, славословие, восход, нрав, философия, газели, познание, чтение элегии, марсия, Хассон, Акбар, Джахонгир, Абдурахими Хонихонон.

THE POSITION OF THE POEM IN THE CREATION OF NAZIRI NISHOPURI

The article deals with establish and explain the position of the poem in the creation of Naziri Nishopuri. On the foundation the analysis, it was determined that the poem takes second place in Naziri creation after the ghazal, and in total, there are 42 poems in the poet's divan. Naziri poems cover a wide range of philosophical, spiritual, moral, mourning, and praise topics, and most of the poet's poems are dedicated to Abdurahimi Khanikhan. Based on the research, the author of the article concluded that Naziri, in order to continue the specific traditions of poetry in our past literature, managed to refine the structure and content, an example of which are his poems consisting of several articles. At the same time, Naziri wanted to perform an ode on the eve of a national holiday, or other holiday, so that it sounded like a holiday gift. Poems on the occasion of Navruz, Eid al-Adha, the capture of the Fortress, praise of buildings are among the poems of both historical value and literary significance.

Keywords: Naziri Nishapuri, collection of poems, ode, praise, sunrise, temper, philosophy, gazelles, knowledge, reading the elegy, Marsia, Hasson, Akbar, Jahongir, Abdurahimi Honihonon.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маҳмудзода Обидҷони Бекназар*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, номзади илмҳои филология, муаллими калони кафедраи назария ва таърихи

адабиёти факултети филологияи тоҷик. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 121. E-mail: **mirobid-26@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-72-81-01**

Сведения об авторе: ***Махмудзаде Обиджони Бекназар*** - Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры теории и истории литературы таджикского филологического факультета. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121. E-mail: **mirobid-26@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-72-81-01**

Information about the author: ***Mahmudzoda Obidjoni Beknazar*** - Tajik State pedagogical University named after S.Ayni, candidate of philological sciences, lecturer of department of theory and history of literature. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121. E-mail: **mirobid-26@mail.ru.** Tel.: **(+992) 985-72-81-01**

УДК: 891.550

ШОМЛУ-АСОСГУЗОРИ ШЕЪРИ САФЕД

Шодиева Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Агар манзумаи «Афсона»-и Нимо Юшиҷро нахустин шоҳиди адабиёти муосири Эрон дар заминаи таҷаддуду навпардозӣ ба шумор орем, пас аз таърихи расмии зуҳури шеъри нави форсӣ як қарн мегузарад. Дар тӯли замон баҳсу ҷидолҳои илмӣ, расонаӣ дар атрофи шеъри нав, ҷузъиёти он, вижагиҳои фаннӣ, тафовутҳояш аз шеъри суннатӣ пуршумор буда ва таълифоти фаровоне ба табъ расидааст. Аз ҷумла, атрофи ин мавзӯъ муҳаққиқон Ваҳҳобзода Р., Отахонова Х., Ҳакимов А. ва дигарон изҳори назар намудаанд [1; 5; 8].

Як нигоҳи иҷмолӣ ҳар пажӯҳандаеро ба ин натиҷа мерасонад, ки имрӯз «шеъри нав»-и форсӣ давраҳои рушду такомули хешро сипарӣ намуда, ба сарҳади камолу пухтагӣ расидааст ва дар адабиёти имрӯз ҷойгоҳи собите дорад.

Матлаби дигаре, ки зимни тарҳи ин масъала ба зеҳн мерасад, танаввуъи ҷараёнҳои ин падидаи нави адабӣ аст. Агар шеъри нав бо Нимо Юшиҷ бино шуд ва қад рост кард, баъдҳо бо ҳиммату саъю талоши пайравони мактаби ӯ густаришу равнақи беназир пайдо намуд. Дар бистари он ҷараёнҳои зиёде ба вуҷуд омаданд.

Аксари шогирдони мактаби Нимо дар хилоли замон дар майдони адабиёт ҷойгоҳу мақоми вижае пайдо намуданд. Яке аз шоирони номдор ва аз шогирдони баргузидаи Нимо Аҳмади Шомлу маҳсуб мешавад, ки қарор аст дар ин мақола атрофи зиндагиву шеъраш изҳори назар шавад. Бояд дар оғоз таъкид намуд, ки ҳарчанд А. Шомлу дар солҳои нахустини вуруд ба арсаи шеъру шоирӣ аз шеваву сабки Нимо пайравӣ менамуд, баъдҳо роҳи дигареро пеш гирифт. Ба шеъри озод ва шеъри мансур дар адабиёти муосир замина гузошт ва имрӯз дар адабиётшиносии ҷаҳон ӯро ҳамчун падари шеъри озод ё мансури форсӣ эътироф намудаанд, ки роҷеъ ба ҷузъиёти он баъдан ишораҳо хоҳем дошт. Мавзӯи мақола талаб мекунад, то зиндагинома ва масири камоли шоир ба таври мухтасар бозгӯ шавад.

Аҳмад Шомлу соли 1925 дар Теҳрон по ба арсаи вуҷуд гузошт ва соли 2000 дар синни 75 солагӣ дар бемористони Эроншаҳр падруди зиндагӣ гуфт. Тахаллуси шеърии ӯ дар даврони аввали шоирӣ Субҳ буд ва баъдҳо онро ба номи шеърии Бомдод иваз намуд.

Муҳаққиқи эронӣ Т. Пурномдориён, ки монографияи арзишманде перомуни шеъру вижагиҳои офаридаҳои шоир таълиф намуда, дар хусуси шарҳи ҳол ва даврони таҳсилоти ӯ чунин менависад: «Аз ин шоири номовари муосир зиндагиномаи комиле дар даст надорем. Аз он чи дар ҷунги маҷаллаҳо ва дар оғози маҷмӯаҳои баргузидаи ашъори вай омадааст, метавон дарёфт, ки дар соли 1304 дар Теҳрон мутаваллид шуд ва таҳсилоти клоссикии худро дар шаҳристонҳои мухталиф идома дод. Аммо аз соли 1326 (1947), ки аввалин маҷмӯаи назму насри ӯ бо номи «Оҳангҳои фаромӯшшуда» мунташир шуд, то замони интишори охирин маҷмӯаи шеъри ӯ, яъне «Дашна дар дис» Аҳмади Шомлу дар адабиёти муосири Эрон, бавижа шеъри нав, ҳузури доимӣ доштааст» [17, с.65].

Падари шоир шахси низомӣ буд ва бахши умдаи зиндагии ӯ дар мусофиратҳои тӯлонии хидматӣ дар нуқоти гуногуни Эрон мегузашт. Бо ин сабаб, шоир ҳаргиз имкони вуруди таҳсили донишгоҳро пайдо накардааст.

Аҳмади Шомлу аз овони мактабӣ бештар мустақилона дар фарогирии илму дониш саъю кӯшиш ба харҷ дода, беш аз ҳама, забону адабиёти форсӣ ва забони фаронсавиро фаро гирифтааст. Дар бораи фазои даврони наврасии шоир, машғулиятҳову саргармиҳояш муҳаққиқ С. Шамисо чунин нигошта: «Қасидае, ки хитоб ба падар, дар ташвиқи ӯ ба ҳаводорӣ аз халқ сурудааст, ошноии комили ӯро бо рамузи шеъри хуросонӣ нишон медиҳад. Арабӣ намедонист, аммо унси ӯ бо мутуни назму насри форсӣ бо истеъдоди шигифти худододаш ӯро адибе комил айёр карда буд, чунончи дар дастури забону расмулхатти форсӣ ва ойини нигориш ба орои хоссае расида буд» [9, с.607].

Шомлу аз зумраи шоиронест, ки ҳам дар маъно ва ҳам дар сурати шеър дигаргунӣ ва тағйири шигарфе эҷод намуд ва ба сабке даст ёфт, ки дар адабиёти муосир аз он ба номи «шеъри сафед» ёд мекунанд. Бояд арз дошт, ки пешрафту камоли шоир дар ин сабку шева ба андозае буд, ки дар ҷомеаи адабӣ аз шеъри ӯ ба истилоҳи «шеъри шомлуӣ» ном мебаранд.

Миёни шоирони муосир ашхоси зиёде аз Шомлу пайравӣ ва тақлид намуданд, вале ҳеҷ яке мисли ӯ тавфиқ наёфтааст.

Мантиқан саволе пайдо мешавад, ки оё Шомлу дар офариниши шеъри сапед мубтакир буд ё қабл аз ӯ низ шоирони сапедсаро мавҷуд буданд? Ба андешаи бархе аз муҳаққиқон, сабку салиқа ва шеваи эҷоди А. Шомлу заминаҳои хоссе дошт. Нахустин нишонаҳои шеъри мансурро метавон дар матнҳои сӯфиёнаи адабиёти классикӣ пайдо намуд, ки пардохтан ба онҳо масъалаи дигарест ва таҳқиқу бознигарии амиқро мехоҳад. Агар мо масъаларо чудо аз матнҳои номбурда чустучӯ намоем, бояд ба аввалин даҳаҳои оғозини қарни бистум баргардем. Замоне ки тарҷумаи шеъри ғарбӣ вусъат гирифт ва аксари ин тарҷумаҳо насргуна буданд. Тарҷумаи ин ашъор дар зеҳнияти мардум ин андешаро қабулонид, ки бо раҳо сохтану канор гузоштани вазну қофия имкон аст, ки шеър биёфаринӣ. Мутуни андешаҳои А. Шомлу низ гувоҳ бар ин аст, ки маҳз ҳамин тарҷумаҳои ғарбӣ буданд, ки назари ӯро ба масъалаи шеър комилан дигаргун сохтанд. Баъдҳо таҳти таъсири ашъори тарҷумашудаи ғарбӣ худ шоирони эронӣ ашъори насргунае бо номи «қитъаи арабӣ» ба табъ мерасонданд. Намунаи чунин қитъаҳоеро Муҳаммад Муқаддам ва Тундаркиё сурудаанд, вале пас аз онҳо шеъри мансур ба дасти адибоне мисли Ҳушанги Эронӣ, Парвиз Дориюш ва Манучеҳр Шайбонӣ такмилу инкишоф ёфт. Иддае аз ин шоирон худ имтиёздори маҷаллаҳои адабӣ буданд ва ашъори шоирони навпардозро дар он мунташир месохтанд.

Масалан, Ҳушанги Эронӣ, ки фориғуттаҳсили риштаи дуктурои донишгоҳи Теҳрон буд, бо Манучеҳри Шайбонӣ дар маҷаллаи «Хурӯси ҷангӣ» фаъолият менамуд. Нахустин маҷмӯаи ашъораш ба номи «Бунафшаи тунд бар хокистаре» дар соли 1951 ба табъ расид. Як сол баъд маҷмӯаи дуюмаш бо номи «Хокистаре» чоп шуд ва соли 1953 маҷмӯаи сеюмаш бо исми ғариби «Шуълае парда баргирифт ва иблис берун омад» мунташир гардид.

Ш. Кадканӣ дар бораи ӯ чунин назар дорад: «Яке аз истеъдодҳои барҷастаи шеъри мансур Ҳушанги Эронӣ аст. Он чи дар корҳои ӯ қобили мулоҳиза аст, дарки дурустест, ки аз мафҳуми шеъри мансур дорад. Яъне, корбурди забон дар ҷиҳате ғайр аз норми мубтазил ва оддии он. Дар он солҳо бо шеъри мудерни Ғарб тамоси мустақил доштааст. Ҷави (атмосфера)-и шоиронаи корҳои ӯ ҷави шоиронаи осори Ғарб аст, ки аз виқори фалсафиву заминаи ҷиддӣ дар талаққӣ аз моҳияти шеъру шеъри мансур хабар медиҳад. Шояд муҳимтарин хасисаи шеъри мансури Ҳушанги Эронӣ дар ҳавзаи забон, ки ҷавҳари ин гуна шеър аст, истифодаи ӯ аз ҳиссомезӣ бошад. Ҷави шоиронаи корҳои ӯ аз навъе тасаввуфи наву ирфони ғарбӣ сухан мегӯяд, ки баъдҳо дар корҳои Сипеҳрӣ ҳам дида мешавад. Эронӣ дар он солҳо ба ҳақиқати шеъри мансур аз А. Шомлу басе осонтар пай бурдааст» [17, с.258-259].

Муҳаққиқи дигар Зарқонӣ зимни тадқиқи ин мавзӯъ зикр мекунад, ки Ҳушанги Эронӣ «гирифтори рафторе родикол ва ифротӣ дар ҳавзаи забон шуд ва ҳамчунин таҷрибаи шеърияшро қабл аз он ки ба марҳиллаи пухтагӣ бирасад, раҳо кард, баръакс А.

Шомлу, ки аз ҷойе пойинтар аз Эронӣ шурӯъ кард ва ба қуллаи бас бартар аз ӯ даст ёфт» [3, с.322-323].

Шоири дигаре, ки пештар аз А. Шомлу дар заминаи шеъри мансур корҳои қобили мулоҳиза анҷом дод, Парвизи Дориюш мебошад.

Ба андешаи Ш. Кадканӣ, фазои шеъри ӯ аз ҳар гуна ибтизол поктар буд ва дар ҳавзаи забон низ аз меъёрҳои муқарраршуда дур намешуд [17].

Шоири дигаре, ки қабл аз Шомлу дар марзи шеъри мансур гом бардошта буд, Алии Шерозипур мебошад, ки дар тӯли соли 1976 се дафтари шеърӣ бо номҳои «Жикус», «Духтари дарё», «Самандар» чоп карда буд. Дар шеъри вай «мо ба навъе оҳанг мувоҷеҳ ҳастем, ки на метавон онро нимоӣ номид ва на тобеи низоми мусиқоии шеъри мансур аст, балки чизест, ки байни ин ду ҳолат. Ҳамин кайфияти байнобайниву тақаддуми таърихии он бар ашъори А. Шомлу аст, ки моро бар он дошт то аз ӯ ба унвони пешрави А. Шомлу ёд кунем» [3, с.324].

Ба ақидаи аксари ноқидони шеъри муосир Муҳаммад Муқаддам, Тундаркиё, Ҳушанги Эронӣ, Парвизи Дориюш, Муҳаммад Шайбонӣ, Партав Шин аз касоне ҳастанд, ки пеш аз Шомлу дар садади сурудани шеъри мансур баромаданд. Танҳо фарқияти муҳимме, ки миёни онҳо ва Шомлу мавҷуд буд, дар он зоҳир мешуд, ки Шомлу ба ҳамаи ҷанбаҳои шеъри мансур назар дошт, пешгузаштагони вай бошанд, ба яке аз заминаҳои шеъри мансур таваҷҷуҳ доштанд.

Бояд қайд кард, ки нахустин маҷмӯаи А. Шомлу бо номи «Оҳангҳои фаромӯшшуда» соли 1947 мунташир мегардад. Ин китоб фарогири қатаъоти мансуру манзум буд. «Оҳангҳои фаромӯшшуда» дорои муқаддимаи худи шоир аст, ки зарур аст ба чанд ҷанбаи он ишорат кард. Ба навиштаи шоир, «қатаъоте, ки дар ин китоб ҷамъоварӣ шудааст, навиштаҳоест, ки дар ҳақиқат, бояд дур рехта шуда бошад» Муҳаққиқ Т. Пурномдориён дар бораи ин муқаддимаи шоир зикр мекунад, ки манзури шоир аз ин муқаддима он аст, ки касе ашъори маҷмӯаро нақд накунад, чун худи ӯ ба ҳадди камаҳаммиятиву беарзишии ашъор изъон намудааст. Муҳаққиқ бо он ки «Оҳангҳои фаромӯшшуда» аввалин асари ӯст, ба баъзе ҷанбаҳои он ишорат мекунад [6].

Аз ҷумла, зикр менамояд, ки тамоми шеърҳои маҷмӯа романтик ва сӯзнок аст. Шоир танҳо аз арзу ранҷҳои хусусӣ сухан мегӯяд. Аз оҳанги зиндагиву иҷтимоъ дар он асаре нест. Шоир мудом оҳ мекашад, нола мекунад, аз бевафоии маъшуқа сухан мегӯяд. Маргу маргандешӣ дар маҷмӯа соя афкандааст. Рӯйиҳамрафта, дар ин китоб андешаҳое матраҳ аст, ки ағлаб мубтазилу навҷавонона аст. Камбуди фарҳангу борик нашудан дар таҷрибаҳои зиндагӣ ва ғӯта нахӯрдан дар ҳаводиси иҷтимоӣ ангезаи андешаҳои сатҳӣ ва такрорӣ дар маҳдудаи тангу фардишуда аст» [6, с.73].

Виктор Полещук, олими рус ба дугонагии зуҳури вай дар майдони адабиёт ишорат меварзад ва унвони «Оҳангҳои фаромӯшшуда»-ро барои маҷмӯе, унвони паямбарона медонад. Зуҳури дувуми ӯ ба маҷмӯаи «Ҳавои тоза» бастагӣ дорад [13, с.253]

Ин муҳаққиқ ҳузури васеи Шомлуро дар зиндагии адабии кишвар «рашкангез» медонад ва ба ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти вай ишорат меварзад.

Воқеан, Шомлу шахсиятест, ки истеъдоди фавқулода дошт ва дар аксар заминаҳои ҳунарӣ табъ озмуд. Дар ҷомеаи адабиву илмии имрӯз ӯро ҳамчун муҳаққиқу пажӯҳишгар мешиносанд, чун ӯ «Китоби кӯча»-ро навишта, ки дар зоти худ як донишномаи бузурги фарҳанги омиёна аст. Гузашта аз ин, ӯ чанд матни муътабари адабиро тасҳеҳ намудааст, ки машҳуртарини он девони Ҳофизи Шерозӣ маҳсуб мешавад.

Заминаи дигари фаъолияти ӯ риштаи рӯзноманигорӣ ва матбуот буд. Дар тӯли замон ӯ сардабирии чанд маҷалла, аз ҷумла «Хӯша»-ву «Китоби ҷумъа»-ро ба дӯш дошт. Ӯ осори зиёди шоирони мағрибзаминро тарҷума намудааст.

Дар филмнависӣ низ нақши босазое дорад. А Шомлу бо радио низ ҳамкориҳои мустақим дошт ва тавассути ӯ ашъори бисёре аз шоирони муосир қироат ва дар наворҳо сабт шудааст. Як гӯшаи дигари фаъолияти вай нависандагист. Муҳаққиқони осораш насри ӯро ҳамчун насри хоссу ҷаззоб шинохтаанд.

Ба андешаи С. Шамисо, «Шомлу дар олами сиёсат ҳамвора мухолиф ва оштинопазир буд ва дар олами адаб ҳамвора назариёти ҷанҷолангез дошт. Суханони ӯ дар мавриди Ҳофизу Саъдӣ, махсусан, Фирдавсӣ ғавғое барангехт» [9, с.609].

Дар боло хотирнишон шуд, ки ӯ аз шогирдони Нимо буд. Худи ӯ низ инро тасдиқ мекунад ва таъкид менамояд, ки аз тариқи Нимо вориди адабиёт шуд, вале унсу бастагӣ бо шеъри шоирони хориҷӣ буд, ки вайро шоир намуд. Худи Нимо дар номае хитоб ба А. Шомлу чунин навишта буд: «Шумо воридтарин касе бар кори ману рӯҳияи ман ҳастед» [11, с.280].

Тавре ки маълум аст, баъдҳо А. Шомлу аз Нимо роҳи худро ҷудо мекунад ва худ бунёнгузори сабки алоҳида мешавад.

Дар бораи масири камолу пешрафти зиндагии А. Шомлу, махсусан, як андешаи С. Шамисо бисёр ҷолиб аст. Ӯ менависад: «Яке аз ҷумла ҳаводиси муҳимми зиндагии илмии ман ин аст, ки аз наздик шоҳиди айнӣ будаам, ки чигуна марде ба тадриҷ табдил ба шоири бузург мешавад ва чигуна касе, ки чун мо дар хиёбон роҳ меравад ва мустаъҷири хонаи ину он аст, гом ба гом ба сӯйи ҷовидонагиву абадият меравад ва дигар ба ҷойе мерасад, ки ҳар коре кунад ва ҳар сухане бигӯяд, ки ҳарчанд ба мазоқи мо хушоянд набошад, дар ин сарнавишти ҷовидонагӣ бетаъсир аст» [9, с.610].

А. Шомлу пас аз «Оҳангҳои фаромӯшшуда» ва «Қатънома» маҷмӯаи «Оҳану эҳсос»-ро ба нашр мерасонад, вале ба ақидаи муҳаққиқон, ин дафтарҳои шеърӣ низ муваффақияти чандоне пайдо намекунанд. Шоир дар ашъори ин маҷмӯаҳо ба гунае аз хонандагон барои иштибоҳоти пешин талаби омурзиш мекунад.

Ағлаби муҳаққиқони осори Шомлу бар ин назаранд, ки таҳаввули шигарфу амиқ дар фаъолияти ҳунарии шоир танҳо пас аз чопи маҷмӯаи сеюми ӯ «Ҳавои тоза» дар соли 1958 сурат мегирад. Ба назар чунин мерасад, ки шоир ба қавле, ки ба мардуми миҳанаш дода буд, вафо мекунад. Ба навиштаи Т. Пурномдориён, заминаи аслии ашъори вайро эҳсосоту авотифи бархоста аз таассуроти иҷтимоӣ ташкил менамоянд. Сурудаҳои вай як навъ саргузашти меҳру кин, яъсу умед, ишқу нафрат, ғаму шодӣ, дарду дареғ ва ҳамлаву гурез аст, вале меҳвари аслии тамоми ин авотиф иҷтимоу мардумаш мебошад: «Камтар шеъре аз вай мехонем, ки асаре аз дардҳои мардуму фазои мусаллат бар ҷомеаро набинем. Шомлу дар қалби маъракаи зиндагӣ ҳузур дорад… набзи шеърҳои ӯ бо набзи иҷтимоъ мезанад ва шеъри ӯ садои зарбаҳои як зиндагии иҷтимоӣ ва як даргирии васеъ бо рӯйдодҳост» [6, с.83].

Дар атрофи пайванди шеъраш бо масоили иҷтимоӣ худи ӯ чунин менависад: «Ҳеҷ вақт тасаввур наметавонам бикунам, ки шеър асари мустақими зиндагӣ набошад. Ё чизе бошад ҷудо аз зарбаҳои зиндагӣ. Ман фикр мекунам, ин аслан садои он зарбаҳост. Дар ин ҳеҷ шаке нест. Мунтаҳо ман наметавонам чунин кӯшише бикунам, ки ин зарбаҳо ба як наҳве ба сурати шеърӣ дарбиёяд ва навишта бишавад. Худ ба худ ин кор мешавад» [6, с.3].

Шояд саволе ба миён афтад, ки ин зиндагие, ки шеъри шоир садои зарбаҳои он аст, дар куҷо ҷараён дорад ё дар куҷо таҳаққуқ пайдо мекунад? Беҳтар аст, посухи ин пурсишро дар хилоли андешаҳои вай ҷустуҷӯ намоем. Дар як мақолааш конуни зиндагиву шебу фарози онро чунин шарҳ медиҳад: «Дар боби ончи «заминаи куллӣ» ва натиҷаи «заминаи аслӣ»-и шеъри маро месозад, метавонам ба содагӣ гуфта бошам, ки аз дер боз саросари зиндагии ман дар нигарониву дилхура хулоса мешавад. Мушоҳидаи тангдастиву беадолатӣ дар ҳама умр, бахтаки руъёҳое будаанд, ки дар бедорӣ бар ман гузаштааст. Беадолатӣ дағдағаи ҳамешагии ман будааст ва шояд аз ҳамин рӯст, ки беадолатӣ ҳамеша дастдаркор аст, то ба навъе аз ман интиқом биситонад.

Ин ҳайвони хавфангез, ки даври ман роҳ рафтааст ва дар қадамҳояш тилисме ба гирдогирди ман кашида, то ҳеҷ гоҳ ҳузурашро аз ёд набарам ва дуртар ҳангоме, ки истоданро навъе беадолатӣ биёбад нисбат ба дигарон... ва дар заминаи инҳо ҳама хушраксиҳои тангдастӣ-ин беадолатии бузургу мардафкани иҷтимоӣ, ки тан додан ба ҳамаи шиканҷаҳоро бо калимаи харрангкуни «вазифа» тавзеҳ мекунад» [6, с.84].

Исботи ин гуфтаҳоро мо зимни мурури ашъори шоир равшан мекунем:

Бар дари ин рӯзи по дар ҷой
Умеде дурахшид, ки дигар нест.
Умеди саодате, ки побарҷо менамуд,
Лекин дар бистари хеш ба ҷуз хоби гузар набуд [10, с.43].

Масъалаи дигари қобили мулоҳиза зимни арзёбии ашъори А. Шомлу таъйини марзҳои ҳамсонӣ ва тафовути шеъри ӯ ба дигар муосиронаш мебошад. Тавре ки аз

баррасии ашъори вай бармеояд, фарқияти аслии Шомлу аз дигар пайравони Нимо дар кайфияти маънипардозиву истифода аз забон аст. Ба қавли Зарқонӣ, «Шомлу ба монанди Нимо маъноро дар ҳолае аз ибҳоми ҳунарӣ қарор медиҳад, ки қобилияти бардоштҳои маъноии мутааддадро дорад. Дигар ин, ки ӯ метавонад дар ҳадди Нимо дугонагиву ҷудоии байни форму муҳтаворо ба ҳадди аққал бирасонад ва се дигар ин, ки форми зеҳнӣ дар ашъори озоди Шомлу ба инсиҷоме расида, ки камтар назир дорад. Шомлу дар забон ба сутуҳи болотар аз Нимо даст ёфтааст» [6, с.451].

Дар рушду камоли Шомлу ҳамчун як шоири тозаҷӯву навовар дар радифи шеъри мағрибзамин таъсири шоири рус В. Маяковский ниҳоят чашмгир аст. Ин масъала дар таълифоти мунаққиду адабиётдони саршинос Ризо Бароҳанӣ ба таври васеъ тарҳ шудааст. Ба андешаи ӯ, ошноиву тааммуқи А. Шомлу дар адабиёти Ғарб бад-он дараҷа набуд, ки битавонад ӯро дар интихоби форму шакли шеъраш сармашқ қарор гирад [13].

Номбурда, ҳамчунин, дар асари худ «Тилло дар мис» он ҷо, ки сухан аз Аҳмади Шомлу дар миён аст, перомуни истилоҳоти шеърӣ, «шеъри сапед», «шеъри озод» баҳс мекунад ва истифодаи онро аз ҷониби шоир ва дигар адибони навҷӯ нодурусту нобаҷо мешуморад. Ба қавли ӯ, шеъри сапеди ғарбиён, ки собиқаи чандсадсола дорад ва бар мабнои қавоиди махсусе устувор аст, бо шеъре, ки дар Эрон сафедаш мехонанд, ҳеҷ умумияте надорад.

Мазкур бар ин назар аст, ки дар тамоми аёми фаъолияти эҷодӣ ягона кӯшишу саъйи Аҳмади Шомлу равона бар ин буда, ки чӣ гуна битавонад ашъорашро дар қолабҳое ҷойгузин созад, ки аз тамоми шоирони дигар фарқ дошта бошанд ва шоир дар ин симат ба муваффақият ноил омадааст. Ағлаби қолабҳои ашъори шоирро наметавон номгузорӣ кард, зеро тибқи маъмул дар ашъори озод қолаби абзори аз пеш таъйиншудаи шеърӣ нест, балки муҳтаво аст, ки қолабро таъйин мекунад. Шеъри Шомлу аз оҳанги махсус бархӯрдор аст ва ин хасоиси шеъри ӯ ҳам бардошту таъсире аз шеъри ғарбиён нест. Ризо Бароҳанӣ дар ин бора менависад: «Шомлу фикри озод кардани яксараи шеър аз қайду банду вазнро аз Ғарб гирифтааст, вале манбаи лутфу зебоии каломи ғайри манзум, вале оҳангинаш «насри шеъргуна»-и қарни чаҳоруму панҷум (X-XI) аст ва оҳангҳои маҳками қисматҳое аз тарҷумаи форсии Таврот ва Инҷил, ки тарҷумаи бисёр поку шуста рафтаву пуроҳангу боуслубе аст ва кайфияти пайғамбарона сухан гуфтани Шомлу аз ҳамин китобҳои муқаддас сарчашма мегирад» [13, с.664].

Муҳаққиқи ёдшуда барои таъйиди қавли мазбур шавоҳиди фаровоне аз «Тазкират-ул-авлиё», «Таърихи Байҳақӣ», «Калила ва Димна», «Мақомоти Ҳамидӣ» ва ғайра меорад, ки сояи он шавоҳидро дар шеъри Аҳмади Шомлу мунъакис менамояд.

Ризо Бароҳанӣ дар шаклгирӣ ва қолабофаринӣ сарчашмаи дигарро барои ашъори Шомлу таъсири мустақими ояҳои Таврот медонад ва чунин изҳор медорад: «Усулан Шомлу гоҳе дар «Сафари Хуруҷ», «Сафари пайдоиш» аст, гоҳе дар «Мазомир»-у замоне дар «Китоби ҷомеа» шеърҳое ҳастанд, ки гарчи дар рӯйи саҳфа ба сурати пароканда навишта шудаанд, аммо бароҳатӣ метавон онҳоро ба сурати ояҳои Таврот навишт» [13, с.360].

Пас аз «Ҳавои тоза» ва «Боғи оина» Аҳмади Шомлу маҷмӯаи «Ойдо дар Ойина»-ро чоп намуд ва ба дунболи он китоби «Ойдо, дарахт, ханҷар, ва хотира» интишор мегардад. Тавре ки М.Ҳуқуқӣ менависад, китоби охир маҷмӯаи шеърҳоест, ки дар ниҳояти забардастии Шомлу аз назари тасаллут ба масолеҳи шеърӣ навишта шуда ва дар ҳақиқат, майдони қудратнамоии Шомлу будааст ва аз ин лиҳоз, қавитарин китоби ӯ ба шумор меравад» [14, с.161].

Баррасии ашъори шоир аз нигоҳи мавзӯъ ва дарунмояҳо мақсади мақолаи мо набуда, танҳо ба навъҳои шеъраш ишора менамоем.

Ашъори Шомлуро метавон ба анвои зерин ҷудо намуд: а) шеърҳое, ки бо вазни арӯзӣ суруда шудаанд; б) шеърҳое, ки бо вазни нимоӣ иншо шудаанд; в) шеърҳои сафеди бевазн.

Тибқи баррасиҳои анҷомшуда дар вазни нимоӣ, ки дар истифодаи он баробарии афоилҳои арӯзӣ зарурӣ нест ва одатан шоир тибқи ҳолату матолиби гуфтанӣ метавонад теъдоди афоилҳоро дарозу кӯтоҳ кунад, дар маҷмӯаҳои Шомлу ҳамагӣ 49 шеър дарҷ гардидааст.

Аммо бо вуҷуди он ки шоир бо ин шева шеъри зиёде эҷод намуда, вале сабаби аслии шуҳрату маҳбубияти ӯ ашъорест, ки бо номи шеърҳои мансур ё сафед сурудааст. Пӯшида нест, ки дар радифи Шомлу шоирони зиёде дар заминаи эҷоди шеърҳои мансур гомҳое бардоштаанд, вале ҳеҷ кадоме аз онҳо ба пояи Аҳмади Шомлу нарасидаанд. Дар ин замина ӯ шоири муваффақ аст ва шеъри асили сафеди муосири форсӣ, бидуни тардид, бо номи вай тасбит шудааст. Ба андешаи муҳаққиқ У.Сафар, Аҳмади Шомлу «худ офаридгори беҳтарин намунаҳои шеъри мансур аст ва аз сӯйи дигар, нерумандтарин назариётчӣ ва донандаи ҷузъиёти ин навъи шеър аст. Ӯ нисбат ба шеъри асил, шеъри ноб диди тозаи худро дорад. Дидгоҳе, ки дар зеҳну афкори дигар шоирон ва муҳаққиқони шеъри сафед нест. Аз дидгоҳи Аҳмади Шомлу, шеър ҳосили ёфтаҳо, кашфҳо ва дидаҳову зоидаҳои ногаҳонии амалу зеҳни шоир аст, ки зимни падид омадани он ҳеҷ қайду банде набояд музоҳими он бошад. Маҳзи хотири ин абзореро, мисли вазну қофия дар чунин ашъоре муҳим намедонад. Ҳама чиз бояд ба таври табиӣ сурат бигирад. Агар зимни зоишҳои ногаҳонии зеҳни обистани илҳом шоир пушти вазну қофия бигардад, ин ҷараёни табиӣ дучори олудагиҳо хоҳад шуд, олудагиҳое, ки аз ҳусну зебоии табии шеър коста мегардонад ва метавонад масири зеҳнро дигаргун созад» [7, с.13].

Дар поён лозим аст, таъкид шавад, ки ҳарчанд асосгузори шеъри сафед будани Шомлу собит шудааст, вале шинохту маърифати шоистаи он дар заминаи шеъри нави Эрон ба таври комил таҳқиқ нагардидааст. Мавзӯъҳои зиёди зидду нақиз дар робита ба ҷанбаи навпардозонаи шеъри ӯ дар адабиётшиносии имрӯз мавҷуд аст, ки пажӯҳиши дақиқу ҳамаҷонибааш замон мехоҳад.

Муқарриз*: М.Нарзиқул* – профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Ваҳҳобов Р. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритми назми муосири тоҷик / Р. Ваҳҳобов. - Душанбе, 2019. - 150 с.
2. Дадашева У.М. Поэзия современного иранского поэта Ахмед Шамлу: автореф. дисс. канд. фил. наук / У. М. Дадашева. - Баку, 1975. – 241 с.
3. Зарқонӣ Саидмаҳдӣ. Чашмандози шеъри муосири Эрон. / Саидмаҳдӣ, Зарқонӣ. – Теҳрон: Нашри «Солис», 1384. - 710 с.
4. Кляшторина В.Б. «Новая поэзия» в Иране / В.Б. Кляшторина. - М.: Наука, 1975. - 105 с.
5. Отахонова Х. Падидаҳои навҷӯӣ / Х. Отахонова. - Душанбе, 1972. - 127 с.
6. Пурномдориён Т. Сафар дар меҳ. Тааммуле дар шеъри А. Шомлу. / Т. Пурномдориён. – Теҳрон: Интишороти «Чашму чароғ», 1374. - 477 с.
7. Сафар, У. Аз хоки рангбохта. Нақду баррасии Нимо Юшиҷ / У. Сафар. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. - 196 с.
8. Ҳакимов А. Шеър ва замон / А. Ҳакимов. - Душанбе: Ирфон, 1978. - 253 с.
9. Шамисо, С. Раҳнамои адабиёти муосир / С. Шамисо. – Теҳрон: Нашри «Митро», 1383. - 720 с.
10. Шомлу, А. Дар остона / А. Шомлу. – Теҳрон: нашри «Солис», 1365. - 540 с.
11. Шомлу, А. Шоири шабонаҳову ошиқонаҳо / А. Шомлу. - Теҳрон, 1368, - 280 с.
12. Шелковый путь. Альманах, выпуск первый. - Душанбе: Ирфон, 1990. - 352 с.
13. .براهنی رضا. طلا در میس./ رضا براهنی- چاپ دوم با تجدید نظر و اظا فات. تهران، 1347. – 664 ص.
14. حقوقی محمد شعر زمان ما . احمد شاملو. شعرهای برگزیده./ محمد حقوقی -تفسیر و تحلیل موفقترین شعرها از انتشارات نگاه تهران، 1376. – 330 ص.
15. .دست غیب ع. نقد اثار احمد شاملو./ ع. دست غیب- تهران:چاپار،1375، 330 ص.
16. .زرین کوب، عبدالحسین ؛ شعر بی دروغ، شعر بی نقابجاویدان، / عبدالحسین زرین کوب. تهران، 1986- 338 ص.
17. . کدکني محمد رضا شفیعي. موسیقي شعر./ محمد رضا شفیعي کدکني- پاریسٍ انتشارات خاور. 1367، 254 ص.
18. . عابدی کامیار.در زلال شعر. زندگی و شعر امیر هوشنگ ابتهاج./ کامیار عابدی تهران، 1377. – 376 ص.

ШОМЛУ-АСОСГУЗОРИ ШЕЪРИ САФЕД

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи рӯзгору масири эҷодии шоири муосири Эрон А. Шомлу бахшида шудааст. А. Шомлу аз ҷумлаи шоирони навпардоз ба шумор меравад. Ҷолиби зикр аст, ки мавсуф аз шогирдони баргузидаи Нимо Юшиҷ, бунёнгузори «шеъри нав»-и Эрон маҳсуб мешавад. Ба андешаи худи адиб, ошноӣ бо сабку шеваи Нимо ӯро ба майдони адабиёт оварда, вале аслан шинохту дилбастагӣ ба шеъри мағрибзамин буд, ки вайро шоир намуд. Ҳарчанд дар бораи фаъолияти адабии шоир таълифоти фаровоне мавҷуд аст, то ба ҳол зиндагиномаи комили илмии ӯ дар даст нест. А. Шомлу дар шаҳри Теҳрон по ба арсаи вуҷуд гузоштааст. Падараш афсари низомӣ буд, аз ин рӯ, даврони мактабхонии ӯ дар бисёре аз шаҳру устонҳои Эрон гузаштааст. Ин вазъ ҳатто имкон надода, ки ӯ вориди мактаби олӣ гардад. А. Шомлу аз овони наврасӣ мустақилона донишҳои лозимиро фаро мегирад, адабиёт ва забони форсавиву арабиро меомӯзад. Нахустин маҷмӯаи ӯ бо номи «Оҳангҳои фаромӯшшуда» соли 1957 ба чоп расид, вале барои шоир

муваффақияти зиёде надошт. Дар мақола хотирнишон гардида, ки дар адабиётшиносии Эрон А. Шомлуро ҳамчун бунёнгузори «шеъри сапед ё шеъри мансур» мешиносанд. Соли 1958 маҷмӯаи дигари вай бо номи «Ҳавои тоза» мунташир мегардад. Маҳз ҳамин маҷмӯа муҷиби машҳурияти шоир гаштааст. Ба андешаи муҳаққиқон, дар ашъори ин дафтар, махсусан, масоили иҷтимоӣ инъикоси амиқу густардаи худро пайдо намудаанд.

Калидвожаҳо: шоир, шеър, адабиёт, сабк, Ғарб, навоварӣ, бунёнгузор, эҷодиёт, забон, маҷмӯа, шеъри сафед.

ШОМЛУ-ОСНОВАТЕЛЬ БЕЛОГО СТИХА

Статья посвящена исследованию жизнью и творческой пути современного иранского поэта А. Шомлу. А Шомлу предналежит к плеяд поэтов новаторов, современной персидской литературы. Следует отметить, что поэт является избранным учеником Нима Юшиджа, основоположника «новой поэзии» Ирана. Как отмечает сам А. Шомлу знакомство с поэзией Нима, его манеры стали предпосылкой его появления на литературной арене Ирана, но с другой стороны он благодаря влиянием западной литературы стал поэтом, новатором. Несмотря на то что, о творческой деятельности поэта написаны десятки книг, но до сих пор отсутствует его полная научная биография. А. Шомлу родился в Тегеране. Его отец был военным, поэтому его школьные годы прошли в разных городах Ирана. У поэта не было возможности получить высшее образование. А. Шомлу с раннего детства занимается самостоятельно, увлекается литературой, французским и арабским языками. Первый его поэтический сборник «Забытые напевы» вышел в свет в 1957 году, но не пользовался успехом. Далее отмечается, что в иранском литературоведении А. Шомлу признают как основателем «белого стиха» или прозаического стихотворения. В 1958 году была издана книга «Свежий воздух», и именно этот сборник поэту принес известность. По мнению литературоведов в стихах данного сборника отображены социальные вопросы общества.

Ключевые слова: поэт, поэзия, литература, стиль, новаторства, Запад, основоположник, творчество, язык, сборник, белый стих.

SHOMLU - THE FOUNDER OF THE WHITE VERSE

This article is devoted to the life, investigations and the creative path of the modern Iranian poet A. Shomlu. A. Shomlu is one of the innovative poets of modern Persian literature. It should be noted that the poet is one of the outstanding students of Nimo Yushij, the founder of the Iranian "New poem". As A. Shomlu himself notes his acquaintance with the poetry of Nimo, brought him to the literary sphere of Iran, but on the other hand, thanks to the influence of Western literature, he became a poet and innovator. Despite the fact that dozens of books have been written about the poet's creative activity, but his complete scientific biography is still missed. A. Shomlu was born in Tehran. His father was a military man, so his school years passed in different cities of Iran. The poet did not have the opportunity to get high education. A. Shomlu from early childhood was independently engaged, fond of French and Arabic, literary. His first poetry collection, Forgotten Songs, was published in 1957, but was not successful. It is further noted that in Iranian literary criticism of A. Shomlu was recognized as the founder of the "white verse" or prose poem. In 1958, the book "Fresh Air" was published, and it was the collection that brought fame to the poet. According to literary scholars, the poems of this collection depict social issues of society.

Key words: poet, poetry, literature, style, innovations, West, founder, creativity, language, collection, white verse.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шодиева Фархунда*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвончӯи кафедраи филологияи Эрон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 938-25-25-34**

Сведения об авторе: ***Шодиева Фархунда*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры иранской филологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 938-25-25-34**

Information about the author: ***Shodieva Farkhunda*** – Tajik National University, aspirant of the Department of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 938-25-25-34**

УДК:891.55

ТАҲЛИЛИ САНОЕИ ФАСЛУ ВАСЛ ДАР АСАРИ «АЛ–БАЛОҒАТ–УЛ–ҚУРЪАНИЯ ФӢ ТАФСИРИ ЗАМАХШАРӢ» –И АБӮМӮСО МУҲАММАД ҲУСАЙНӢ

Очилова М.И.
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент

Аз аввалин маълумоте, ки дар осори илмӣ-адабӣ дар мавзӯи фасл (ҷудонамоӣ) ва васли (пайвастшавӣ) калом ривоят намудаанд, ривояти Ҷоҳиз дар китоби «ал-Баён ва-т-табйин» мебошад: дар он ҳодисаи мардеро меорад, ки вай як либосе дошт ва Абӯбакри Сиддиқ (р) ба ӯ пешниҳод кард, ки: «Он либосро намефурӯшӣ?». Ва он мард посух дод: «На, омурзад туро Худованд». Пас Абӯбакр (р) аз ин ҷавоби он ранҷид, зеро он лафз чунон менамуд, ки ӯ бар зиддаш дуо карда истодааст. Ва Абӯбакр (р) гуфт: Бояд бигӯӣ, ки: «На, ва биёмурзад туро Худованд» (Худо туро биёмурзад) [1, с.241].

Олимони балоғат каломеро дар мавзӯи фаслу васл зикр намудаанд, ки қадимтарини он ба ривояти Ҷоҳиз мерасад, ки он олим тамоми илми балоғатро дар фаслу васл хулоса намуда буд.

Комили Хулӣ ба ин сухан эътироз намуда, мегӯяд, ки маънои ин сухан ин аст, ки магар арабҳо қабл аз форсҳо ба ин таваҷҷуҳ накардаанд? Сипас аз сухани Абӯҳилоли Аскарӣ, ки аз Аксам ибни Сайфӣ ривоят намудааст, далел овардааст: «Байни ҳар ноқизкунандаи маъно ҷудоӣ (фасл) биёред ва аммо калом агар мисли хамир бошад (яъне ба ҳам алоқаманд бошад), онро васл намоед» [15, с.174]. Пас, ҳанӯз дар замони ҷоҳилият дар бораи фаслу васл сухан гуфтаанд. Ва дар сухани Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ: «Каломи ба ҳам алоқамандро пайваст кунед», тасаввури возеҳе барои алоқамандии ҷумлаҳо ба назар мерасад, ки гӯё онон як чизанд.

Агар ба гуфтаҳои Абӯҳилоли Аскарӣ назар андозем, мебинем, ки ривоёти балоғиён ва суханварон дар бораи фаслу васли калом ба қоидаҳои фаслу васли Қуръони карим, ки аз тарафи донишмандони Қуръон муайян карда мешаванд, шабоҳати зиёд доранд. Замахшарӣ меорад, ки Аҳнаф ибни Қайс Амр ибни Осро мадҳ намуда мегӯяд, ки: «Мардеро дар мавзӯи вақф дар байни порчаҳои калом беҳтар аз Амр ибни Ос (р) надидам ва ҳеҷ кас ҳудуди онро мисли Амр (р) риоя намекунад. Ва агар ӯ сухан мегуфт, ҳангоми сухангӯйӣ порчаҳову қитъаҳои онро ҷустуҷӯ менамуд ва ҳаққи ҳама мақомҳоро медод. Маониро бо беҳтарин ваҷҳ истихроҷ менамуд ва ҳар вақте, ки таваққуф мекард, байни он сухан ва сухани дигарашро ҷудо менамуд» [3, с.350].

Паёмбар (с) чӣ гунае, ки аз Муъовия ривоят аст, ба ҷузъҳои сухан таваҷҷуҳ менамуд. Абдулҳамиди Котиб агар дар номааш аз касе аҳволпурсӣ мекард, пас чунин менавишт: «хабарат… ва аҳволат… саломатиат…» байни ин калом ҷудоӣ меовард ва мегуфт, ки акнун ҳамаи нутқ ҳолати худро комил кард ва байни онон фасл ба вуҷуд омад. Солеҳ ибни Абдурраҳмони Тамимӣ байни тамоми оятҳо ва равиши онон дар навиштан фасл мегузошт ва мегуфт, ки ҳар калимае, ки пас аз ҳиссачаи **«أن»** *(ки)* биёяд, бояд фасл шавад. Ва Ҷабал ибни Язид байни тамоми ҳиссачаҳои **«ف»** *(пас)* фасл менамуд. Аммо Маъмун бошад, фаслро пас аз ҳиссачаи **«حتى»** *(то, то ки)* зарурӣ мешуморид.

Фасл дар навиштан ин гузоштани аломатҳои китобатист, аммо дар талаффуз вақф мебошад ва ба таври умум он комил шудани ибора ва ҷумларо муайян мекунад, ки ин таъриф ба маънои илмии балоғии он хело наздик аст. Аммо ин тавр нест, фасл тарки васл аст. Ва шояд аз сабаби алоқаи зиёд доштани калом ва ҳамоҳангии он ё аз сабаби дурию ихтилофаш мебошад.

Муфассири бузург Замахшарӣ доир ба фаслу васл андеша ронда, қайд менамояд, ки агар мавзӯи васлу фаслро он гунае, ки дар китобҳои балоғӣ зикр шудааст, таҳлил намоем, пас ҳеҷ маводи муътамаде пеш аз қарни панҷум ба даст оварда наметавонем, ба ҷуз ин ишораҳое, ки аз тарафи Румонию Боқилонӣ сурат гирифтааст, онҳо таваҷҷуҳи зиёде ба ин масъала надодаанд. Устод Комили Хулӣ мегӯяд, ки: «Агар мо дар бораи мавзӯи фаслу васл ҷустуҷӯ кунем, ҳеҷ маҳсуле пайдо нахоҳем кард, инчунин агар ба таълифоти қарни дуюм, ки мавриди таҳқиқи балоғӣ қарор гирифтаанд, мисли китоби «Маҷози Қуръон»-и

Абӯубйада, «Маонӣ-л-Қуръон»-и Фарроъ ва «Таъвили мушкили-л-Қуръон» -и Ибни Қутайба низ назар кунем, дар ин масъала ҳеҷ чиз пайдо карда наметавонем» [2, с.41].

Аз зумраи ин ишорот *нуқтаи назари Шарифи Муртазо* дар таъвили ин оят аст, ки: «**وَمَا يَعْلَمُ تَأْوِيلَهُ إِلَّا اللَّهُ وَالرَّاسِخُونَ فِي الْعِلْمِ يَقُولُونَ آمَنَّا بِهِ كُلٌّ مِنْ عِنْدِ رَبِّنَا**» *(Ва собитқадамон дар илм мегӯянд: Ба ин (муташобеҳ) имон овардем, ки ҳама аз назди Парвардигори мо аст*) (Оли Имрон, 7) [10, с.51]. Яъне метавонад калимаи «собитқадамон» ба калимаи пеш аз вай омада пайваст карда шавад ва исботи илм ба муташобеҳ ба вуҷуд ояд, ки овардани ҷумлаи «мегӯянд: Имон овардем» аз овардани ҳарфи атф сарфи назар намудааст, ҳамон гунае, ки дар ояти «**سَيَقُولُونَ ثَلَاثَةٌ رَابِعُهُمْ ...**» *(Мегӯянд сетоянд, чорумашон...)* (Каҳф, 22) [10, с.297] [11, с.96]. Ин ақида ба нуқтаи назари Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ хело наздик аст: бояд тазаккур дод, ки ҷумлаҳое, ки ба вазифаи бадал, ё баён, ё таъкид меоянд, мисли атф ҳамчун истиъноф муаррифӣ кардаанд ва ҳамаи ин гуфтаҳои онон сарчашмае барои омӯзиши мавзӯи фаслу васл дар китобҳои балоғиён гардидааст. Аз ин рӯ, дар ин мавзӯъ он чи ки аз Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ дар ин боб зикр менамоем, аз китобҳои забоншиносон сарчашма мегирад. Вале ба ҳар ҳол, Ҷурҷонӣ нахустин нафаре буд, ки дар ин мавзӯоти наҳвӣ рӯҳи балоғатро дамид.

Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ нахуст дар бораи аҳаммияти шинохти ин мавзӯъ суҳбат менамояд, ки бояд пайвастшавӣ ва ҷудошавии ҷумлаҳоро шинохт ва мегӯяд, ки ин амр ҷуз ба нуктасанҷон ноил намегардад. Сипас, риштаи суханашро ба самти калимаҳо мебарад, ки ин (калимаҳо) дар ҳукм бо ҷумла шариканд, яъне агар ҷумла як маҳалли эъробии махсусеро дошта бошад, ҳукмаш ҳукми калима аст ва агар ширкат хоҳад, онро атф (пайваст) менамояд ва агар ширкатро нахоҳад, фасл карда мешавад, ки дар ин бора масъала саҳлу осон аст. Ва масъалаи мушкилтар он аст, ки ба ҷумла бе мавқеи эъробӣ ҷумлаи дигар пайваст карда шавад. Ба монанди «Зайд рост аст» ва «Амр нишаста», «Илм хуб асту ҷаҳл бад» [1, с.178].

Сипас Ҷурҷонӣ муқаррар менамояд, ки атф танҳо ба ҳарфи «вов» сурат мегирад, на ба ҳарфҳои атфи дигар, зеро ин ҳарфҳо (ҳиссачаҳо) ҳар як маънои хосси худро доранд. Масалан, ҳарфи атфи «**ف**» (пас) барои тартиби бидуни дер кардан аст, ҳиссачаи «**ثُمَّ**» (сипас, пас) барои тартиби ботадриҷ аст, ҳиссачаи «**أو**» (ё) барои шубҳаи феъл дар байни ду чиз аст. Ҳамин тавр, ҳамаи ҳиссачаҳои атф мисли «вов» барои иштирок буда наметавонанд ва агар ҳукми эъробӣ набошад, ишкол пайдо мешавад.

Бо ин меъёре, ки ҷумлаҳои дорои маҳалли эъробӣ ва инчунин ҳиссачаҳои атфи ғайри вовро баровардааст, Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ фаслу васлро дар ин доира муайян намудааст, ки олимони дигари балоғат пас аз ӯ ба равиши ӯ амал намудаанд.

Сипас, Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ дар бораи зарурати гӯяндаи ду ҷумла суҳбат мекунад, ки сабаби ду ҷумлаи дигар мешавад. Бо ин сабаб Абӯтамомро бо ин байти гуфтааш нақд намудаанд, ки:

لا والذي هو عالم أنّ النوى صبر وأن أبا الحسين كريم.[7, с.259]

(На, савганд ба оне, ки олим аст, ин ки ҳаста сабур аст ва Абулҳасан карим).

Аввалан ин, ки дар ин байт ду ҷумла ба ҳам дар маъно мутааллиқ ҳастанд (яъне ҳамчун таъкид, ё ҳамчун сифати ҳамдигаранд), пас набояд атф дар он ворид карда шавад, зеро таъкиду сифат мутааллиқ бар муаккад ва дар зоти худашон мавсуфанд ва тааллуқи зотӣ аз лафзе, ки далолати тааллуқ кунад, бениёз аст. Агар гӯйӣ, ки «Зайд қадбаланд аст ва Амр шоир» ин хилоф аст. Ва ҷумлаи амр агар то ду маъно бо ҳам омехта набошад, намеояд. Масалан, Зайду Амр ё бародар бошанд, ё ҳамто бошанд, ё аҳволашон ба ҳам омехта бошад, ки ҳар яки он ҳангоми қиёму нишастан ва ё монанди ин дигар афъол дар зеҳн дохил бошад. Ва ба ин монанд дар исмҳои дигар мисли ҷумлаи «Илм хуб асту ҷаҳл бад», ки дар ҳар як нафс (зеҳн) хубии илм ва бадии ҷаҳл маълум ва ворид аст [16, с.147-148].

Сипас, Замахшарӣ бо такя бар ақидаи Ҷурҷонӣ мегӯяд: «Агар дар ду ҷумла он исме, ки дар бораш хабар дода мешавад, як исм бошад, мисли ин, ки «вай мегӯяд ва мекунад ва зарар мерасонад ва фоида мерасонад…» маънои ҷамъ устувортар ва равшантар мегардад». Ва агар ду феъл дар монанди ин мисол алоқаманд бошанд, дахолат ва пайвастагӣ зиёд мешавад. Мисол: «Аҷиб аст, ки ту некӣ кардию бадӣ», «Магар мешавад,

ки як чизи мункарро наҳӣ кунӣ ва худ онро анҷом диҳӣ» [8, с.1105]. Ва ин нуқтаи назар муҳим аст, ки ҷудо кардани калом ба табақаҳо ва таҳлил намудани мустаҳкамии ҳудуд ва неруи сабк ва ғайра мумкин аст.

Маълум аст, ки ҷумлаҳое, ки мавқеи эъробӣ доранд, дар онҳо ҳеҷ мушкилӣ вуҷуд надорад ва Замахшарӣ дар бораи онон сукут менамояд. Сипас, ӯ сабабҳои фаслро баррасӣ намуда, дар ин масъала амр дар ҷумларо ба амр дар калима қиёс менамояд. Ва чӣ гунае, ки сифат ниёзе ба васлкунанда надорад, ки маънои онро ба ашёи пеш аз ӯ буда пайваст кунад, зеро ӯ худ дар худ маънӣ дорад ва ҳеҷ ниёзе ба пайвасткунанда надорад. Бо ин минвол ҷумларо муқоиса намудааст, ки бо ҷумлаи қабл аз худ буда алоқаи сифату мавсуфро дорад, ки бидуни пайвасткунанда аст. Ва оятҳои зеринро далел меорад: **« الم (1) ذَلِكَ الْكِتَابُ لا رَيْبَ فِيهِ هُدًى لِلْمُتَّقِينَ»** *(Алиф. Лом. Мим. Ин китоб, (ки) дар он ҳеҷ шубҳа нест)* (Бақара, 1, 2) [10, с.3, 4]. **إِنَّ الَّذِينَ كَفَرُوا سَوَاءٌ عَلَيْهِمْ أَأَنْذَرْتَهُمْ أَمْ لَمْ تُنْذِرْهُمْ لا يُؤْمِنُونَ (6) خَتَمَ اللَّهُ عَلَى قُلُوبِهِمْ وَعَلَى سَمْعِهِمْ وَعَلَى أَبْصَارِهِمْ غِشَاوَةٌ وَلَهُمْ عَذَابٌ عَظِيمٌ »** *(Ҳар оина барои онҳое, ки кофир шудаанд, баробар аст: онҳоро битарсонӣ ё онҳоро натарсонӣ-имон намеоранд. Худованд бар дилҳояшон ва бар гӯшҳояшон муҳр ниҳод; ва бар чашмҳояшон пардае ҳаст; ва барои онҳо азоби бузург (дар пеш) аст)* (Бақара, 6, 7) [10, с.4]. **«وَمِنَ النَّاسِ مَنْ يَقُولُ آمَنَّا بِاللَّهِ وَبِالْيَوْمِ الْآخِرِ ...»** *(Ва аз мардумон касоне ҳастанд, ки мегӯянд: «Ба Худо ва рӯзи бозпасин имон овардем...)* (Бақара 8) [10, с.4]. **«وَإِذَا تُتْلَى عَلَيْهِ آيَاتُنَا وَلَّى مُسْتَكْبِرًا كَأَنْ لَمْ يَسْمَعْهَا كَأَنَّ فِي أُذُنَيْهِ وَقْرًا ...»** *(Ва чун оёти Мо бар ин шахс хонда шавад, такаббуркунон рӯй бигардонад, гӯё онро нашунидааст, гӯё дар гӯшҳои вай гароние ҳаст)* (Луқмон, 7) [10, с.412]. Муфассири нуктасанҷ Замахшарӣ инро таҳлили дақиқ ва мӯшикофона намуда ва робитаҳои дақиқи онро баён кардааст, ки дар тамоми он ба аҳволи маонӣ ва муносиботи он байни ҳам ва тафовутҳояшон огаҳии комил доштани олимро исбот менамояд. Ва сухани «**гӯё дар гӯшҳои вай гароние ҳаст**» нисбат ба сухани «гӯё, ки онро нашунидааст» балеғтар аст. Ва қавли «**Имон намеоранд**» таъкиде бар сухани «**Баробар аст: онҳоро битарсонӣ, ё онҳоро натарсонӣ**» мебошад. Ва сухани «**Худованд бар дилҳояшон муҳр задааст**» таъкиди дувум ва балиғтар аз аввал аст. Ва қавли «**ҷуз ин нест, ки мо тамасхур мекунем**» айнан маънои «**Ҳамоно мо бо шумоем**» аст, яъне мо ҳанӯз яҳудиятро тарк накардаем [1, с.180].

Агар алоқаи маъно ба қавли пеш аз худ будаи худ дарбаргирандаи чанд маънӣ бошад, ки Ҷурҷонӣ ба он ишора намудааст, (чӣ гунае, ки дар оёт ишора намудааст): **« مَا هَذَا بَشَرًا إِنْ هَذَا إِلَّا مَلَكٌ كَرِيمٌ ... »** *(...ин (навҷавон) одамӣ нест; ин ба ҷуз фариштаи гиромӣ шахсе нест)* (Юсуф, 31) [10, с.240] ва қавли «**ин ба ҷуз фариштаи гиромӣ шахсе нест**» шабеҳи «**Ин (**навҷавон**) одамӣ нест**» мебошад. Ва аз се ҷиҳат дарбаргирандаи он маънист, ки дутояш монандӣ дар таъкиди он ва ҷиҳати сеюм ин ки монандии он дар сифат менамояд. Ва яке аз он ду ваҷҳе, ки дар таъкид буд, ин аст, ки: агар ӯ малоика бошад, пас инсон нест ва агар чунин бошад, исботи малоика будани он пеш меояд ва таъкид бар ҷумлаи инкории инсон будани он мешавад. Ва ваҷҳи дуюм ин равиши одатии мардум, ки агар гӯянд, ки: Ин инсон нест, ин малоика аст, нишондиҳандаи азамат ва тааҷҷуб аст, ки агар дар як инсон покии ахлоқу зебогии суратро бубинанд, чунин мегӯянд. Яъне мақсад аз ин калом ин аст, ки ӯ бо ин калима кунния бигирад, ки вақте мафҳуми ин лафз зикр мешавад, таъкиде бар номи ӯ мегардад. Ба монанди лафзи кулли онон, ки дар ҷумлаи **«Қавм ба куллӣ омаданд»** таъкид аст. Агар калимаи **«кулл»** дарбаргирандаи маънои қавм намешуд, таъкид намешуд. Аммо ваҷҳи сеюм, ки он сифат аст, ин аст, ки он инсон будани онро инкор кард ва ҷинси дигареро барояш исбот кард, зеро имконнопазир аст, ки аз ҷинси инсон барояд ва дар ҷинси дигар ворид нашавад. Ва ҳангоме ки чунин аст, малоика будани он таъйин ва баёнсозист, ки ин сифат аст [16, с.150].

Сипас, Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ дар бораи тарк кардани атфи (пайвастани) ҷумлае, ки ҳолаш ҳамроҳ бо ҷумлаи қаблӣ бошад, ишора менамояд. Ва дар ин бора мисоле аз Қуръони карим меорад, ки: **«اللَّهُ يَسْتَهْزِئُ بِهِمْ وَيَمُدُّهُمْ فِي طُغْيَانِهِمْ يَعْمَهُونَ »** *(Худованд бар онон истиҳзо мекунад (яъне посухи тамасхурашонро медиҳад) ва ба онҳо дар гумроҳияшон муҳлат медиҳад, (то) саргашта шаванд)* (Бақара, 15) [10, с.4]. Дар зоҳир чунон ба назар мерасад, ки гӯё ин сухан ба сухани **«...إِنَّمَا نَحْنُ مُسْتَهْزِئُونَ...»** *(...ҳамоно ҷуз ин нест, ки мо тамасхур мекунем...)* (Бақара, 14) [10, с.4] маътуф (пайваст) аст, ки ин ба монанди оёти зер аст: **«...يُخَادِعُونَ اللَّهَ وَهُوَ خَادِعُهُمْ...»** *(...ҳамоно мунофиқон мекӯшанд, то Худоро фиреб кунанд, вале*

Худованд посухи фиребии ононро медиҳад...) (Нисо, 142) [10, с.99], **«...وَمَكَرُوا وَمَكَرَ اللَّهُ...»** *(...онон макр карданд ва Худованд найрангашонро хунсо кард...)* (Оли Имрон, 54) [10, с.58]. Ба ин монанд хело зиёд ба назар мерасад, ки аҷз (қисмати охири ҷумла) бар хилофи садр (қисмати аввал) меояд. Ва дар ин оёт атфро тарк намудааст, зеро қавли «**Ҳамоно, мо тамасхуркунандаем**» ҷумлаи ҳикоягӣ ва ҳикояте аз онон аст ва ояти « **«الله يستهزئ بهم» (Худованд ононро истеҳзо мекунад, яъне посухи тамасхурашонро медиҳад)**, хабаре аз ҷониби Худованд аст. Ва дар ин ҷо имконнопазир аст, ки хабари Парвардигор бо ҳикояти онон атф бошад [16, с.151].

Сипас, ин оятро зикр мекунад, ки: **نَحْنُ مُصْلِحُونَ (11) أَلا »** «**وَإِذَا قِيلَ لَهُمْ لا تُفْسِدُوا فِي الأَرْضِ قَالُوا إِنَّمَا إِنَّهُمْ هُمُ الْمُفْسِدُونَ وَلَكِنْ لا يَشْعُرُونَ**(*Ва чун ба онҳо гуфта шавад: Дар замин табоҳкорӣ макунед, ҷуз ин нест, ки мо ислоҳкорем. Огоҳ шав, ки ба ҳақиқат, табоҳкорон онҳоанд, валекин хабар надоранд)* (Бақара, 11, 12) [10, с.4] ва дар ин ҷо баён намудааст, ки иллати манъ будани атфи «**Ҳамоно онон табоҳкоранд**» бо «**Ҳамоно мо ислоҳкорем**» мисли сабаби ояти собиқ аст, ки якеаш хабар аз ҷониби Парвардигор аст, дигаре ҳикоят аз онон.

Инчунин атф байни ҷумлаи **« الله يستهزئ بهم»** *(Худованд ононро истеҳзо мекунад, яъне посухи тамасхурашонро медиҳад)* бар ҷумлаи **«قالوا»** *(гуфтанд)* номумкин аст, зеро атф ба он ҳукми шартро медиҳад ва ҷумлаи **«قالوا»** *(Гуфтанд)* ҷавоби **«وإذا خلو إلى شياطنهم»** *(Ва чун бо шайтонҳояшон хилват кунанд)* мебошад.

Пас аз ин умури дақиқ Абдулқоҳир Ҷурҷонӣ ваҷҳи сеюмро дар бораи қатъ ва аз навшурӯъкунӣ зикр менамояд, ки он воқеъ шудани калом ҳамчун ҷавоби суол аст. Ва дар ин бора шеъри машҳуреро, ки бештар мисол оварда мешавад, зикр менамояд:

زعم العواذل أنني في غمرة صدقوا ولكن غمرتي لاتنجلي.[5, с.477]

(Маломаткунандагон гумон карданд, ки ман дар авҷ расидаам, онон рост гуфтанд, вале авҷи ман ҳанӯз тулӯъ нанамудааст).

Ва шеъри дигар, ки:

زعم العواذل أن ناقة جندب بجنوب خبت عريت وأجمت
كذب العواذل لو رأينا مناخنا بالقادسية قلن لجّ وزلت.[7, с.951]

(Сарзанишкунандагон Ҷандабро сарзаниш карда гуфтанд, ки уштураш дар самти ҷануб дар таги замин бараҳна хоб аст (яъне ӯ сафарро тарк кардаст).Онон дурӯғ гуфтанд, зеро агар макони моро дар Қодисия медиданд, мегуфтанд, ки уштурон дар даруни баҳр ғарқ шуда хам задаанд).

Сипас, дар ду байти охир мулоҳиза намудааст, ки дар он маънои зиёдатӣ оварда шудааст, ки дар байти собиқ нест. Ва он гузоштани исми зоҳир дар макони исми музмар (пӯшида) ба хотири таъкид намудани амри қатъист.

Сипас, қавли дигареро зикр мекунад, ки:

زعمتم أن إخواتكم قريش لهم إلف وليس لكم إلاف.[6, с.739]

(Гумон мекунед, ки бародаронатон –Қурайшиҳо- улфат доранду шумо на).

Дар ин байт баён намудааст, ки байни мисраи якуму дуюм вожаи «дурӯғ гуфтед» маҳзуф аст, зеро агар онро зоҳир мекард, чунин мешуд, ки «шумо гумон мекунед, ки Қурайш бародарони шумоанд, дурӯғ гуфтанд», ки ин ҷавоби шарт мешуд.

Сипас, ин ду байтро овардааст, ки:

ملكته حبلي ولكنه ألقاه من زهد على غارب
وقال إني في الهوى كاذب انتقم الله من الكاذب.[4, с.354]

(Ресмонамро ба ӯ додам, валекин ӯ онро аз рӯйи зуҳд бар гарибе партофт. Ва гуфт, ки ман ба ҳавои нафси худ дурӯғ гуфтам, ки Худованд аз дурӯғгӯ интиқом гирифт).

Ва ин байтҳоро беҳтарин ва латифтарин байт дар истиъноф мешуморад.

Замахшарӣ дар «Тафсири Кашшоф»-и хеш дар бораи «истиъноф» (аз нав шурӯъ кардан) далелҳои зиёдеро ворид намудааст ва чӣ тавре ки дидем, дар ҳар як мисол мулоҳизаи хешро овардааст. Аз ин мулоҳизаҳо ин зарурати такрор кардани феъл дар ҷавоби суоли муқаддар (зеҳнӣ) аст, ки дар ин қавли шоир омадааст:

وما عفت الرياح له محلا عفاه من حدا بهم وساقا [6, с.231].

(Боду шамол ба ҷуз осори ин теппа ҳамаро нобуд кард ва бо бурдани асари ин теппа осори зиёди гузаштагони онро пайдо карданд).

Ва ин сухани шоир:

عرفت المنزل الخالي عفا من بعد أحوال
عفاه كل حنان عسوف الوبل هطال[4, c.624].

(Манзили холиеро дарёфтам, ки аз сифоти аҳволам офият буд, чӣ гуна офият? Чӣ офияте, ки меҳрубонону золимон ҳеҷ коре ба он накардаанд). Дар ин маврид Замахшарӣ ба нуқтаи назари Ҷурҷонӣ ҳамфикр буда, чунончи ин тарзи таҳлил дар асари Ҷурҷонӣ муқаррар аст: «Бидон, ки суол агар зоҳир ва мазкур бошад, ғолибан набояд феъл дар ҷавоби он зикр шавад ва танҳо бояд бар исм маҳдуд монад, аммо бо вуҷуди музмар овардан (дар зеҳн гирифтан) ҷоиз нест, ки ба ҷуз феъл чизи дигаре зикр шавад. Тафсири ин қавл ин аст, ки метавонӣ, бигӯйӣ, ки «Агар онро бод вайрон накард, пас чӣ нобуд кард?» вале намегӯӣ, ки «Аз байн бурд ӯро касе, ки нобуд кард» [16, с.152]. Сипас, Ҷурҷонӣ муқаррар менамояд, ки фасл дар услубҳои гуфтугӯйӣ низ мавҷуд аст ва дар ин бора мисолҳои зиёде аз Қуръони карим зикр намудааст: **قَالَ رَبُّ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَمَا بَيْنَهُمَا إِنْ كُنْتُمْ مُوقِنِينَ قَالَ » حَوْلَهُ أَلَا تَسْتَمِعُونَ** (25) **قَالَ رَبُّكُمْ وَرَبُّ آبَائِكُمُ الْأَوَّلِينَ** (26) **قَالَ إِنَّ رَسُولَكُمُ الَّذِي أُرْسِلَ إِلَيْكُمْ لَمَجْنُونٌ** (27) »(24) **قَالَ لِمَنْ رَبُّ الْمَشْرِقِ وَالْمَغْرِبِ وَمَا بَيْنَهُمَا إِنْ كُنْتُمْ تَعْقِلُونَ***(Фиръавн гуфт: «Парвардигори ҷаҳониён чист?» (Мӯсо (а) гуфт: «Агар яқинорандаед, Парвардигори осмонҳову замин аст ва он чӣ дар байни онҳост» (Фиръавн) ба онон, ки дар атрофаш буданд, гуфт: «Оё намешунавед?» (Мӯсо) гуфт: «Парвардигори шумо ва Парвардигори падарони пешини шумо аст » (Фиръавн) гуфт: «Ҳамоно пайғамбари шумо, ки ба сӯйи шумо фиристода шудааст, девона аст» (Мӯсо) гуфт: «Агар ба ақл дармеёбед, Парвардигори Машриқу Магриб аст ва он чи дар миёни инҳост)* **(**Шуаро оятҳои 23 то 28**)** [10, с.369].

Муфассири забардаст Замахшарӣ натиҷаи ин баҳсро бо суханони зерин хулоса намудааст: «Ҳамоно дарк кардӣ, ки усули ин қавонин дар бораи фаслу васл дар ҷумла чист ва бидон, ки мо дар ин баҳс ба хулосае омадем, ки ҷумлаҳо бар се навъанд: якум, ин ки ҷумла аҳволаш бо аҳволи қабл аз худаш аҳволи сифату мавсуф, ё таъкиду таъкидшаванда ҳеҷ гоҳ атф намешаванд. Ва ин ба хотири он аст, ки он дар худ монандии атф дорад. Дуюм, ҷумлае, ки аҳволаш ба моқаблаш аҳволи исмест, ки бо он тафовут дорад, вале дар ҳукм ба он шарик аст ва дар маъно ба ҳам мепайванданд монанди ин ки ҳар ду исм фоъил бошанд, ё мафъул бошанд ва ё муайянкунанда бошанд, ки ҳаққи онон атф кардан аст. Сеюм, навъи ҷумла ҷумлаест, ки аз ду аҳволи дар боло зикршуда холӣ аст, яъне он мисли исмест, ки бо исми моқаблаш на алоқаи маъноӣ дорад, на ҷузъе аз он аст ва исми моқаблаш зикр шавад, ё нашавад, ҳардуяш яксон аст. Ва ҳаққи ин, албатта, адами атф аст. Зеро тарк намудани атф ё аз сабаби расидан ба ҳадафи баён аст, ё аз сабаби инфисол аз он. Ва атф худ воситае байни ин ду амр аст, ки аз ин ду ҳол яктояшро мегирад» [1, с.183].

Ин ҳамон усулест, ки Замахшарӣ ва олимони баъдина қавонини худро аз он истинбот намудаанд, ки дар он усул ҷуз тақсиму ҷузъбандӣ чизи дигаре илова нанамудаанд. Ва ин аз далелҳое, ки матраҳ намудем, маълум мегардад. Ин боб метавонад вусъат пайдо кунад ва дарбаргирандаи баҳсҳои наву муфиде барои истифодабарандагон бошад.

Муқарриз: Ғаффорова Умеда Абдуллоевна - доктори илмҳои филологӣ, директори ИИТ улуми ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

А Д А Б И Ё Т

1. Абӯмӯсо, Муҳаммад Ҳусайн. Ал-балоғат-ул-Қуръония фӣ тафсир-ил- Замахшарӣ /, Муҳаммад Ҳусайн Абӯмӯсо. - Қоҳира-Миср: Дорулмутазомин, 1988. – 753 с. *(ба забони арабӣ)*
2. Алавии Яманӣ, Яҳё ибни Ҳамза. Алтуросу-л-мутазаммин ли асрори-л-балоғати ва улуми ҳақоиқи-л-эъҷоз / Яҳё ибни Ҳамза Алавии Яманӣ. - Миср, 1914. – 560 с. *(ба забони арабӣ)*
3. Аскарӣ, Абӯҳилол. Саноъатайн (таҳқиқи Муҳаммад Бақовӣ ва Муҳаммад Абӯфазли Иброҳим) / Абӯҳилол Аскарӣ. - Қоҳира, 1952. – 238 с. *(ба забони арабӣ)*
4. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фӣ вуҷуҳи-т-таъвил / Маҳмуд ибни Умар Замахшарӣ; тарҷумаи Масъуди Ансорӣ. Ҷ.1. – Теҳрон: Қуқнус, 2011. – 854 с. *(ба забони форсӣ)*
5. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фӣ вуҷуҳи-т-таъвил / Маҳмуд ибни Умар Замахшарӣ; тарҷумаи Масъуди Ансорӣ. Ҷ.2. – Теҳрон: Қуқнус, 2011. – 888 с. *(ба забони форсӣ)*
6. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фӣ вуҷуҳи-т-таъвил / Маҳмуд ибни Умар Замахшарӣ; тарҷумаи Масъуди Ансорӣ. Ҷ.3. – Теҳрон: Қуқнус, 2011. – 839 с. *(ба забони форсӣ)*

7. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фӣ вуҷуҳи-т-таъвил / Маҳмуд ибни Умар Замахшарӣ; тарҷумаи Масъуди Ансорӣ. Ҷ.4. – Теҳрон: Қуқнус, 2011. – 1147 с. *(ба забони форсӣ)*
8. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фӣ вуҷуҳи-т-таъвил / Маҳмуд ибни Умар Замахшарӣ. - Бейрут: Дорул-китоб ал-арабӣ, 2006. – 1806 с. *(ба забони арабӣ)*
9. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фӣ вуҷуҳи-т-таъвил / Маҳмуд ибни Умар Замахшарӣ;. ҳошия: Сайид Шариф Ҷурҷонӣ. - Бейрут: Дорул-фикр, 2008. – 567 с. *(ба забони арабӣ)*
10. Қуръони маҷид / Тарҷумаи Абулмуҳаммади Оятӣ (баргардон Мирзо Комрон). - Теҳрон: Воҳидҳои эҳёи ҳунарҳои исломӣ, 1371. – 610 с. *(ба забони тоҷикӣ)*
11. Муртазо, Саид. Амомил Муртазо. (падидовар: Абулфазл Муҳаммад Иброҳим).Ҷ. 1 / Саид Муртазо. - Қоҳира-Миср: Дорул фикр ал-арабия, 1998. – 654 с. *(ба забони арабӣ)*
12. Окилов М. “Атвак-уз-захаб” Замахшари, (научное исследование, перевод на узбекский язык и его толкование) / М. Окилов. – Худжанд: Меърадж, 2012. – 157 с. *(ба забони русӣ)*
13. Очилова М. Корбурди киноя дар тафсири «Кашшоф»-и Ҷоруллоҳ Замахшарӣ / М.Очилова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе: Сино, 2018. - №6. - С. 257-260. *(ба забони тоҷикӣ)*
14. Очилова М. Таҳқиқи забон ва вижагиҳои услубии эҷдотиёти муфассир Ҷоруллоҳ Маҳмуди Замахшарӣ / М.Очилова. Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). - Душанбе: Дониш, 2018. - №2 (250). - 226 с.
15. Ҷурҷонӣ, Абдулқоҳир. Асрору-л-балоға (таҳқиқи Аҳмад Мустафо Мароғибек) / Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ. - Қоҳира: Матбаи Истиқомат, 1947. – 296 с. *(ба забони арабӣ)*
16. Ҷурҷонӣ, Абдулқоҳир. Далоил-ул-эъҷоз / Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ. - Қоҳира: Мактабат-ул-ҷонҷӣ матбаат-ул-маданӣ, 2011. – 723 с. *(ба забони арабӣ)*

ТАҲЛИЛИ САНОЕИ ФАСЛУ ВАСЛ ДАР АСАРИ «АЛ–БАЛОҒАТ–УЛ–ҚУРЪАНИЯ ФӢ ТАФСИРИ ЗАМАХШАРӢ» –И АБӮМӮСО МУҲАММАД ҲУСАЙНӢ

Мақола ба таҳлили саноеи фаслу васл дар асари «Ал–балоғат–ул–қуръания фӣ тафсири Замахшарӣ» –и Абӯмӯсо Муҳаммад Ҳусайнӣ бахшида шудааст. Муфассири бузург Замахшарӣ доир ба фаслу васл андеша ронда, қайд менамояд, ки агар мавзӯи васлу фаслро он гунае, ки дар китобҳои балоғӣ зикр шудааст, таҳлил намоем, пас ҳеҷ маводи муътамаде пеш аз қарни панҷум ба даст оварда наметавонем, ба ҷуз ин ишораҳое, ки аз тарафи Румонию Боқилонӣ сурат гирифтааст, онҳо таваҷҷуҳи зиёде ба ин масъала надодаанд. Устод Комили Хулӣ мегӯяд, ки: «Агар мо дар бораи мавзӯи фаслу васл ҷустуҷӯ кунем, ҳеҷ маҳсуле пайдо нахоҳем кард, инчунин агар ба таълифоти қарни дуюм, ки мавриди таҳқиқи балоғӣ қарор гирифтаанд, мисли китоби «Маҷози Қуръон»-и Абӯубйада, «Маонӣ-л-Қуръон»-и Фарроъ ва «Таъвили мушкили-л-Қуръон» -и Ибни Қутайба низ назар кунем, дар ин масъала ҳеҷ чиз пайдо карда наметавонем.

Калидвожаҳо: саноеи фаслу васл, мавзӯи васлу фасл, асари «Ал–балоғат–ул–қуръания фӣ тафсири Замахшарӣ», Абӯмӯсо Муҳаммад Ҳусайнӣ, таҳқиқи балоғӣ.

АНАЛИЗ ХУДОЖЕСТВЕННЫХ ПРИЁМОВ “ ФАСЛ И ВАСЛ” В ПРОИЗВЕДЕНИИ «АЛ–БАЛОГАТ–УЛ–КУРЪАНИЯ ФИ ТАФСИРИ ЗАМАХШАРИ» АБУМУСО МУХАММАДА ХУСАЙНА

Стиль Корана однообразно величествен, как в красоте слов, так и в глубине смысла, точности изложения и необыкновенной красоте выражения. В статье автором подвергнут анализу художественный приём *фасл* и *васл* в произведении «Ал–балогат–ул–ќуръания фи тафсири Замахшари» – Абумуса Мухаммада Хусайни. Великий толкователь Корана Замахшари изъясняя свои мысли и суждения относительно данного художественного приёма отмечает, что если провести анализ данной тематике в книгах о риторике, станет ясно ,что кроме Румани и Бакилони никто не проявлял интереса к данной тематике. Также ученый Комил Хули отмечает, что «Если мы захотим вникать и изучать данную тематику, то мы не сможем достичь желаемого результата, также если изучить произведения второго века, которые подвергнуты изучению с точки зрения риторики, такие книги как «Маджози Куръон»-и Абуубйада, «Маони-л-Коранн» Фарроъ и «Таъвили мушкили-л-Куръон» Ибн Кутайба, то не сможем найти ничего ценного.

Ключевые слова: художественный приём фаслу васл, тема васла и фасла, произведение «Ал–балогат–ул–куръания фи тафсири Замахшари», Абумуса Мухаммада Хусайни, стилистическое исследование.

ANALYSIS OF ARTISTIC METHODS “FASL AND VASL” IN THE WORK “AL-BALOGAT-UL-KURANIYA FI TAFSIRI ZAMAKHSHARI” ABUMUSO MUHAMMAD HUSAIN

The style of the Quran is monotonously majestic, both in the beauty of the words and in the depth of meaning, accuracy of presentation and extraordinary beauty of expression. In the article, the author analyzes the artistic technique of fasl and wasl in the work "Al-balogat-ul-Qur'aniya fi tafsiri Zamakhshari" by Abumus Muhammad Husayni. The great interpreter of the Koran Zamakhshari, explaining his thoughts and judgments regarding this artistic technique, notes that if we analyze this topic in books about rhetoric, it will become clear that, apart from Rumani and Bakiloni, no one showed interest in this topic. Also, the scientist Komil Huli notes that “If we want to delve into and study this topic, then we will not be able to achieve the desired result, also if we study the works of the second century, which are studied from the point

of view of rhetoric, such books as“ Majozi Kurjon ”and Abuubyada , "Maoni-l-Korann" Farro and "Ta'vili Mushkili-l-Kur'on" Ibn Qutaiba, we will not be able to find anything of value.

Key words: artistic device faslu wasl, the theme of wasla and fasla, the work "Al-balogat-ul-kur'aniya fi tafsiri Zamakhshari", Abumus Muhammad Husayni, stylistic research.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Очилова Меҳринисо Илҳомовна*** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ, мудири кафедраи забони англисӣ. **Суроға:** 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Панҷакент, хиё. Рӯдакӣ, 106. E-mail: **ochilova.86@mail.ru.** Телефон: **(+992) 92-900-00-95**

Сведения об авторах: ***Очилова Мехринисо Илхомовна*** – Таджикский педагогический институт в городе Пенджикент, кандидат филологических наук, доцент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Пенджикент, проспект Рудаки, 106. E-mail: **ochilova.86@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-900-00-95**

Information about the authors: ***Ochilova Mehriniso Ilkhomovna*** **-** Tajik Pedagogical Institute in the city of Penjikent, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Foreign Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Penjikent city, Rudaki avenue, 106. E-mail: **ochilova.86@mail.ru. Tel .: (+992) 92-900-00-95**

УДК: 821.222.8=161.1

СПЕЦИФИКА ЖАНРА КАТИБА В КОНТЕКСТЕ РУССКИХ ПЕРЕВОДОВ

Аминов А.С., Рахманов Б.Р.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Катиба – новый жанр в таджикской литературе, утвердившийся в ней благодаря Лоику Шерали. В статье выявляются расхождения текста русского перевода катибы с текстом оригинала, осуществленных Я. Козловским: нивелировка художественно-выразительных средств оригинала, ослабление афористичности концевого двустишия, искажение авторского образа, вольности переводчика.

Катиба, как форма поэтического закрепления мысли, существовала в классической поэзии, но в ней еще отсутствовали жанровые признаки. Обычно надписи оставляли на изделиях кустарей: кувшинах, всевозможной посуде, на столбах сооружений, указывая имя мастера. Такие надписи носили в большей степени информативный характер и редко оформлялись в художественной форме.

Лоик стихи, созданные им в этой поэтической форме, под названием катиба (надпись) собрал и впервые опубликовал в сборнике «Родная земля» («Хоки Ватан») [2, с. 128-146].

Важно подчеркнуть, что, к сожалению, во многих научных источниках и толковых словарях отсутствует подробное и развернутое описание этого термина. Зачастую в них дано искаженное пояснение понятия катиба.

Так, к примеру, автор толкового словаря «Ғиёс – ул-лугот» Мухаммад Ғиясуддин писал следующее: «Катиба (эпитафия или надпись – А.А.) в ритме висода; это стиль письма, который вырезается особой графикой или титульным видом на поверхности надгробных плит и воротах эмиров» [6, с. 2].

Появление катиба так же, как и газели, рубаи и дубайти в исторических и литературных текстах, – в эпоху Лоика не случайное явление. В надписях (термин Расула Гамзатова - А.А.), эпитафиях, как правило, заложен большой смысл, выраженный кратко. Кратко и емко выраженная мысль всегда привлекала человека. Тем более, если она заключена в стихотворные формы. В этом случае катиба легко запоминается, западает в душу. Кроме того, стихи – надписи часто имеют глубокий, философский смысл.

Обычно такие формы пожелания используются в надписях на предметах (реалиях), традиционно и символически связанных с этикетным выражением благополучия в жизни, делах, начинаниях человека. У Расула Гамзатова это, прежде всего, надписи на опорных столбах дома (символ мужской опоры в семье, надежности), на дверях и воротах дома (символ гостеприимства), роге-бокале (символ тоста), на кинжале (символ защиты и мужского достоинства, доблести), на камине (символ домашнего уюта), на люльке (символ начала жизни) [11, с. 54].

Сведения о жанре надписи отсутствуют практически во всех энциклопедических изданиях. Справочники и энциклопедии общего характера обычно помещают статью о надписи, определяя последнюю как сообщение утилитарного характера, сопровождающее предмет (речь в данном случае идет в основном о древних греческих или древневосточных текстах). Лишь четыре издания, одно из них универсальное («Энциклопедический словарь» Ф.А. Брокгауза и Е.А. Ефрона [7]), другие два - отраслевые (ЛЭС («Литературный энциклопедический словарь» [8] и «Поэтический словарь» А. Квятковского [1]), последнее - научно-популярное («А.С. Пушкин. Школьный энциклопедический словарь» [10]) - сообщают информацию о надписи как о явлении поэтического творчества, причем, только в определении ЛЭС и Пушкинского словаря по отношению к надписи применяется дефиниция «литературный жанр». «Энциклопедический словарь» 1897 года содержит в достаточно крупной статье «Надписи», в основном посвященной утилитарным текстам, небольшое упоминание о существующих поэтических произведениях с одноименным названием; он также вскользь дает характеристику «слога» древних литературных надписей как «простого, краткого и выразительного» и указывает на их однообразие «в частностях, что нередко помогает при восстановлении неполных и поврежденных текстов» [8, с. 134].

Сам Лоик, подчеркивая духовную и художественную необходимость в создании этого поэтического вида, в предисловии небольшой книжки своих стихов под названием «Катиба» пишет следующее: «На самом деле, катиба нужна, но качественная, наполненная высоким смыслом. Когда – то в студенческие годы я навестил кладбище Самарканда и увидел интересные надгробные записи на мраморных плитах. Я подумал о том, что народ нуждается в эпитафиях – реликвиях.Тогда я захотел написать подобные катиба, но у меня не получилось. После, я прочитал надписи Расула Гамзатова. Прочитав их, я еще раз убедился в том, что катибы необходимы». [3, с. 64-65].

Аскар Хакимов (А. Хаким) придерживается иного мнения и как бы отрицает необходимость катибы. «Разве все стихи не есть катибы человеческой жизни?» - спрашивает он. Лоик относится к этой иронии критика снисходительно, предупреждая, что, с идейной точки зрения, эпитафии необходимы и многие его катибы шуточны [13, с. 45].

Другой таджикский ученый литературовед Х. Шодикулов обозначил катибы одним общим словом «цикл», считая, что «удачных вещей в цикле больше, нежели надуманных и слабых. Однако, тут есть и такие, которые вряд ли вызваны внутренней необходимостью. Кое – где желание пошутить превращается в злую иронию, а иногда внимание обращено на весьма незначительные явления и детали» [15, с. 26]. Автор строк не дает развернутого объяснения своего заключения.

Мы придерживаемся мысли о том, что создание Лоиком катибы в традиционной форме, в том числе написание книги надписей, прежде всего продиктовано самой жизнью, другие моменты являлись лишь толчком для создания этих произведний.

Из некоторых стихов начала шестидеятых и после вытекает, что поэт видит необходимость в создании катибы как средоточии памяти духовного мира человека, покинувшего наш мир.

Надписи на камнях, или катиба, в художественном понятии Лоика – это вечная память о жизни человека, информация о его деятельности для будущих поколений. Эти стихотворения надо принимать как комментарии на полях книг поэта.

Среди стихов Лоика, написанных в жанре катиба, есть надпись «На тобуте» («паланкине»), которое указывает на просветительскую основу творчества Лоика. Это стихотворение состоит из трех отдельных бейтов с рифмой маснави – аа, бб, вв, напоминает афоризмы, мудрые изречения о паланкине, который служит людям в день кончины и в жизни, уходит полным и возвращается пустым с кладбища, все время находится между жизнью и смертью :

Хидмати марг мекунад то ҳаст,
Хидмати ӯ ба зиндаги ин аст [2, с. 139].
Покуда он есть, служит смерти,
В этом и есть его служение жизни.

(подстрочный перевод)

Или:

Байни маргу зиндагї дар рафтуост,
Замбари Азроилу тахти балост [2, с. 139].

Снует (курсирует) между смертью и жизнью,
Носилки Азроила и трон несчастья (горя) они (подстрочный перевод)

Эти два примера свидетельствуют о том, что идея создания такого плана просветительских стихов зародилась в его мыслях намного раньше, и он смог претворить её в жизнь только в начале семидесятых годов,.

Как уже было отмечено, поэт впервые жанр катиба использовал в сборнике «Родная земля» («Хоки Ватан»). Полный его вариант опубликован в Собрании сочинений (издание Худжанда) и в последнем издании его наследия (Куллиёт: В 2 т.- Том I. - Душанбе: «Адаб», 2008). Количество изданных катиба составляет триста тридцать девять строк.

Одна из отличительных особенностей катиба Лоика состоит в том, что в них кокретно указывается тема и место нанесения той или иной надписи. Например, «На трибуне» («Дар минбар»), «В колыбели» («Дар гахвора»), «В книге Хайяма» («Дар китоби Хайём») и т.д.

Формы катиба поэта короткие и емкие, составляют от одного до двенадцати бейтов. Они отличаются краткостью, безупречной лаконичностью и традиционной таджикской поэтикой и образностью. Средства художественного выражения в них являются выразителями характерной черты художественного мировоззрения поэта в данном жанре.

Привлектельное достоинство катибы Лоика заключается в том, что он избегает многословия, нудного пересказа, и с помощью обилия деталей и сравнений, символики и иносказаний укрепляет структуру и поэтику данного жанра.

Часть катибы Лоика несут в себе биографическую информацию, связывающую поэта и физически, и духовно с современностью и современниками.

Как было уже сказано, катибы Лоика, так же, как и многие его стихи, во многом содержат глубинную мысль о перипетиях жизни в социальном и нравственно-моральном аспекте, где главной темой являются события – присутствие смерти, даже если она не называется в тексте, то подразумевается всегда.

истифода мебаранд. Аз он нуктаи назар, ки ВАО қудрати баланди рахна задан ба психолгияи ҷамъиятиро дорад, нақши он дар идора кардани ҷомеа хеле бузург аст. Барои кормандон, муассисон ва ё онҳое, ки фаъолияти расонаи мавриди назар ба ҳадафҳои онҳо вобастагии мустақим дорад, ин нуқтаи ниҳоии ҳадафи ВАО маҳсуб мешавад. Кормандон мехоҳанд аудитория ба даст оранд, муассисон фоида ва ҳокимиятдорон мустаҳкам кардани сиёсати ҷории худро дар ҷомеа. Ин метавонад ҳам хусусияти манфӣ дошат бошад, ҳам хусусяити мусбат. Ин ҷиҳатро ба назар гирифта, дар сархати хабари барномаҳои иттилоотии расонаҳои гуногуни дунё авзои сиёсии ҷомеаи ҷаҳон қарор мегирад. Аз ҷумла дар шароити кунунӣ. Махсусан, дар расонаҳои ШМА: CBS, NBC, «Тайм», «Нюсуик», «Нью-Йорк Таймс», «Вашингтон Пост» «Уолл-стрит-джорнел», «Ассошиэйтед Пресс», «Юнайтед Пресс Интернейшнл» ва дигар расонаҳо, euronews.com, CNN, BBC, France 24, Russia Today, Al Jazeera, Reuters, ки ВАО–и ҷаҳонӣ маҳсуб мешаванд, ва ғ. Чанд сархати онҳоро мисол меорем. –«Трамп бо роҳбари ҶХДК Ким Чен Ын дар байни ду Корея во хӯрд». [28], «Trump becomes first US leader to enter N. Korea» [29], «Аз ПАСЕ (Ассамблеяи Парлумонии Шӯрои Аврупо) то Қрим: чаро ҳайати Россия ба Страсбург баргашт? [3]. Инъикоси образноки печидагиҳо дар воситаҳои коммуникативӣ вазъияти фазои сиёсии ҷаҳонро мураккаб нишон медиҳад. Аз ҳамин дидгоҳ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вазъи феълии сиёсати ҷаҳониро «босуръату зудтағйирёбанда ва мураккаб» [17] арзёбӣ намудааст.

«ВАО новобаста аз муҳтаво, шакл, намуд ва аудиторияи худ бунёдан ниҳоди сиёсӣ маҳсуб мешавад. Зеро вай хусусияти таъсиррасонӣ ба тафаккури ҷомеаро дорад» [19].

Вақте раванди тунди иттилоотониро дар ҷаҳон мушоҳида мекунем, ҳамин хел як ҳиссиёте дар мо паёдо мешавад, ки гӯё имрӯз ё фардо байни ин ё он давлат ҷанг сар мешавад. Ҳатто баъзе расонаҳои оммавӣ бо ҳамин ранг унвонҳо мавод низ интишор мекунанд. Масалан: «Эрон ва ШМА: на ҷанг на сулҳ?» [3]. Аммо, тавре ки мебинем, ин фақат ҳамон ҷанги иттилоотӣ– психологӣ аст, ки бо шеваҳои гуногун зуҳур мекунад.

Вобаста ба таъсири ВАО, махсусан телевизион ба рӯҳияи одамон муҳаққиқон дар адабиёти илмӣ мушоҳидаи аҷиберо овардаанд. Аз кӯдакон хоҳиш карда мешавад, ки дар варақ расми оилаашонро кашанд. Кӯдакон расми чанд нафар аз аҳли оилаашонро чунон мекашанд, ки гӯё онҳо дар назди телевизор чун дар атрофи сандалии хонагӣ нишаста бошанд. Муҳаққиқон-равоншиносони тоҷик М. Давлатов ва С. Қодиров бар ин ақидаанд, ки «Шояд ин мушоҳида чандон аҳаммияти калон надошта бошад, вале он далолат мекунад, ки ба ҳаёти имрӯзаи мо воситаҳои ахбори омма бисёр ҳам чуқур ворид гардидаанд» [13]. Раванди кунунии муносибатҳои иҷтимоӣ – психологӣ, иттилоотӣ – психологӣ бештар донишу биниш ва иттилои амиқ ва ҳудудан васеъро тақозо мекунад. Бо ин манзур, танҳо ВАО метавонад барои расонидани иттилоъ ва таблиғи ғояҳо қодир бошад.

Ба қавли муҳаққиқи рус Виктор Григорьевич Афанасьев «матбуот, радио ва телевизион силоҳи муҳими таъсиррасонӣ ба мафкураи одамон аст, ки онро наметавон ба чизи дигар муқоиса кард» [5]. Психологияи иҷтимоӣ низ бар он аст, ки ВАО системаест, ки ба хусусиятҳои таркибиаш ба равони ҷомеа таъсири амиқ мегузорад.

Ба ақидаи муҳаққиқи қирғиз Дана Медеуова «Баҳамоӣ нобаробарии ҷаҳонро пурзур мекунад ва давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодиву техникӣ заифро ба давлатҳое, ки дорои навтарин технологияи иттилоотонӣ мебошанд, тобеъ мекунонад» [15].

Мавриди зикр аст, ки рақобати иттилоотии муосирррo на танҳо радио, телевизион ва матбуот, ҳамзамон агентиҳои иттилоотӣ, сомонаҳои интернетӣ ва навъҳои гуногуни алоқаи компютерӣ низ метезонад. Журналистикаи шаҳрвандӣ низ дар таъсир расондан ба тафаккури ҷомеа фаъол аст. Имрӯз ҳар нафаре, ки ба ин ё он зуҳурот вомехӯрад, метавонад онро тавассути ҳар воситаи техникаи электронӣ сабт ва паҳн намояд. Новобаста аз он ки он мавод ба фаҳмиши онҳо чӣ гуна бархӯрд мекунад ва ба рӯҳияи одамон чӣ гуна таъсир мерасонад. Рӯйдодро, чи гунае ки худ қабул мекунад, ҳамон гуна интишор менамояд. Ин се ҳолат дорад: нофаҳмида содир кардани амал, мақсаднок ва аҳаммият надодан ба натиҷаи мавод.

«Имрӯз аксарияти агентиҳои иттилоотӣ бо истифода аз имкониятҳои технологияи нави компютерӣ сайтҳои интернетиашонро кушодаанд, ки метавонанд ахборро бевосита ба аудитория расонанд» [27] Кишварҳои аз лиҳози нонотехнологияи иттилоотиву ҳарбӣ ва

иқтисодиёт пешрафта бо истифода аз тарзу усулҳои таъсирррасонӣ ба афкори ҷомеаи ҷаҳонӣ иммиҷи сиёсии худро боло мебардоранд ва сӯйистифода аз ин аксарияти равандҳои муносибатҳои байналмилалиро ба манфиатҳои геопалитикии хеш созгор ба сомон мерасонанд. Барои исботи ҳақ буданашон ҳатто аз ночизтарин ҷузъиёт хӯрдагирӣ мекунанд. Ин тарзи гароиши иттилоот, воқеан, ба он оварда мерасонад, ки мамолики иқтидорашон заиф дар манипулятсияи сиёсии абарқудратҳо қарор гирранд. Бо ин асос, метавон абарқудратҳоро соҳибони империализми иттилоотӣ номид.

Вобаста ба ин далелҳо зиёданд. Масалан, ҳодисаҳое, ки дар байни давлатҳои зерин ба вуқӯъ павастаанд, формулаи рақобати иттилоотии онҳо ба таври зайл сурат мегирад. ИМА ба Фаластин борони иттилоотро равона мекунад, ба Ироқу Афғонистон ҳам инчунин, бо ҶИЭ қариб ки мусовӣ нигоҳ дошта мешавад. Гурҷистон бошад, бешубҳа, ахбори ВАО–и Россияро посух гуфта наметавонад.

Америка→Фаластин, Америка→Ироқ, Америка→Афғонистон, Америка→←Эрон, Россия→Гурҷистон ва ғ.

Вале ҳодисае, ки аз аввали соли 2020 дар байни ду давлати абарқудрати ҷаҳон – Америка ва Эрон бо кушта шудани Қосим Сулаймонӣ – бо дастури Америка сар зад, нишон дод, ки стротегияи таблиғоти идеологии Эрон устувор набудааст. “Қосим Сулаймонӣ рамзи қудрати Эрон буд. Агар ӯ муҳраи муҳим ва шахсияти хос намебуд, Амрикое, ки қудрати ҷаҳонӣ аст, даст ба куштанаш намезад” [24]. Бубинем, Эрон дар муқобили Америка чӣ қасде ситонид? Таблиғоти Америка тарзе сурат гирфт, ки:

- ✓ дар дохили худи Эрон тазоҳурот сар зад;
- ✓ бо баҳонаи задании ҳавопаймои Украина аз ҷониби Эрон дар чашми ҷомеаи ҷаҳон Трамп Эронро рӯирост террорист муаррифӣ кард;
- ✓ мардуми Эрон аз Президенташон норозигӣ нишон дод;
- ✓ қисме интизор доштанд, ки байни ин ду давлати бонуфузи ҷаҳонӣ ҷанг мешавад ва ҷанги сеюми ҷаҳонӣ оғоз меёбад. Аммо Эрон бохт ва ҷанг сар нашуд;
- ✓ дар низоми сиёсати ҷаҳонӣ қурби Эрон поён рафт;
- ✓ Шабакаи ҷаҳонии Евроньюс ҳар лаҳза зери рубрикаи «Доналд Трамп: ҷанг не, вале таҳрим» аз бурди сиёсӣ ва мавқеъгирии усулии Америка хабар медод.

Шабакаи телевизионии «Россия 24» хабар дод: – «Дар шаҳри Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳавопаймои мусофиркашонии Боинг–737, ки ба ширкати «Хатсайрҳои байналмилалии Украина» тааллуқ дошт, ба фалокат дучор гардид. Дар натиҷа 176 нафар ба ҳалокат расид. Ҳалокшудагон шаҳрвандони 7 кишвар, аз ҷумла 82 нафар шаҳрванди Эрон, 63 тан шаҳрванди Канада, 10 нафар шаҳрванди Шветсия, 4 кас шаҳрванди Афғонистон, 3 сокини Олмон, 3 шаҳрванди Британияи Кабир буда, ду мусофир ва 9 нафар ҳайати сарнишин шаҳрвандони Украина мебошанд. Расонаҳои хабарии маҳаллӣ иттилоъ медиҳанд, ки ҳавопаймои мусофирбарии Боинг–737, ки дар масири Теҳрон – Киев парвоз анҷом медод, соати $6^{\underline{10}}$ бо вақти маҳаллӣ аз фурӯдгоҳи байналмилалии Теҳрон парвоз карда, баъд аз ду дақиқа алоқа бо ҳайати сарнишин қатъ гардида, тайёраи мазкур аз хати радар нопадид шудааст. Мувофиқи маълумот ҳавопаймои мазкур иштибоҳан аз тарафи нерӯҳои посдори Инқилоби Исломии Эрон зери ҳадаф қарор гирифтааст. Зеро дар он рӯзҳо таҳдидҳои лафзӣ – рақобатҳои иттилоотӣ дар байни Эрону Америка шадид ҷараён мегирифт» [21].

Ҳавопаймое, ки ба Украина тааллуқ дошт, иштибоҳан аз ҷониби Эрон мавриди ҳадаф қарор гирифт ва инро роҳбарияти Ҳукумати Эрон эътироф кард. Бо вайрон кардани меъёри Ҳуқуқи байналмилалӣ Эронро ҳеҷ ташкилоти масъул ва ё байналмилалие ба ҷавобгарӣ накашид. Ҳарчанд расонаҳо иттилоъ доданд, ки Эронро институтҳои махсуси СММ ба ҷавобгарӣ мекашанд. Дар Ҳуқуқи байналмилалӣ яке аз меъёрҳо масъулият барои фаъолияти қонунӣ мебошад. Дар дохили худи Эрон бо ҷурми он, ки Эрон гуноҳи худро дар гармии ҳодиса эътироф накард, тазоҳурот сар зад ва Президенти Эрон ин амалро “хатои набахшиданӣ” эътироф кард. Интерфакс навиштааст: – “Украина гунаҳгор будани Эронро дар суқути ҳавопаймои украинӣ қонунӣ ислоҳ мекунад” [34]

Амир Алӣ Ҳоҷизода фармондеҳи нерӯҳои ҳавоии Корпуси посдори инқилоби исломии Эрон зимни суханронии худ ҳангоми изҳороти матбуотияш гуфт: – “Вақте ман фаҳмидам, ки чӣ

ҳодиса рух додааст, мурдан мехостам. Маълумоти Вазорати мудофиаро ба назар гирифта, он шаб мо ба муноқишаи комил омода будем. Шахсе, ки ба ин амал даст зад, ӯ бояд пеш аз ин ба фармондеҳон мувофиқа мекард ва иҷозат мегирифт. Маҳз аз ҳамин лиҳоз ӯ ба иштибоҳи калон роҳ дод. Дақиқан дар ин маврид алоқа қатъ шуда буд" [22].

Мисоли рушани дигар ин қазияи миёни Тоҷикистону Россия метавонад бошад. Дар ин маврид, ҳангоме сухан сари нақши психологии иттилоот меравад, метавон фаъолияту пешдастии расонаҳои русиро нишонрас арзёбӣ кард. Онҳо тавонистанд, ки ҳатто дар кӯтоҳтарин фурсат тафаккури на танҳо мардуми оддии Тоҷикистон, балки тафаккури давлатмардонро тариқи иттилоъ ва истифода аз усулҳои махсус, аз ҷумла, шантаж (пахши нуқтаи фишангии Тоҷикистон – муҳоҷирони меҳнатӣ) манипулятсия намоянд ва ба ҳадафҳои психокинезии худ ноил шаванд.

Тамкин ихтиёр кардани роҳбарияти ҳукумат дар ин росто бешак ирсӣ ва мавқеъгирии усулӣ аст. Дар ин хусус ҳафтаномаи «Фараж» матлаберо ба табъ расонидааст. «Ҷомеаи Русия зери таъсири суханони Президенти он кишвар, мақомҳои гуногун ва матбуот (ВАО – Ф.С.) нисбат ба Тоҷикистон ва ба муҳоҷирони меҳнатии мо эътирозаш зиёдтар шуд. Дар Русия як мафкурае миёни мардуми маҳаллӣ ба миён омад, ки «чаро мо ба шумо нон медиҳему шумо чунин барҳӯрд мекунед, курнамакӣ мекунед».[12].

Воқеан, натиҷаи ҳамин таъсири ВАО–и Россия буд, ки ихроҷи муҳоҳирони тоҷик авҷ гирифт, куштори бачаҳои тоҷик афзуд. Роҷеъ ба ҳамин масъала дар шумораи дигари ҳафтанома нигоштае интишор шудааст. «…Иззат Амон, роҳбари иттиҳоди ҷавонони тоҷик дар Русия (оқибат ба ҷурми қаллобӣ дастгир шуд) мегӯяд, ки авҷ гирифтани хушунату ҳамла ба муҳоҷирони тоҷик паёмади ғайримустақими ҳаёҳуи мақомоти Русия бар сари ду халабони рус ва маъракаи густурдаи таблиғоти зиддиторикӣ дар матбуоти ин кишвар будааст. Соҳибназарони тоҷик ҳам мегӯянд, ки бозтоби якҷонибаи қазияи халабонҳо дар матбуоти Русия муҳоҷирони тоҷикро дар назари мардуми ин кишвар боз ҳам «шум» кардааст ва ин эҳсосу тасвир ба зудӣ аз қалбу зеҳни онҳо шуста нахоҳад шуд» [35].

Ба ҳамин монанд Муҳиддин Кабирӣ раиси Ташкилоти террористиву экстремистии Ҳизбии наҳзати исломӣ [4] дар суҳбат бо радиои «Озодӣ» нисбат ба боздошти ҳавонавардон изҳор дошта, онро «паёмади амалкарди нодурусти гурӯҳи ҳоким дар давлват (ба «Ҳукумати Тоҷикистон» гуфтан забонаш пеш нарафтааст) (Ҷумҳурият.№157.–2011.–22–юми ноябр) маънидод кардааст». Нигоштаи муаллиф эҳсосӣ ҷараён гирифта, дар фароварди сухан чунин овардааст. – «Дар иртибот ёдовар мешавем, ки Ҳоҷӣ Акбари Тураҷонзода низ пеш аз оғози ҷанги шаҳрвандӣ ба устодони Владимир Путину Дмитрий Медведев – Анатолий Собчак, ки барои омӯхтани вазъ ва нерӯҳои сиёсӣ ба Тоҷикистон омада буд…, изҳори садоқату шарикӣ карда буд. Аммо натиҷа чӣ шуд, ҳамаамон хуб медонем. Ва ҳамаамон аз он рӯзҳо хотироте олудаи ашку хун дорем…» [25].

Аз таҳлилҳои боло бар меояд, ки М. Кабирӣ найрангбоз аст ва ғарази ягонааш бо роҳи найранг ба даст овардани ҳокимият мебошад ва бинобар ин, зоҳиран худро ба пардаи ислом панаҳ додааст. Аз нуктаи назари шореҳони муосир найрангбоз шахсест, ки забон ва амалҳояш ба эътиқоду эҳсосоташ рост намеояд. Дар психология одами дорои ин хислатро манипулятор мегӯянд. [14].

Тибқи андешаи равоншиносон манипулятор шахсе аст, ки нуқтаҳои заифи ҳарифро хеле хуб медонад ва ба нуқтаҳои дарднок, тарсовар ва тасаввури ӯ (бо ғарази тағйир додан, тасаввури худашро дар худаш ботил сохтан – Ф. С.) баррҳӯрд мекунад. [14].

Манипуляторҳо таваллуд намешаванд, онҳоро мавқеи ишғолкарда ва ҳадафҳои дар пешгузошта ва ё ғаризаҳои нақшавияшон манипулятор месозанд. Манипуляторҳо маҷбуранд, ки рақибро омӯзанд, усулҳоеро ба кор баранд, ки барои рақиб зарбаҳои ҷонкоҳ бошанд. Истилоҳи манипуляторро аз рӯи характеру муҳтавое, ки ҳангоми истифобабарӣ медиҳад, метавон бо вожаи тоҷикии найрангбоз – маккор, ҳиллагар, фиребгар, ки аз ростӣ манипулятор чунин хислатҳоро дорост, иваз намуд ва ё ба ҷои он истифода бурд. Аз синонимҳо бештар найрангбоз мувоифқат мекунад, зеро дигар калимаҳо характеру мавқеашон камтар созиш мекунад. Вожаи мусаххар низ метавонад манипулятсияро иваз намояд. Аз ин рӯ, истифодаи ин ду истилоҳ дар ҳамин мавзӯъ ва мавзӯъҳои ҳамсон ба мақсад мувофиқ меояд.

Муҳиддин Кабирӣ бо ҳар сухану амали худ тадриҷан равшан мекард, ки дар табиати ӯ чунин хислатҳо мавҷуданд. Ва оқибат ҳамаи онҳо ҷамъ шуда, ӯро ба хиёнат кардан барангехтанд, сиррашро фош карданд ва чеҳраи аслияш намоён шуд. Яъне ӯ ва пайравонаш аз тарафи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хоин, аъмолашон хиёнат ба Ватан ва ҳизбашон Ташкилоти террористиву экстремистӣ (ТТЭ ҲНИ) ҳукм гирифт.

Баъдан маълум гардид, ки М. Кабирӣ побанди хоҷагони хориҷияш будааст. Ҳамон хоҷагоне, ки дар филми «Хиёнат» «давлат ва кишвари ба мардуми тоҷик маълум» [31] муаррифӣ шуданд. Фаъолият ӯ, ҳизб ва пайравонаш таҳти назорати қатъӣ. Агар чунин намебуд, аз Ватани худ фирор карда, дар Эрон паногоҳи сиёсӣ намегирифт. Акунун худ бияндешем, ки вақте ВАО аз ҷонииб чунин ашхос истифода мешавад, чи гуна қудрат пайдо мекунад ва оммаи васеъро ба куҷо мебарад.

Иддао сари он аст, ки гурӯҳҳои манфиатҷӯе, ки одамони алоҳидаро бо мақсади амалӣ гардонидани ғаразҳои худ омода мекунанд, онҳоро аз ақл бегона месозанд, одамкуш тайёр мекунанд. Онҳоро «шустушӯи мағз» карда, манқурт месозанд. Шуури онҳоро, ки механизми таҳрикдиҳандаи онҳост, тавассути иттилоотонӣ (бо ҳар роҳ) мусаххар мекунанд, дар тобеияти худ медароранд. Зердастон ба ангӯшти ишораи забардастон амал менамоянд. Онҳое, ки ба чунин кор машғуланд, манипуляторанд. Ин ҳолатро бо истилоҳи равоншиносӣ установка меноманд. Онҳое, ки ба амалҳои террористӣ (ваҳшатафканӣ), экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сепаратизм (ҷудоиандозӣ) даст мезананд, аз ҳамин қабил равияи одамонанд. Агар ба саволҳое, ки «чаро террористон дар бораи ҷони худ намеандешанд, чаро онҳо медонанд, ки худкушӣ кардаистодаанд, вале аз қасдашон намегарданд ва онро иҷро мекунанд, чаро онҳо амалҳои ваҳшатафканашонро тавассути интернет ва дигар васоити электронии иттилоот интишор мекунанд ва ба ҳар роҳ «ҳадафҳои дигар»–и худро мехоҳанд ба ваҳшат андозанд», чаро ифротгароён манфиатҳои милливу давлатии худро нодида мегиранд, чаро онҳо ба баҳонаи хурдтарин ҷузъиёт авзои ҷомеаро парешон кардан мехоҳанд ва ғ…» посух ҷустан хоҳем, дармеёбем, ки ба ҷуз установка, яъне танзими шуурие нест, ки дар назари мардуми авом гумроҳӣ менамояд. Ҳамаи ин зуҳурот қудрати иттилоъро бозгӯ мекунад. Иттилое, ки ба воситаҳои гуногун таъсир мерасонад.

Тавре ки гуфтем, ақл побанди нафс шудааст, нафсро бошад аз куҷое ваъдаҳои «осмонӣ» «девона» кардаанд. Аз нуқтаи назари зотӣ бигӯем, ақл махлуқи шариф аст, нафс рӯйидаи касиф. Яъне барои онҳое, ки ба ҳамин ҳолат гирифторанд, неку бад, зишту хуб фарқ надорад, онҳо «Маҷнуни дунёи худанд». Чаро ба девона вазъ асар намекунад, чаро онҳоро мебанданд, дасту побазанҷир мекунанд, «маҳбасӣ мекунанд», чаро онҳоро барои ором кардан махсус доруҳо медиҳанд, чаро на ҳамаашон худкушӣ мекунанд, оё онҳо «девонаи ҳушёранд», чаро дар бораи фарзандони худ, хонадони худ намеандешанд, ҳарчанд медонанд, ки аъзои ин хонавода ба онҳо номеҳрубон нестанд, аз буҷети ҳамин хонадон нон мехӯранд…, чаро бо вуҷуди ҳамаи ин девонагӣ мекунанд. Ин ҷо гап сари девонаҳо намеравад, ё ҳадафи аслӣ онҳо нестанд, ин ҷо гап сари онҳое меравад, ки ба чизе ё касе побанданд ва бо ҳамин нишонгирӣ ВАО–ро истифода мебаранд. Чунин хислатҳоро аксари иштирокчиёни амалҳои террористӣ доранд. Ҳамаи онҳо бо истифода аз қудрати иттилоъ – сухан ба чунин ҳолат оварда мешаванд. Далелҳои зиёд мавҷуданд, ки ҷавонон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ фирефтаи «доми анкабутӣ»–и террористон мешаванд. [33]

Агар ВАО ба идеология машғул намешуд, ҳизбҳо, созмонҳо, давлатҳо, гурӯҳҳои сиёсӣ дигар воситаи таъсиррасонӣ ба оммаи васеъро надоштанд. Ва чуноне ки мебинем, вазифаи якуминдараҷаи ВАО иборат аз таблиғу ташвиқ ва созмон додан аст. «Кишварҳо ва азҳобу созмонҳо барои таблиғи ҳадафҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва динӣ расонаро беҳтарин, бонуфӯзтарин ва таъсиргузортарин минбар медонанд ва аз онҳо ба таври васеъ истифода мебранад». [9].

Баъд аз он, ки ғайричашмдор муфтии Тоҷикистон А. Саидмукаррам бо раиси шаҳри Ваҳдат ба маҷлиси «Муҳаммадия»–и Тураҷаонзодаҳо даромаданду он 6–уми декабр тариқи сомонаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, «фейсбук» паҳн гардида, дастраси ҷомеа, хусусан, донишҷӯён шуд, ба мавзӯи доғи ҳафтаномаҳои даврӣ табдил ёфт. Тахминан ҳафтаномае намонд, ки ба ин мавзӯъ таваҷҷуҳ зоҳир накарда бошад. Мавриди зикр аст, ки домани ин баҳс дар ВАО то дер тӯл кашид. Дар рӯзномаҳои даврӣ бо номҳои гуногун, аз ҷумла, «Домулло Садриддин: Баёнияи

Шӯрои уламо ғараз ё хусумат бо Тураҷонзодаҳо нест». (Имрӯзнюс.–2011.–13–декабр), «Муфтӣ: аз Тураҷонзода то Соли нав» (СССР. –2012. –27–уми январ), «Акнун қозӣ муфтиро суд мекунад!» (СССР. –2012. –02–юми феврал), «Тураҷонзодаҳо барои сулҳ се шарт гузоштанд» (Имрӯзнюс. –2012. –27–уми январ) ва ғайра зиёд ба табъ расидааст.

Дар сабти видеоии он (дар «фейсбук»), Эшони Нуриддин (бародари Акбари Тураҷонзода) мазмунан мегӯяд: агар бо баҳонаи баргузор кардани маросими «Ошӯро» муфтӣ барои бастани масҷид омадааст, мо тавассути ВАО баромад намуда, беғараз баргузоршавии ин анъанаи деринаи Тураҷонзодаҳоро исбот мекунем. Худи ҳамин иддаои «тавассути ВАО баромад намудан» аллакай аз он далолат мекунад, ки ВАО воситаи хубест барои таъсир расондан ба тафаккури ҷомеа ва бароварда кардани ҳадафҳо. Ин ҷо онҳо амалан дар назди мардум (тавассути ВАО) баромад намуда, бегуноҳ будани худро мехоҳанд собит созанд. Дар ин маврид онҳо аз эътиқоди мардум сӯистифода мебаранд. Яъне бо тафсилоти бештар амалҳои шаръии худро шарҳ медиҳанд. Вақте ки мардум ба сухани онҳо бовар кард ва мусаххар шуд, пас, масъалаи дигар сар мезанад; шӯронидани мардум алайҳи Ҳукумат. Ҳангомаҳои оммавӣ, вайроншавии авзои ҷомеа ва… оқибат «соф» баромадан ва пирӯз гардидан. Чуноне ки Суқрот гуфта буд: аввал рӯҳияи ошӯбгаронро бояд омӯхт.Перомуни ҳамин масъалаи баҳсбарангез–тачлили маросими «Ошӯро» аз ҷониби Тураҷонзодаҳо Сиёвуши Ёдгор – рӯзноманигори нашрияи давлатии «Ҷумҳурият» матлабе навиштааст. Он ҷо, аслан, баҳс сари иддаои Тураҷонзодаҳо барои баргузор кардани «Ошӯро» равад ҳам, вале журналист, гӯё, ҳалқаҳои занҷирро гардонда, онро бо «миллатбедоркуниҳо»–и Кабирӣ рабт дода, дасисаҳои ӯ ва пайравонашро муттаҳам ва маҳкум карданӣ мешавад ва менависад: – «Як дафъа, замоне ки фарзандони миллати ман…тимсоли намунаи пайравӣ буданд, «бедор»–аш карданд: Ба андешаи беруну нидои дарун:«Аз хоби гарон хез…!» Ва чунон «бедор»–аш карданд, ки… 120 ҳазорашро ба дасти худ кушту ҳазор–ҳазори дигарашро сағиру фақиру бенавою бесарпаноҳ карду дастнигару дар ба дар…» [25].

Журналист бо ҳамин гуна равишу далеловарӣ Кабириро айбдор мекунад ва меорад. – «Муҳиддин Кабириро лозим аст, қабл аз ҳама, худаш бедор шаваду бо чашмони хирад нигарад, он гоҳ яқин хоҳад дид, ки ин «бедоркуниҳо»–и исломии ӯ ва «Ошӯро»–бозиҳои ҳамақидагонаш, чун Тураҷонзодаҳо, миллатро ҷониби чоҳе бурдаистодаанд, ки як дафъа ғалтида буд». [25].

Аз тарзи гӯйиши журналист пай бурдан мумкин аст, ки ӯ бо мақсади бештар таъсир расондан ба психологияи ҷомеа домони баҳсро фарохтар карда, онро ба воқеаҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рабт додааст ва мавридро мувофиқ дониста, гунаҳгори асосии ҷанг «исломгароёни бедини мазҳабгумкарда», аъзоён ва пайравони ТТЭ ҲНИ ва сарпарастони хориҷии онҳоро гуфтааст. Албатта, ин ҳама ба хотири он аст, ки маҳз ба сухани вай мардум эътимод бандад, бовар кунад. Яъне барои ҷозиба пайдо кардани сухан аз шеваҳои гуногун кор гирифтааст. Иловатан, тавассути бозтоби сухан хостааст ба равони ҷомеа таъсир расонад ва он ҳама обрӯйи роҳбари ТТЭ ҲНИ Кабирӣ ва мубаллиғони ақоиди онҳо Тураҷонзодаҳоро, ки аз боварҳои содаи мардум бо найрангбозиҳояшон гирифтаанд, дар зеҳн ва тафаккури ҷомеа беқурб гардонад. Ин тавр паҳн кардани идея ба он монанд аст, ки ШМА ҳангоми бурдани таблиғоти психологӣ ба аудитория истифода мебарад. Ду принсипи таблиғоти ШМА он аст, ки якум, «бояд ба афкори ҷомеа диди характеристикаи рақиб, образи вай таҳмил карда шавад, дуюм, «таҳмили ақида метавонад тавассути ручӯи таърихӣ сурат бигирад». [20] Ба шева ва тактикаҳои пешбурди нақша ва пиёда кардани ғаразҳои наҳзатиён бингарем, айнан ҳамин усул аст. Яъне аз Эрон [32] ба Муҳиддин Кабирӣ дастур мешавад, чун таълимдида аст аз он сӯ ва ӯ дастурро роҳандозӣ мекунад. Дар филми «Хиёнат» қисми 4 яке аз собиқ аъзоёни ТТЭ ҲНИ Маҳмуд Исматов дар хусуси машқҳои тактикӣ – ҷангӣ гузаронидани ифротиёни ҳизби наҳзати ислом маълумот дода, чунин мегӯяд: «Мақсади асосии тамрин гирифтани мо ҳамин буд, ки аввалан ворид шавем ба Тоҷикистон, таркиш кардан дар шаҳрҳо, таркиш кардан дар бозорҳо, таркиш кардан дар паркҳову дар минтақаҳое, ки одамҳо бисёранд. Муҳиддин Кабирӣ, Кузов Мирзораҳим, коркунҳои хадамоти махсуси Эрон инҳо ҳамааш нақша кашида буданд, ки ҳамин корҳоро мо кунем». [33].

«Ҷанги иттилоолӣ ин таъсиррасонии нақшавӣ ба тамоми системаи иттилоотиву иртиботии душман ва давлатҳои бетараф ба мақсади ташаккул додани фазои мусоиди ҷаҳони иттилоотӣ

барои гузаронидани амалиётҳои сиёсӣ мебошад, ки назорати аксари ин фазоро тамъин менамояд». [18]

Аз ҳамаи мисолу далелҳое, ки оварда шуданду таҳлил ёфтанд, маълум мегардад, ки кори ВАО дар ташаккул, пешрафт ва тағйирёбии фикрронии одамон нақши муассир дорад. ВАО метавонад ҷомеаро ба самте равона созад, ки он вартаи барор ё завол бошад. «Дар ҳақиқат, матбуот ва воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд».[26]

Муқарриз: *Гулов С.*- номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Аристотель, Политика. – М., 1911. – С. – 206 – 28.
2. Аз ПАСЕ (Ассамблеяи Парлумонии Шӯрои Аврупо) то Қрим: чаро ҳайати Русия ба Страсьбург баргашт? [захираи электронӣ]: https://ru.euronews.com/2019/06/29/thecube-pace-russia-comeback-for-what., (санаи корбурд: 22.03.2021)
3. Алесь Кругляков, Настоящее время Америка. Иран и США: ни мира, ни войны https://ru.euronews.com [захираи электронӣ]: https://www.youtube.com/watch?v=oSJE8YG3ygg&t=15s., (санаи истифодабарӣ: 09.01.2020).
4. АМИТ «Ховар». Андешаҳо оид ба қатъ намудани фаъолияти ҲНИТ. [захираи электронӣ]: http://khovar.tj/2015/10/andesha-o-oid-ba-at-namudani-faoliyati-izbi-na-zati-islomi-to-ikiston/. (санаи истифодабарӣ: 10.10.2015с)
5. Афанасьев В.Г. Научно-техническое революции, управление, образование. М.:1972. –С.226–227.
6. Анварӣ А. Фитна? //Ҷумҳурият. №157. –2011. –22–юми ноябр
7. Бжезинский З. Великая шахматная доска. – М.: Международное отношиия.–1998.–С.22.
8. Брусницын Н.А. Информационная война и безопасность, М.Вита – Пресс, 2001. – С.68
9. Д. Давронов, Ҷ. Раҳмонова. Ҷаҳони муосир: мавқеи симо ва садо. – Душанбе, 2012. – С.127.
10. Збигнев Б. Великая шахматная доска. — М.: Международные отношения, 2010. — 256 с. — ISBN 978-5-7133-1375-3.. С.22.
11. Г.Н. Зокиров. Геполитика. - Душанбе; Эҷод, - 2009.-С.88
12. Иброҳим Усмонов: Мо дастнигар ҳастем. // Фараж.-2011.-23 ноябр
13. Қодиров С., Давлатов М., Психологияи иҷтимоӣ.–Душанбе: Сино,2004. – С.17.
14. Лицемер – кто это такой и что такое лицемерие https://ktonanovenkogo.ru/. [захираи электронӣ]: https://ktonanovenkogo.ru/voprosy-i-otvety/licemerie-chto-ehto-takoe-kto-takoj-licemer.html. (санаи истифодабарӣ: 16.01.2020)
15. *Медеуова, Д. СМИ в условиях глобализации / Д. Медеуова. – Алматы*: ИД «*Жибекжолы*», 2003. – 136с. 2.
16. Мулоқоти сарони давлатҳои Тоҷикистону Қирғизистон. www.president.tj [захираи электронӣ]: http://www.president.tj/node/20801. 26.07.2019 13:25, шаҳри Исфара (санаи корбаст: 21.04.2021)
17. Мулоқот бо намояндагони ВАО–и давлатӣ [захираи электронӣ]: http://khovar.tj/2019/02/mulo-oti-peshvoi-millat-emomal-ra-mon-bo-namoyandagoni-vasoiti-ahbori-ommai-davlat/.,–20.02.2019 (санаи корбурд: 23.03.2021)
18. Муқимов М.А. Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ. /Муқимов М.А.//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. Душанбе. Сино-2017. №4/2. С. 266-270.
19. Муқимов М.А. Нақши ВАО дар низоми нави ҷаҳонӣ. / Муқимов М.А. ПАЁМИ ДМТ. Бахши илмҳои филологӣ. Душанбе. Сино–2018/№2. С.251.
20. Почепцов Г.Г. Информационно–политические технологии. – М.: Центр, 2003. –С.204–208.
21. «Россия 24». Роковой рейс для 176 человек: крупнейшая авиакатастрофа в истории современной Украины - Россия 24. [захираи электронӣ]: https://www.youtube.com/watch?v=6KFl3Hpd9vY (санаи истифодабарӣ 08.01.2020с)
22. «Россия 1». Вести Признание Ирана: дальше молчать было нельзя [захираи электронӣ]: https://www.youtube.com/watch?v=yIpYghsrrhs (санаи истифодабарӣ: 12-уми январи соли 2020)
23. Россия. Говорим и показываем.//НТВ.-2011.-02 декабр//8-ноябри 2011//НТВ. Информационная программа
24. Рӯзноманигори саршиноси тоҷик: Миллати Эрон мағлуби Амрико нахоҳад шуд. https://parstoday.com [захираи электронӣ]: https://parstoday.com/tg/news/tajikistan-i49748., (санаи истифодабарӣ. 15.01.2020)
25. Сиёвуши Ёдгор. «Бедорӣ» – и Кабирӣ ва «хоболудӣ» – и мо. //Ҷумҳурият. – 2011. – 24–уми декабр
26. Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик.//www.Jumhuriyat.tj.-2012.-10 март
27. Суҳроби Мирзоалӣ. Хабар: Аз Машриқ то ба Мағриб. – Душанбе, 2019. – С.15
28. «Трамп встретился с Ким Чен Ыном и зашел на территорию КНДР»., [захираи электронӣ]: https://www.bbc.com/russian/news-48815282., 30.06.2019 (санаи корбурд: 22.03.2021)
29. Trump becomes first US president to enter North Korea [захираи электронӣ]: https://www.france24.com/en/20190630-trump-shakes-hands-with-kim-becomes-first-us-leader-enter-n-korea., 30/06/2019 - 09:12 (санаи корбурд: 23.03.2021)
30. «Телевизиони Тоҷикистон», филми ҳуҷҷатии «Хиёнат». 16–инюни соли 2020, соати 19:20
31. «Телевизиони Тоҷикистон». филми ҳуҷҷатии «Хиёнат», қисми 4/5. 17.09.2020/18.09.2020
32. «Телевизиони Тоҷикистон». Филми ҳуҷҷатии «Хиёнат» қисми 4, санаи пахши такрорӣ: 18,09,2020, соати 19:12
33. «Телевизиони Тоҷикистон», филми ҳуҷҷатии «Хиёнат», 16,17,18–уми июни соли 2020, соати 19:20 д.

34. Украина юридически зафиксирует вину Ирана в катастрофе украинского самолета WWW.INTERFAX.RU [захираи электронӣ]: https://www.interfax.ru/world/691583 (санаи истифодабарӣ 17–уми январи соли 2020)
35. Хуршеди Атовулло. Сари буридаи муҳоҷири тоҷик. // Фараж. –№51. –2011. –30 ноябр
36. Ҷовид Муқим. Ҳақиқат ва дурӯғ. – Душанбе, 200. – С.6.

ВАО – ВАСИЛАИ ТАЪСИРРАСОНӢ БА ПСИХОЛОГИЯИ ҶОМЕА

Дар мақола роҷеъ ба қудрати воситаҳои ахбори омма дар ҷангҳои иттилоотӣ сухан меравад. Гуфта мешавад, ки рақобати иттилоотии муосиррро на танҳо радио, телевизион ва матбуот, ҳамзамон агентиҳои иттилоотӣ, сомонаҳои интернетӣ ва навъҳои гуногуни алоқаи компютерӣ низ метезонад. Муаллиф бо далелҳо ва мисолҳо исбот намудааст, ки чӣ гуна ВАО ҳамчун василаи муассир ба психологияи ҷомеа аз ҷониби ашхоси алоҳида, гурӯҳҳо, созмону ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳукуматҳо мавриди истифода қарор мегирад. Таъкид шудааст, ки ВАО дар ҷангҳои иттилоотӣ ба тафаккури рӯзмарраи одамон зарбаҳои мудҳиш мезанад ва ҷуброннопазир мезанад. Таъсир расондан ба муҳити иҷтимоӣ ва сиёсати стратегии давлат бо дар назар доштани таблиғ ва ҳимояи манфиатҳои давлативу миллии ҳар кишвар тавассути ВАО сурат мегирад. Раванди бархӯрди манфиатҳои миллӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо аз тариқи иттилоот кишварҳои ҷудогонаро водор мекунад, ки барои рақобатпазирӣ дар системаи муносибатҳои ҷаҳонӣ тарз, усул ва роҳҳоеро эҷод ва пешниҳод намоянд, ки туфайли онҳо тавонанд манфиатҳо, арзишҳо ва дар маҷмӯъ, идеологияи давлату ҷомеаи худро пуштибонӣ намоянд. Дар ин раванд ҳифзи арзишҳои миллӣ – фарҳангӣ ва дигар арзишҳои иҷтимоие, ки боиси мустаҳкамшавии рукнҳои ҷомеаи мавҷудаи ҳар кишвар метавонанд бошанд, аҳаммияти калон пайдо мекунанд. Аз ин ҷиҳат, ҳар давлат кӯшиш мекунад, ки арзишҳои миллии худро, ки унсурҳои ҳувиятсоз ва асолати давлатдорӣ маҳсуб мешаванд, тавассути ВАО бештару пурҷозибатар тарғиб намояд. Натиҷаи чунин ҷараёнгирии пахши иттилоот аз ҷониби мамолики алоҳида «ҷанги иттилоотӣ»–ро ба вуҷуд меорад. Дар ин росто, ҷонибҳо барои пирӯзӣ тариқи таблиғи ғояҳо мехоҳанд ба шуури аудитория таъсир расонда, ҳиссиёт, мафкура ва амалҳои онҳоро ба ҳадафҳояшон мувофиқ созанд.

Калидвожаҳо – воситаҳои ахбори омма, таъсиррасонии психологӣ, ҷомеа, ҳадафҳои сиёсӣ, геополитика, тарғибу ташвиқ, рақобати иттилоотӣ, ҳадафҳои психокинезӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, ҷангҳои иттилоотӣ–психологӣ, гуфтугӯи тамаддунҳо, бархурди манфиатҳо,

СМИ – СРЕДСТВО ВЛИЯНИЯ НА ПСИХОЛОГИЮ ОБЩЕСТВА

В статье рассматривается сила средств массовой информации (СМИ) в информационных войнах. Говорят, что современную информационную конкуренцию ускоряют не только радио, телевидение и пресса, но также информационные агентства, веб–сайты и различные виды компьютерных коммуникаций. Автор демонстрирует фактами и примерами, как СМИ используются как эффективный инструмент психологии общества отдельными людьми, группами, политическими партиями и государствами. Подчеркивается, что СМИ в информационных войнах наносят ужасный и непоправимый удар по повседневному мышлению людей. Воздействие на социальную среду и стратегическую политику государства осуществляется с целью пропаганды и защиты государственных и национальных интересов каждой страны через средства массовой информации. Процесс конфликта национальных интересов и диалога цивилизаций посредством информации вынуждает отдельные страны создавать и предлагать пути, методы и способы конкуренции в системе мировых отношений, благодаря чему они смогут поддерживать интересы, ценности и в целом идеологию своего государства и общества. В этом процессе большое значение имеет защита национальных, культурных и других социальных ценностей, которые могут укрепить основы существующего общества в любой стране. В связи с этим каждое государство стремится отстаивать свои национальные ценности, которые являются элементами идентичности и суть государственности, все более и более эффективно продвигать ее через средства массовой информации. Результатом этого процесса распространения информации отдельными странами является «информационная война». В этом отношении для победы стороны хотят влиять на умы аудитории и адаптировать свои чувства, идеи и действия к своим целям посредством продвижения идей.

Ключевые слова: медиа, психологическое воздействие, общество, политические цели, геополитика, пропаганда и агитатция, информационная противостояние, психокинезические цели, информационные войны, информационно – психологические войны, диалог цивилизаций, конфликт интересов.

THE MEDIA IS A MEANS OF INFLUENCE ON THE PSYCHOLOGY OF SOCIETY

The article examines the power of the mass media (mass media) in information wars. It is said that modern information competition is accelerated not only by radio, television and the press, but also by news agencies, websites and various types of computer communications. The author demonstrates with facts and examples how the media are used as an effective tool for the psychology of society by individuals, groups, political parties and states. It is emphasized that the media in information wars inflict a terrible and irreparable blow on people's everyday thinking. The impact on the social environment and strategic policy of the state is carried out with the aim of promoting and protecting the state and national interests of each country through the media. The process of conflict of national interests and dialogue of civilizations through information forces individual countries to create and propose ways, methods and methods of competition in the system of world relations, thanks to which they will be able to support the interests, values and the ideology of their state and society in general. In this process, the protection of national, cultural and other social values is of great importance, which can strengthen the foundations of the existing society in any country. In this regard, each state seeks to defend its national values, which are elements of identity and the essence of statehood, to promote it more and more effectively through the media. The result of this process of dissemination of information by individual countries is an "information

war". In this regard, in order to win, the parties want to influence the minds of the audience and adapt their feelings, ideas and actions to their goals through the promotion of ideas.

Key words: media, psychological impact, society, political goals, geopolitics, etc, propaganda and agitation, information confrontation, psychokinesic goals, information wars, information and psychological wars, dialogue of civilizations, conflict of interests,

Маълумот дар бораи муаллиф. ***Сафарзода Фарҳод Шарифхон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистика. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **(+992) 93–856–54–56**

Сведения об авторе: ***Сафарзода Фарход Шарифхон*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе ,проспект Рудаки,17. Телефон: **(+992) 93–856–54–56**

Information about the author: Safarzoda Farhod Sharifkhon - Tajik National University, applicant for the Department of Television and Radio Broadcasting of the Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 93-856-54-56**

М У Н Д А Р И Ҷ А - С О Д Е Р Ж А Н И Е

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ - Я З Ы К О З Н А Н И Е

Искандарова Д. М. Хусусиятҳои хосси пайкараи миллии забони тоҷикӣ..... ***5***
Тухтасунов О. Этимологияи номи баъзе аз ҳайвонот ва гурӯҳҳои онҳо……... ***13***
Иғболов О.Ш. Вижагиҳои забони мардумӣ дар «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ…….. ***21***
Ҷӯраева Ҷ.А. Оид ба масоили ташаккули категорияи сиғаи феъл дар забони англисӣ…….. ***27***
Ғафуров З.С. Сленги компютерӣ ва роҳҳои ихтисоршавии онҳо дар раванди муошират интернетӣ дар забони англисӣ…… ***34***
Шаҳбози Рустамшо. Корбаст ва чандомади антропонимҳои занона дар «Таърихи Систон»… ***39***
Ҳайбулоев Ш.А. Таҳсимоти маъмурии кишварҳо дар осори ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX-XIII……..……. ***47***
Асоев Ҷ.Х. Таҳқиқи истилоҳоти тиббӣ: масъалаҳо, самтҳо ва методҳо..... ***53***
Кенҷазода М.С. Мавқеи ҷумлаҳои чидааъзо дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир)..... ***59***
Холматова Х.А. Роҷеъ ба забоншиносии фарҳангӣ ҳамчун заминаи назариявии таҳлили консепсия..... ***66***
Ёраҳмадова З. Тарҷумаи воҳидҳои фразеологии арабӣ ба забони тоҷикӣ (дар мисоли «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»…….. ***71***
Султанова Р.М. Антитеза: аспекты исследования в русском и таджикском языках…….. ***76***
Бабаджанова М.Н. Анализ переводов общественно-политических реалий и терминов в английском и таджикском языках…… ***85***
Мухиддинова Т.Х. Некоторые особенности образования лексики «поверье» в таджикском и английском языках……... ***92***
Калонова М.Дж. Место префикса «ҳам-» в поэзии Хафиза Ширази…… ***98***
Султанова Р.М. Лингвистический анализ гиперболических конструкций таджикского языка ***104***

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ - Л И Т Е Р А Т У Р О В Е Д Е Н И Е

Имомзода М.С., Сайфуллоева З.А. Даврабандии адабиёти форсу тоҷик аз нигоҳи шарқшиносони рус…….. ***111***
Раҷабов Ҳ., А.Маҳмадуллозода. Назаре ба маҷмӯаи ашъори урдуи Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ «Зарби Калим»……... ***117***
Сафаров У.Р. Дар остонаи матн……. ***124***
М.Зайниддинзода. Саромади мактаби шарқшиносии Қазон ва ташаккули робитаҳои адабӣ…. ***130***
Пӯлотов Н.Н. Нигоҳе ба зиндагинома ва осори Мирзо Абдурраҳими Хонихонон…… ***138***
Ҷӯрақулова И.Б. Роҷеъ ба тарҷумаи повести «Одина» - и Садриддин Айнӣ ба забони ҳиндӣ…. ***145***
Амирқулов Н.А. Навоварии Симин дар сохтори ғазал…… ***151***
Маҳмудзода О.Б. Ҷойгоҳи қасида дар эҷодиёти Назирии Нишопурӣ…….. ***156***
Шодиева Ф. Шомлу-асосгузори шеъри сафед…… ***166***
Очилова М.И. Таҳлили саноеи фаслу васл дар асари «Ал–балоғат–ул–қуръания фӣ тафсири Замахшарӣ» –и Абӯмӯсо Муҳаммад Ҳусайнӣ..... ***173***
Аминов А.С., Рахманов Б.Р. Специфика жанра катиба в контексте русских переводов……. ***179***
Курбанов Х. Жизненный путь и творческое наследие Ахмада Фараза……... ***190***

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

Абдуллозода М.А. Роль и место Маъруфа Расули и Али Исмоилзода в истории таджикской журналистики…… ***195***
Хамидиён И.И. Университетское и корпоративное радио- и телевещание: новые каналы распространения контролируемого контента в Таджикистане…….. ***204***
Хасанова Т.Г. СМИ и национальная идентичность: концепт и основополагающая категория стратегической политики Республики Таджикистан……. ***219***
Мусаввирова Ф.В. Региональная пресса Таджикистана и освещение проблем национальной идентичности: краткий исторический экскурс…… ***225***
Сафарзода Ф.Ш. ВАО – василаи таъсиррасонӣ ба психологияи ҷомеа……... ***235***

ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМӢ:

1. Риоя намудани «Этикаи чопи мақола дар маҷаллаҳои илмии ДМТ»;
2. таҳияи мақола бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ, ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо 1,5 мм;
3. ҳаҷми мақола: формати А4, бо рӯйхати адабиёту аннотатсияҳо на камтар аз 15 саҳифа ва на беш аз 30 саҳифа;
4. индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
5. номи мақола;
6. насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падари муаллиф(он);
7. номи муассисае, ки дар он муаллиф(он)и мақола кору фаъолият менамояд;
8. матни асосии мақола (на камтар аз 10 саҳифа; схема, расм ва ҷадвал дар матни асосии мақола ворид намешавад);
9. рӯйхати адабиёти истифодашуда на камтар аз 15 номгӯ адабиёти илмӣ. Ба нашри мақолаҳое бартарӣ дода мешавад, ки ба сарчашмаҳои нашршудаи илмии солҳои охир ва манбаъҳои муътамад бештар такя кардаанд. Номгӯи адабиёти ба муаллиф тааллуқдошта набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиёти мақоларо ташкил диҳад;
10. таваҷҷуҳи муаллиф(он) дар мақола ба таҳқиқоти қаблии доир ба мавзӯи мақола, ки дар маҷаллаи «Паёми ДМТ» ба нашр расидааст;
11. тарҷумаи номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр (аз 150 то 200 калима) ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ;
12. дар баробари пешниҳоди шакли электронии мақола пешниҳоди шакли чопии он дар як нусха ҳатмӣ мебошад;
13. аризаи муаллиф(он) ба редаксия оид ба асолати мақола ва ризоияти чоп;
14. мақолаи аспирант/докторанти Ph.D/ унвончӯй танҳо бо тавсияи роҳбари илмӣ/мушовири илмӣ қабул карда мешавад;
15. мақолаи магистрант танҳо бо ҳаммуаллифӣ бо номзад/доктори илм қабул карда мешавад;
16. маълумот дар бораи муаллиф(он) бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
17. нишон додани манбаи иқтибос дар қавси чаҳоркунҷа [ ];
18. рақамгузории нақша, схема ва диаграммаву расмҳо ва тарҷумаи номи шарҳдиҳандаи онҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ;
19. маълумотномаи антиплагиати мақолаи бо забонҳои русӣ ва ё англисӣ таҳияшуда талаб карда мешавад.
20. Мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририяи силисиламаҷаллаҳои илмии ДМТ дар муддати 30 рӯз баррасӣ мегардад.

ТРЕБОВАНИЯ К НАУЧНЫМ СТАТЬЯМ:

1. Соблюдение «Публикационной этики научных журналов Таджикского национального университета»;
2. Статьи принимаются в редакторе World, шрифт Times New Roman для текстов на русском и английском языках, Times New Roman Tj для текстов на таджикском языке, размер (кегль) 14 (таблицы 12), поля 2,5 см, межстрочный интервал 1,5 строки;
3. Объем статьи: не менее 15 и не более 30 страниц компьютерного текста формата А4, включая список литературы и аннотации;
4. Индекс УДК (данный индекс можно получить в любой научной библиотеке);
5. Название статьи заглавными буквами по центру текста;
6. Фамилия И.О. автора(ов)
7. Название организации, где работает(ют) автор(ы);
8. Основной текст статьи (не менее 10 страниц, исключая схемы, рисунки, таблицы, диаграммы, аннотации и список литературы);
9. Список литературы не менее 15 наименований. Статьям, где использованы авторитетные, а также наиболее поздние научные издания отдается предпочтение. Допускается использование не более 25% научных публикаций автора(ов).
10. Ссылка на предыдущие публикации научных журналов Таджикского национального университета по теме исследования приветствуется.
11. Название статьи, аннотации и ключевые слова приводится на трех языках (таджикский, русский, английский), аннотация в объеме от 150 до 200 слов, ключевые слова 7-10 терминов;
12. Статьи принимаются в печатном и электронном варианте;
13. Заявление автора(ов) об оригинальности статьи и согласие на издание;
14. Статьи аспиранта/докторанта Ph.D/соискателя принимается к рассмотрению с рекомендацией научного руководителя/научного консультанта;
15. Статья магистранта принимается к рассмотрению только в соавторстве с кандидатом наук/доктором наук;
16. Информация об авторе(ах) на трех языках (таджикский, русский и английский);
17. Ссылки на литературу в тексте обязательны и оформляются следующим образом: [3, с.24], где первая цифра – номер источника в списке литературы, вторая – страница;
18. Нумеровать таблицы, схемы, диаграммы и рисунки и перевести их оглавление/название на русском и английском языках;
19. Представить справку об антиплагиате (статьи на русском и английском языках).
20. Статьи, поступающие в редакцию журнала, рассматриваются редколлегией журналов в течение 30 дней.

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук» основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим группам специальностей: 10.01.00 – Литературоведение и 10.02.00 – Языкознание. Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

2021. №1

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Ответственный редактор серии филологических наук: М.Н.Набиева
Редактор русского языка: О.Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 31,125 усл. п.л. 8.
Подписано в печать 28.02.2021 г. Заказ №2018/04-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.